**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 37(575.3)+37.01/.09**

**РАҶАБЗОДА МАҲМАДУЛЛО**

# ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲЛИЛИ КВАЛИМЕТРИИ ВАЗЪ, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШД

**Диссертатсия**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ**

**аз рӯи ихтисос: 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Мушовири илмӣ: Каримова И. Х. - доктори илмҳои педагогӣ, академик**

**ДУШАНБЕ – 2023**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ........ 4**
**МУҚАДДИМА ........ 6**
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ........ 11**
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГӢ ВА АРЗЁБИИ ОН ........ 21**
1.1. Моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, методология, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он ........ 22
1.2. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунѐдӣ ва амалии педагогӣ ........ 38
1.3. Квалиметрия самти муҳимми арзѐбии таҳқиқоти педагогӣ ........ 61
Хулоса оид ба боби якум ........ 92
**БОБИ 2. КВАЛИМЕТРИЯИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГИИ НИҲОДҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТИИ ТОҶИКИСТОН ........ 99**
2.1. Таърихи ташаккул ва рушди низоми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва таҳлили квалиметрии он ........ 99
2.2. Квалиметрияи фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохтори он дар самти таҳқиқи проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ........117
2.3. Таҳлили квалиметрии таҳқиқоти масъалаҳои муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 151
Хулоса оид ба боби дуюм ........ 187
**БОБИ 3. КВАЛИМЕТРИЯИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГИИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ 197**
3.1. Квалиметрияи таҳқиқоти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шуроҳои диссертатсионии он........198
3.2. Таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ........ 214
3.3. Квалиметрияи таҳқиқоти Шурои диссертатсионии ватании назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ........ 245
Хулоса оид ба боби сеюм **........ 278**
**БОБИ 4. ДУРНАМОИ РУШДИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ........ 282**
4.1. Ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ - марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ........ 282

4.2. Самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......... 306
4.3. Тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳамчун омили рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.......... 325
Хулоса оид ба боби чорум.......... 347
**ХУЛОСА .......... 352**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.......... 374**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ .......... 369**
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.......... 421**
**ЗАМИМАҲО .......... 416**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ААИКОМ - Ассотсиатсияи академияи илмҳои кишварҳои Осиѐи Марказӣ

АИКДР - Академияи илмҳои кишварҳои дар ҳоли рушд

АИ ИҶШС (СССР) - Академияи илмҳои Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

АИП ИҶШС (СССР) - Академияи илмҳои педагогии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

АТТ - Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

АБАИ - Ассотсиатсияи байналмилалии академияи илмҳо

БИО – Барномаи инфиродии офият

БГЭ - Бунѐди глобалии экологӣ

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

ДДЗТ – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон

ДДОТ – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон

ДДСТ – Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон

ДДСХТ – Донишгоҳи давлатии соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон

ДДТТ – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон

ДДХ– Донишгоҳи давлатии Хоруғ

ДДХ – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИБЗГ- Институти байналмилалӣ оид ба захираҳои генетикӣ

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

КОА - Комиссияи олии аттестатсионӣ

АБЭА (МАГАТЭ) - Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атом

МБИТ - Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ

ИМА - Иѐлоти Муттаҳидаи Амрико

СМИМИФ (ИСЕСКО) - Созмони Мамолики Исломӣ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг

КДСКИҲИТ - Кумитаи доимии Созмони конфронси исломӣ оид ба ҳамкориҳои илмӣ ва технологӣ

КИМ - Кумитаи иҷроияи марказӣ

КМ ҲКИШ (КПСС) - Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

МТКД - Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия

ПИТ ИП - Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии илмҳои педагогӣ

ПРМ АТТ - Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ҶШС (РСС) - Ҷумҳурии Шуравӣ  Сотсиалистӣ

СММ - Созмони Милали Муттаҳид

СОК СММ - Созмони озӯқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид

СУТ - Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ

ҶМСС - Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистӣ

ШИМ - шахсони имконияташон маҳдуд

СМММИФ (ЮНЕСКО) - Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг

БКСММ (ЮНИСЕФ) - Бунѐди кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид.

КОА ВИТО ФР (Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия)

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳаввулоти даврони истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир расонид ва табиист, ки илмҳои педагогӣ низ аз ин истисно набуданд. Аҳаммияти иҷтимоии илмҳои педагогиро дар даврони мазкур саҳми воқеие, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои ислоҳоти тамоми зинаҳои таҳсилот, таъмини илмӣ-методии онҳо, баланд бардоштани самаранокии таҳсилот, тарбияи насли наврас, бунёди неруи фикрии ҷомеа, ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва рушди ҳамаҷонибаи  кишвар гузоштааст, тақвият бахшид.. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 қайд намуданд, ки «Ҳукумати Тоҷикистон дар сӣ соли гузашта тамоми чораҳои заруриро андешид, ки пешрафти илми ватанӣ таъмин гардад» [4].

Бо дарназардошти нақши калидии илм дар пешрафти ҷомеаи муосир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузориро барои рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим, аз ҷумла барои тавсеаи таҳқиқоти педагогӣ,  зина ба зина афзоиш дода истодааст. Вобаста ба ин, мақомоти давлатии идоракунии соҳаҳои илм ва таҳсилот, инчунин, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ва амсоли он ҷиҳати такмили илмии сиёсати маориф дар ҷумҳурӣ пайваста тадбирҳои судманд андешида, тавсияҳои асосноки илмӣ пешниҳод менамоянд.

Дар натиҷаи кӯшишҳои пайваста ва силсилаи пажӯҳишҳои илмии олимони соҳаи педагогика имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми илми ватанӣ – квалиметрия ташаккул меёбад, ки ба омӯзиши қонуниятҳои рушди илм ҳамчун низоми мукаммал ва шакли махсуси фаъолият машғул аст. Тавсияҳои он барои коркарди аз нигоҳи илмӣ асосноки принсипҳои созмондиҳӣ, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва идоракунии илм равона карда шудаанд. Новобаста ба ин, то имрӯз дар Тоҷикистон ягон

таҳқиқоти бунёдии мушаххас, кашфиёту ихтироот ё методикаи илмие анҷом дода нашудааст, ки ба арзёбии воқеии сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, муқоисаи асоснокии илмии пажӯҳишҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи педагогика, бахшида шуда бошад. Инро таҳлили фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ барои дифои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ дар назди АТТ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон собит намуд.

Таҳлилҳо, инчунин, собит менамоянд, ки дар тӯли беш аз 30 соли охир дар шуроҳои диссертатсионӣ реестр ё феҳристи ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ оид ба илмҳои педагогика таҳия нагардида, дар самти пажӯҳиши квалиметрии онҳо, тартибу меъёрҳои таълифу арзёбии онҳо ягон таҳқиқоти мукаммал ва бунёдӣ ба анҷом нарасидааст. Ҳамзамон, шуроҳои диссертатсионӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар муассисаҳои илмӣ то давраҳои наздик сомонаи алоҳида надоштанд, ки ин низ раванди пешбурди самараноки таҳқиқоти илмӣ-педагогиро дар ҷумҳурӣ ниҳоят душвор гардонида буд. Мутамарказонидани захираҳои бузурги илмӣ-иттилоотӣ дар китобхонаҳо, бойгониҳо ва марказҳои бонуфузи илмии Федератсияи Россия истифодаи онҳоро аз ҷониби олимону муҳаққиқони кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ имконнопазир гардонид. Вазъияти дар боло зикршуда зарурати таъсиси мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ – Комиссияи олии аттестатсиониро дар кишвар ба миён овард.

Ҳамин тавр, муайянсозии вазъи таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон, ошкор сохтани мушкилоти мавҷуда ва ба ин васила мушаххас намудани самтҳои мубрами рушди минбаъдаи он бо истифода аз квалиметрия яке аз маъалаҳои мубрами илмҳои педагогӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, мавҷудияти ихтилофоти зерин дар ин самт мубрамии мавзуи таҳқиқро тақвият мебахшанд: ихтилоф байни талаботи ҷомеа ба сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва мавҷуд набудани заминаи илман асосноки назариявӣ-методологӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи мазкур; ихтилоф

байни зарурати татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар ҷараѐни таҳқиқот ва нокифоягии сатҳи фарҳанги технологии муҳаққиқон; ихтилоф байни талаботи доимоафзояндаи таҳсилоти муосир ба муҳаққиқони дорои салоҳияти касбӣ, мафкураи илмӣ-инноватсионӣ ва нокифоягии сатҳи омодагии касбӣ, илмӣ-эҷодӣ ва ташаббускории онҳо.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти мазкурро, инчунин, зарурати воқеӣ ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар Тоҷикистон, мавҷуд набудани заминаи кофии методологӣ, назариявӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати минбаъд анҷом додани таҳқиқоти босифату самаранок собит месозад. Илова бар ин, муҳиммияти коркарди мавзуи мавриди назар аз зарурати мушаххасгардонии тартиб, меъѐру нишондиҳандаҳои квалиметрӣ, коркарди матритсаҳои таҳлили квалиметрии натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ, арзѐбии сатҳу сифати онҳо ва умуман, таҳқиқ нагардидани мавзуи мазкур дар илми миллӣ бармеояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Барои муайян намудани дараҷаи мутобиқати таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи меъѐрҳо ва нишондиҳандаҳои илмию расмӣ, инчунин, арзѐбии сифати онҳо аз ҷониби муҳаққиқон услубҳо ва алгоритмҳои гуногун пешниҳод гардидаанд. Гузашта аз ин, масъалаҳои вобаста ба моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, методология, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он дар таҳқиқоти дастаҷамъонаи “Методҳо ва методикаи таҳқиқоти педагогӣ”, “Дараҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ” ва “Таҳқиқоти педагогӣ (моҳият, шаклҳо, методҳо, унсурҳо)”350], дар асарҳои Роберт И.В.[359], Саид Н., Зиѐӣ Х.М., Қурбонов А.Ш., Хуморов Д., Назар М.А. [165] ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Баъзе масъалаҳои мубрами таҳқиқоти педагогиро Фелдштейн Д.И. ва Загвязинский В.И. дар мақола ва гузоришҳои худ [87;367; 368] матраҳ намудаанд.

Мушкилоти таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунѐдӣ ва амалии педагогӣ дар асарҳои Кузин Ф.А., Бойко Т.С., Рожков Ю.В., Загузов Н.И., Вершинина Н.А. ва дигарон[74; 77; 84;85;

104; 368] баён гардидаанд. Дар диссертатсияи Писарева С.А. [309] баъзе ҳолатҳои арзёбии диссертатсияҳои номзадию докторӣ оид ба илмҳои педагогӣ аз нуқтаи назари методологияҳои интихобшуда – идеалҳои гуманитарӣ, принсипҳои этикаи илмӣ ва ахлоқ, баҳогузории рушди илм ва ошкорсозии дараҷаи тахассуси муаллифи рисола баррасӣ гардидаанд.

Дар таҳқиқоти Азгалдов Г.Г., Костин А.В. ва Садовов В.В., Ишкова Л.В. ва таҳқиқоти дастаҷамъонаи “Методҳои квалиметрия”[65; 346; 351; 376] иттилои хеле муфидеро оид ба моҳияти квалиметрия ва татбиқи он дар соҳаи педагогика пайдо кардан мумкин аст. Дар мақолаҳои Черепанов В.С., Булатова Е.Г., Шишканова И. А., Пахомов С. И., Гуртов В. А., Пенние И. В. [73; 147; 369] роҳҳои таҳлили квалиметрии таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла диссертатсияҳо нишон дода шуда, матритсаҳои дахлдор пешниҳод гардидаанд.

Оид ба масъалаи мавриди назар солҳои охир дар асарҳои муҳаққиқон-педагогҳои дигари Федератсияи Россия низ маълумот пайдо кардан мумкин аст. Дар соҳаи квалиметрияи умумӣ ва педагогӣ метавон осори Б.С. Гершунский, Н.И. Загузов, В.М., Полонский, П.А. Рачков, С.Д. Хайтун ва дигаронро номбар намуд. Оид ба масъалаҳои арзёбии сифати таҳқиқоти илмии педагогӣ тибқи меъёрҳои экспертӣ асарҳои В.С. Грибов, Н.Н. Китаев, В.С. Леднев, А.М. Новиков, Т.В. Новикова, В.М. Полонский ва дигарон метавонанд муфид бошанд.

Дар асарҳои муҳаққиқони тоҷик  Т.Н. Зиёзода, И.Х. Каримова, М. Лутфуллоев, С. Сулаймонӣ, Ф. Шарифзода ва дигарон низ баъзе қайду ишораҳо оид ба таҳқиқоти педагогӣ ва самтҳои афзалиятноки он мавҷуданд. Тавсия ва пешниҳодоти онҳо метавонанд ба сифати меъёр ва нишондиҳандаҳо дар низоми экспертии арзёбии рисолаҳои диссертатсионӣ оид ба педагогика ва рушди илмҳои педагогӣ истифода шаванд.

Таҳлили адабиёти мавҷуда ва вазъи таҳқиқоти педагогӣ нишон дод, ки дар илми муосир, аз ҷумла дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон, баҳри рушди илмҳои педагогӣ ва арзёбии онҳо таҳқиқоти муайян ба анҷом

расонида шудаанд. Вале дар баробари ин, ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб, махсусан, оид ба проблемаҳои таълиму тарбия, масъалаҳои бунѐдии илму технологияҳо, ҳамкориҳои байналмилалӣ, проблемаҳои муҳимми назариявӣ ба назар мерасанд.

Вобаста ба ин вазъи мураккаби баамаломада ва мавҷудияти як қатор ихтилофот ва камбудиву норасоиҳо, инчунин, талаботи воқеӣ нисбат ба ҳаллу фасли масъалаи мазкур боиси интихоби самти таҳқиқ гардида, мавзуи он таҳти унвони «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» муқаррар карда шуд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ва «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, иҷро гардида, ҳамзамон, ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода бо унвони «Асосҳои татбиқи технологияи навини педагогӣ дар раванди таълим барои солҳои 2016-2020» алоқаманд аст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогии олимони тоҷик тавассути маҷмуи меъёру нишондиҳандаҳои квалиметрӣ дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянсозии дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

1. Таҳқиқи раванди ташаккул ва тамоюлоти асосии таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон бо шумули таҷрибаи даврони шуравӣ.

2. Арзёбии вазъи имрӯзаи таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон.

3. Мушаххас намудани тамоюлоти асосие, ки тӯли даврони истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон дар соҳаи илмҳои педагогӣ ба амал омадаанд.

4. Муайян намудани камбудиҳои асосии методологии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва коркарди технологияи ошкорсозии сабабу омилҳо, муқаррар кардани роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии онҳо.

5. Ошкор намудани мушкилоти муҳаққиқони ватанӣ ҷиҳати риояи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таҳия, ороиш, пешниҳод ва ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

6. Таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ ва экспертӣ оид ба илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон.

7. Коркарди меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои квалиметрии арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва дигаргунсозии низоми онҳо, таҳияи пешниҳодҳо оид ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ ва ба «Консепсияи рушди илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».

8. Омӯзиши таҷрибаи ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ, аз ҷумла фаъолияти КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муҳим ва марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон.

9. Таҳлили самтҳои асосии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илмҳои педагогӣ.

**Объекти таҳқиқот** - маҷмуи таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, ки дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудаанд.

**Предмети таҳқиқот** - сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогии олимони ватанӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва арзёбии квалиметрии он.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ба андешаи мо, таъмини самаранокӣ ва сатҳи баланди сифати таҳқиқоти муосири илмӣ-педагогӣ дар чунин мавридҳо муяссар мегардад: раванди ташаккулёбӣ ва тамоюлҳои асосии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шуда, дар ин замина вазъи имрӯзаи таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ гардад; камбудиҳои хоси методологии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, диссертатсионӣ, ки аз методологияи пешниҳодшуда ва татбиқи он дар раванди таҳқиқот тафовут доранд, ошкор карда шаванд; сабабу омилҳо ва роҳҳои пешгирии камбудиҳои хоси методологӣ мураттаб сохта шаванд; меъёрҳои асосии квалиметрии арзёбии сифату шумораи таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ коркард шуда, дар заминаи тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои фаъолияти илмии муҳаққиқони тоҷик дар даврони истиқлоли давлатии Тоҷикистон саҳми воқеии онҳо дар рушди педагогикаи ватанӣ муқаррар карда шавад; меъёрҳои асосии квалиметрии арзёбии муҳиммият ва сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия ва пешниҳод гарданд; дар оянда номгӯйи рисолаҳои диссертатсионии ҳимояшуда барои такрор нашудани мавзуъҳо нашр ва ба кафедраҳои педагогика тақсим карда шаванд; барои ислоҳоти куллӣ ва таъмини сифату самаранокии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ муайян карда шуда, тибқи тартиби муқарраргардида лоиҳаи «Консепсияи рушди илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва пешниҳод гардад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Марҳилаи якум – омодагӣ (солҳои 2010-2012), омӯзиши вазъи таҳқиқи мавзуъ, таҳлилу натиҷагирии мавод ва ҷамъбасти он, таҳлили сарчашмаҳои назариявӣ ва методологӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро

фаро мегирад. Дар ин марҳила меъёру нишондиҳандаҳои арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ озмуда ва мураттаб карда шуданд. Марҳилаи дуюм – таҳлилӣ-лоиҳасозӣ (солҳои 2013-2015), дар ин марҳила масъалаҳои асосии таҳқиқот муайян ва меъёру нишондиҳандаҳои арзёбии экспертии натиҷаҳои таҳқиқот мушаххас ва мураттаб карда шуда, методикаҳои ташхиси экспертӣ ва пурсиш, инчунин, "Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия" (МТКД) таҳия гардиданд. Марҳилаи сеюм – ташхисӣ (солҳои 2016-2018), аз таҳлили меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои эмпирикии арзёбии осори илмӣ-педагогӣ, пурсиши мутахассисони варзидаи кафедраҳои пешбари муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, аъзои шуроҳои диссертатсионӣ, экспертӣ, аспирантон, докторантон аз рӯйи ихтисос, унвонҷӯён, таҳияи маълумоти оморию эмпирикӣ, тасҳеҳи маҷмуи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии экспертии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ иборат буд. Марҳилаи чорум – ҷамъбастӣ (солҳои 2019-2022), ба иҷрои корҳои зерин бахшида шуда буд: таҳлилу ҷамъбасти натиҷаҳои марҳилаи татбиқию озмоишӣ; омодасозии лоиҳаи татбиқи ниҳоии натиҷаҳои таҳқиқот; таҳлили маълумоти ҷамъоваришуда, таҳияи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот; дақиқ намудани нуктаҳои асосии диссертатсия, ба низом овардани матн ва тавзеҳоти он.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти моро он низоми муқаррароти илмӣ, назарияҳои илмӣ ва принсипу равишҳои баррасии педагогӣ ташкил медиҳанд, ки дар асоси онҳо фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, дар заминаи онҳо таҳлили натиҷаҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот роҳандозӣ карда шудааст. Аз ин рӯ, дар пажӯҳиш диссертант ба дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, ба монанди Х.С. Авзалов, С.Ш. Бозорова, Ф. Гулмадов, У. Зубайдов, И.Х. Каримова, Қ. Қодиров, Қ.Б. Қодиров, М. Лутфуллоев, Б. Маҷидова, С.Э. Негматов, А. Нуров, И.О. Обидов, С. Сулаймонӣ, Ҷ.Х. Файзализода, Ф. Шарифзода, С. Шербоев ва дигарон, инчунин, олимону мутахассисони хориҷӣ, аз қабили Г.Г. Азгалдов, Н.В. Баришников, Е.Г. Булатова, Л. Ваковетс, Н.А.

Вершинина, С.А. Вершинина, Ю.Г. Волков, Б.С. Гершунский, В.С. Грибов, В. А. Гуртов, В.И. Журавлев, В.И. Загвязинский, Н.И. Загузов, А.А.Захаров, Т.Г. Захарова, Л.В. Ишкова, Н.Н. Китаев, А.В. Костин, В.В. Краевский, Ф.А. Кузин, В.С. Леднев, А.М. Новиков, Т.В. Новикова, С.И. Пахомов, И.В. Пенние, С.А. Писарева, В.М. Полонский, Б.А. Райзберг, П.А. Рачков, В.В. Садовов, М.Н. Скаткин, И.Г. Фомичева, Д.И. Фелдштейн, С.Д. Хайтун, Л.В. Хведченя, В.С. Черепанов, И. А. Шишканова ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Бо мақсади ба таври дақиқу муназзам роҳандозӣ намудани корҳои таҳқиқотӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни масъала, муайян сохтани мушкилот, тартиб додани предмети таҳқиқот, таҳияи назарияи илмӣ, инчунин, санҷиши натиҷаҳои бадастомада аз нуқтаи назари ҳаққонӣ будани онҳо дар диссертатсия чунин методҳои умумипедагогӣ ва квалитологӣ ба кор рафтааст: методи библиографӣ барои таҳлили адабиѐт оид ба проблемаҳои таҳқиқот; методҳои квалиметрии бақайдгирӣ барои баҳисобгирии мавзуъ, шумораи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва падидаҳои ба онҳо алоқаманд; методи анъанавӣ барои муайян намудани моҳияти нишондиҳандаҳои сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ аз ҷониби шуроҳои диссертатсионӣ, шуъбаҳои аттестатсионии КОА ва шуроҳои экспертӣ; методи экспертӣ барои муайян намудани сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ; методи дифференсиалӣ барои муқоисаи мушаххаси баъзе нишондиҳандаҳои сифатӣ ва шуморавии диссертатсияҳо бо меъѐрҳои расмии арзѐбии таҳқиқоти диссертатсионӣ; методи маҷмуӣ (комплексӣ) барои муайян намудани сатҳи сифат, шумора бо истифода аз якчанд нишондиҳандаҳои ҷудогонаи хусусиятҳои асосии диссертатсияҳо ва натиҷаи татбиқи онҳо дар амалия; методи таҳлили муқоисавӣ-таърихии вазъи таъминоти арзѐбии квалиметрии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар даврони шуравӣ ва истиқлоли давлатии Тоҷикистон; методи таҳлили сохторӣ-функсионалии меъѐрҳо ва индикаторҳои озмоишӣ (эмпирикӣ) ва арзѐбии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии илмӣ-педагогӣ; методҳои математикӣ барои таҳлили

маълумоти омории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, мақомоти марбутаи давлатӣ ва коркарди шуморавии маълумоти озмоишӣ-таҷрибавӣ.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот.** Заминаи иттилоотию омории таҳқиқотро маълумоти омории Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, АТТ, КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия, шуроҳои диссертатсионӣ оид ба педагогика дар муассисаҳои гуногуни таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон ташкил доданд. Дар диссертатсия монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва диссертатсияҳои олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва хориҷаи дуру наздик, инчунин, маводи шабакаи ҷаҳонии Интернет ва бойгонии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии номбаршуда истифода бурда шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Такягоҳи эмпирикӣ ва асоси фактологии (далеловарии) таҳқиқоти моро хулосаҳои таҳлили оморӣ ва квалиметрии осори илмӣ-педагогӣ, ташхисҳои экспертии диссертатсияҳо ва дигар таҳқиқоти педагогӣ, инчунин, ҷамъбасти фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва хулосаҳои масъулони арзёбии он ташкил доданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар заминаи кафедраҳои равияи педагогӣ ва шуроҳои диссертатсионии назди АТТ, ПРМ, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, инчунин, КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия аввалин маротиба дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ таҳқиқоти педагогии олимони тоҷикро дар даврони истиқлоли давлатӣ аз нигоҳи квалиметрӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст. Зимни санҷиши моҳияти таҳқиқоти дар доираи мавзуи диссертатсионӣ анҷомёфта амал ва нуктаҳои нави зерин роҳандозӣ шудаанд:

- таҳлили илмии раванди ташаккули низоми меъёрҳои арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ;

- таҳлил, таҳқиқ, мушаххасгардонии масъалаҳои соҳавӣ ва ошкор кардани мушкилоти татбиқ ва рушди квалиметрия дар соҳаи педагогикаи ватанӣ;

- коркарди меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои мушаххаси эмпирикии арзёбии экспертии дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, аз ҷумла матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия;

- таҳия ва озмоиши амалии методикаи муаллифии арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ;

- ба доираи илмии педагогикаи миллӣ ворид намудани мафҳум ва истилоҳоти муосири илмӣ оид ба квалиметрия.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Вазъи назариявию методологӣ ва сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогиро дар Тоҷикистон метавон ҳамчун марҳилаи мураккаби рӯ ба таҳаввул арзёбӣ намуд, ки зарурати раҳоӣ аз мушкилоти мавҷуда дар тамоми зинаҳои таҳқиқи илмӣ оид ба педагогика ва арзёбии раванди натиҷаҳои он дарк карда шудааст. Ба андешаи мо, сабабҳои асосии ин мушкилот омилҳои зеринанд: беэътиноӣ нисбат ба таҳқиқоти квалиметрии сатҳу сифати адабиёти илмӣ ва диссертатсияҳо оид ба педагогика дар сатҳи ҷумҳуриявӣ бо сабаби мавҷуд набудани чунин ниҳод; сатҳи пасти таҳлили таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла диссертатсияҳо аз ҷониби коршиносони тамоми зинаҳо дар раванди арзёбии сифати онҳо; нокифоягии сатҳи омодагии назариявӣ-методологӣ, аз ҷумла, салоҳиятнокии тахассусии аспирантон, докторантон аз рӯйи ихтисос ва унвонҷӯён, ки дар натиҷа ҳангоми истифодаи методҳои озмоишӣ ва назариявии пажӯҳиш боиси пайдоиши камбудиву нуқсонҳо дар ҷараёни таҳқиқот мегардад.

2. Бо мурури дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, комёбиҳо дар соҳаи илму маориф ва фарҳанг бояд заминаҳо ва талаботи методологӣ нисбат ба таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, рисолаҳои диссертатсионӣ дигаргун шаванд, такмил ёбанд ва ба талаботи ҷомеа мутобиқ гардонида шаванд.

Камбудиҳо дар ин самт, асосан, инҳоянд: ба қадри зарурӣ мутобиқат накардани сатҳи муҳиммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши он, фарзияҳо, аҳаммияти назариявӣ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ба талаботи рӯзафзуни илми педагогикаи ватанӣ ва ҷомеаи муосир; сатҳи пасти аёнияти заминаи сарчашмашиносӣ ва озмоишии таҳқиқот, камшумор будани методикаҳои муаллифии таҳқиқоти озмоишӣ (эмпирикӣ); иштибоҳан дар як радиф гузоштани тасвиб ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии як қатор унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ.

3. Ба сифати яке аз воситаҳои такомули раванди арзёбӣ ва таъминоти сифати баланди таҳқиқоти диссертатсионӣ низоми тавсияҳои методии муаллифиро метавон истифода бурд. Тасвиб ва маълумоти натиҷаи таҳқиқоти таҷрибавӣ истифодаи самараноки онро дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, ҳам дар марҳилаи пешакӣ ва ҳам дар марҳилаи ниҳоӣ, собит менамояд. Низоми мазкур аз чунин унсурҳо иборат аст: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва алгоритмҳои арзёбии амиқи сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ; таснифоти иштибоҳоти якранги муҳаққиқон, ки дар заминаи мулоҳизаҳои интиқодии коршиносони тамоми зинаҳои арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ таҳия гардидааст; роҳнамои муҳаққиқ.

4. Таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба коркарди самтҳои асосии квалиметрияи педагогӣ бо риояи чунин шарте ҷалб намудан ба мақсад мувофиқ аст, ки таҳлили васеи ретроспективии квалиметрии шумора ва сифати диссертатсияҳо ва осори илмӣ, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон оид ба самтҳои гуногуни илмҳои педагогӣ таълиф ва нашр шудаанд, гузаронида шавад. Манзараи воқеии ҳолати пажӯҳишҳои педагогӣ, ки дар асоси чунин таҳлил ба даст меояд, имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти оянда муайян карда шуда, минбаъд пажӯҳишҳо, асосан, дар ҳамин мавзуъҳои мубрами таълиму тарбия, ки аз талаботи имрӯзи кишвар ва ҷомеаи ҷаҳонии кунунӣ бармеоянд, сурат гиранд. Дар баробари ин, бо мақсади

дараҷабандӣ ва муайян намудани моҳияти иттилоотӣ ва арзиши илмии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, диссертатсияҳо бояд далелу омилҳо тавассути таҳлили натиҷаҳои озмоиш, ки барои арзёбии сифати чунин таҳқиқот интихоб шудаанд, ба таври амиқ омӯхта шаванд. Бо ин мақсад бояд заминаҳои методологӣ, низоми меъёру индикаторҳо, алгоритмҳо ва методикаи арзёбии натиҷаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба педагогика муайян ва матритсаҳои гуногуни таҳлили квалиметрии онҳо таҳия карда шаванд.

5. Бо мақсади рушди таҳқиқоти педагогӣ мувофиқи матлаб аст, ки фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии педагогии Тоҷикистон пайваста аз таҳлили квалиметрӣ гузаронида шуда, барои расидан ба ин ҳадаф дар ҷумҳурӣ маркази махсуси квалиметрӣ таъсис дода шавад. Ҳамзамон, консепсияи рушди илмҳои педагогӣ таҳия ва амалӣ карда шуда, ҳамкориҳои ниҳодҳои дар боло зикршуда ва кормандони педагогии онҳо бо марказҳои бонуфузи хориҷию байналмилалӣ тавсеа ёбанд ва низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ, аз ҷумла, дар соҳаи педагогика тибқи талаботи ҷаҳони зудтағйирёбанда мунтазам такмил дода шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки методологияи педагогикаи муосири миллӣ дар заминаи истифодаи дастовардҳои илмии квалиметрия такмил ёфта, низоми мафҳумии он бо истилоҳоти тозаи илмӣ таъмин ва ҷиҳати рушди минбаъдаи илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи аз нигоҳи илмӣ асоснок таҳия ва пешниҳод мегардад. Ба аспирантону унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисоси соҳаи илмҳои педагогӣ барои ташхиси раванд ва натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо дода шуда, сатҳи заҳматталабии раванди арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ коҳиш дода мешавад.

Маводи таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти педагогӣ метавонанд татбиқ гарданд. Ҳамзамон, нуктаҳо

ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бо мухолифат надоштани интихоби равишҳои методологӣ, репрезентативӣ будани интихоби матни таҳқиқоти монографӣ, диссертатсияҳо, авторефератҳо ва тақриз ба онҳо, инчунин, гуногунрангӣ ва ба ҳам мувофиқат кардани истифодаи методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, аз ҷумла таҳлили квалиметрӣ, муайян мегардад. Боэътимодии нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, тавассути муқоисаи далелу рӯйдодҳо, машварат ва муҳокимаи ҳамаҷониба бо мутахассисону коршиносони соҳаи таҳқиқ озмуда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ бевосита аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва маводи бойгонӣ истифода бурда, тӯли солҳои зиёд дар раванди арзёбии илмии рисолаҳои ҳимояшаванда оид ба илмҳои педагогӣ ба сифати узви шурои диссертатсионӣ, муқарриз, муқарризи расмӣ бевосита ширкат варзида, тавассути он аз методҳои квалиметрии арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар заминаи омӯзиш муҳаққиқ тавассути таҳияи матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия, нашри асару мақолаҳои илмӣ бори нахуст афзалияти истифодаи методҳои квалиметриро дар ҷараёни арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла  диссертатсионӣ, собит намудааст.

**Тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар давоми солҳои 2010-2022 дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, АТТ, ПРМ, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ пешниҳод ва муҳокима гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 монография ва 41 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия инъикос ѐфтаанд, бо иштироки бевоситаи муаллиф ба даст омадаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чор боби матни асосӣ, хулоса бо натиҷагирии назариявӣ, хулоса ва тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҳқиқи дурнамои мавзуъ, рӯйхати адабиѐт таркиб ѐфтааст. Муҳтавои диссертатсия дар 418 саҳифаи чопи компютерӣ бо фарогирии 29 ҷадвал ва диаграмма ва 3 замима инъикос гардидааст. Рӯйхати адабиѐт аз 370 номгӯйи таҳқиқоти илмӣ ва дигар маводи зарурӣ иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГӢ ВА АРЗЁБИИ ОН

Башарият дар ҳама давру замон барои шинохти олам ва ошкор намудани проблемаҳои он талош намудааст, зеро шинохти мушкилоти олам ҳамеша ӯро ба ҳалли мушкилоти ҳаётӣ роҳнамоӣ кардааст. Маҳз бо ҳамин сабаб маърифат, илму таҳқиқ ва умуман, касби дониш тавонотарин силоҳ барои инсон аст ва дар ин маврид бузургон дар давраҳои гуногун андешаҳои ҷолибу арзишманд баён кардаанд, зеро «илм соҳаи фаъолияти инсон буда, вазифаи он коркард ва мураттабсозии назариявии донишҳои айнӣ оид ба воқеият аст. Дар раванди рушди таърихӣ илм ба неруи истеҳсолкунанда ва ниҳоди муҳимтарини ҷомеа табдил меёбад. Мафҳуми «илм» ҳам фаъолият барои ба даст овардани донишҳои нав ва ҳам натиҷаи ҳамин фаъолият – маҷмуи донишҳои дар ҳамин лаҳзаи мушаххас бадастовардаи донишҳои илмиро ифода мекунад, ки дар маҷмуъ, манзараи илмии оламро ташкил медиҳанд. Ҳадафи бевоситаи илм тасвир, шарҳу эзоҳ ва пешгӯйии раванду тамоюлҳои воқеият мебошад, ки дар заминаи қонунҳои кашфшуда предмети омӯзиши онро ташкил медиҳанд, Яъне, ба маънои васеъ, илм инъикоси назариявии воқеият мебошад» [335, 403].

Илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ мақоми баландеро касб кардааст, вале азбаски таҳқиқу баррасиҳо дар риштаҳои ҷудогонаи илмӣ дар кишвари мо дар марҳилаи ташаккул ва таҳаввулоти ибтидоӣ қарор доранд, баъзе падидаҳо барои илми муосири тоҷик ҳамчун раванди тоза муаррифӣ мешаванд. Ба ин навгониҳо, аз ҷумла, мафҳумҳои илмсанҷӣ, квалитология ва квалиметрия ва илмҳои ба онҳо алоқамандро дохил кардан мумкин аст. Ҳамаи ин, махсусан, квалиметрияро дар риштаҳои ҷудогонаи илмӣ роҳандозӣ намуда, метавон таҳқиқоти илмиро дар сатҳи болотар анҷом дод. Бо боварии комил метавон гуфт, ки таҳқиқу баррасии амиқи ин падидаҳо истифодаи васеътари онҳоро дарояндаи илми педагогикаи тоҷик имконпазир хоҳад кард.

Бинобар ин, дар боби мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ кушода шуда, методология ва методҳои роҳандозии чунин таҳқиқот нишон дода шаванд, масъалаҳои мубрами соҳа ошкор гарданд ва моҳияти квалиметрия ҳамчун усули босамари арзёбии таҳқиқоти илмӣ дар педагогикаи миллии тоҷик равшан карда шавад.

## 1.1. Моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, методология, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он

Чунонки маълум аст, таҳлили квалиметрӣ ин арзёбии сифати ҳама гуна объект ва равандҳо ба шумор меравад. Аммо барои самаранок истифода бурдани ин навъи таҳлил бояд, қабл аз ҳама, объекти арзёбӣ мушаххас карда шуда, намунаи идеалӣ ё эталон муайян гардад ва хосиятҳои зарурии он нишон дода шаванд, то дар қиёс бо ин намуна натиҷаҳои фаъолияти ин ё он субъект дар роҳи расидан ба ҳадаф аз лиҳози сифат ва самаранокии ин навъи фаъолият мавриди баҳогузорӣ қарор гиранд. Объекти омӯзиши мо, аз чунин нуқтаи назар, таҳқиқоти педагогӣ буда, барои арзёбии сифати он, аз ҷумла, таҳлили квалиметрии методология ва методҳои таҳқиқотии зимни баррасиҳо истифодашуда, мубрамияти мавзуъҳои таҳқиқгардида ва аломатҳои дигари ба таҳқиқоти педагогӣ хосбуда тақозо карда мешавад. Аз ин рӯ, баҳсу таҳқикро дар мавзуъҳои дар диссертатсия матраҳшуда аз равшансозии мафҳуми таҳқиқоти педагогӣ, методология ва методҳои таҳқиқоти педагогӣ ва мафҳуму истилоҳоти дигари ба ин мавзуъ алоқамандбуда шуруъ мекунем, то барои қиёс зимни таҳлилҳои квалиметрӣ намуна ё эталони мушаххасе дошта бошем.

Аз нуқтаи назари дар боло зикршуда, мафҳуми таҳқиқоти педагогӣ дар диссертатсияи мо нақши калидӣ дошта, кушодани моҳияти он баррасӣ ва таҳлили квалиметрии объектҳои таҳқиқотро, ки дар рисолаи мазкур муайян шудаанд, мушаххастар мегардонад. Аз ин рӯ, бояд таъкид намуд, чунонки дар маҷмуъ, дар илм ва дар фалсафа ва методологияи таҳқиқоти илмӣ дар

алоҳидагӣ қабул шудааст, «таҳқиқоти педагогӣ» ѐ «таҳқиқоти илмии педагогӣ» раванди ташаккули донишҳо ва шакли фаъолияти маърифатӣ мебошад, ки ба кашфи қонуниятҳои объективии таълиму тарбия ва рушди онҳо нигаронида шудааст. Ин навъи таҳқиқот дар се сатҳ гузаронида мешаванд: 1) эмпирикӣ; 2) назариявӣ; 3) методологӣ.

Бояд таъкид намуд, ки навъи аввал - таҳқиқоти эмпирикии педагогӣ, маъмулан, маҷмуи метод, воситаҳо, тартибу технологияҳоеро дар бар мегирад, ки барои омӯзиш ва таҳқиқи ягон масъала ѐ мушкилоти педагогӣ равона шудаанд. Натиҷаи ин раванд, одатан дар шакли муайянсозии далелу бурҳонҳои нав дар илми педагогика ифода меѐбад. Аз ҷониби дигар, мақсади таҳқиқоти эмпирикии педагогӣ ин таъмини маърифати бевоситаи субъектҳои раванди педагогӣ, бақайдгирии ашѐву зуҳуроти муайяншуда, инчунин, равшансозии далелҳо мебошад, ки барои таҳлилу баррасиҳои минбаъда дар сатҳи назария зарур ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, «эксперименти педагогӣ, мушоҳида, худумушоҳидакунӣ, суҳбат, пурсиш (анкетирование - М.Р), сотсиометрия, табақабандӣ, санҷиши тестӣ, консилиуми педагогӣ, шкалабандӣ, баҳогузории экспертӣ, индекскунонӣ, омӯзиш, хулосакунӣ ва паҳнсозии таҷрибаи педагогии оммавӣ ва пешқадам» [350] ва дигар роҳҳои баррасии эмпирикии масъалаҳо дар таҳқиқоти педагогӣ бояд мақоми хосса дошта бошанд.

Дар бораи таҳқиқоти назариявии педагогӣ сухан гуфта, дар фалсафа ва методологияи илм, асосан, онро ҳамчун таҳқиқоте меҳисобанд, ки дар рафти он қонунмандиҳои асосию умумии педагогӣ пешниҳод ва таҳия мегарданд, ки барои фаҳмондани далелҳои қаблан муайяншуда ва пешбинии рушди онҳо дар оянда имконият фароҳам месозанд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти назариявии педагогӣ воситаҳои бадастории далелҳои илмӣ мавриди истифода қарор гирифта, таҳияи консепсия ва назарияҳои педагогӣ сурат мегирад, ки дар онҳо қонунмандии мавҷудияти объект ва равандҳои гуногуни педагогӣ инъикос гардида, робитаҳои мутақобила ва вобастагии онҳо аз ҳамдигар нишон дода мешаванд. Дар баробари ин, таҳқиқоти

назариявӣ «бо омӯзиши адабиёт – корҳои классикон оид ба масъалаҳои инсоншиносӣ, корҳои умумӣ ва махсус оид ба педагогика, нашрияҳои даврии педагогӣ, адабиёти маълумотдиҳандаи педагогӣ ва воситаҳои методӣ оид ба масъалаҳои педагогика ва илмҳои бо он алоқаманд пайваста мебошад» [350].

Дар педагогика баъзан навъи сеюм - таҳқиқоти методологиро низ ҷудо мекунанд, ки моҳияташ чунин аст: «Дар ин сатҳ дар заминаи таҳқиқоти эмпирикӣ ва назариявӣ принсипҳо ва методҳои умумӣ ташаккул ёфта, таҳияи назария сурат мегирад» [366].

Қобили зикр аст, ки таҳқиқоти педагогӣ бо мақсади омӯзиши воқеияти педагогӣ гузаронида шуда, мақсади он муайянсозии низому тартиб, мунтазамӣ дар объект ва равандҳои таҳқиқшаванда мебошад, ки ба муқаррарсозии ягон қонун, қоида ё қонунияте меорад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти педагогӣ бояд ҳатман ба меъёрҳои муайяншуда ба пуррагӣ ҷавобгӯ бошад. Ҳамчун намуна метавон меъёрҳои дар ин самт муайянкардаи муҳаққиқони педагогика аз Федератсияи Россияро мисол овард. Тибқи он меъёрҳо таҳқиқоти педагогӣ бояд ҷавобгӯи чунин меъёрҳо бошад: «1) ба раванди педагогӣ ворид сохтани ягон навгонӣ, таъсири принсипиалиро бо мақсади бадастории натиҷаи муайян пешбинӣ кунад; 2) таъмини шароитеро муҳайё созад, ки ба ҷудо кардани робита байни таъсир ва натиҷаи он имкон медиҳанд; 3) баҳисобгирии ба таври кофӣ мукаммалу дар санадҳо ба қайд гирифташудаи ченакҳо (нишондиҳандаҳо)-и ҳолати ибтидоӣ ва ниҳоии раванди педагогиро дар бар гирад, то ки фарқияти онҳо натиҷаи таҷрибаро муайян созад; 4) ба таври кофӣ исботшуда буда, эътимоднокии хулосаҳоро таъмин намояд» [355].

Ба ҳамин тариқ, таҳқиқоти педагогиро ҳамчун раванди ташаккули донишҳо ва шакли фаъолияти маърифатӣ оид ба муайянсозии қонуниятҳои объективии раванди таълиму тарбия ва рушди онҳо таъриф дода ва бо сабаби он ки объект ва предмети таҳқиқоти мо маҷмуи таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ мебошад, мехостем таъкид намоем, ки ба ҳайси намудҳои таҳқиқоти педагогӣ мо дар асоси маводи таҳқиқнамудаи худ ва вобаста ба субъектҳои

таҳқиқот, яъне ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муҳаққиқони алоҳида, чунин навъҳои таҳқиқоти педагогиро барои таҳлили квалиметрӣ ҷудо намудаем: мавзуъҳои фармоишӣ (мавзуъҳои илмии аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда), фаъолияти оинномавии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти таҳқиқ ва назорати равандҳои педагогӣ, таҳқиқоти монографӣ ва диссертатсионии муҳаққиқони алоҳида, фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, нашри мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, тайёр кардани кадрҳои илмӣ, корҳои фаҳмондадиҳию тарғиботӣ оид ба ҷалби мутахассисони ҷавон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, баррасии экспертии диссертатсияҳои ҳимояшуда ва ғайра.

Ҳама навъҳои таҳқиқоти педагогии зикршуда ҳамчун таҳқиқот дар илмҳои дигар асосҳои назариявӣ доранд. Мафҳуми «асосҳои назариявии таҳқиқот» системаи муқаррароти илмӣ, назарияҳои илмӣ, принсипҳои методологӣ ва равишҳои баррасиро фаро мегирад, ки дар асоси онҳо фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, дар заминаи онҳо таҳлили натиҷаҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот роҳандозӣ карда мешавад. Дар баробари ин, «бунёди асоси назариявии хуб тавсифи муфассали адабиёти ба предмети омӯзиш алоқамандро талаб мекунад, ки ин имкон медиҳад, то схемаи консептуалии роҳнамо барои нафаре, ки мехоҳад ба кори таҳқиқотӣ машғул гардад, таҳия карда шавад» [350].

Ба ҳайси асосҳои назариявӣ одатан асарҳои илмии асосгузорони ин ё он илм ё ҷараён дар илм, муҳаққиқони барҷастаи ягон соҳаи мушаххаси илм, муҳаққиқони алоҳида, таълимот ва консепсияҳои дар ин соҳа мавҷудбуда ва ғайра хизмат мекунанд. Аз ҷумла, дар таҳқиқоте, ки зимни таълифи диссертатсия мо баррасӣ намудем, аз педагогҳои машҳур бештар номҳои Ж.Ж. Руссо, И. Кант, И.В. Бестужев-Лада ва дигарон, аз педагогҳои муосири тоҷик И.Х. Каримова, Қ.Б. Қодиров, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода ва дигарон вомехӯранд. Ба ҳайси таълимоту консепсияҳои педагогӣ бошад, афзалият ба диалектика, прагматизм, бихевиоризм, экзистенсиализм ва амсоли он дода шудааст. Дар худи ин диссертатсия бошад, дастовардҳои

илмии муҳаққиқони ватанӣ ва олимону мутахассисони хориҷӣ ба ҳайси асосҳои назариявии таҳқиқот шинохта шуда, номҳои онҳо дар муқаддимаи кор ба пуррагӣ зикр гардидааст.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ истифода аз методологияи созгор низ хеле муҳим аст. Оид ба методологияи таҳқиқоти илмӣ дар маҷмуъ, сухан гуфта, муҳаққиқони тоҷик барҳақ таъкид доштаанд: «Бояд тазаккур дод, ки дониши илмӣ худ ба худ пайдо намешавад ва худ ба худ рушд намекунад. Он ба шарофати саъю кӯшиши одамон, ки дар соҳаи истеҳсоли идеяҳои илмӣ талош доранд, ба вуҷуд меояд. Дарки ин далел, инчунин, зарурати меъёрӣ ва муназзам сохтани афкори илмию таҳқиқотӣ, муайянкунии вариантҳои муносиби он сабаб шуданд, ки таълимот дар бораи метод, яъне методология пайдо гардид» [165, 51].

Дар осори илмии академӣ худи истилоҳи «методология» чунин маънидод шудааст: «Методология аз калимаи «метод» ва «логос» таркиб ёфта, таълимот оид ба сохтор, роҳандозии мантиқӣ, методҳо ва воситаҳои фаъолиятро (фаъолияти илмиро - Р.М.) ифода мекунад» [324, 39].

Ҳамзамон, дар луғати энсиклопедии фалсафӣ омадааст, ки «методология – низоми принсипҳо ва тарзҳои ташкил ва роҳандозии фаъолияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин, таълимот оид ба низоми мазкур мебошад». Методология тадриҷан ба сифати предмети идроки ратсионалӣ ҷудо шуда, ҳамчун низоми қоидаҳо ва меъёрҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ озмудашудаи идроку амал устувор гардидааст, ки онҳо ба хусусият ва қонунҳои воқеият мувофиқат мекунанд [335, 365-366].

Методология, инчунин, ҳамчун таълимот доир ба сохтори мантиқии методҳо ва воситаҳои таҳқиқоти илмӣ тафсир карда мешавад. Аз ин рӯ, дар чунин фаҳмиш таҳти мафҳуми методология «маҷмуи роҳҳо, воситаҳо ва амалиётҳо барои фаҳмиши назариявӣ ва амалии воқеият дар назар дошта мешавад. Дар фалсафаи умумӣ методологияро ҳамчун таълимот дар бораи метод медонанд, ки ҳадафи асосии он муайянсозии мутобиқати метод ба объекти маърифат аст. Вазифаи асосии таҳқиқоти методологӣ аз омӯхтани

пайдоиш, моҳият, самаранокӣ ва ҷиҳатҳои дигари методҳои маърифати илмӣ, инчунин, аз муайян сохтани имконият ва ҳудудҳои истифодашавии ин ё он методҳои фаъолияти маърифатӣ иборат аст» [165, 52].

Ҳар гуна методологияи илм оид ба қисматҳои таҳқиқоти илмӣ, объектҳои он, предмети таҳлил, вазифаи таҳқиқот ё равшансозии проблемаҳо, маҷмуи воситаҳои таҳқиқ, ки барои ҳалли вазифаи навъи мазкур заруранд, маълумот медиҳад ва дар бораи натиҷаи раванди таҳқиқот дар рафти ҳалли вазифаҳо тасаввурот ба вуҷуд меорад. Нуқтаи нисбатан муҳимми методологияи таҳқиқоти илмӣ муайян сохтани  масъалаҳо, яъне проблемаҳо, мушкилот, тартиб додани предмети таҳқиқот, таҳияи назарияи илмӣ, инчунин, санҷиши натиҷаи бадастомада аз нуқтаи назари ҳаққонӣ будани он ба шумор меравад.

Ба таҳқиқоти И.В. Роберт, коршиноси Маркази иттилоотонии соҳаи маориф, ки дар назди Донишкадаи идоракунии маорифи Академияи таҳсилоти Россия фаъолият мекунад, такя намуда, онро ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ сохта, чунин махсусиятҳоро оид ба дараҷаҳои методологияи таҳқиқоти педагогӣ ва принсипҳои методологии таҳқиқоти педагогӣ қайд кардан мумкин аст, ки ба болобарии сифати таҳқиқот дар ин самт мусоидат мекунанд [359].

Муҳаққиқи мазкур чор дараҷаи  методологияи таҳқиқоти педагогиро ҷудо менамояд: фалсафӣ, умумиилмӣ, мушаххасан илмӣ ва технологӣ. Дараҷаи фалсафии таҳқиқоти педагогӣ миёни ин дараҷаҳо асоситарин маҳсуб буда, моҳияти аз кадом дидгоҳ баррасӣ намудани масъалаву мушкилот ва ба кадом принсипҳои маърифати воқеият такя намудани муҳаққиқро нишон медиҳад ва чӣ гуна таъсир доштани ин дидгоҳро ба идеяҳо, ғояҳо дар педагогика муайян месозад. Дар ин зимн И.В. Роберт чунин ҷараёнҳоро, ки дар раванди таҳқиқоти педагогӣ муҳаққиқон ба онҳо бештар такя мекунанд, таъкид намудааст: экзистенсиализм, прагматизм, бихевиоризм, материализми диалектикӣ ва идеализм [359].

Албатта, дуруст аст, ки дар таҳқиқоти педагогӣ такя ба фалсафаи экзистенсиализм – ҷараён дар фалсафаи асри XX, ки фардияти ҳастии инсонро, ки моҳияти ирратсионалӣ дорад, эътироф карда, намояндагони он Жан-Пол Сартр (1905-1980), Карл Ясперс (1883-1969), Габриэл Марсел (1889-1973), Албер Камю (1913-1960), Симон де Бовуар (1908-1986), Мартин Хайдеггер (1889-1976) ва дигарон буданд, ба мушоҳида мерасад. Инчунин, прагматизм - равияи фалсафӣ, ки ба амалия ҳамчун меъёри ҳақиқат такя карда, асосгузори он файласуфи амрикоии асри XIX-XX Чарлз Пирс (1839-1914) ҳисоб мешавад, ба методологияи таҳқиқоти педагогӣ дар кишварҳои пасошуравӣ таъсири муайян расонидааст. Дар бораи бихевиоризм - ҷараён дар психологияи инсон ва ҳайвонот, ки асоси таълимоти онро ақидаҳо дар бораи рафтор ташкил дода, асосгузори он психологи америкоӣ Ҷон Уотсон (1878-1958) мебошад, айни ҳамин суханҳоро гуфтан имкон дорад.

Дар маҷмуъ, ба ақидаи мо, ин се равияи фалсафӣ ва психологӣ – экзистенсиализм, прагматизм ва бихевиоризм дар Федератсияи Россия бештар ва дар кишвари мо хеле камтар ба ҳайси методологияи таҳқиқоти педагогӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Вале ҷараёни чоруми фалсафӣ, ки муҳаққиқи рус И.В. Роберт аз он ёд мекунад, яъне материализми диалектикӣ, дар ҳақиқат ҳам, дар тамоми кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ зимни таҳқиқоти педагогӣ корбаст мегардад. Ин ба он вобаста аст, ки материализми диалектикӣ - моддагароии диалектикӣ ё материализме, ки ба синтези ғояҳои материалистӣ ва диалектика асос ёфтааст, дар Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳайси иделогияи давлатӣ хизмат мекард ва таъсири он то кунун дар илм боқӣ мондааст. Вале ин ҷо як нуктаро таъкид кардан зарур аст, ки муҳаққиқон дар таҳқиқоти педагогии худ на ба материализми диалектикӣ дар шакли куллии он, балки бештар ба диалектика ҳамчун метод такя мекунанд. Диалектика ҳамчун метод бошад, чунонки ба ҳамагон маълум аст, ба таълимот «оид ба қонунҳои куллию умумии инкишофи табиат, ҷомеаи инсонӣ ва тафаккур» [340], ё дар бораи робитаҳои умумӣ ва қонуниятҳои умумии ҳар гуна тағйирот ва инкишоф дар

табиат, ҷамъият ва тафаккур буда, сарчашмаи инкишоф будани зиддиятҳоро эътироф дорад. Ба ҳамин маънӣ дар таҳқиқоти зиёди педагогӣ дар Тоҷикистон диалектика ба ҳайси асоси методологӣ ба кор бурда шудааст.

Дар баробари ин, ақидаи И.В. Роберт дар бораи ба сифати методология мавриди истифода қарор додани идеализм, аз назари мо, чандон дуруст нест. Чунонки маълум аст, идеализм, ғоягароӣ чунин равияи фалсафӣ аст, ки ба муқаддам будани шуур, рух, мабдаи психикӣ нисбат ба материя, модда, табиат, мабдаъҳои ҷисмонӣ такя мекунад ё худ тибқи он шуур аввал ва олами моддӣ дуюмдараҷа мебошад. Ин гуна андешаҳо ғайриилмӣ буда, имкон намедиҳанд, ки идеализм ҳамчун методологияи таҳқиқот дар ҳар гуна илм, аз ҷумла дар педагогика истифода бурда шавад. Ба ҷойи ин, аз назари мо зикр кардани эссенсиализм (таълимоти назариявӣ ва фалсафӣ, ки ба зуҳурот ва ашё чунин хосиятҳоеро нисбат медиҳад, ки маълум набошанд ҳам, табиати воқеӣ ва моҳияти асосии онҳоро ташкил медиҳанд), фалсафаи аналитикӣ (фалсафаи таҳлилӣ), экспериментализм (фалсафае, ки меъёри ҳақиқатро танҳо дар таҷриба ва амалия мебинад) ва амсоли он ҳамчун дараҷаҳои фалсафии таҳқиқоти педагогӣ дурусттар мебуд, зеро, дар ҳақиқат ҳам, ба ин ҷараёнҳои фалсафӣ мурочиат кардани муҳаққиқони соҳаи педагогика дар кишварҳои пасошуравӣ ба мушоҳида мерасад.

Дараҷаи дуюми методологияи таҳқиқоти педагогӣ – умумиилмӣ, ба ақидаи И.В. Роберт, «консепсияҳои илмӣ, принсипҳои маърифатии таҳқиқоти педагогӣ, дастгоҳи категориҳои педагогикаро дар умум ва дар алоҳидагӣ барои ҳар як таҳқиқоти мушаххаси педагогӣ мекушояд» [359].

Дар дараҷаи сеюм - дараҷаи мушаххасан илмии методологияи таҳқиқоти педагогӣ принсипҳои маърифати таҳқиқоти мушаххаси педагогӣ, дастгоҳи категорияҳои он, махсусиятҳои он ва дурнамои рушди он кушода мешаванд. Ин ҷо, ба андешаи мо, дар ақидаи И.В. Роберт такрори баъзе муқарраротии дараҷаи дуюми методологияи таҳқиқоти педагогӣ, яъне дараҷаи умумиилмӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, беҳтар мебуд, агар аз дараҷаи дуюм талабот ба таҳқиқоти алоҳидаву мушаххас бардошта шавад.

Дараҷаи технологии методологияи таҳқиқоти педагогӣ бошад, ба ақидаи И.В. Роберт «аз методика, технология, техникаи таҳқиқот, принсипҳои техникию технологии бадастории маводи эмпирикии боэътимод аз илми педагогика, воситаҳои муосири татбиқи натиҷаҳои пешниҳодшудаи таҳқиқот иборат мебошад» [359].

Ҳангоме ки дар бораи методологияи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла дар соҳаи педагогика сухан меравад, бояд ба эътибор гирифт, ки риояи чунин принсипҳои умумии методологии таҳқиқоти илмӣ – объективият, таҳлили моҳиятӣ, ягонагии асосноккуниҳои мантиқӣ ва таърихӣ, ягонагии консептуалӣ ва амсоли он низ барои ҳар як муҳаққиқ ҳатмӣ мебошад.

Бо моҳияти асосии методологияи таҳқиқоти илмӣ ошноӣ пайдо карда, бояд ба назар гирифт, ки ин истилоҳ дар илмҳои педагогӣ ба маъниҳои дигар низ корбаст мегардад. Масалан, дар бораи вазифаи асосии методология сухан гуфта, баъзе муҳаққиқон қайд кардаанд: «Таҳсилот низ объекти методология аст, вале он сохтори хеле мураккаб дошта, инсон, шахсиятро фаро мегирад, ки ҳар яке шуури инфиродӣ, идеяҳои хоси худро дорад. Аз ин рӯ, методологияи таҳсилот низ хело мураккаб ва мухталиф буда, онро баъзе муҳаққиқон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсимбандӣ мекунанд: методологияи таҳсилот, ки ба шахсияту бегонашавӣ (ѐ дуршавӣ) алоқамандӣ дорад; методологияи таҳсилот, ки бо шахсиятмарказӣ иртибот дорад» [160, 69]. Дар чунин ҳолатҳо сухан дар бораи методологияи ташкили раванди педагогӣ меравад, аз ин рӯ, онро набояд бо методологияи таҳқиқоти педагогӣ омехта кард.

Таҳлилҳои боло оид ба методологияи таҳқиқоти педагогӣ нишон медиҳанд, ки заминаҳои назариявии шаклҳои он, махсусан, асосҳои фалсафии он хеле зиѐданд. Аз ин рӯ, муҳаққиқон кӯшиш мекунанд, ки зимни таҳқиқот дар соҳаи педагогика ҳар чи бештар ба методологияҳои наву муосир рӯ оваранд. Яке аз чунин методологияҳо ин синергетика мебошад. Чунонки маълум аст, синергетика равияи байнифаннӣ дар илм буда, қонуниятҳои умумии зуҳуроту равандҳоро дар системаҳои номутавозин ѐ

номутаносиби физикӣ, кимиёвӣ, биологӣ, иҷтимоӣ ва ғайра дар асоси принсипҳои ба онҳо хосбудаи худташаккулёбӣ ва дур аз мувозинати термодинамикӣ меомӯзад. Аз ҷумла, баъзе муҳаққиқон онро дар соҳаи педагогика корбаст намудаанд, вале ҳангоми истифода аз методологияи синергетикӣ мо бояд ду нуктаи муҳимро ба эътибор гирем. Аввалан, бо мақсади истифодаи синергетика дар педагогика «бояд, қабл аз ҳама, муайян карда шавад, ки системаи таҳсилот то кадом андоза ба сифати системаи синергетикӣ ба ҷомеа таъсир расонида метавонад. Дар ин росто, таҳсилот бояд ҳамчун системаи кушода, худташаккулёбанда ва ғайриростхатта баррасӣ карда шавад. Дар сурати дигар, низоми таҳсилот ба талаботи илми синергетика ҷавобгӯ буда наметавонад» [166, 89]. Дуюм, коршиносони зиёд таъкид доштаанд, ки «баъзе муҳаққиқон синергетикаро ба эъломияи хушку холӣ табдил додаанд – дар таҳқиқоти зиёде зикр мегардад, ки ҳангоми таҳқиқ методҳои синергетикӣ истифода гардидаанд, вале дар асл дар таҳқиқот аз он ному нишоне нест ва ё назария ва принсипҳои он бо иштибоҳ мавриди истифода қарор дода шудаанд» [166, 127-128]. Аз ин рӯ, дар истифодаи методологияи синергетикӣ дар таҳқиқоти педагогӣ мо бояд хеле эҳтиёткор бошем, то ба иштибоҳ роҳ надиҳем ва ё ин методологияро, ки аз илмҳои физика ва химия ба илмҳои иҷтимоӣ гузашта, то ҳол дар илм ба як маъно баҳогузорӣ карда намешавад, нодуруст мавриди истифода қарор надиҳем.

Ба ҳайси асосҳои методологии таҳқиқоти педагогӣ, чунонки аз суханони боло бармеояд, одатан, дидгоҳҳои фалсафӣ, истифода аз восита ва усулҳои умумиилмӣ, мушаххасан, илмӣ ва технологӣ ва ғайра хизмат мекунанд. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти педагогие, ки зимни таълифи диссертатсия мо аз дидгоҳи квалиметрӣ баррасӣ намудем, бештар ба методологияҳои зерин, ки болотар ҳам зикр гардид - диалектика, прагматизм, бихевиоризм, экзистенсиализм ва амсоли он афзалият дода шудааст.

Дар баробари методология дар ҳар гуна таҳқиқот, аз ҷумла дар таҳқиқоти педагогӣ ба масъалаи истифода аз методҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Метод (аз калимаи юнонӣ «роҳ», «усули маърифат»)

ин восита, роҳи дастрасӣ ба ҳадаф тавассути усули хоси фаъолияти мураттаб мебошад, он ҳамчун тарзи таҳқиқоти назариявӣ ё иҷрои амалии ягон ҳодиса ё раванд шумурда мешавад. Метод, чун қоида, дар ҳалли вазифаи асосии илм - кашфи қонунҳои объективии воқеият нақши калидиро иҷро мекунад.

Дар баробари ин, «метод маҷмуи усулҳо ва амалиётҳои азхудкунии маърифатии воқеият, системаи принсипҳо, талабот, қоидаҳост, ки тибқи онҳо амал карда, муҳаққиқ ба ҳадафҳои худ расида метавонад. Муҳтавои бархурдорӣ аз методҳо ин аст, ки инсон барои ҳалли ягон масъалае чӣ тавр ва бо кадом тартиб ин ё он амалро анҷом медиҳад. Метод ба назария такя дорад (асосан, чунин назария барои ҳосил кардани дониши нав истифода мегардад)» [167, 50].

Дар фалсафа ва методологияи илм методҳоро ба чунин тарз гурӯҳбандӣ мекунанд: 1) методҳои куллӣ (соҳаи истифодашавии онҳо хеле васеъ мебошад); 2) методҳои умумиилмӣ (дар ҳамаи илмҳо мавриди истифода қарор мегиранд); 3) методҳои махсус (ба илмҳои мушаххас хос мебошанд). Бояд таъкид намуд, ки миёни методҳои зикршуда методҳои умумиилмӣ ё умумимантиқӣ дар илм аз ҳама серистифода буда, аз таҳлил (анализ), таркиб (синтез), индуксия, дедуксия, амсиласозӣ (моделсозӣ) ва ғайра иборат мебошанд.

Дар бораи методҳои мушаххаси таҳқиқоти педагогӣ сухан карда, бояд таъкид намуд, ки онҳоро ҳамчун «воситаҳо, роҳҳои маърифати воқеияти педагогӣ, ё худ, восита ва роҳҳои бадастории иттилоот бо мақсади муқаррарсозии алоқаҳо, муносибатҳо ва вобастагиҳои қонунмандона ва бунёди назария ва амалияи илмии педагогӣ» [359] тафсир менамоянд.

Албатта, методҳои таҳқиқоти педагогӣ хеле зиёданд ва аксарияти онҳо дар илми педагогика тафсиру шарҳи мукаммали худро, аллакай, пайдо кардаанд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки бо номбар кардани номгӯйи баъзе аз онҳо ин ҷо маҳдуд гардем: методи мушоҳида; таҷриба ё эксперименти диагностикӣ, ташхисӣ; методи суҳбат ва мусоҳиба ё интервю; методи санҷиши тестӣ; методи пурсиш (анкетирование); методи баҳогузории

рейтингӣ; методи хулосакунии хосиятҳои мустақил; ташхиси педагогӣ; методи таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ ва ғайра. Ин номгӯйро ёдовар шуда, бояд зикр намуд, ки «ягонто аз методҳои зикршуда универсалӣ, куллӣ набуда, ҳар яке аз онҳо бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас мувофиқи вазифаи гузошташудаи таҳқиқот» [350] мавриди истифода қарор дошта бошанд.

Дар маҷмуъ, дар таҳқиқоти педагогӣ методҳои гуногун корбаст мегарданд. Аз ҷумла, дар таҳқиқоте, ки зимни таълифи диссертатсия мо мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор додем, муҳаққиқон бештар аз методҳои муқоисавӣ, таҷрибавӣ, таърихӣ-мантиқӣ, диалектикӣ ва монанди онҳо истифода бурдаанд. Дар диссертатсияи мо бошад, дар баробари методҳои умумиилмӣ ва методҳои таҳқиқоти педагогии зикршуда, инчунин, методҳои махсус - методи библиографӣ, квалиметрӣ, экспертӣ, дифференсиалӣ, методи маҷмуӣ (комплексӣ), таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, методҳои математикӣ ва ғайра ба кор бурда шудаанд.

Вобаста ба ин ва ҳамчун намуна, мехостем моҳияти як қатор методҳои дар диссертатсия истифоданамударо каме муфассалтар шарҳ диҳем. Методи дифференсиалӣ чунин методи ченкунӣ мебошад, ки ба воситаи он фарқи байни андозаи ченшаванда ва ченаки маълум муайян карда мешавад. Мо онро барои муқоисаи баъзе нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории диссертатсияҳо бо меъёрҳои расмии арзёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ истифода намудаем.

Методи маҷмуӣ ё комплексӣ ин воситаи омӯзиши гуногунҷонибаи ягон объект буда, баррасии байнифанниро талаб мекунад. Дар таҳқиқоти мо муайян намудани сатҳи сифат, миқдор ва баъзе  нишондиҳандаҳои дигари диссертатсияҳо, инчунин, натиҷаи татбиқи онҳо дар амалия бо истифода аз ҳамин метод сурат гирифтааст.

Вазъи таъминоти арзёбии квалиметрии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар даврони шуравӣ  ва истиқлоли давлатии Тоҷикистонро мо бо истифода аз методи таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ анҷом додаем. Моҳияти ин метод аз он иборат аст, ки тавассути он таҳлил бо роҳи муқоисаи ягон объект

дар давраҳои гуногуни таърихӣ сурат гирифта, ягон хосияти умумӣ ё махсус маълум карда мешавад. Ин метод бо номи «таърихият» (историзм) низ баъзан зикр карда мешавад.

Дар илм, инчунин, методи таҳлили сохторӣ-функсионалӣ мавриди истифода қарор дорад. Яке аз принсипҳои асосии ин метод аз он иборат аст, ки объект ҳамчун мукаммалии иборат аз унсурҳо таҳлил мегардад, ки дар он ҳар як унсур вазифа, функсияи худро дорад. Арзёбии меъёрҳо ва индикаторҳои озмоишӣ, эмпирикӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи педагогика дар рисолаи мо маҳз бо истифода аз методи таҳлили сохторӣ-функсионалӣ анҷом дода шудааст.

Дар таҳқиқоти худ мо, инчунин, аз методҳои математикӣ истифода намудаем. Ин методҳо омӯзиши миқдорӣ ва сохтории объектро пешбинӣ мекунанд, ки дар ин раванд хосиятҳо ва қонуниятҳои хоси он бо кумаки моделҳои шаклӣ, тавсифи миқдорӣ, муносибатҳои вазифавӣ, функсионалӣ ва ғайра муайян карда мешаванд. Методҳои математикӣ дар рафти таҳлили маълумоти омории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ, мақомоти марбутаи давлатӣ, коркарди миқдории маълумоти озмоишӣ-таҷрибавӣ ва ғайра ба мо кумак намуданд.

Методҳои квалиметрӣ, ки мо дар таҳқиқоти худ мавриди истифода қарор додаем, инчунин, методҳои илмсанҷӣ (наукометрия) ва библиометрия, ки дар баробари методология ва методҳои роҳандозии таҳқиқоти педагогӣ дар илм ҳамчун методология ва методҳои арзёбии чунин таҳқиқот ба ҳисоб мераванд, дар зербоби сеюми ҳамин боб шарҳи бештари худро ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки ба таҳқиқоти педагогӣ дар баробари риояи асосҳои назариявӣ, методологӣ ва корбасти методҳои дахлдор, инчунин, талабот ба муайянсозии объект ва предмети таҳқиқот, мубрамияти мавзуъ ва амсоли он пешниҳод карда мешаванд, ки ба таври мушаххасу комилтар дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мушоҳида карда мешаванд. Аз ин рӯ, чунин талаботро ба таҳқиқоти педагогӣ зимни баррасии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии

педагогӣ дар зербоби дуюми ҳамин боби диссертатсия дар алоҳидагӣ баррасӣ хоҳем кард, зеро агар таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз як ҷониб, шакли хеле паҳншудаи таҳқиқоти педагогӣ бошад, аз ҷониби дигар, квалиметрияи диссертатсияҳои ҳимояшуда муҳтавои як боби пурраи таҳқиқоти моро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, ҳар гуна таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла таҳқиқоти педагогӣ, дар сурате ба дастовардҳои воқеӣ ноил мегардад, ки агар ба тамоми талаботи таҳқиқоти соҳавӣ мутобиқат дошта бошад, дар он аз методология ва методҳои мувофиқ ва муосири илмӣ истифода бурда шавад ва ҳамзамон, он ба мавзуъ ва масъалаи мубрами соҳаи илми дахлдор бахшида шуда бошад. Аз ин рӯ, муайян кардани доираи масъалаҳо, мушкилот, масъалаҳо, проблематикаи мубрам ва самтҳои афзалиятноки илм низ ҳангоми роҳандозии таҳқиқоти илмӣ аз вазифаи хеле муҳимми илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин росто, баъзе муҳаққиқони ватанӣ ва мутахассисони кишварҳои хориҷии наздику дур як қатор масъалаҳоеро гузоштаанд, ки онҳоро метавон аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти педагогӣ ҳисоб намуд. Дар ин масъала мо дар диссертатсия, асосан, ақидаҳои В.И. Загвязинский ва Д.И. Фелдштейнро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

Доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи академии Донишгоҳи давлатии шаҳри Томски Федератсияи Россия В.И. Загвязинский як қатор самтҳои афзалиятнок ва мавзуъҳои мубрами таҳқиқоти методологӣ ва назариявии педагогиро муайян намудааст, ки аз миѐни онҳо баъзе нуктаҳоро, ки барои ҷумҳури мо низ хеле муҳимманд, зикр менамоем:

- таносуби манфиатҳо ва шароити глобалӣ, миллӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ (локалӣ) ҳангоми сохтордиҳии системаҳои психологӣ-педагогӣ ва тарҳрезиии рушди онҳо;

- таълимот дар бораи мавзунӣ (гармония) ва ҳудудҳои он дар раванди педагогӣ ва воситаҳои амалии дастѐбӣ ба онҳо;

- таносуб ва робитаҳои мутақобилаи равандҳои иҷтимоишавӣ ва фардишавӣ (индивидуализатсия), навоварӣ ва анъана дар таҳсилот;

- меъёрҳои муваффақиятнокии кори тарбиявӣ, рушди шахсияти мураббиён дар муассисаҳои таълимии зинаҳо ва шаклу намудҳои гуногуни таҳсилот;

- таҳсилоти гуманитарӣ ва ҷаҳони маънавии омӯзгор;

- роҳҳо ва шароити ҳамгироии (интегратсияи) таҳсилоти гуманитарӣ ва табиатшиносӣ дар таҳсилоти умумӣ;

- технологияҳои ҳифзи солимӣ дар раванди таълим;

- имкониятҳои рушдёбандаи технологияҳои нави иттилоотӣ;

- анъанаҳои таълиму тарбия дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва кишварҳои дигари собиқ шуравӣ ва истифодаи онҳо дар шароити муосир;

- оила дар системаи тарбияи иҷтимоӣ;

- анъанаҳои педагогикаи халқӣ дар раванди тарбия;

- нақши сохторҳои ғайрирасмӣ дар иҷтимоишавии ҷавонон ва роҳҳои барқарорсозии робитаҳои педагогҳо бо сохторҳои ғайрирасмӣ ва ғайра [338; 339].

Ба ақидаи Д.И. Фелдштейн - профессор, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Россия бошад, дар педагогика ва психология ёздаҳ самтро муайян кардан имкон дорад, ки роҳандозии таҳқиқот дар онҳо хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Аз байни онҳо чунин самту мавзуъҳо, ки мухтасаран оварда шудаанд, барои кишвари мо низ мубрам ба назар мерасанд: 1) нақши техника дар ташаккул ва рушди шахсият ва ҷомеа; 2) таҳқиқоти байнифаннии махсусиятҳои кӯдак дар шароити муосир; 3) ҷустуҷӯйи меъёрҳои нави ба балоғат расидани кӯдакон, наврасон ва ҷавонон; 4) муайянсозии муҳлатҳои оптималӣ, муносиби таълими кӯдакон; 5) мушкилоти таҳаввули ҷомеа дар шароити «таркиши иттилоотӣ»; 6) муайянсозии амал ва таъсири субфарҳангҳои (субкултураҳои) ҷавонон ва алоқаҳои нави иҷтимоии кӯдак; 7) муайянсозии имконияти устуворсозии эҳсосотӣ-иродавии ҷавонон ва барқарорсозии меъёрҳои ахлоқӣ, таносуби онҳо; 8) таҳқиқи роҳҳои таҳкими ворисияти наслҳо; 9) омӯзиши хосиятҳои психологӣ-педагогии дигаргуншавии муносибатҳои байниқавмӣ, профилактикаи миллатбадбинӣ

(ксенофобия), тарбияи таҳаммулпазирӣ; 10) муайнсозии асосҳои назариявии болоравии сатҳи вайроншавии асабонӣ-психикӣ ва роҳҳои кумаки психологӣ-педагогӣ ба одамон; 11) коркарди асосҳои илмӣ, психологӣ, психологӣ-дидактикӣ, психофизиологии таҳияи китобҳои дарсӣ ва маводи таълимии насли нав дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла Интернет ва ғайра [367].

Албатта, ҳамаи ин доираи масъалаҳо ва самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ, ки олимони Федератсияи Россия В.И. Загвязинский ва Д.И. Фелдштейн зикр кардаанд, бо дарназардошти шароити ин кишвар дар замони муосир пешниҳод гардидаанд. Аммо таҳлили муҳтавои онҳо нишон медиҳад, ки аксарияти мушкилоти баёншуда дар шароити Тоҷикистони муосир низ ҷой доранд ва аз ин рӯ, истифода аз ақидаҳои ин олимон метавонад барои рушди илмҳои педагогӣ дар кишвари мо низ мусоидат намояд. Бо ҳамин сабаб, дар таҳияи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ, ки дар боби чоруми диссертатсияи мо омадааст, ин таҷриба низ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Хулоса, таҳқиқоти педагогӣ ҳамчун раванди махсуси ташаккули донишҳо ва шакли фаъолияти маърифатӣ, ки дар тамоми сатҳҳои эмпирикӣ, назариявӣ ва методологӣ гузаронида мешавад, зимни арзёбӣ дар баробари омӯзиши ин сатҳҳо, инчунин, қабл аз ҳама, таҳқиқи методу усулҳои дар ин раванд истифодашуда ва ба масъалаҳои мубрами соҳа рабт доштан ё надоштанро талаб мекунад. Ҳамзамон, арзёбии намуд ва шаклҳои асосии фаъолият дар таҳқиқоти педагогӣ муҳим буда, байни онҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ мақоми аввалиндараҷа дорад, ки дар зербоби оянда ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

## 1.2. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ

Дар диссертатсияи мо ба ҳайси объекти нисбатан бузургҳаҷми таҳлили квалиметрӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, дар ин

зербоб моҳияти он ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ равшан карда шуда, аз таърихи пайдоиши ин навъи таҳқиқот маълумоти мухтасар оварда мешавад. Ҳамзамон, бо мақсади муайян намудани квалиметрияи таҳқиқоти диссертатсионӣ мушаххассозии унсурҳои таркибии ин навъи таҳқиқот, шакл ва мундариҷаи он сурат мегирад.

Тавре ки маълум аст, таҳқиқоти диссертатсионӣ ё диссертатсия (аз калимаи лотинии “dissertation” гирифта шуда, маънояш мулоҳиза, таҳқиқот аст) кори тахассусии илмиест, ки дорои ягонагии дохилӣ буда, дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот – муқарраротӣ илмиеро, ки унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ барои ҳимояи ошкоро пешниҳод намудааст, инъикос менамояд [333, 373]. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи педагогика, мутаносибан, кори тахассусии илмӣ дар ҳамин соҳа мебошад.

Сазовори таъкид аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба педагогика ба сифати жанри мустақили таҳқиқоти илмии инфиродӣ – кори илмии тахассусӣ танҳо дар охири солҳои 20-30-уми асри XX пайдо шудааст, агарчи диссертатсия ҳамчун кори илмии тахассусӣ дар шакли куллӣ дар Россия дар солҳои 60-уми асри XVIII ба шарофати корҳои илмии М.В. Ломоносов пайдо шуда, ба сатҳи таҳқиқоти муҳимми илмӣ бардошта шуда буд ва тавассути он ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва илмии соҳаҳои гуногун имконпазир гардид.

Дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ соли 1925 «Низомнома оид ба тартиби омодасозии кормандони илмӣ дар назди муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ» қабул карда шуд, ки он барои таъсиси аспирантура асос гардид. Маҳз таъсиси аспирантура (баъдтар докторантура) вазифаи муайян намудани мақоми рисола ё кори хатми аспирантонро ба миён гузошт. Қарори Шурои Комиссарони халқи ИҶШС (СССР) №79, аз 13 январи соли 1934 «Дар бораи дараҷаҳо ва унвонҳои илмӣ» [41] аз ҷониби унвонҷӯёни дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илм омода намудани кори илмии тахассусӣ – диссертатсияи номзадӣ ва доктириро пешбинӣ менамуд. Дар натиҷа аввалин диссертатсияи докторӣ оид ба педагогика соли 1937 аз

ҷониби Н.Ф. Добринин дар мавзуи «Психология воли» («Психологияи ирода») ҳимоя карда шуд.

17 апрели соли 1934 бо қарори КИМ ИҶШС (СССР) дар назди Кумитаи умумииттифоқӣ оид ба таҳсилоти техникӣ аввалин Шурои КОА, ки ба ҳайати он олимони варзида шомил ва раиси он Г.М. Крижижановский таъин гардида буд, тасдиқ карда шуд. Илмҳои педагогиро дар КОА А.П. Пинкевич намояндагӣ мекард. Аз ҳамин давра марҳилаи рушди таҳқиқоти илмии тахассусӣ оид ба педагогика оғоз меёбад, ки он на танҳо ченаки сифати омодасозии кадрҳои педагогӣ, илмӣ ва тахассуси онҳо, балки воситаи рушди назария ва амалияи илмҳои педагогӣ гардид [99].

Дар солҳои 60-уми асри XX ба масъалаҳои истифодаи самараноки методологияи илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти илмӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид. Агар қаблан масъалаҳои мазкур дар қаринаи ягон проблемаи мавриди таҳқиқ баррасӣ мешуд, акнун он беш аз пеш ҳамчун проблемаи мустақил мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Дар солҳои 70-уми асри XX Шурои ҳамоҳангсозии назди Президиуми АИП ИҶШС (Академияи илмҳои педагогии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ) таваҷҷуҳро ба проблемаи амалигардонии натиҷаи таҳқиқоти педагогӣ дар амалия ҷалб намуда, олимону муҳаққиқон татбиқи натиҷаи таҳқиқот, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсиониро ба сифати аҳаммияти муҳимми амалии таҳқиқот арзёбӣ мекарданд.

Ин ё он ҷанбаи муносибати мутақобилаи назария ва амалия, ки дар қаринаи таҳқиқоти мушаххас, ё дар доираи фанни педагогӣ (дидактика, назарияи тарбия) баррасӣ мегардид, роҳҳои ҳалли мушкилотро пешбинӣ карда, ҳамзамон, нокифоягии натиҷаҳои бадастомада ва зиддияти азбайннарафтаи дигар мулоҳизаҳоро инъикос менамуд. Вазъият боз аз он нуқтаи назар мураккаб гардида буд, ки ҳар як қарор боиси пайдои саволҳои гуногун мегардид, ки посух надоштанд. Маҳдудияти функсионалии ин гуна таҳқиқот танҳо дар сурате муяссар мегардид, ки агар назария ва амалия аз нигоҳи методологӣ ҳамчун воҳиди мукаммал дарк карда шаванд. Танҳо

ҳамин гуна муносибат имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва таъсири байниҳамдигарии назария ва амалия ошкор карда шавад.

Баррасии таърихи мухтасари пайдо ва рушди таҳқиқоти диссертатсионӣ дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ нишон медиҳад, ки барои ҳокимияти расмӣ ва ҷомеаи илмии он даврон, аз ҷумла дар соҳаи педагогика, на танҳо худи раванди таҳқиқот, балки арзёбии сифати онҳо, ё чунонки имрӯз мегӯянд, квалиметрияи ин таҳқиқот низ муҳим ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, мунтазам талабот ба таҳқиқоти диссертатсионӣ пурзӯр гардида, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи он тағйироту иловаҳо ворид мешуданд ва заминаи моддию техникӣ ва сохтори ниҳодҳои ба таҳқиқот дар соҳаи педагогика машғулбуда таҳким меёфт.

Бо истифода аз таҷрибаи дар сатҳи умумимишуравӣ андухташуда дар Тоҷикистон низ таҳқиқоти педагогӣ пайдо гардида, рушд намуданд. Аз ҷумла, барои рушди илмҳои педагогӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кишвари мо низ Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогии Тоҷикистон таъсис ёфт ва чандин маротиба сохтори он такмил ёфта, тағйири ном намуд ва нақши муҳиммеро дар ин самт иҷро кард. Бо дарназардошти он ки оид ба фаъолияти муассисаи мазкур дар фаслҳои дигари диссертатсия маълумоти муфассал дарҷ гардидааст, мо аз тафсилоти он худдорӣ намуда, танҳо ҳаминро зикр менамоем, ки муассисаи мазкур имрӯз ба унвони «Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» фаъолият дорад ва дар самти такмили раванди пажӯҳишҳои педагогӣ, баланд гардидани сатҳу сифати онҳо фаъолияти назаррасро анҷом медиҳад.

Ҳамин тавр, ҳар як марҳилаи таърихӣ ба такмили методологияи таҳқиқоти илмӣ таъсири муайян расонида, дар натиҷа солҳои 80-уми асри XX ва ибтидои асри XXI оид ба зарурати таҳқиқи проблемаҳои методологии такмили сохтори раванди таҳқиқотӣ, самтҳои баланд бардоштани сифати диссертатсияҳо дар соҳаи педагогика тасаввуроти возеҳи назариявӣ ва методологӣ ташаккул ёфт.

Баъди сайри мухтасари таърихӣ дар масъалаи пайдо ва рушди таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи педагогика ҳоло сохтор ва мундариҷаи диссертатсияро ҳамчун шакли муҳимми таҳқиқоти илмӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем. Бояд таъкид намуд, ки диссертатсия ҳамчун кори тахассусии илмӣ дар Тоҷикистон тибқи талаботи миллӣ ва санадҳои байниҳукуматӣ, ки бо Федератсияи Россия имзо шудаанд, чунин шаклҳоро дорад: 1) диссертатсияи номзадӣ ё диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктор аз рӯйи ихтисос-доктори фалсафа (PhD); 2) диссертатсияи докторӣ ё диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат. Бояд таъкид намоем, ки дар таҳқиқоти мо маҳз ҳамин гуна рисолаҳои диссертатсионӣ ва тибқи талаботи дар ҳар ду кишвар барои онҳо муқарраргардида мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Тибқи талаботи мавҷуда, ки дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, аз тарафи Ҳукумати Федератсияи Россия ва КОА назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тасдиқ гардидаанд, диссертатсия кори бузурги илмӣ-таҳқиқотӣ буда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ ва соҳиб шудан ба дараҷаи илмӣ дар соҳаи муайян таълиф карда мешавад. Он бояд дорои роҳҳои ҳалли вазифаи мавҷуда ё сабти коркарди аз нигоҳи илмӣ, технологӣ, иқтисодӣ ва техникӣ муҳимму асоснок дар ягон соҳаи мушаххас бошад.

Диссертатсия, инчунин, бояд дорои ягонагии дохилӣ, маҷмуи тезисҳои нави илмӣ, натиҷаҳо бошад ва аз саҳми шахсии муаллиф дар илм шаҳодат диҳад. Хулосаҳои он бояд аз нигоҳи интиқодӣ арзёбӣ гарданд ва дар қиёс бо дигар роҳҳои маъмулии ҳалли масъала далелҳои қотеона дошта бошанд. Мавҷудияти интишорот дар нашрияҳои илмӣ, ки натиҷаҳои асосии илмии корро инъикос мекунанд ё маводи ба он баробарарзиш, намунаи саноатӣ ё патенти бақайдигирифташудаи ихтироот, шаҳодатномаи амсилаи муфид, топологияи интегралии микронақшаҳо, пойгоҳи маълумот, барномаи компютерӣ, инчунин, корҳои дар маводи симпозиумҳо ва конференсияҳои миллӣ ва байналмилалӣ интишорёфта ҳатмӣ мебошад. Диссертатсия ҳатман

дорои иқтибос аз муаллиф ва сарчашмае мебошад, ки аз он тезис ѐ ягон маводи дигар ба матни диссертатсия ворид карда шудааст. Агар ин далели иқтибосоварӣ зикр нагардад, муаллиф ба асардуздӣ айбдор шуда, диссертатсия бе ҳуқуқи ҳимояи такрорӣ аз баррасӣ дар шурои диссертатсионӣ боздошта мешавад [103].

Мавҷудияти дараҷаи илмӣ, бешак, афзалияти баҳснопазир аст, зеро ин на танҳо нишондиҳандаи соҳибкасб будан, балки нишондиҳандаест, ки шахс соҳаи фаъолияти хешро хеле хуб ва амиқ медонад. Корфармоѐн медонанд, ки диссертатсияи номзадӣ ин ифодагари зеҳният, тафаккури таҳлилӣ, мавҷудияти заминаи пурқуввати дониш ва фазилати умумии муҳаққиқ мебошад.

Бо сабабҳои дар боло зикршуда олимону муҳаққиқон пайваста кӯшиш менамоянд, ки оид ба тарзу услуби таҳқиқоти диссертатсионӣ, меъѐру нишондиҳандаҳои арзѐбии сатҳи сифати он андешаҳои илман асоснок иброз намоянд. Дар ин радиф, дастури амалӣ барои аспирантон ва унвонҷӯѐни Ф.А. Кузин «Кандидатская диссертация. Методика написания, правила оформления и порядок защиты. Практическое пособие для аспирантов и соискателей ученой степени» [103] (Рисолаи номзадӣ. Методикаи таълиф, қоидаҳои барасмиятдарорӣ ва тартиби ҳимоя. Воситаи амалӣ барои аспирантон ва довталабони унвонҳои илмӣ) яке аз аввалин кӯшишҳо баҳри баррасии тамоми масъалаҳои марбут ба раванди омодасозии диссертатсияи номзадӣ - аз интихоби мавзуи диссертатсия то ҳимояи расмии он ба шумор меравад. Дар дастури мазкур асосҳои техника, методика ва методологияи кори илмӣ, технологияи навиштани сиѐҳнавис ва варианти ниҳоии диссертатсия, қоидаҳои ороиши маводи расмдор ва матни диссертатсия бо дарназардошти талабот нисбат ба дастнависе, ки ба чоп супорида мешавад, инъикос ѐфтаанд. Дар дастур методикаи таҳияи автореферати кори диссертатсионӣ ва амалиѐти ҳимояи расмии он ба таври муфассал зикр шудаанд.

Дар баробари ин, диссертатсия, тибқи андешаҳои Ф.А. Кузин, мустақилона тайёр карда мешавад ва он бояд дорои маҷмуи натиҷаҳо ва нуктаҳои нави илмие бошад, ки барои ҳимояи ошкор пешниҳод шудаанд. Ҳамчун асари илмӣ он бояд дорои ягонагии дохилӣ буда, дар бораи саҳми шахсии муаллиф дар илм шаҳодат диҳад [103].

Роҳҳои нави ҳалли мушкилот, ки аз ҷониби диссертант пешниҳод мешаванд, бояд ба таври ҷиддӣ асоснок ва дар қиёс бо қарорҳои маъмул ба таври интиқодӣ арзёбӣ гардида бошанд. Дар диссертатсияҳое, ки аҳаммияти амалӣ доранд, оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмӣ, ки муаллиф ба даст овардааст, маълумот зикр мегардад. Дар диссертатсияҳое, ки аҳаммияти назариявӣ доранд, тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда мешаванд. Ороиши диссертатсия бояд ба талаботи корҳои ба чоп пешниҳодшаванда мутобиқат кунад.

Диссертатсия иттилооти илмиро бояд дар шакли нисбатан мукаммал инъикос намуда, ҳатман ҷараёни ҷустуҷӯро ошкор намояд, дар он натиҷаҳо ва методикаи таҳқиқот муфассал тасвир шуда бошанд. Мукаммалии иттилооти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки маводи воқеӣ нисбатан муфассал оварда шуда, он аз фарзия, асосноксозии муфассал, айниятҳо ва руҷуъҳои васеи таърихӣ иборат мебошад. Мундариҷаи асосии диссертатсия бояд аз маводи комилан нав ва фарогири тасвири қонуниятҳо, тамоюл, далелҳои нав иборат бошад ва ҷамъбасти маълумоти қаблан маъмулро дар ҷанбаи комилан нав ва аз мавқеи дигари илмӣ баррасӣ намояд. Вобаста ба ин, чунин мавод метавонад дорои масъалаҳои баҳсталабе бошад, ки ба таҷдиди назар намудани тасаввурот ва мулоҳизаҳои мавҷуда алоқаманд бошанд. Мундариҷаи диссертатсия бояд ба талаботи аслият, бемислӣ ва нодир будани нуктаҳои пешниҳодшаванда ҷавобгӯ бошад [103].

Шакли сабти мундариҷаи диссертатсия бояд дорои хусусияти сатҳи баланди абстраксиякунонӣ, истифодаи фаъолонаи воситаҳои тафаккури мантиқӣ ва дастгоҳи математикӣ, инчунин, дақиқияти маълумот ва далелнокии мулоҳизаҳо бошад. Бо дарназардошти он ки хонандаи

диссертатсия омодагӣ ва сатҳи баланди касбият дорад, диссертант бояд тамоми дастгоҳи аломатҳоро (аломатҳои лотинӣ, ҷадвалҳо, формулаҳо, нақшаҳо, диаграммаҳо, графикаҳо), яъне, ҳамаи он чизе, ки «забони илм»-ро ташкил дода, танҳо барои мутахассисон фаҳмо аст, ба матн ворид намояд. Ороиши забонӣ-сабкии маводро хусусияти сабки илмӣ муайян мекунад, ки нишонаи асосии он объективият буда, аз махсусияти идроки илмӣ бармеояд.

Методикаи навиштани диссертатсия бояд фарогири алгоритми ҳалли вазифаҳо ѐ методологияи коркардшуда, ҷанбаҳои асосии коркарди проблемаи мазкур, муайяннамоии нуктаҳои асосии мавриди ҳимоя ва натиҷаҳои тасвибу татбиқи мавзуи таҳқиқот бошад.

Асоси диссертатсияро бояд маводи комилан нави дорои тасвири далелу фактҳо, тамоюл ва қонуниятҳои мутлақо нав ва ҷамъбасти маълумоти маъмулӣ ташкил диҳад, ки дар ҷанбаи дигар ва аз мавқеи дигари илмӣ баррасӣ гардидаанд. Вобаста ба ин, ҳангоми таҷдиди назар намудани тасаввуроти мавҷуда кори илмӣ метавонад баҳсталаб бошад. Аз ин рӯ, мавод бояд асилу нодир бошад ва нуктаҳои, аллакай, пешниҳодшударо такрор накунад [103].

Диссертатсия барои дарѐфти дараҷаи илмии номзади илмҳо мутобиқи банди 14 «Низомнома оид ба тартиби ба кормандони илмӣ ва илмӣ-педагогӣ додани дараҷаҳои илмӣ ва ба кормандони илмӣ додани унвонҳои илмӣ» «бояд кори илмии тахассусие бошад, ки фарогири ҳалли вазифаҳои барои соҳаи дахлдори дониш муҳим ѐ дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асосноки техникӣ, иқтисодӣ ѐ технологӣ, ки ҳалли вазифаҳои муҳимми амалиро таъмин менамояд, дарҷ шуда бошад» [40].

Бояд қайд намуд, ки такмили мундариҷаи санадҳои меъѐрии ҳуқуқӣ оид ба тартиби ба кормандони илмӣ додани дараҷаҳои илмӣ раванди беохир буда, онҳо мунтазам таҷдиди назар мешаванд, талабот, нишондиҳандаҳо ва меъѐрҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва арзѐбии таҳқиқоти диссертатсионӣ пайваста тағйир меѐбанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар асоси таҳлилу баррасӣ, аз ҷумла квалиметрияи таҳқиқоти диссертатсионӣ талаботи расмӣ нисбат ба ин навъи таҳқиқот тадриҷан такмил ѐфтааст. Андешаи мазкурро такмили мундариҷаи санадҳои расмӣ – «Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», «Низомнома оид ба Шуроҳои диссертатсионӣ», «Низомнома оид ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия», «Низомнома дар бораи Шурои экспертии КОА» собит менамояд [42; 43; 44; 46].

Аз ҷумла, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия довталабон одатан диссертатсияро ба забони русӣ омода менамоянд. Нуктаҳои асосии дастнависи кори илмӣ чоп карда мешаванд. Илова бар ин, дар диссертатсия бояд методикаи таҳқиқот, ҷараѐни кашфиѐт, инчунин, натиҷаҳои бадастомада пурра шарҳ дода шаванд, яъне, ба ибораи дигар, мукаммалии он бо иттилооти илмӣ бояд ба сатҳи матлуб ҷавобгӯй бошад ва маводи воқеии он, аз ҷумла, руҷуъҳои амиқи таърихӣ, айниятҳо, асосноксозӣ, фарзияҳо ва тафсилоти он бо тамоми ҷузъиѐташ инъикос ѐбанд.

Дар «Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илм» тартиби пешниҳоди диссертатсия ба ҳимоя, маҳрум кардан аз дараҷаи илмӣ, барқарор кардани дараҷаҳои илмӣ, баррасии шикоят (аппеллятсия), инчунин, тартиби аз ҷониби КОА баррасӣ намудани диссертатсияҳо муқаррар шудааст. Мавриди зикр аст, ки тибқи қарорҳои Ҳукумати Федератсияи Россия 01.10.2018 ва аз 26.05.2020 ба Низомномаи мазкур тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд. Тағйироту иловаҳои ба Низомнома воридшуда ва меъѐрҳои арзѐбии мундариҷа ва сифати диссертатсияи барои дарѐфти дараҷаи илмӣ дар зербанди мазкур инъикос ѐфтаанд, ки барои осон сохтани таҳлили квалиметрӣ мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мақсади пурзӯр кардани талабот ба таҳқиқоти диссертатсионӣ ва арзѐбии онҳо ба тамоми санадҳои дахлдор соли 2021

иловаҳо ва тағйироти зарурӣ ворид намуд, ки барои квалиметрияи ин гуна таҳқиқот шароити боз ҳам мусоидтар фароҳам сохт.

Низомнома оид ба шуроҳои диссертатсионӣ талабот нисбат ба чунин шуроҳо, тартиби ташкили фаъолияти онҳо ва тамоми расмиѐти ҳимояи диссертатсияро муайян менамояд.

Дар Низомнома оид ба КОА ВИТО ФР (Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия) бошад, уҳдадориҳо ва ваколатҳои КОА инъикос ѐфтаанд. Низомнома дар бораи Шурои экспертии КОА моҳият ва функсияҳои Шурои экспертиро инъикос менамояд.

Санади дигар - Тартиби ҷойгирнамоии иттилоот дар интернет, ки барои таъмини тартиби додани дараҷаҳои илмӣ зарур аст, қоидаҳои дар интернет ҷойгир намудани иттилоотро муайян менамояд, ки барои таъмини тартиби додани дараҷаҳои илмӣ зарур аст [45].

Айни замон тамоми диссертатсияҳое, ки дар шуроҳои диссертатсионии КОА назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ҳимоя мешаванд, бояд ба талаботи «Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ва «Низомнома дар бораи Комиссияи олии аттестатсионӣ» ҷавобгӯ бошанд.

Санадҳои меъѐрии мазкур тибқи зарурати бамиѐномада мунтазам метавонанд мавриди такмил ва иловаю тағйирот қарор гиранд. Ҳадафи ин дигаргуниҳо ҳамоно такмили мундариҷа ва сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад. Дар раванди такмилѐбии санадҳои меъѐрии ҳуқуқӣ меъѐрҳо ва нишондиҳандаҳои арзѐбии таҳқиқоти диссертатсионӣ низ такмил меѐбанд, ба талабот ва шароитҳои нав мутобиқ гардонида мешаванд. Ин раванди доимӣ буда, дар ҳамбастагӣ бо дастовардҳои илмии квалиметрӣ, илмсанҷӣ ва библиометрӣ ҷараѐн мегирад ва барои такмили методология ва методикаи таҳқиқ заминаи мусоиди эҷодиро фароҳам месозад. Инро дар мисоли такмили мундариҷаи «Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илм» баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла,

меъёрҳои арзёбии диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ, ки дар Низомномаи мазкур муқаррар гардиданд, аз инҳо иборатанд:

- диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм кори илмӣ-тахассусиест, ки дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф муқаррароти назариявие коркард шудаанд, ки дар маҷмуъ, онҳоро метавон дастоварди илмӣ ё ҳалли проблемаи илмии дорои аҳаммияти муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳоҷагӣ арзёбӣ намуд ва ё дар он дастовардҳои нави илман асосноки техникӣ, технологӣ ва ё дигар натиҷаҳо, ки татбиқи онҳо дар рушди кишвар саҳми назаррас мегузоранд, инъикос ёфтаанд [42];

- диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмро ҳамчун кори илмӣ-тахассусие арзёбӣ намудан мумкин аст, ки дар он ҳалли вазифаҳои илмии барои рушди соҳаҳои дахлдори дониш ва ё натиҷаҳои илман асосноки техникӣ, технологӣ ё ҳалли дигар масъалаҳо ва коркардҳо, ки барои рушди кишвар аҳаммияти муҳим доранд, инъикос ёфтаанд [42];

- диссертатсияро муаллиф бояд мустақилона нависад, он бояд дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмие бошад, ки барои ҳимояи ошкоро пешниҳод шудаанд ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат диҳад.

Дар диссертатсияҳое, ки хусусияти амалӣ доранд, маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсия ва дар диссертатсияҳои дорои хусусияти назариявӣ тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои илмӣ оварда мешаванд. Пешниҳодоте, ки муаллифи диссертатсия манзур менамояд, бояд далелнок бошанд ва дар қиёс бо дигар пешниҳодҳои маъмул онҳоро арзёбӣ намудан имконпазир бошад.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия бояд дар нашрияҳои илмии тақризшаванда интишор ёбанд. Талабот нисбат ба нашрияҳои тақризшаванда ва қоидаҳои ташаккули номгӯйи онҳоро, масалан дар Федератсияи Россия, Вазорати илм ва таҳсилоти олии ин кишвар муқаррар менамояд. Дар мавриди мувофиқат накардани нашрияи тақризшаванда ба талаботи пешбинишуда

Вазорати мазкур онро аз рӯйхати нашриёҳои тақризшаванда бо ҳуқуқи вориднамоӣ ба муҳлати на камтар аз 3 сол хориҷ менамояд [47].

Шумораи интишороте, ки дар он натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори илм инъикос меёбанд, дар нашриёҳои тақризшаванда бояд чунин бошад: - дар соҳаи санъатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ, илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷамъиятӣ-гуманитарӣ на камтар аз 15 номгӯй; - дар дигар соҳаҳо на камтар аз 10 номгӯй [42].

Шумораи интишороте, ки дар он натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзади илм инъикос меёбанд, дар нашриёҳои тақризшаванда бояд чунин бошад: - дар соҳаи санъатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ, илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷамъиятӣ-гуманитарӣ на камтар аз 3 номгӯй; - дар дигар соҳаҳо на камтар аз 2 номгӯй [42].

Бояд зикр кард, ки вобаста ба дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа, вазъи илму маориф ва эҳтиёҷоти воқеии фаъолияти педагогӣ талаботи расмӣ нисбат ба таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ пайваста такмил меёбад. Масалан, Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия дар иртибот ба эҳтиёҷоти амалияи педагогӣ масъалаи ҷустуҷӯйи роҳу восита ва имкониятҳои баланд бардоштани сифати диссертатсияҳои педагогиро тавассути пурзӯр намудани талабот нисбат ба диссертатсияҳо, аз ҷумла, дар навбати аввал талабот нисбат ба ҳуҷҷатгузорӣ (масалан, санади татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот) ё талабот нисбат ба довталабони дараҷаҳои илмӣ (масалан, тавсифи тахассусии диссертатсия, ки дар хулосаи шурои диссертатсионӣ инъикос меёбад) ва дар маҷмуъ, пурзӯр намудани талабот нисбат ба фаъолияти шуроҳои диссертатсиониро ба миён гузоштааст.

Дар баробари ҷиддӣ гардидани талаботи расмӣ нисбат ба таҳқиқоти диссертатсионӣ шумораи асару мақолаҳо оид ба методология, методика, аз ҷумла, сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҷобаҷогузории мавод дар диссертатсия, меъёрҳо, алгоритмҳо ва нишондиҳандаҳои сифати диссертатсияҳо ва ғайра афзуд. Дар ин радиф метавон асару мақолаҳои Ф.А.

Кузин, В.С. Леднев, А.Т. Марянов, Г.А. Месятс, А.М. Плаксин, В.М. Полонский, Б.А. Райзберг, С.А. Сафонсев, Е.В. Яковлев ва дигаронро номбар намуд.

Аз ҷумла, дар дастури таълимӣ-методии Т.С. Бойко, Ю.В. Рожков «Научные работы: учебно-методическое пособие» (Корҳои илмӣ: воситаи таълимӣ-методӣ) масъалаҳои асосии вобаста ба ороиш, навишт ва омодасозии корҳои илмӣ - диссертатсияҳои магистрӣ ва номзадӣ, корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рефератҳо баррасӣ гардидаанд. Дастур барои унвонҷӯён, аспирантон, магистрантон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудааст [74].

Муаллиф Л. Ваковетс дар таҳқиқоти хеш «Диссертация как вид научного произведения» (Диссертатсия ҳамчун навъи асари илмӣ) қайд менамояд, ки кори диссертатсионӣ ҳамчун асари илмӣ вижагӣ ва моҳияти бағоят ба худ хос дорад. Он аз дигар асарҳои илмӣ, пеш аз ҳама, бо он фарқ мекунад, ки дар низоми илмҳо функсияи тахассусиро анҷом медиҳад. Яъне, кори диссертатсионӣ барои омодагӣ ба ҳимояи ошкоро ва гирифтани дараҷаи илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии муаллиф дар ин маврид намоиши тахассуси илмӣ ва мустақилияти маҳорат аст [76].

Дар монографияи Н.А. Вершинина «Структура педагогики: методология исследования: монография» (Сохтори педагогика: методологии таҳқиқоти монографӣ) [78] тасаввуроти назариявӣ оид ба фанни мазкур мураттаб сохта шуда, дар ин замина, сохтори педагогика асоснок ва методология ва мавзуоти таҳқиқоти квалиметрӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, нисбат ба таҳлили сохтори педагогика муносибати фаннӣ коркард шуда, механизми рушди фанҳои мушаххаси педагогӣ ошкор ва марҳилаҳои рушди онҳо пешниҳод гардидааст. Асари мазкур барои муҳаққиқони самти рушди фанҳои педагогӣ ва ҳамаи онҳое, ки ба квалиметрияи педагогӣ таваҷҷуҳ доранд, инчунин, донишҷӯён ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти касбии педагогӣ муфид мебошад.

Китоби Ю.Г. Волков «Как защитить диссертацию: новое о главном» (Чӣ тавр диссертатсияро ҳимоя намоем: навгониҳо дар бораи чизҳои асосӣ) барои онҳое пешниҳод шудааст, ки дар шароити мураккабшавии талабот нисбат ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илм талош меварзанд ва новобаста ба мушкилот ҷиҳати расидан ба мақсад – соҳиб шудан ба дараҷаи илмӣ кӯшиш мекунанд. Дастури мазкур ба онҳое, ки дар марҳилаи басо муҳим - пешдифоъ қарор дошта, барои бартараф намудани мушкилоти ҳамин марҳила ва бевосита ҳимояи диссертатсия талош меварзанд, дахл дорад. Ба андешаи ин ҷониб, дар китоби мазкур тамоми нозукиву нуктаҳои раванди омодагӣ ба ҳимоя ва худи ҳимоя алоқаманд инъикос наёфтаанд, зеро ҳар як шурои диссертатсионӣ ва муассисаи илмӣ дорои қоидаву анъанаҳои барои худ хос дар ташкили таҳқиқоти илмӣ ва ҳимояи диссертатсия мебошад. Мақсади дастури мазкур кумаки ҳамаҷониба расонидан ба унвонҷӯ ва роҳбари илмии ӯ дар омодасозӣ ва ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди мураккабшавии талаботи комиссияҳои олии аттестатсионӣ нисбат ба корҳои ҳимояшаванда ва ташкили фаъолияти шуроҳои диссертатсионие мебошад, ки тибқи нишондоди меъёрӣ масъулияти асосӣ нисбат ба сифати диссертатсияҳои ҳимояшуда ба дӯши онҳо вогузор шудааст [79]. Дастури мазкур, пеш аз ҳама, барои унвонҷӯён, мушовирон ва роҳбарони илмӣ пешбинӣ шуда, ҳамзамон, онро метавон дар менеҷменти диссертатсионӣ ба сифати дастур барои аъзо ва роҳбарони шуроҳои диссертатсионӣ истифода намуд.

Дар маълумотномаи Н.И.Загузов «Докторские диссертации по педагогике и психологии» (Диссертатсияҳои докторӣ оид ба педагогика ва психология) муаллиф довталабони дараҷаҳои илмиро бо намудҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, талаботи методологӣ барои муайян намудани ҷузъиёти асосии диссертатсия, қоидаҳои нашри натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар нашрияҳои илмӣ, технологияи корҳо ва тартиби пешниҳоди кори диссертатсионӣ ба ҳимоя шинос менамояд [84]. Дар ин маълумотнома тарҳи ороиши дурусти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ инъикос ёфтааст. Муаллиф аз

диссертатсияҳое, ки КОА Федератсияи Россия тасдиқ намудааст, мисолҳо овардааст. Бо сабабҳои маълум, ному насаби унвонҷӯён ва мавзуи кори илмии онҳо нишон дода нашудаанд. Илова бар ин, аз баъзе иштибоҳоти қолабӣ, ки ҳангоми экспертизаи диссертатсияҳои номзадӣ ба назар мерасанд, намунаҳо оварда шудаанд. Дар замимаи он, инчунин, талаботи асосӣ нисбат ба диссертатсияҳо оид ба педагогика, нусха аз асноди меъёрии ҳуқуқӣ, маслиҳатҳои муфид оид ба омодасозии аснод ба ҳимоя ва луғат-маълумотномаи мафҳумҳо ва истилоҳоти асосӣ, ки ҳангоми омодагӣ ва ҳимояи диссертатсия истифода бурда мешаванд, инъикос ёфтаанд.

Дар китоби муаллифон А.А. Захаров ва Т.Г. Захарова «Как написать и защитить диссертацию» (Чӣ тавр диссертатсия нависем ва онро ҳимоя намоем) [89] ғояҳо, андешаҳо, тарзу усулҳои амалӣ, методӣ, технологӣ ва маслиҳатҳои зарурӣ ба кормандони илмӣ, унвонҷӯён, аспирантон ва донишҷӯён зикр шудаанд. Муаллифон моро зина ба зина ба тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва тайёркунии кори илмӣ-эҷодӣ шинос намуда, оид ба тарзу усулҳои омодасозии ҳуҷҷатҳо, ирсоли онҳо ба мақомоти дахлдор, истифодаи ҳуруфи англисӣ дар кори илмӣ ва нуктаҳои дигари марбут ба таҳияи рисолаҳои илмӣ маълумот медиҳанд.

Оид ба усулҳои таҳқиқот қайдҳои мухтасари муҳаққиқон, аз қабили Куан Чой зери унвони «Как опубликоваться в престижных журналах?» (Чӣ тавр дар маҷаллаҳои бонуфуз нашр намоем?) барои тамоми олимони пажӯҳишҳои академӣ судманд аст. Ин роҳнамо фарогири андешаҳоест, ки барои муаллифони муосир манфиатовар мебошад. Мақсади он мусоидат намудан ба манфиати ҳар чи бештари муҳаққиқон аст. Агар довталаби дараҷаи илмӣ тибқи аксари  ин қоидаҳо амал намояд, эҳтимоли болоравӣ дар мансаб ё соҳиби вазифаи нав гардидан ба маротиб меафзояд. Агар аксари муаллифон малакаҳои асосии дар ин дастур инъикосёфтаро аз худ кунанд, он гоҳ онҳо на барои худнамоӣ, балки  барои ҷолибият, поквиҷдонӣ ва дурустии ғояҳои худ рақобат хоҳанд кард [102].

Чунонки болотар ҳам таъкид гардид, дастури амалии Ф.А. Кузин «Кандидатская диссертация. Методика написания, правила оформления и порядок защиты» (Рисолаи номзадӣ. Методикаи таълиф, қоидаҳои барасмиятдарорӣ ва тартиби ҳимоя) аввалин кӯшиш барои баррасии тамоми раванди омодагӣ ва пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад. Дар он техникаи асосӣ, методика ва методологияи кори илмӣ, тарзу усулҳои навиштани вариантҳои сиёҳнавис ва асосии диссертатсия, инчунин, қоидаҳои ороиши маводи ранга ва матн бо дарназардошти талабот нисбат ба дастнависе, ки ба чоп супорида мешавад, инъикос ёфтаанд. Дар дастур методикаи тартибдиҳии автореферати кори диссертатсионӣ ва тартиби ҳимояи расмии он ба таври муфассал тасвир ёфтааст. Дар қиёс аз дигар китобҳое, ки ба ҳамин мавзуъ бахшида шудаанд, дар ин дастур диссертатсия аз нигоҳи китобшиносӣ баррасӣ гардида, новобаста аз он ки диссертант барои кадом дараҷаи академӣ ё илмӣ довталаб аст, он ҳамчун намуди махсуси асари илмӣ, ки дар он таҳқиқоти илмӣ тавассути васоити адабиёт инъикос меёбад, арзёбӣ гардидааст [104]. Дастур барои унвонҷӯён, аспирантон, магистрантон ва роҳбарони илмии онҳо пешбинӣ шудааст. Он, инчунин, барои докторантон ва ҳамаи онҳое, ки сатҳи фарҳанги кори илмии хешро баланд бардоштан мехоҳанд, муфид мебошад.

Дар мақолаи илмии В.В. Краевский «Методологическая рефлексия» (Рефлексияи методологӣ) ва дастури ӯ «Методология педагогики: пособие для педагогов-исследователей» (Методологияи педагогика: воситаи таълимӣ барои педагогҳо-муҳаққиқон) тамоюлоти дарки кори илмӣ, ки ба мантиқи таҳқиқот, пеш аз ҳама, диссертатсия, тавсифоти асосноксозии он - мавзуъ, объект ва предмет, мақсаду вазифаҳо, фарзияҳо ва нуктаҳои асосии ҳимояшаванда ва амсоли ин равона шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Онҳоро метавон дар машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ, инчунин, барои таҳияи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатми донишҷӯён истифода бурд [99, 84].

Ҳамзамон, барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ва арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Ю.В. Алексеев [69], Н.И. Аристер [71], В.С. Леднев [106] алгоритмҳо ва методикаҳои гуногун пешниҳод гардиданд. Айни замон аксари ин талаботи методологӣ дар низоми мукаммали экспертиза истифода бурда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки дар ҷумҳурии мо низ соли 2022 Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои тақризшаванда» қабул гардид, ки кори муҳаққиқонро дар таҳия ва таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле осон намуд.

Бояд таъкид дошт, ки дар оғози асри XXI баробари афзудани шумораи умумии ҳимояи диссертатсияҳо оид ба илмҳои педагогӣ дар байни намояндагони соҳаи педагогика тадриҷан руҳияи қаноатманд набудан аз сифати диссертатсияҳо низ авҷ гирифт, ки он дар санадҳои расмӣ ва андешаи олимону мутахассисони варзидаи квалиметрияи педагогӣ, ба монанди Н.В. Бордовская, В.И. Загвязинский, Н.И. Загузов, В.В. Краевский, М.Н. Новиков, В.В. Сериков, В.А. Сластенин, Д.И. Фелдштейн инъикос меёбад.

Дар китоби Н.А. Вершинина ва дигарон - «Современное диссертационное исследование по педагогике: оценки качества. Книга для эксперта» (Таҳқиқоти муосири диссертатсионӣ оид ба педагогика: арзёбии сифат. Китоб барои эксперт), масалан, масъалаҳои арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба педагогика таҳлил карда шудаанд, ки барои мушаххасгардонии низоми мавҷудаи ташхис ва ба он ворид намудани илова ва тасҳеҳот имкон фароҳам меорад. Дар ин асар, инчунин, ба таҳлили масъалаҳои дарки моҳияти таҳқиқоти диссертатсионӣ, арзёбии он дар қаринаи рушди донишҳои назариву илмӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардидааст. Мавқеи муҳаққиқ ҷиҳати истифодаи дониш оид ба амсилаҳои рушди илм, ки дар фалсафа барои рушди донишҳои илмӣ ва дар диссертатсияҳо оид ба

педагогика андӯхта шудаанд, баррасӣ гардидаанд [77]. Китоби мазкур барои довталабони дараҷаҳои илмӣ, роҳбарони илмӣ, мушовирони илмӣ, коршиносон ва аъзои шуроҳои диссертатсионӣ таъин шудааст.

Мавриди зикр аст, ки олимони тоҷик И.Х. Каримова, М. Лутфуллоев, С.Сулаймонӣ, Ф. Шарифзода ва дигарон низ оид ба масъалаҳои методологияи илмҳои педагогӣ, робитаи дастовардҳои илмӣ ба амалияи педагогӣ, баланд бардоштани сифати таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи педагогика, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асару мақолаҳои илмӣ ибрози назар намудаанд.

Дар ин росто, бояд қайд намуд, ки ба раванди такмили талаботи расмӣ нисбат ба сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кишвари мо ташаккулёбии шуроҳои диссертатсионӣ ва фаъолияти пурсамари онҳо таъсири мусбат расонидааст. Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат зарурати таҷдиди назар намудани талаботи методологӣ ва расмӣ нисбат ба таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба вуҷуд омад. Бо тақозои ҳамин ниёзи ҷомеа ҷиҳати таъмини рушди илми ватанӣ, муаррифии неруи зеҳнӣ ва дастовардҳои илмии олимони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ дар мамлакат як силсила тадбирҳои амалӣ андешида шудаанд. Таъсиси муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 255, аз 12 августи соли 2014) [52] таҳия ва тасдиқи шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти минбаъдаи он, таъсиси шуроҳои диссертатсионии ватанӣ дар соҳаи педагогика, шурои экспертии самти илмҳои «Таҳсилот» ва низомномаи намунавӣ дар бораи фаъолияти онҳо аз ҷумлаи чунин тадбирҳо ба шумор рафта, дар боби чоруми диссертатсия оид ба ин масъала маълумоти муфассал дода шудааст.

Дар ҳар сурат, мушкилоти сифати таҳқиқоти диссертатсионии педагогӣ то ҳол хеле доғ боқӣ мемонанд. Оид ба ин масъала андешаҳои як қатор муҳаққиқон аз Федератсияи Россия хеле ҷолиб буда, дар онҳо сабабҳои

мавҷудияти чунин норасоиҳо ва роҳҳои беҳтар намудани сифати диссертатсияҳо дар соҳаи педагогика зикр гардидаанд, ки барои шароити кишвари мо низ мутобиқ мебошанд. Аз ин рӯ, бо такя ба мулоҳизоти Д.И. Фелдштейн ва Н.В.Баришников мехостем чанд андешаи худро оид ба ин мавзуъ баён созем.

Фелдштейн Давид Иосифович – раиси Шурои экспертии КАО Федератсияи Россия, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Россия дар маърузаи худ «Проблемы качества психолого-педагогических диссертационных исследований, их соответствие современным научным знаниям и потребностям общества» (Мушкилоти сифати таҳқиқоти дисертастионии психологӣ-педагогӣ, мутобиқати онҳо ба донишҳои муосири илмӣ ва эҳтиёҷоти ҷомеа) сабабҳои объективӣ ва субъективии мушкилоти мавҷударо муайян кардааст. Ба ақидаи ӯ, сабаби асосии объективӣ дар ин самт ин, пеш аз ҳама, вазъи муосири худи илм мебошад, ки куллан тағйир ёфта, мақоми он дар ҷомеа дигаргун гаштааст. Аз чунин сабабҳо тағйиротро дар мавқеи ҷаҳонбинии шаҳрвандон низ ҳисобидан имкон дорад. Сабаби дигари объективиро Д.И. Фелдштейн дар тарбияи амалии кадрҳо дида, қайд намудааст: «Ба ғайр аз он одамоне, ки ба илм меоянд, зеро бе он ҳаёти худро тасаввур карда наметавонанд, ҳоло тудаи ашхосе ба илм меоянд, ки онро ҳамчун воситаи болобарии мақоми иҷтимоӣ меҳисобанд... » [368].

Сабабҳои субъективии мушкилоти сифати таҳқиқоти диссертатсионии психологӣ-педагогиро Д.И. Фелдштейн чунин арзёбӣ намудааст: «...омодагии сусти диссертантҳо, ... гум кардани масъулият ҳам аз ҷониби довталабони дараҷаи илмӣ, ҳам аз ҷониби шахсоне, ки онҳоро ба фаъолияти илмӣ талқин мекунанд... » [368].

Вобаста ба ин, қобили зикр аст, ки айни замон дар кишвари мо низ шумораи зиёди диссертатсияҳо оид ба ихтисосҳои педагогиро нафароне ҳимоя мекунанд, ки дар соҳаи илм фаъолият доранд. Аммо дар даҳсолаи охир, шумораи зиёди устодону маъмурони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ, мутахассисони марказҳои илмӣ-методӣ ва мақомоти

идоракунии соҳаи маориф ва кормандони соҳаҳои дигар низ диссертатсия ҳимоя кардаанд.

Мушкилоти ҷойдоштаро дар таҳия, таълиф ва ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионии психологӣ-педагогӣ, дар маҷмуъ, ба эътибор гирифта, Д.И. Фелдштейн барои ҳалли онҳо чунин пешниҳодҳо намудааст: 1) бояд меъёрҳои баҳогузорӣ дақиқан муайян карда шаванд, вале на танҳо барои кори илмӣ, ки дар мавзуи мушаххас метавонад компилятсияи муваффақона бошад, балки барои баҳогузории омодагии худи довталаб барои фаъолияти илмӣ низ муфид аст; 2) қоидаҳои муқарраршуда оид ба роҳ додани таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ҳимоя қатъин риоя карда шаванд, аз ҷумла оид ба микдор ва ҳаҷми маводи чопшуда ва дар ин ҳолат ба омехтакунии монографияи илмӣ (ки бояд дар он проблемаи эълоннамудаи диссертант гузошта шуда, ҳалли худро ёфта бошад) бо маҷмуаи мақолаҳо ва ё брошюраи ӯ роҳ дода нашавад; 3) «...дақиқан, якмаъно масъулияти кафедраи довталабро бароранда дар самти тасдиқи мавзуи таҳқиқот, сифати кори роҳбари илмӣ ва ташхиси диссертатсия муайян кардан зарур аст» [368]; 4) «ба таври воқеӣ масъулияти шуроҳои диссертатсионӣ, роҳбарони илмӣ, муқарризон ва муассисаҳои пешбар боло бурда шавад ва муқаррар карда шавад, ки дар сурати рад намудани як диссертатсияи докторӣ ва ду диссертатсияи номзадӣ, ки онҳо тавсия намудаанд, онҳо ба муҳлати аз 3 то 5 сол аз ҳуқуқи бурдани фаъолият дар самти омодасозии кадрҳои илмии дараҷаи олӣ маҳрум карда мешаванд» [368]; 6) таҷрибаи таъин кардани мушовирони илмӣ ба диссертатсияҳои докторӣ қатъ карда шавад; 7) ба сохтори имтиҳони минимуми номзадӣ имтиҳон аз назарияи маърифат ворид карда шавад; 8) «Ва, аз ҳама муҳим, дар ниҳояти кор, вазъи тоқатнопазирӣ нисбат ба фаъолияти қарибилмӣ дар муҳити илмӣ бунёд карда шуда, ба ҳаваскорӣ (профанатсия) роҳ дода нашавад ва барои ҳифзи шаъну эътибори корманди илмӣ мубориза бурда шавад» [368].

Профессор Н.В. Баришников бошад, роҳҳои болобарии сифати диссертатсияҳоро оид ба илмҳои педагогӣ ва психологӣ вобаста аз

амалисозии чунин тадбирҳо медонад: «- таъини ҳатмии на камтар аз се муқарриз ҳангоми муҳокимаи кори илмӣ дар кафедра бо мақсади тавсия кардани он ба ҳимоя; - такроран муҳокима намудани матни диссертатсия баъд аз такмили он; - бекор кардани муқаррароти «диссертатсия бо дарназардошти мулоҳизаҳои пешниҳодшуда ба ҳимоя тавсия карда мешавад»; - хориҷ кардан аз рӯйхати корҳои илмии нашрнамудаи довталаб он маводеро, ки ҳаҷми камтар аз 0,4 ҷузъи чопӣ доранд ҳамчун маводи ба жанри мақола мувофиқатнадошта; - ташхиси ҳатмии матни диссертатсия тавассути барномаи «Антиплагиат» [73].

Як мушкилии дигаре, ки зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кишварҳои собиқи шуравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон ба назар мерасад, ин рӯ овардани муҳаққиқон ба асардуздӣ (сирқат, плагиат) мебошад. «Мушкилоти асардуздӣ, мутаассифона, дар илм аз «ибтидои вақт» бардошта шудааст. Вале як хатари асосии асардуздӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ... он аст, ки олими аз ҷиҳати илмӣ поквиҷдон набуда, як бор дурӯғ гуфта, худро ба ғуломии минбаъдаи якумрӣ ба ин сустии худ маҳкум мекунад» [115, 7].

КОА Федератсияи Россия дар ин самт амалҳои зеринро ба ҳайси асардуздӣ эътироф кардааст: 1) иқтибосоварӣ бе нишон додани манбаъ; 2) компилятсия; 3) истифодаи айнани маводи худ, ки дар диссертатсияи номзадӣ мавҷуданд, ҳангоми таълифи рисолаи доктории худ [115, 13-39] ва ғайра. Роҳи ягонаи мубориза бо асардуздӣ бошад, пурзӯр кардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ин самт ва пайваста аз таҳлили методӣ, аз ҷумла бо истифода аз квалиметрия гузаронидани сатҳи асолати ҳама гуна таҳқиқоти илмӣ, махсусан, таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад. Бо сабабҳои дар боло зикршуда ҳалли ин масъала дар ҷумҳурии мо низ андешидани чорабиниҳои заруриро тақозо мекунад. Ин вазъ бошад, бори дигар мубрамияти мавзуи таҳлили квалиметрии таҳқиқоти диссертатсиониро дар Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки тасаввурот оид ба диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти илмӣ, ки ба сифати арзёбии сатҳи тахассусии муаллифи он хизмат мекунад,

барои фаъолияти экспертизаи муосир мушкилот ба миѐн меорад: арзѐбии сатҳи тахассусии унвонҷӯ тибқи натиҷаҳои бадастомада ғаримустақим сурат гирифта, дар хулоса оид ба мутобиқати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба меъѐрҳо қайд мегардад. Ҳол он ки дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ, ҷомеаи донишпазир матлубияти илмии диссертатсия ҳамчун сарчашмаи дониши нав ва ҳамчун воситаи рушди донишҳои илмӣ ба мақоми аввал мебарояд.

Дар баробари ин, қаноатманд набудан аз сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ моро водор менамояд, ки нисбат ба вусъати проблемаҳои педагогӣ ҷиҳати арзѐбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ роҳу воситаҳо ва муносибати навро ҷустуҷӯ ва дарѐфт намоем, тасаввуротро оид ба таъинот ва нақши диссертатсияи педагогӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ тағйир диҳем, тамоюлоти методологии раванди арзѐбии сифати онро дигаргун созем, ки ин, дар навбати худ, масъалагузориро нисбат ба проблемаи таҳқиқот тағйир медиҳад.

Дар ин росто, муайян намудани тамоюлоти методологии арзѐбии сифати таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла, дар заминаи дастовардҳои квалиметрия, ки ҳамчун воситаи рушди илмҳои педагогӣ ва арзѐбии сатҳи тахассусии муаллифи он хизмат мекунанд, ба мақсад мувофиқ аст ва дар ин бора дар зербоби оянда сухан меравад. Дар ин ҷо танҳо ҳаминро қайд менамоем, ки бо мақсади квалимтерияи таҳқиқоти диссертатсионӣ бояд унсурҳои таркибии диссертатсия мушаххас карда шаванд. Инро метавон дар асоси “Системаи стандартҳо оид ба иттилоот, китобхонашиносӣ ва кори нашриявӣ. Диссертатсия ва автореферати диссертатсия. Сохтор ва қоидаҳои барасмиятдарорӣ” (Система стандартов по информации, библиотечному и издательскому делу. Диссертация и автереферат диссертации. Структура и правила оформления) [50] дақиқ намуд. Тибқи ин стандарт диссертатсия ба ҳукми дастнавис аз унсурҳои зерин иборат мебошад: а) варақаи унвонӣ; б) мундариҷа; в) матни диссертатсия. Худи матни диссертатсия бошад, аз чунин қисматҳо иборат аст: 1) муқаддима; 2) қисмати асосӣ; 3) хулоса; 4) номгӯйи

ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ; 5) луғати истилоҳот; 6) рӯйхати адабиёт; 7) рӯйхати маводи мусаввир; 8) замимаҳо [50, 2].

Дар баробари ин, ба матни диссертатсия талаботе мавҷуд аст, ки он муқаррароти зеринро дар бар мегирад: 1) муқаддимаи диссертатсия бояд чунин унсурҳо дошта бошад: мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, методология ва методҳои таҳқиқ, нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд, дараҷаи эътимоднокӣ ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот; 2) матни диссертатсия бояд ба боб ва зербобҳо тақсим карда шавад; 3) дар хулоса ҷамъбасти таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳо ва дурнамои коркарди минбаъдаи мавзуъ инъикос карда мешаванд [50, 3]. Хушбахтона, дар ҷумҳурии мо низ чунин талабот дар санади «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои тақризшаванда» зикр гардидаанд.

Аз нуқтаи назари мо, квалиметрияи таҳқиқоти диссертатсионӣ бояд маҳз дар асоси таҳлили тамоми унсурҳои дар боло зикршуда гузаронида шавад. Аз ин рӯ, дар боби сеюми диссертатсия мо зимни квалиметрияи таҳқиқоти диссертатсионии дар шуроҳои диссертатсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳавӣ, Шурои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Шурои диссертатсионии ватании назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон анҷомдодашуда ба ҳамин нукта такя намудаем.

Ҳамин тавр, таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки ташаккулёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи фаъолияти илмӣ-педагогии дастаҷамъӣ ба вуқуъ омадааст, ки дар ибтидо характери ғайрирасмӣ, ҷамъиятӣ дошта, баъдтар ба яке аз вазифаҳои давлатӣ табдил ёфт. Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ, ки дар он дониш ва истифодаи оқилонаи он арзиши баландро соҳиб мегардад, нақши ҳар як восита ва тарзҳои андӯхти

дониш дар ҳаёти афроди ҷомеа баланд мегардад, ки аз ин радиф таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба педагогика низ истисно нест.

Дар маҷмуъ, имрӯз таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ мақоми махсусро касб кардааст. Вале ба ин нигоҳ накарда, ба андешаи диссертант, барои таҳким бахшидани заминаи методологӣ ва расмии таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом додани корҳои зерин мувофиқи матлаб мебошад:

- омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи консепсияҳои муосири илмии ватанӣ ва хориҷӣ;

- коркарди нишондиҳандаҳо, алгоритмҳо, меъёрҳои нави арзёбии мубрамият, навгонӣ, фарзияи илмӣ, натиҷаҳои назариявӣ ва амалии тақиқоти диссертатсионӣ;

- дар раванди арзёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷорӣ намудани меъёрҳои квалиметрӣ, библиометрӣ ва илмсанҷӣ;

- дар нақшаҳои таълимии зинаҳои магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос ба роҳ мондани омӯзиши фанҳои нав, аз қабили «Асосҳои квалиметрияи педагогӣ», «Библиометрияи педагогӣ», «Сарчашмашиносии илмӣ»;

- ба сифати меъёри арзёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷорӣ намудани «индекси иқтибосоварӣ», мавҷудияти интишороти унвонҷӯ дар нашрияҳои байналмилалӣ, ба монанди SCOPUS , WEB of science ва ғайра;

- ҷалби коршиносони варзида ва собиқадор ба ҳайати шуроҳои диссертатсионӣ ва экспертӣ;

- ҳангоми таҳияи номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи мушаххас ҷалб намудани олимону мутахассисони шинохтаи соҳавӣ ва ба инобат гирифтани тамоюлоти рушди илмҳои педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии педагогӣ ҳамчун кори тахассусии илмӣ барои ҳимояи ошкоро пешниҳод мегардад ва таърихи мухтасари пайдоиш ва рушди он нишон медиҳад, ки он яке аз воситаҳои муҳимми

рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар соҳаи педагогика мебошад. Бо ин мақсад омӯзиши сохтор ва муҳтавои он метавонад барои арзёбии вазъи таҳқиқоти педагогӣ ва муайян сохтани дурнамои рушди педагогика ва илмҳои ин соҳа мусоидат намояд. Ҳамзамон, камбудиҳои мавҷуда дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ тақозо менамоянд, ки моҳияти онҳо ошкор шуда, барои рафъи норасоиҳо тадбирҳои саривақтӣ андешида шаванд. Барои иҷрои ин вазифаи муҳим бошад, таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти педагогӣ бо истифода аз тамоми роҳу услҳои арзёбӣ, махсусан, тавассути таҳлили квалиметрӣ нақши назаррасро метавонад иҷро намояд. Бо ин мақсад дар зербоби оянда квалиметрия ҳамчун самти муҳимми арзёбии таҳқиқоти педагогӣ ва роҳҳои муассири истифода аз он мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

### 1.3. Квалиметрия самти муҳимми арзёбии таҳқиқоти педагогӣ

Дар ин фасли таҳқиқоти худ мо ба тавзеҳи мафҳуми «квалиметрия» таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳамчун воситаи асосии таҳқиқ истифода намудани онро дар доираи илмҳои педагогика ва ба ҳайси воситаи арзёбии таҳқиқоти педагогӣ таъкид менамоем. Дар баробари ин, баъзе мафҳумҳои илмӣ, ки характери умумиилмӣ ва ҳам вижагиҳои хоси илми педагогикаро ифода мекунанд, мавриди таҳлилу тавзеҳ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, дар ин қисмат кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди пажӯҳишҳо, ҷойгоҳи квалиметрия дар таҳқиқоти илми педагогикаи миллии тоҷик, инчунин, таҳаввули таҳқиқоти педагогӣ дар низоми муносибатҳои навин ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гиранд. Муаллиф дар натиҷаи ин намунаҳои таҳлили квалиметриро пешниҳод намудааст.

Агар ба таърихи квалиметрия назар афканем, масъалаҳои басо мубрам ва ҷолиберо метавон мушоҳида намуд. Худи ин мафҳум, аслан, таърихи басо тӯлонӣ дорад ва онро, бешак, метавон ба мавзуи таснифоти илмҳо, ки дар таърихи гузаштаи илми тоҷик ба назар мерасад, нисбат дод. Чунонки аз сарчашмаҳои илмӣ маълум аст, таснифоти илмӣ қаблан дар нигоштаҳои

олимону донишмандони шарқи исломӣ ба назар мерасид ва намунаи беҳтарини он китоби «Ал-феҳрист»-и Ибни Надим (с.ваф. 995-998) аст [123].

Бинобар ин, китоби «Ал-феҳрист»-и Ибни Надим аз он сарчашмаҳоест, ки онро метавон ба ҳайси яке аз манбаъҳои аввалини квалиметрӣ марбут донист. Ин нуктаро бояд зикр кард, ки муаллиф худ китобдор буда, ҳамзамон, ба ҷилд кардан (муқова кардан)-и китобҳо, тарҷума, китобат ва фурӯши китобҳои гуногун низ машғул мегардид. Тибқи маълумоти муҳаққиқон Ибни Надим китоберо дар бораи фатҳи дижу қалъаҳо, ки мансуби аҳди Сосониён буд, аз забони паҳлавӣ (порсии миёна) ба арабӣ тарҷума кардааст. Ӯ дар китоби худ «Ал-феҳрист» аввалин шуда, китобҳои дар замони зиндагиаш мавҷудбударо, ки омӯхтааст, дар шакли феҳрист тасниф ва таҳия кардааст. Китоб аз шарҳи пайдоиши забону хат, қаламу коғаз оғоз мегардад.

Яъне, гузаштагони мо дар густаришу рушди илм мақому мартабаи хоссаеро касб карда буданд, ки оид ба он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои солонаи худ басо бамаврид таъкид намудаанд: «Мо миллати фарҳангӣ, тамаддунсоз ва аз насли ориёӣ буда, бояд ба таърихи гузаштаамон ҳар чи бештар рӯ оварем ва дар қалби фарзандонамон меҳри китобхонӣ ва ҷустуҷӯйи илму донишро ҷой кунем. Ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ бо дарназардошти завқи наслҳои имрӯза аз муҳимтарин вазифаҳои мо дар замони муосир ба ҳисоб меравад... Ба оламиён муаррифӣ кардани осори илмиву адабӣ ва намунаҳои фарҳанги тоҷикон ҳамчун миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз, шаҳрсозу шаҳрдор ва соҳиби девону дафтар аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини мо ба ҳисоб меравад. Яъне, мо бояд фарҳангӣ будани миллати худро ба ҷаҳониён бештар муаррифӣ намоем» [3, 28-29].

Аксаран, пеш бурдани таҳқиқу пажӯҳиш ба хотири равшан сохтани як самти торику норавшан, ҳамвор кардани як роҳи мушкилгузар ва сабук кардани як душвориву ошкор сохтани як муаммо ва дарёфти ҷавоб барои як

суол мушкил аст. Бинобар ин, бидуни ҳадаф ва як барномаю накшаи қаблан таҳиягардида наметавон иқдоме дар ин самт гузошт. Олиму таҳқиқгар барои расидан ба асли масъала ва умуман, барои дарёфти ҳақиқат бояд марҳилаҳои муайянеро тай кунад ва таҳқиқоти худро пурра ба анҷом расонад. Ин нукта ба масъалаи квалиметрия низ дахл дорад, зеро ҳадафи он мушаххас намудани арзишҳои илмӣ ба шумор меравад. Чунонки муҳаққиқи илмсанҷии соҳаи илмҳои педагогика С.А. Сафонсев таъкид мекунад, «раванди илмсанҷӣ ба роҳи ҳалли имконпазир пеш бурдани шеваи тафаккуру андеша аст, ки бо далелҳо ва факту рақамҳо исботи худро меёбад ва ҳамзамон, бо роҳи мушоҳида, озмоиш ва хулосабарориҳо матраҳ мешавад» [315].

Маъмулан, илмсанҷӣ (бо забони русӣ – наукометрия) ва квалиметрия дар сарчашмаҳои гуногун бо дарназардошти махсусиятҳои ба худ хос мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта, фарқҳои онҳо низ шарҳ ёфтаанд. Аммо ин нуктаро бояд зикр кард, ки агар квалиметрия, асосан, барои санҷиши сифати ҳама гуна маҳсулоту натиҷагирӣ ва ҳатто, хизматрасонӣ равона шуда бошад, илмсанҷӣ яке аз намудҳои квалиметрия танҳо дар санҷишу баҳодиҳии дастовардҳои илмӣ маҳсуб мегардад. Маҳз барои ҳамин дар диссертатсия дар мавридҳои ҷудогона ин ду мафҳум ба вазифа ва маъниҳои ба ҳам наздик истифода хоҳанд шуд.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки пажӯҳиш ва таҳқиқ ба мисли ҳар гуна фаъолияти дигари илмӣ дорои роҳу равиш ва шеваҳо, ҳамчунин, усулу қоидаҳои махсус аст, ки пайравӣ аз ин меъёрҳо барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ба пажӯҳишгар кумак мекунад. Усул ва роҳу равиши таҳқиқ то имрӯз дар миёни муҳаққиқон мавриди баҳсҳои тӯлонӣ қарор гирифтааст, вале вазифаи ҳамаи таҳқиқгарон расидан ба ҳадафҳои умумии илмӣ аст. «Аммо ҳамаи онҳо дар талоши илмии худ усул ва қоидаҳои куллӣ ва умумиро риоят мекунанд. Ҳар кас бо шева ва фанни хосе ошно аст ва аз техникаи муайяне, ки худ дар тӯли муддати талоши хеш пайдо кардааст, истифода мекунад ва ин амр сабаби он шудааст, ки ҳанӯз қоида ва равиши

стандарт ва мизоншуда, ки мавриди пазириш ва амали ҳамаи муҳаққиқон бошад, мавҷуд нест» [173, 3].

Аз ин хотир, гуфтан мумкин аст, ки ҳанӯз дар андозагириҳои илмӣ ва арзишгузориву арзёбиҳои илмӣ нуктаҳои мавриди баҳс зиёданд, вале санҷиши дурустиву самаранокии ин ҳамаро, дар маҷмуъ, тавассути истифода аз илми квалиметрия ва бо тартибу меъёрҳои ба он хос метавон хубтар роҳандозӣ намуд. Дар ин замина донишҳои муосир дар якҷоягӣ бо равиши илмӣ иборат аз таҳқиқи воқеият, падидаҳои табиат ва қонунияти ҷомеа мебошад. Дар ин росто, имрӯз квалиметрия низ бар асоси шинохти қонунҳои амалкунанда бар падидаҳои ҳастӣ ва тафаккур устувортар мегардад. Дарвоқеъ, квалиметрия бар хилофи он ки дар аҳди пешин буд, маҷмуаи меъёрҳоест, ки ба хости инсон ва ба мавриди ниёзи фикри инсонӣ муназзам шуда, донишу қонунҳои умумии табиату ҷомеа ва тафаккурро фаро гирифтааст. Яъне, ба таври умум, он маҳсули андешаи инсонӣ аст. Аз ин рӯ, дар бораи квалиметрия ва равишҳои он ҳаминро бояд зикр намуд, ки донишмандон дар баробари офаридани равишҳои квалиметрия роҳҳои дигари шинохти ҳастиро бо диди равшан ва зеҳни қавӣ таҳти таҳқиқ қарор медиҳанд ва барои шинохти ҳамешагии ин ҳама талош меварзанд. Ҳамин тавр, квалиметрия дорои ҳадафи хосу муназзам, қоидаи махсуси хеш буда, марҳилаҳои таҳқиқ тибқи шеваю роҳҳои муайяншуда ва ба тартиби мушаххаси илмӣ ва натиҷагириҳои амалӣ роҳандозӣ мегардад, ки мақсади ниҳоӣ аз ин ҳама ба даст овардани натиҷаҳои матлуб ва самарбахш дар самти муайянсозии сифати таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Дар баробари ин, зарурати андозагирӣ дар риштаҳои гуногуни пажӯҳишу таҳқиқотро ба инобат гирифта, квалиметрия барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо, истеҳсоли молу маҳсулот ва ҳама гуна натиҷагириҳои соҳаҳои саноату истеҳсолот воситаи бениҳоят арзишманди боло бурдани сифат ба шумор меравад [129].

Квалиметрия ва таҳқиқоти квалиметрӣ дар даврони муосир бо такя ба таҷрибаи гузаштаи илмсанҷии даврони пешин ва бо дастуру заминаҳои нави

методологӣ рушду таҳаввул ёфтааст. Аз ин рӯ, дар илми муосири башарӣ квалиметрия мавқеъ ва мақоми болотар пайдо намуда истодааст.

Бешубҳа, ҳар як соҳаи илм роҳест, ки равишҳои гуногуни илмӣ дошта, маҳз ҳамин равишу усул ва роҳҳои пажӯҳиш барои як ваҳдати илмӣ замина фароҳам меоварад. Яке аз ҳадафҳои квалиметрия низ бар он далолат мекунад, ки дар улуми башар андозагириву равишҳо новобаста ба риштаҳои гуногуни илмӣ умумиятҳои зиёде доранд. «Ҳар касе воқеиятро табақабандӣ кунад, робитаи байни онҳоро мушоҳида ва тавсиф намояд, равиши илмӣ ба кор бурда, ба кори таҳқиқи илмӣ пардозад, дарк мекунад, ки воқеаҳо мумкин аст, марбут ба таърихи гузаштаи башар, омори иҷтимоии як шаҳри бузург, вазъи обу ҳавои як ситорае, ё зиндагии як микроб бошад, мебинад, ки равиши тафаккур, бавуҷудоварандаи илм аст, на воқеаи мавзуи он. Шинохти ҳақиқат аз воқеият шуруъ  мешавад. Воқеият ҷилвае аз ҳақиқат аст ва барои расидан ба ҳақиқат аз тариқи воқеият бояд равиши шинохтани онро дарёфт, вале ҳеҷ гоҳ огоҳӣ ҳосил нахоҳад шуд. Он чиро, ки мушоҳида карда ва ҳис мекунем, ҷаҳони зоҳирӣ аст ва он чиро дар бархӯрд ва мутолиаи ибтидоӣ дармеёбем, воқеият аст. Ҷаҳони зарурӣ ва воқеияти мавриди мушоҳида ба ҷаҳони ҳақиқӣ ва ҳақиқати куллӣ дорои тафовутҳо аст» [167, 10-11].

Поя ва асоси ҳар таҳқиқе қобили омӯзиши квалиметрӣ аст ва таҳқиқ, ки бар асоси илмӣ анҷом нагирифта бошад, арзиши илмии хоси хешро дар квалиметрия низ нахоҳад дошт. Дар ҳақиқат, таҳқиқ дар ҳар ришта ва самтҳои гуногуни илм ба хотири шинохт, огоҳӣ ва ҳалли масъалае дар бораи ҳар мавзуъ ё падидаи ношинохтае сурат мегирад. Ибтидо масъалаи мавриди таҳқиқ муайян мегардад ва сипас ҳалли он мавриди назар қарор дода мешавад. Дар ҷараёни расидагӣ ва ҳалли масъала дар бораи проблема ва ё худ падида бояд далел мавҷуд бошад, то мавриди таҳлил ва таҷзия қарор гирад. Истифода аз он далелу рақамҳои зарурии мушоҳида, озмоиш, истифода аз равишҳои оморӣ, маҳсули тафаккури инсон аст. Аз ин хотир, матраҳ намудани ин масъалаҳо дар доираи квалиметрия бо дарназардошти

фарзия ва истифода аз равишҳои мухталиф кори муҳаққиқро бамаротиб осонтар месозад.

Ба таври куллӣ метавон квалиметрияро ба равиши ҳалли масъалаҳои умумии илм таъбир кард ва дар ҳақиқат, онро равиш ва ѐ самте номидан мумкин аст, ки ба ҳалли масъалаи мушаххаси умумиилмӣ равона шудааст ва ба таври ба худ хос усулу роҳҳои саҳеҳ дорад, ки дар тамоми илмҳо қобили истифода мебошанд. Ҳамин нукта низ мусаллам аст, ки ташаккул ва рушди квалиметрия дар даврони муосир ба мисоли як ҷаҳиши назаррас дар улуми башарӣ буд, ки ба бисѐр масъалаҳои мубрам ва баҳснок равшанӣ андохт. Гуфтан мумкин аст, ки ин ҷаҳиш дарѐфти ҳамон шеваи умумии таҳқиқ аст, ки ба воситаи он арзиши ҳар як риштаи илмӣ ва гузашта аз он, ҳар як пажӯҳишу таҳқиқоти ҷудогона мушаххас карда мешавад. Бе ҳеҷ шаке гуфтан мумкин аст, ки чунин роҳу равишҳои навини квалиметрӣ ба воситаи таъмини пайдарҳамии равандҳои таҳқиқ ва талошҳои мунтазаму кӯшиши пайдарпай имконпазир мегардад. Равиши таҳқиқи квалиметрӣ метавонад роҳи ноҳамвори такомул ва тараққиро ҳамвору дуруст созад. Бинобар ин, дар самти квалиметрия пайваста кӯшидан ба ҳадди имкони мавҷуда ва тарзу тартиби навину собитшуда муҳаққиқонро зудтар ба мақсад ва ба кашфи мавзуъ мерасонад.

Агар ба мафҳуми худи квалиметрия бевосита тавҷҷуҳ намоем, он дар афкори башар як мафҳуму равиши тоза аст, ки маъмулан дар нимаи дуюми садаи XX қобили амал гардид. Истилоҳи «квалиметрия» (аз калимаи лотинии qualis - сатҳи сифат ва юнонии метрео - ченкунӣ, чен кардан, андоза кардан, андозагирӣ), ки онро бо забони тоҷикӣ шартан “сифатсанҷӣ” номидан имкон дорад, фанни назариеро ифода мекунад, ки дар доираи он методология ва масъалаҳои мубрам ва муҷтамеи илмию назарӣ баррасӣ гардида, арзѐбии сифати объектҳои табиати гуногундошта - ҷондор ѐ беҷон, предметҳо ва равандҳо, маҳсули меҳнат ѐ маҳсулоти табиӣ, ки дорои хусусияти моддӣ ва ѐ маънавӣ мебошанд, гузаронида мешавад. Ҳамзамон, таъкид бояд намуд, ки объекти татбиқи усулҳои квалиметрия метавонад ҳама гуна ҳалли

конструктивӣ ва технологӣ бошад, ба шарте ки зери таҳлили квалиметрӣ қарор додани сифати он, имконпазир гардад. Квалиметрия соҳаи фаъолияти илмӣ ва амалиест, ки бо коркарди асосҳои назариявӣ ва методҳои ченкунӣ ва арзёбии сифат алоқаманд мебошад [347].

Илова бар ин, «квалиметрия ҳамчун ҷузъи таркибии илми бузургтаре дар бораи сифат – квалитология шинохта мешавад, ки қонуниятҳои андозагирӣ ва баҳогузории сифатро омӯхта, дар худ ҳам илмҳои технологӣ ва ҳам методҳои назорати сифатро (интроскопия, дефектоскопия, методҳои назоратии вайроннакунанда) дар бар мегирад» [342]. Объекти квалиметрия дар чунин фаҳмиш (яъне ҷузъи квалитология – сифатшиносӣ) таҳқиқи принсипҳо ва методҳои арзёбии сифат буда, предмети он маҷмуи сифатҳои таркибии предметҳо ва равандҳое мебошад, ки инсон дар фаъолияти амалии худ бо онҳо рӯ ба рӯ мегардад.

Дар баробари ин, квалиметрия ҳамчун назарияи умумие баромад мекунад, ки аз се қисм иборат мебошад. Аввалан, «квалиметрияи умумӣ, ки низоми мафҳумҳо, назарияҳои андозагирӣ, ченкунӣ ва баҳогузорӣ, назарияи ҷадвалҳои омориро баррасӣ мекунад» [351]. Сониян, квалиметрияи предметӣ, ки аз рӯйи предмет баҳогузории маҳсулот, меҳнат, лоиҳаҳо, равандҳоро арзёбӣ мекунад. Сеюм, квалиметрияи махсус, ки метод ва моделҳои баҳогузориро баррасӣ менамояд. Ин методу моделҳо чунинанд: «а) квалиметрияи экспертӣ, ки тавассути он баҳогузорӣ аз ҷониби экспертҳо ё системаҳои автоматикунонидашуда сурат мегирад; б) квалиметрияи эҳтимолӣ-оморӣ ва омори математикӣ, ки методҳои назарияи эҳтимолият ва сатаистикаи математикиро истифода бурда, якрангии маҷмуи куллӣ ва интихобан гирифташуда, мутобиқати қонунҳои тақсимот, эргодият (бо забони русӣ: эргодичность), марковият (бо забони русӣ: марковость) ва амсоли онро баҳогузорӣ мекунанд; в) квалиметрияи индексӣ, ки андозаи сифатро ҳангоми меъёргузорӣ дар заминаи индексатсия (муқоиса) истифода мекунад; г) квалиметрияи таксономӣ (таксономияи квалиметрӣ), ки ба синфҳои сифати (квалитаксонии) объект такя мекунад ва зимни он навъ,

намуд ва дигар аломатҳои объект ва ҳамин гуна хосиятҳои системаи таснифшаванда баррасӣ карда мешаванд» [351].

Бояд таъкид намуд, ки ин ҷо “эргодият” (эргодичность) ба маънии *хосияти системаҳои динамикӣ* буда, дар назар дошта мешавад, ки дар раванди таҳаввули онҳо ҳар як ҳолат бо эҳтимоли муайян дар наздикии ҳар як ҳолати дигари система мегузарад ва дар чунин системаҳо натиҷаи интизории математикӣ аз рӯйи вақт бо натиҷаи интизорӣ аз рӯйи фазо бо ҳамдигар бояд мутобиқат кунанд [350]. Марковият (марковость) бошад, раванди тасодуфиест, ки раванди таҳаввули он баъд аз додани андозаи вақтӣ аз худи таҳаввули собиқан суратгирифта вобаста намебошад, агар андозаи раванд дар ин лаҳза ба қайд гирифта шуда бошад. Аз ин рӯ, ин маъниро бо тарзҳои гуногун тафсир мекунанд: 1)ояндаи раванд аз гузашта вобастагӣ надорад, агар ҳозира маълум бошад; 2)ояндаи раванд аз гузашта танҳо тавассути ҳозира вобаста аст. Ин тафсири дуюмро ба Венттсел К.Н. (1857-1947) - педагог, назариётчӣ ва тарғибкунандаи тарбияи озод мансуб медонанд [346].

Квалиметрияро, одатан, ба квалиметрияи назариявӣ, ки ба омӯзиши мушкилоти арзёбии сифат, дар маҷмуъ, квалиметрияи амалӣ, ки оид ба масъалаҳои андозагирӣ, ченкунии сифат вобаста ба объекти мушаххас равона шудааст, тақсим менамоянд [351].

Квалиметрия ҳамчун илм дар давраи ташаккул ва рушди худ қарор дошта, дар доираи он масъалаҳои баҳснок то ҳол зиёданд, ки исботи онро дар набудани ақидаи ягона оид ба як қатор масъалаҳо байни муҳаққиқон метавон мушоҳида намуд.

Дар баробари ин, квалиметрия фаннест, ки дорои хусусияти байнисоҳавӣ буда, бо фанҳои мушаххаси муҳандисӣ алоқамандӣ дорад ва дар таркиби методологии худ гурӯҳи муайяни назария, инчунин, амалияи риёзиро фаро мегирад. Махсусан, соҳаи стандартизатсия, метрология, иқтисодиёт, ташкили истеҳсолот, ҳуқуқ, педагогика, психология ва дигар

риштаҳои илмӣ имрӯзҳо бо квалиметрия робитаи устувору ногусастанӣ доранд.

Мақсади ниҳоии квалиметрия коркард ва такмилдиҳии методикаҳое мебошад, ки тавассути онҳо арзёбии сифати объекти мушаххас бо рақам ва далелҳои мушаххасу муайян ва муқарраркардашуда, дараҷаи қонеъгардонии объекти мавриди назар ба талаботи ҷомеа ё шахсӣ дақиқ карда мешавад. Аз нигоҳи дигар, методҳои мазкур имконияти ҳалли дигар вазифаҳои таҳлили квалиметриро фароҳам меоранд.

Мафҳуми «квалиметрия» нахустин маротиба моҳи январи соли 1968 дар маҷаллаи «Стандарт ва сифат» мавриди истифода қарор гирифтааст [67, 34-35]. Гурӯҳи кормандони илмӣ, аз ҷумла, Г.Г. Азгалдов, А.В. Гличев ва В.П. Панов методикаи ягонаи арзёбии сифати объектҳои мухталиф, ба монанди молҳо ё равандҳои табиӣ ва техногенӣ, маҳсули меҳнат ва амсоли инро пешниҳод намудаанд. Дар баробари ин, гурӯҳи мазкур зарурати таҳлили маҷмуии тарзҳои арзёбии миқдории сифатро дар доираи фанни ҷудогонаи илмӣ нишон додааст [68]. Саривақтӣ будани пешниҳоди мазкур дар якчанд конференсияҳо ва нишастҳои илмие, ки пурра ё қисман ба мавзуи квалиметрия дахл доштанд, тасдиқи худро ёфт. Минбаъд мафҳуми мазкур ба доираҳои илмӣ ва муҳандисии бисёр давлатҳо ворид гардид. Дар ИҶШС пас аз 11 сол мафҳуми мазкур ҳамчун қисми таркибӣ ба Стандарти давлатӣ ворид карда шуд. Аммо бори дигар таъкид мегардад, ки то ҳол соҳаи квалиметрия дар ҷараёни таҳаввул қарор дошта, мутаносибан далели мустақилии равияи илмии мазкур, инчунин, асосҳои илмӣ ва асоснокии арзёбиҳои он ҳанӯз ҳам зери назари интиқодӣ қарор доранд.

Оид ба пайдоиши квалиметрия дар кишвари мо, бояд таъкид намуд, ки ташаккул ва рушди илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтору муҳтавои имрӯзааш ҳамчун илми ҷудогонаи муосир ба созмонёбии Комиссияи махсуси илмию педагогии Тоҷикистон дар назди Шурои илмии давлатии Комиссариати маорифи халқи Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Туркистон алоқамандӣ дошта, марҳилаи баъдинаи рушди он

ба таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз декабри соли 1924 робитаи ногусастанӣ дорад. Дар ин марҳила Шурои Комиссарони Халқ фаъолият мекард, ки дар назди он Шурои давлатии илмӣ таъсис ёфта, ба рушди илм дар доираи талаботи замони нав заминаҳои устувор гузошт. Маҳз дар ин давра таҳияи барномаҳои таълимӣ барои мактабҳо ва дигар муассисаҳои таҳсилотӣ дар доираи стандартҳои ягонаи низоми онвақтаи Иттиҳоди Шуравӣ бо дарназардошти шароит ва талаботи ҷумҳуриҳои мустақил роҳандозӣ гардид. Дар ин росто, таъсиси марказҳо ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва пажӯҳишгоҳҳо низ роҳандозӣ гардиданд, ки маҳз ҳамин гуна муассисаҳои илмӣ ҳамчун заминаи асосии ташаккул ва рушди илмҳои муосир дар фазои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва ҳамчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намуданд. Масъалаҳои мазкур дар фаслҳои ҷудогонаи дахлдори диссертатсия ба таври возеҳу муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар ин солҳо дар риштаи илми педагогика низ пажӯҳиш ва таҳқиқот роҳандозӣ гардида, муассисаҳо ва марказҳои илмӣ таъсис дода шуданд, ки вазифаи онҳо таҳқиқи масъалаҳои муҳимми педагогика ва умуман, таҳсилот, татбиқи дастовардҳои таҳқиқоти илмӣ, омода намудани мутахассисону муҳаққиқони илмии соҳавӣ ва мубодилаи самараноки таҷрибаи пешқадами педагогӣ дониста мешуд. Аз ҷумла, дар ин давра ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ-методологии квалиметрияи педагогӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид. Квалиметрияи педагогӣ (аз калимаи лотинии quails – аз нигоҳи сифат чӣ гуна аст) «фаннест, ки методология ва мавзуоти арзёбии шуморавии сифати инноватсияҳои педагогӣ ва умуман, фаъолияти педагогиро меомӯзад» [331, 159].

Масъалаҳои квалиметрияи педагогӣ хеле гуногунҷанба мебошанд, вале аз нигоҳи илмӣ-методӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Асару мақолаҳои педагогон Л.В. Ишкова, О.В. Пенкова ва дигаронро метавон ба номгӯйи адабиёти илмӣ-методӣ ворид сохт, ки дар онҳо баъзе паҳлуҳои квалиметрияи педагогӣ шарҳ ёфтаанд. Аммо ҷанбаи таърихӣ-методологии проблемаи

мазкур то ҳанӯз аз madди назари муҳаққиқон дур мондааст. Чунин вазъият боиси он гардидааст, ки оид ба мафҳуми «квалиметрияии педагогӣ» дар байни олимон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Масалан, дар «Луғати педагогӣ” (Педагогический словарь), ки муҳарриронаш В.И. Загвязинский ва А.Ф. Закирова мебошанд, шарҳи зерини мафҳуми мазкур оварда шудааст: «Квалиметрияи педагогӣ таълимот оид ба андозагириҳои педагогиест, ки барои ташхиси воқеии раванд ва натиҷаҳои таълиму тарбия зарур мебошанд» [329; 24-25].

Як идда олимон доир ба масъалаҳои квалиметрӣ рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ кардаанд ва монографияю мақолаҳои зиёди илмӣ ба чоп расонидаанд. Танҳо дар давоми солҳои 1937-2014 шумораи рисолаҳои докторӣ оид ба квалиметрияи педагогӣ беш аз 50 ададро ташкил медиҳад. Ин ҳама аз афзудани таваҷҷуҳи муҳаққиқону мутахассисон нисбат ба проблемаи мазкур шаҳодат медиҳад. Мувофиқи зарурат дар баёни мавзуъҳои дахлдор мо ба баъзе аз манбаъҳои назариявии квалиметрияи риштаи педагогика муроҷиат менамоем.

Бори дигар таъкид менамоем, ки пайдоиши назарияи квалиметрия ба нимаи дуюми садаи XX рост меояд ва он маъмулан аз тарафи муҳаққиқони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ  ҳамчун як риштаи ҷудогонаи илм меъёргузорӣ карда мешуд. Илова бар ин,  вобаста ба роҳу равиши корҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ аз тарафи муҳаққиқони соҳаҳои гуногун андешаву муҳокимарониҳои ҷолиб ва дар баробари ин қобили мубоҳиса дар китобу рисолаҳои илмӣ ва монографияҳо инъикос гаштааст. Азбаски дар низоми собиқ Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаи ягонаи илмии ин кишвар қарор дошт, масъалаҳои квалиметрия ва заминаҳои методологиву назариявии илмҳои гуногун маҳз дар доираи шабакаи мазкур роҳандозӣ мегардид. Бинобар ин, роҳу равиши таҳқиқот, инчунин, масоили илмсанҷиву квалиметрӣ дар фазои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ яксон ва ҳамоҳангии устувору ногусастанӣ дошт.

Вобаста ба масъалаҳои квалиметрия ва равишу роҳҳои таҳқиқот, тарзу меъёрҳои пеш бурдани пажӯҳиш ва корҳои илмию таҳқиқотӣ бо қолабҳои яксон бештар дар пажӯҳишҳои гуногун ба забони русӣ таҳия ва мунташир мегардиданд. Бинобар ин, метавон баъзе сарчашмаҳои квалиметриро мушаххасан дар риштаи педагогика мавриди таҳқиқ қарор дод, ки дар нимаи дуюми садаи XX ва баъзе дар оғози садаи нав рӯйи кор омадаанд.

Аз ҷумла, дар рисолаи доктории Л.В. Ишкова «Методологияи сохторӣ-интегративии квалиметрии мукаммалӣ дар системаҳои таҳсилот» [346] (Структурно-интегративная методология квалиметрии целостности в образовательных системах) ба муносибатҳои нави сохторӣ-интегративӣ дар методологияи илмҳои педагогӣ алоқаманд буда, ба сифати дониш дар фаъолияти мақсадноки квалиметрии таҳсилот мавриди истифода қарор гирифтааст ва ба натиҷаҳои муносиб, нисбатан пурмаҳсул ва беҳтарин анҷом дода шудааст. Тибқи андешаҳои муҳаққиқ мафҳуми нави «принсипи мукаммалии сохторӣ-интегративӣ» ба сифати меъёри роҳнамои фаъолияти квалиметрӣ истифода бурда мешавад, ки он баҳри ноил гардидан ба мақсадҳои гузоштошудаи ташхисӣ дар назария ва амалияи таҳсилот равона карда шудааст. Натиҷаҳои ин таҳқиқот имкон медиҳанд, ки оид ба тағйирёбии мафкура ва низоми ақидаҳои идоракунии педагогӣ ва лоиҳакашӣ бо роҳи табдилдиҳии сохтори он тавассути ворид намудани ин ё он амсилаи квалиметрии мукаммалӣ дар низомҳои таҳсилоти сохтори мазкур андеша намоем.

Таҳқиқоти Л.В. Ишкова «Методологияи сохторӣ-интегративии квалиметрии мукаммалӣ дар ситемаҳои таҳсилот» (Структурно-интегративная методология квалиметрии целостности в образовательных системах) ба муаллиф имкон додааст, ки самтҳои дурнамои фаъолият оид ба методологияи сохторӣ-ҳамгироии квалиметрияи мукаммали таҳсилотро муайян намояд, ки аз ҷумла инҳоанд: бунёди Маркази рушди стратегии таҳсилоти минтақавӣ, ки ба коркарди барномаҳои стратегии такомул ва мониторинги сифат, ҳамзамон таҳсилоти босамар ва квалитативӣ равона

карда шудааст; таҳияи амсилаи идоранамоии сифати таҳсилот дар шакли андоза ва меъёрҳои нави фаъолият, ки аз низоми ҳавасмандиҳо барои ноил гардидан ба фаъолияти босамар ва сифати баланди таҳсилот иборат аст; бунёди амсилаи нави муҳити шаффофу дастраси иҷтимоӣ-фарҳангии таҳсилот бо таъминоти ягонаи иттилоотӣ-ташхисӣ.

Дар таҳқиқоти Л.В. Ишкова дар сохтори мутазод ва мураккаби таҳсилоти мукаммал тамоюлот ва қонуниятҳои зерин муайян шудаанд: мавҷудияти заминаҳои мутобиқат миёни лоиҳакашӣ ва татбиқи ҳамгироии сохторӣ бо назардошти гуногунии низом, яъне тафриқа дар соҳаи стандартсозии таҳсилот ба мақсади баланд бардоштани сифати он, самаранокӣ ва хушсифатӣ (квалитативият); вусъати воқеии бартарияти мукаммалӣ дар квалиметрияи педагогӣ, ки аз ниёзи доимоафзояндаи соҳаҳои гуногуни амалияи педагогӣ ва иҷтимоӣ бармеояд; нақши пешбари равандҳои ҳамгиро дар механизмҳои квалиметрии таҳсилот; ягонагии диалектикии ҳамгироӣ ва тафриқаи ду ҷанбаи ба ҳам пайвасти раванди ташаккули дониши мукаммали илмӣ-педагогӣ.

Дар маҷмуъ, аз таҳқиқоти Л.В. Ишкова ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки як силсила мафҳум, ё худ таърифи мухтасар (дефинитсия)-и квалиметрияи педагогӣ дар самти ташаккули мукаммалӣ дар таҳсилот ва ташхиси он асоснок карда шудаанд: дар заминаи тавсияҳои квалиметрии мутобиқат, ки аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд, амсилаи квалиметрии мукаммали таҳсилот таҳия ва дар амал санҷида шудааст; таҷрибаи дар методология ва амалияи квалиметрияи мукаммалии таҳсилоти алтернативии беруназмактабӣ ҷорӣ намудани муносибати (услуби) сохторӣ-ҳамгироӣ татбиқ карда шудааст; барои дар низоми ташаккули фарҳанги таҳқиқотии хонандагон (таҳсилоти иловагӣ), низоми назорати квалиметрии фаъолияти педагогӣ ва дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷорӣ намудани тавсияҳо барои ташхис ва усулҳои методологӣ коркард шудаанд; усулҳои умумипедагогӣ ва омории арзёбии самараи мусбати қарорҳои пешбинишудаи

методологиро ҳамчун асоси квалиметрияи мукаммалӣ дар низомҳои таҳсилот собит намуданд.

Ба андешаи муаллифи таҳқиқоти диссертатсионии «Таҳқиқоти илмсанҷӣ ва библиометрӣ дар назария ва амалияи китобхонашиносӣ ва библиографӣ» О.В. Пенкова (Наукометрические и библиометрические исследования в библиотечной и библиографической теории и практике) бошад, дар назария ва амалияи библиографӣ ва китобдорӣ таҳқиқоти илмсанҷӣ ва библиометрӣ барои кормандони илмӣ ва унвонҷӯён аҳаммияти калон доранд. Муҳиммияти ин асари илмӣ аз он иборат аст, ки дар он илмсанҷӣ ва библиометрия на танҳо ҳамчун фанни назариявӣ арзёбӣ гардидаанд, балки нақши онҳо ҳангоми арзёбии сифати маҷаллаҳо, нашрияҳо, идоракунии захираҳои иттилоотӣ, китобхонаҳо низ арзёбӣ гардидааст. Ба андешаи муаллиф, таҳқиқот дар соҳаи илмсанҷӣ ва библиометрия аз он нуқтаи назар муҳим аст, ки онҳо на танҳо барои соҳаи фаъолияти китобдорӣ, балки  дар маҷмуъ, барои муайян намудани сиёсати илмӣ аҳаммияти  бузургро молик мебошанд [266].

Вобаста ба ин, барои истифодаи васеи методҳои библиометрия таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан лозим аст, зеро раванди мазкур ба категорияи умумиилмӣ мансуб аст. Рушди босуръати илми мусоир, аз ҷумла, китобхонашиносӣ зарурияти коркарди методҳои объекивии шуморавӣ, истифодаи низомҳои муосири маҷмуии таҳлил, арзёбии тамоюлоти рушди соҳа ва самтҳои алоҳидаи онро тақозо мекунад. Яъне, намуди муосири таҳқиқоти рефлексивии китобхонашиносӣ бояд ба имконияти таҳлили воқеии равандҳои идрок ва донишҳои китобдорӣ, ки яке аз риштаҳои ба педагогика алоқаманд маҳсуб меёбад, такя намояд. Аз ҷумла,  библиометрия барои ба даст овардани натиҷаҳое имкон фароҳам меорад, ки дар оянда тавассути методҳои анъанавии таҳлили мазмунӣ метавонанд, барои омӯзиши муфассал замина гузорад.

Дар илмҳои китобшиносӣ ва феҳристнигорӣ, пеш аз ҳама, сухан дар бораи нишондиҳандаҳои библиометрӣ (динамикаи иқтибосоварӣ, шумораи

интишорот) меравад, ки онҳо, дар навбати худ, метавонанд барои омӯзиши фардияти олим (таркиби якум) – тавсифи обрӯю эътибор, мақоми илмии ҳамин муҳаққиқ замина гузоранд. Ғайр аз ин, ҳамчун замина барои муайян намудани сатҳи рушди илм дар марҳилаи мавриди таҳқиқ (таркиби дуюм) нишондиҳандаҳои гуногуни квалиметрӣ (шумораи кормандони илмӣ, ҳаҷми маблағгузории соҳа ва амсоли ин), харитаи илм, ки тавассути таҳлили кластерии библиометрӣ таҳия мегардад, аз ҷумла, ду методи асосии омӯзиши иқтибосоварӣ, ҳамчунин, методи якҷоякунии библиографӣ ва консепсияи кластери иқтибосоварии ҳамҷояро истифода бурдан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, шумораи методҳое, ки дар ин самти нисбатан нави коркарди аналитикӣ-синтетикии иттилооти зиёд истифода бурда мешаванд, ҳанӯз нокифояанд [266].

Ба андешаи муаллифи таҳқиқот О.В. Пенкова, бояд дар фаъолияти хадамоти библиографӣ ва китобхонаҳо таҳлили квалиметерӣ ва библиометрию мониторинги ҳамон мавҷи иттилоот дар шакли ҳуҷҷат, ки ба соҳаи хизматрасонии китобхонаи мушаххас марбут аст, ворид карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки таъминоти соҳаи фаъолияти илмии олимони минтақаи дахлдор бо иттилооти муносиб, сатҳи омӯзиши проблема, рушди самтҳои пешбинишавандаи илм ва тамоюлоти мукаммалгардонии захираҳои иттилоотӣ ба таври возеҳ муайян карда шаванд.

Дар баробари ин, О.В. Пенкова барои дар назария ва амалияи библиографӣ ва китобдорӣ истифода бурдани методҳои зиёди квалиметрӣ ва библиометрӣ методҳои зеринро ҷудо, таҳлил ва асоснок намудааст: сленгӣ, тезаурусӣ, контент-анализ, «иқтибос-индекс», ҳисоби шумораи интишорот ва оморӣ.

Таҳлили муфассали методҳои муосири шуморавии квалиметрӣ ягонагии усулии онҳоро собит менамоянд ва ҳамчун натиҷаи он аз ташаккули ҳамгироӣ бо илме шаҳодат медиҳанд, ки предмети таҳқиқоти он тамоми қонуниятҳои шуморавӣ ба шумор рафта, ҳам раванди илмӣ ва ҳам дар маҷмуъ, селаи иттилооти ҳуҷҷатии онро тасвир мекунад.

О.В. Пенкова методикаи гузаронидани таҳлили библиометрӣ дар китобхонаро таҳия намудааст, ки он барои дар амал татбиқ намудани ғояи мониторинг, методи истифодашавандаи иқтибосоварӣ, методи ҳисоб кардани шумораи интишорот ва методи оморӣ имкон фароҳам меорад. Методикаи мазкур вобаста ба марҳилаҳои иҷрои амалиѐти таҳлили библиометрӣ ҷудо карда шуда, барои кормандони китобхонаҳо аввалин дастури амалӣ маҳсуб меѐбад. Дар натиҷаи таҳлили селаи иттилооти ҳуҷҷатӣ вобаста ба самти мавриди таҳқиқ ҷараѐни рушди он муайян карда шуда, гуногунрангии намуди нашрияҳое, ки оид ба мавзуъ иттилоот доранд, муқаррар карда мешаванд. Инчунин, номгӯйи маҷаллаҳои асосие, ки минбаъд дар заминаи онҳо фонди китобхонаҳо мукаммал мегардад, муайян карда шуда, самтҳои мавзуии нисбатан коркардшуда, намудҳои самарабахши нашрияҳо, самтҳои таҳқиқоти илмие, ки ҳар яке то андозае бо осори бунѐдӣ таъмин мебошанд, ошкор карда мешаванд.

Таҳлили имкониятҳои методҳои квалиметрӣ ва библиометрӣ ва равандҳои фаъолияти библиографию китобдорӣ имкон медиҳад, ки оид ба истифодабарии ҳар як метод дар ин ѐ он раванди библиографӣ ва технологии китобдорӣ тавсияҳо таҳия гарданд [266].

Дар заминаи таҳлили андешаҳои боло метавон зикр кард, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ташкили мақсадноки технологияи равандҳои китобдорӣ-библиографӣ ва васеъ намудани имкониятҳои қабул ва арзѐбии селаи иттилоотӣ-ҳуҷҷатӣ ѐрӣ расонида, ба ин васила, ба раванди таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ мусоидат менамоянд.

Зимни таҳқиқоти мазкур аввалин маротиба қонун ва қонуниятҳои сершумори квалиметрӣ ва библиометрӣ, ки муҳаққиқони собиқ шуравӣ ва хориҷӣ тӯли 50 соли охир ба доираи илмӣ ворид намудаанд, мураттаб ва тасниф карда шудаанд.

Дар ин росто, муайян намудани тамоюлоти методологии арзѐбии сифати таҳқиқоти педагогӣ оид ба педагогика, аз ҷумла, дар заминаи дастовардҳои квалиметрия, ки ҳамчун воситаи рушди илмҳои педагогӣ ва

арзёбии сатҳи тахассусии муаллифи он хизмат мекунанд, ба мақсад мувофиқ аст. Дар баробари ин, бояд ёдовар шуд, ки кӯшишҳо барои истифода аз квалиметрия, нисбат ба шарҳу тавзеҳ ва андозагирии маълумоти гуногун, ки ба фаъолияти илмӣ мансуб аст, баробари пайдоиши омори илмӣ дар нимаи дуюми асри XIX зуҳур ёфтааст. Дар ин самт осори А. Декандол ва Ф. Галтон нисбатан маъмул буда, ба таҳқиқи афзоиши шумораи интишороти илмии донишгоҳҳо ва олимон бахшида шудаанд. Аз ин рӯ, онҳоро метавон ба сифати аввалин падидаҳо дар раванди ташаккули квалиметрия арзёбӣ намуд.

Ҳадафи таҳқиқоти квалиметрӣ ин инъикоси манзараи объективии рушди самтҳои илм, арзёбии имкониятҳои эҳтимолии он, муҳиммият, қонуниятҳои омории афзоиш, ҳамзамон, баланд гардидани сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ, қонунҳои ташаккули селаҳои иттилоотӣ ва паҳннамоии ғояҳои илмӣ мебошад. Татбиқи ҳадафи мазкур аз ҳалли як қатор вазифаҳои мушаххас вобаста аст, ки онҳо, дар маҷмуъ, бояд ба аксари саволҳо посух гӯянд. Барои дарёфти чунин посух дар квалиметрия методҳои умумии зерин истифода бурда мешаванд:

- методи сленгӣ (ба ҳайси ченкунанда як калима аз луғат истифода мегардад, ки гурӯҳ мувофиқи калима-шаклҳоро муттаҳид месозад);

- методи тезаурусӣ (муайянсозии маҷмуи муназзамшудаи донишҳои азхуднамудаи субъект, ки барои ӯ ҳамчун воситаи самтгирӣ дар муҳити атроф хизмат мекунанд ва фаҳмиши худ ва оламро аз ҷониби ин субъект тавсеа мебахшанд);

- методи «контент-таҳлил» ё контент-анализ (муайянсозӣ ва баҳогузорӣ ба хосиятҳои махсуси матнҳо ва дигар ҳомилони иттилоот, ки зимни он тибқи ҳадафҳои таҳқиқот воҳидҳои муайяни маънодори муҳтаво ва шакли иттилоот ҷудо карда мешаванд);

- методи «иқтибос-индекс» ё ситата-индекс (баҳогузорӣ дар асоси миқдори иқтибосҳо дар интишороти илмӣ сурат мегирад);

- методи баҳисобгирии шумораи интишорот (на танҳо маҳсулнокӣ, балки рейтинги муҳаққиқро низ муайян месозад);

- методи оморӣ (тавсиф ва омӯзиши зуҳуроти оммавӣ, ки нисбат ба онҳо ифодаи миқдорӣ, ададӣ ба кор бурда мешавад).

Ҳангоми гузаронидаи таҳлилҳои квалиметрӣ, инчунин, ба методҳои экспертӣ, ғайриэкспертӣ ва омехта низ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Методи экспертӣ пешбинӣ мекунад, ки барои муайянсозии андозаи аксарияти хосиятҳои объекти таҳқиқот ҳатман экспертҳо, коршинсони касбӣ ҷалб карда шаванд. Бо истифода аз методи ғайриэкспертӣ он хосиятҳое баҳогузорӣ карда мешаванд, ки барои ин ақидаи эксперт, коршинос чандон зарурат надорад. Методи омехтаро бошад, чунонки аз номаш ҳам бармеояд, истифода карда, дар муайянсозии баъзе хосиятҳо ба экспертҳо такя мекунанд ва дар баъзе хосиятҳо бе иштироки экспертҳо онҳоро баҳогузорӣ менамоянд [65, 60-61].

Дар диссертатсияи мо бошад, дар баробари ин методи библиографӣ ва методҳои квалиметрии бақайдгирӣ истифода карда шудаанд. Моҳияти методи библиографӣ аз он иборат аст, ки каталогҳои китобхонаҳоро таҳлил намуда, онҳоро бо воситаҳои таълимӣ оид ба библиография муқоиса мекунад. Ин методро мо барои таҳлили адабиѐт оид ба проблемаҳои таҳқиқот, интишороти дастрас оид ба вазъи сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, маълумоти омории муассисаҳои давлатӣ оид ба таҳқиқоти илмии анҷомѐфта ва амсоли он мавриди истифода қарор додаем.

Дар бораи методҳои квалиметрии бақайдгирӣ бошад, ҳаминро бояд таъкид намуд, ки он, асосан, ба иттилооте такя мекунад, ки тавассути баҳисобгирии ҳодисаҳо, предметҳо ѐ хароҷоти муайян ба даст омадаанд. Мо ин гурӯҳи методҳоро дар таҳқиқоти худ барои баҳисобгирии мавзуъ, шумораи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва падидаҳои ба онҳо алоқаманд истифода кардаем.

Агарчи ҳама ѐ қариб ҳамаи методҳои квалиметрӣ дорои моҳияти оморӣ мебошанд, вале дар байни онҳо як методи алоҳидаи оморӣ мавҷуд аст, ки тибқи он ба сифати нишондиҳандаҳои квалиметрӣ ба истиснои шумораи интишорот, калима ва иқтибосҳои алоҳида тамоми нишондиҳандаҳо

истифода бурда мешаванд. Ба шумули нишондиҳандаҳои илм, ки методи оморӣ онҳоро фаро мегирад, нишондиҳандаҳои зерин, ба монанди шумораи олимон, маҷаллаҳои илмӣ, фармоишҳо барои бастаи солонаи маҷаллаҳо дар марказҳои иттилоотӣ, китобхонаҳо, кашфиёт ва дигарҳо, ки дорои «воҳидҳои андозагирии бузург» буда, ё бо дигар нишондиҳандаҳои квалиметрӣ муқоисанопазиранд, дохил мешаванд.

Мақсади ниҳоии квалиметрияи педагогӣ коркард ва такмилдиҳии методикаҳое мебошад, ки тавассути онҳо арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионии мушаххас бо рақам ва далоили муайян муқаррар карда шуда, дараҷаи қонеъгардонии таҳқиқоти мавриди назар ба талаботи ҷомеа дақиқ карда мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки то ин дам методи квалиметрӣ дар чунин соҳаҳо ва самтҳои педагогика ва таҳқиқоти педагогӣ истифода гардидааст: таҳияи стандартҳои таҳсилот; диагностикаи пуррагии сохтори донишҳои дар таълимгирандагон ташаккулёфта; коркарди технологияи аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ; бунёди низоми мониторинги педагогии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; баҳогузории сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба педагогика ва ғайра [343].

Бо мақсади таҳлили квалиметрии таҳқиқоти диссертатсионии дар шуроҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳавӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Шурои диссертатсионии ватании назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон анҷомдодашуда мо ба таҳлили ду намунаи пешниҳодшуда, ки муаллифонашон Черепанов В.С., Булатова Е.Г. ва Баришников Н.В. мебошанд, такя намуда, кӯшиш мекунем, ки як намунаи нави таҳлили квалиметрии омехтаро таҳия созем. Инро омилҳои объективӣ тақозо мекунанд, зеро намунаҳои пешниҳоднамудаи муаллифони зикршуда ба таҳлили квалиметрии фақат таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида шудаанд, ҳадафи мо дар ин диссертатсия бошад, таҳлили квалиметрии таҳқиқоти

педагогӣ, дар маҷмуъ, (бо фарогирии диссертатсияҳо дар соҳаи педагогика) мебошад.

Муҳаққиқон Черепанов В.С. ва Булатова Е.Г. квалиметрияи диссертатсияҳоро ҳамчун як навъ методикаи арзёбӣ, баҳогузорӣ ҳисобида зикр намудаанд: «Дар асоси ҳама гуна методикаи баҳогузории объект чор амали ба хамдигар алоқаманд меистад: таҳлили объект, андозагирии хосиятҳо (параметрҳо)-и он, баҳогузории сифатӣ-миқдорӣ дар шакли хулоса намудани як қатор маълумот, додаҳо ва муқоисаи натиҷаҳо бо нишондиҳандаҳои муқарраршуда (стандартҳо)» [147, 50].

Дар асоси амалҳои барои таҳлили квалиметрӣ муайнкарда Черепанов В.С. ва Булатова Е.Г. чунин меъёрҳоро барои баҳогузории таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи педагогика асосӣ ҳисобидаанд: мубрамияти таҳқиқот (актуальность исследования - А); навгонии илмӣ (научная новизна - Н); аҳаммияти назариявӣ (теоретическая значимость - Т); аҳаммияти амалӣ (практическая значимость - П); миқёси татбиқ (масштаб внедрения - М); дараҷаи татбиқ, тасвиб (уровень апробации - У); дараҷаи ҷамъбасткунӣ (уровень обобщения - О); дараҷаи эътимоднокӣ (уровень достоверности - Д) [147, 51].

Ҳамчунин, муаллифони мазкур пешниҳод намудаанд: «Барои ҳар як меъёр пешниҳод карда мешавад, ки панҷ градатсия муайян карда шавад» [147, 51]. Ин градатсияҳо барои ҳар як меъёр чунинанд:

- мубрамияти таҳқиқот (актуальность исследования - А): самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки аз ҷониби Академияи илмҳои Россия ва КОА Федератсияи Россия муайян карда шудаанд (А1); бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаҳои Академияи илмҳои Россия муайян карда шудаанд (А2); бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии мактабҳои пешбари илмии Федератсияи Россия муайян карда шудаанд (А3); бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии марказҳои илмии сатҳи федералӣ ва минтақавӣ муайян карда шудаанд - (А4); бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии мактабҳои илмии минтақавӣ муайян карда шудаанд (А5);

- навгонии илмӣ (научная новизна - Н): бори аввал дар илми педагогика ба даст омадаанд (Н1); барои ягон қисмати педагогика нав мебошанд (Н2); баррасӣ аз дидгоҳи нав пешниҳод гаштааст (масалан, градатсия, баррасии тезаурусӣ, квалиметрӣ, салоҳиятнокӣ ва ғайра) (Н3); методҳои нави таҳқиқ таҳия карда шудаанд (масалан, ташхиси педагогӣ, санҷиши тестӣ, моделсозӣ ва ғайра) (Н4); технологияҳои нави таълим асоснок карда шудаанд (масалан, фосилавӣ, мултимедӣ, низоми холӣ-рейтингӣ ва ғайра) (Н5);

- аҳаммияти назариявӣ (теоретическая значимость - Т): назария, консепсия, идеяи нав дар соҳаи таълим ва тарбия коркард шудааст, ки қаблан вуҷуд надоштанд (Т1); ба назария, консепсия, парадигма дар соҳаи таълиму тарбия тағйироти моҳиятӣ ворид карда шудааст (Т2); натиҷаҳои таҳқиқот муқаррароти ҷудогонаи дидактика, назарияи тарбия, таърихи педагогикаро пурра, дақиқ ва мушаххас мекунанд (Т4); технологияҳо, методика, усул, воситаҳо, методҳои нав ва амсоли он асоснок карда шудаанд (Т5);

- аҳаммияти амалӣ (практическая значимость - П): барои тамоми соҳаи дидактика, назарияи тарбия, мактабшиносӣ ва ғайра (П1); барои ҳалли масъалаҳои умумиметодӣ дар ҳудуди муассисаҳои таълимии ҳамон як намуд (муассисаи таҳсилоти умумӣ, олии касбӣ ва ғайра) (П2); барои ҳалли масъалаҳои умумиметодӣ дар ҳудуди муассисаҳои таълимии ҳамон як самт (масалан, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии техникӣ, кишоварзӣ ва амсоли он) (П3); барои ҳалли масъалаҳои ҷузъии методӣ аз фанҳои алоҳида, роҳҳо ва методҳои тарбия дар ҳудуди як муассисаи таълимӣ (П4); барои ҳалли масъалаҳои ҷузъии методӣ аз фанҳои алоҳида, роҳҳо ва методҳои тарбия дар ҳудуди коллективи ҷудогонаи ягон муассисаи таълимӣ (синф, гурӯҳ ва ғайра) (П5);

- миқёси татбиқ (масштаб внедрения - М): умумидавлатӣ (имтиҳони ягонаи давлатӣ, стандарти давлатии таҳсилот ва ғайра) (М1); минтақавӣ (лоиҳаҳои инноватсионӣ, олимпиада ва ғайра) (М2); вилоятӣ, шаҳрӣ (М3);

ноҳиявӣ (муассисаҳои таълимии ҳамон як самт) (М4); дар миқёси як муассисаи таълимӣ (М5);

- дараҷаи татбиқ, тасвиб (уровень апробации - У): байналмилалӣ – грантҳо, конференсияҳои байналмилалӣ (У1); умумиҷумҳуриявӣ – грантҳо, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, барномаҳои ҷумҳуриявии соҳаи маориф (У2); минтақавӣ – грантҳо, конференсияҳо ва барномаҳои минтақавӣ, (У3); тасвиб дар сатҳи як муассисаи таълимӣ – конференсияҳои донишгоҳӣ (У4); тасвиб дар сатҳи коллективи як муассисаи таълимӣ (синф, курс, гурӯҳ) (У5);

- дараҷаи ҷамъбасткунӣ (уровень обобщения - О): дар монографияҳо бо грифи муассисаҳои ҷумҳуриявии соҳаи маориф (О1); дар монографияҳо бо грифи Иттиҳодияи таълимӣ-методӣ (О2); дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА (О3); дар воситаҳои таълимӣ бо грифи муассисаи таълимӣ (О4); дар мақолаҳо, тезисҳо, ки дар маҷмуа, маҷаллаҳо, корҳои конференсияҳо нашр шудаанд (О5);

- дараҷаи эътимоднокӣ (уровень достоверности - Д): ҳамаи нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда вуҷуд доранд (Д1); як нишондиҳанда аз нишондиҳандаҳои мазкур вуҷуд надорад (Д2); нисфи нишондиҳандаҳои мазкур вуҷуд надорад (Д3); танҳо як нишондиҳанда аз нишондиҳандаҳои мазкур вуҷуд дорад (Д4); тамоми нишондиҳандаҳои мазкур вуҷуд надоранд (Д5) [147, 51-52].

Бояд таъкид намуд, ки градатсияҳо бо низоми панҷхолӣ ҳисоб карда шуда, аз рӯйи ҳар як меъёр танҳо як градатсия аз панҷ градатсияи мавҷуда дода мешавад. Барои мисол, агар як диссертатсияро аз рӯйи меъёрҳо ва градатсияҳои зикршуда арзёбӣ намоем, дар шакли схематикӣ-ҷадвалӣ тибқи намунаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳо дар соҳаи педагогика, ки аз ҷониби Черепанов В.С. ва Булатова Е.Г. пешниҳод шудааст, чунин натиҷа гирифтан имкон дорад (Ҷадвали 1):

**Ҷадвали 1. Градатсияи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳо**

| Градатсия | Меъёрҳои сифат |
|---|---|

| | А | Н | Т | П | М | У | О | Д |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | Т1 | | | | | |
| 2 | А2 | | | | М2 | | | |
| 3 | | Н3 | | | | | О3 | |
| 4 | | | | П4 | | | | Д4 |
| 5 | | | | | | У5 | | |

Ин чунин маънӣ дорад, ки диссертатсияи фаразан аз таҳлили квалиметрӣ гузаронидашуда, дар маҷмуъ, бо баҳогузории панҷхола 24 хол гирифтааст (ҷамъи А2+ Н3+ Т1+ П4+ М2+ У5+ О3+ Д4=24).

Намунаи дигаре, ки мо дар самти таҳлили квалиметрии диссертатсияҳо мавриди баррасӣ қарор додем, ба профессор Н.В. Баришников тааллуқ дорад. Он «Матритсаи баҳогузории квалиметрии таҳқиқоти диссертатсионӣ» (Матрица квалиметрической оценки диссертационного исследования) ном дошта, ҳангоми арзёбӣ диссертатсияҳо бо низоми садхолӣ (ҳар як нишондиҳанда аз 6 то 10 хол) баҳогузорӣ карда мешаванд [73, 68].

Дар матритсаи мазкур 10 нишондиҳанда ё меъёри баҳогузории таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинӣ гардидааст, ки чунинанд: мубрамияти таҳқиқот; навгонии илмӣ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ; аҳаммияти назариявӣ; аҳаммияти амалӣ; саҳми шахсии диссертант; заминаи далелноккунӣ (аргументатсия); қисмати омӯзишӣ–таҷрибавии таҳқиқот; асоснокӣ ва коршоямии (валидияти) хулосаҳои таҳқиқот; асосноккунии методологии фарзия; забон, услуби баён [73, 68].

Тавре ки худи муаллифи матритса қайд мекунад, ин ҷо сухан аз «низоми холӣ-рейтингии таҳқиқоти диссертатсионӣ» меравад. Дар натиҷаи баҳогузории квалиметрӣ диссертатсияи ҳимояшаванда метавонад чунин тасниф карда шавад: 1) ба пуррагӣ ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат дорад (агар дар натиҷаи баҳогузории квалиметрӣ ба ҳисоби миёна аз 90 то 100 хол гирифта бошад); 2) дар сатҳи кофӣ ба талаботи дахлдори Тартиб мутобиқат дорад (80–89 хол); 3) ба талаботи Тартиб мувофиқат дорад (70–79 хол); 4) ба талабот ҷавобгӯ нест (60–69 хол).

Агар, фаразан, як диссертатсияро чун дар боло аз рӯйи меъёрҳо ва холҳои зикршуда арзёбӣ намоем, дар шакли схематикӣ-ҷадвалӣ тибқи

намунаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳо дар соҳаи педагогика, ки аз ҷониби Н.В. Баришников пешниҳод шудааст, чунин натиҷа гирифтан имкон дорад (Ҷадвали 2):

**Ҷадвали 2. Натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳо**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Баҳогузорӣ бо хол** | | | | | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 10 | 9 | 8 | 7 | 6 | |
| 1. Мубрамияти таҳқиқот | | + | | | | **9** |
| 2. Навгонии илмӣ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ | + | | | | | **10** |
| 3. Аҳаммияти назариявӣ | | | + | | | **8** |
| 4. Аҳаммияти амалӣ | | | | + | | **7** |
| 5. Саҳми шахсии диссертант | | + | | | | **9** |
| 6. Заминаи далелноккунӣ (аргументатсия) | | | | | + | **6** |
| 7. Қисмати озмоишӣ-таҷрибавии таҳқиқот | | | + | | | **8** |
| 8. Асоснокӣ ва коршоямии (валидияти) хулосаҳои таҳқиқот | | + | | | | **9** |
| 9. Асосноккунии методологии фарзия | | | | | + | **6** |
| 10. Забон, услуби баѐн | | + | | | | **9** |

Ин чунин маънӣ дорад, ки диссертатсияи фаразан аз таҳлили квалиметрӣ гузаронидашуда, дар маҷмуъ, бо баҳогузории пешбинишуда 81 хол гирифтааст (ҷамъи 9+10+8+7+9+6+8+9+6+9=81). Яъне, диссертатсияи

мазкур бо 81 хол ба меъёри дар сатҳи кофӣ ба талаботи дахлдори Низомнома (80–89 хол) [147, 67] мутобиқат дорад.

Бояд таъкид намуд, ки баҳогузории квалиметрӣ дар матритсаи пешниҳоднамудаи Н.В. Баришников аз ҷониби ҳар як узви Шурои диссертатсионӣ дар ҳар як ҷаласаи он сурат мегирад. Аз ин рӯ, муаллиф қайд мекунад, ки «бешубҳа, ин ба қабули қарор ҳангоми овоздиҳӣ таъсир мерасонад, агар узви Шуро диссертатсияро ба ҳисоби миёна камтар аз 70 хол баҳогузорӣ карда бошад, ӯ бояд «зид» овоз диҳад» [149, 68].

Аз ҷониби дигар, ба ақидаи Н.В. Баришников ҷорӣ намудани чунин таҷриба метавонад дар сатҳи кафедра низ ба натиҷаҳои дилхоҳ расонад. Дар маҷмуъ бошад, истифодаи натиҷаҳои «квалиметрика» ҳангоми баҳогузории таҳқиқоти диссертатсионӣ боварибахш ба назар расида, месазад, ки ин таҷриба идома дода шавад. Амалия собит менамояд, ки баҳогузории квалиметрӣ монеаи боварибахшест, ки намегузорад таҳқиқоти суст ба ҳимоя роҳ дода шаванд [149, 68].

Ба назари мо, ҳар ду намунаи пешниҳодшуда, як норасоӣ доранд: дар онҳо, асосан, нишондиҳандаҳое, ки дар муқаддимаи ҳар як диссертатсия меоянд, мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор мегиранд. Аз ин рӯ, матритсаи шахсан таҳиянамудаи диссертант аз омезиши нишондиҳандаҳои квалиметрияи Черепанов В.С. ва Булатова Е.Г. бо намунаи пешниҳодкардаи Н.В. Баришников ва иловатан овардани боз 5 нишондиҳандаи дигар аст, ки, асосан, ба мундариҷаи диссертатсия дахл доранд: пайдарпайӣ ва мантиқӣ будани мундариҷаи кор; сатҳи маводи аз рӯйи мавзуи таҳқиқот нашршуда; мутобиқати тақсимот ба бобу зербобҳо ба вазифаҳои таҳқиқот; сатҳи таълифи матни асосии диссертатсия; сатҳи таълифи муқаддима, хулоса ва қисматҳои дигари диссертатсия. Ба ин меъёрҳо ҳамчун ба 15 меъёри дигари пешин панҷ градатсия (баҳогузории аз 1-5, яъне 1 - нест, риоя нашудааст, хато истифода шудааст, 2 – ғайриқаноатбахш, 3 – миёна, 4 – хуб, 5 – аъло) муайян карда мешавад. Мо ин намунаро шартан «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) номгузорӣ намудаем.

Ин матритса дар ҷадвали 3 оварда шуда, дар он диссертатсияҳо бо низоми садхолӣ (ҳар як нишондиҳанда аз 1 то 5 хол) баҳогузорӣ карда мешаванд.

Дар матритсаи диссертант 20 нишондиҳанда ѐ меъѐри баҳогузории таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинӣ гардидааст. Дар он квалиметрияи диссертатсияҳо бо ҳамон низоми холӣ-рейтингии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки Н.В. Баришников пешниҳод намудааст, тасниф карда мешавад: 1) ба пуррагӣ ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат дорад (агар дар натиҷаи баҳогузории квалиметрӣ ба ҳисоби миѐна аз 90 то 100 хол гирифта бошад); 2) дар сатҳи кофӣ ба талаботи дахлдори Тартиб мутобиқат дорад (80–89 хол); 3) ба талаботи Тартиб мувофиқат дорад (70–79 хол); 4) ба талабот ҷавобгӯ нест (60–69 хол ѐ камтар аз он).

Пешниҳод карда мешавад, ки матритсаи мазкур дар тамоми сатҳҳои арзѐбии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба кор бурда шавад: пешдифоъ дар кафедра, дар Шурои диссертатсионӣ зимни ташхис ва дифоъ, аз ҷониби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар, ташхис дар КОА ва дар таҳлили квалиметрӣ аз ҷониби коршиносон.

**Ҷадвали 3. Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия (МТКД)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Баҳогузорӣ бо хол** | | | | | **Ҷамъ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | |
| 1. Мубрамияти таҳқиқот | | | | | | |
| 2. Навгонии илмӣ | | | | | | |
| 3. Аҳаммияти назариявӣ | | | | | | |
| 4. Аҳаммияти амалӣ | | | | | | |
| 5. Саҳми шахсии диссертант | | | | | | |
| 6. Заминаи далелноккунӣ (аргументатсия) | | | | | | |
| 7. Қисмати озмоишӣ-таҷрибавии | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| таҳқиқот | | | | | | |
| 8. Асоснокӣ ва коршоямии (валидияти) хулосаҳои таҳқиқот | | | | | | |
| 9. Асосноккунии методологии фарзия | | | | | | |
| 10. Забон, услуби баѐн | | | | | | |
| 11. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ | | | | | | |
| 12. Миқѐси татбиқ | | | | | | |
| 13. Дараҷаи татбиқ, тасвиб | | | | | | |
| 14. Дараҷаи ҷамъбасткунӣ | | | | | | |
| 15. Дараҷаи эътимоднокӣ | | | | | | |
| 16. Пайдарпайӣ ва мантиқӣ будани мундариҷаи кор | | | | | | |
| 17. Сатҳи маводи аз рӯйи мавзуи таҳқиқот нашршуда | | | | | | |
| 18. Мутобиқати тақсимот ба бобу зербобҳо ба вазифаҳои таҳқиқот | | | | | | |
| 19. Сатҳи таълифи матни асосии диссертатсия | | | | | | |
| 20. Сатҳи таълифи муқаддима, хулоса ва қисматҳои дигари диссертатсия | | | | | | |

Бо мақсади таҳлили квалиметрии кори Шуроҳои диссертатсионӣ бошад, истифода аз методи пешниҳоднамудаи И. А. Шишканова, С. И. Пахомов, В. А. Гуртов ва И. В. Пенние оид ба таҳлили фаъолияти аъзои он метавонад самаранок бошад. Дар ин метод ба ҳайси нишондиҳандаҳои асосӣ чунин

талабот хизмат мекунанд: 1) миқдори интишорот дар WoS, Scopus ва ғайра; 2) миқдори интишорот дар маҷаллаҳои ба феҳристи КОА воридбуда; 3) миқдори иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ; 4) миқдори монографияҳои тақризшуда; 5) миқдори иқтибосоварӣ аз асарҳои узви шуро дар WoS, Scopus ва ғайра; 6) индекси Хирш (РИНС/WoS/ Scopus) [369].

Квалиметрияи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии ниҳодҳои илмӣ бошад, аз ҷониби диссертант зимни таҳқиқот бо истифода аз баъзе нишондиҳандаҳои «Дастурамали баҳогузории маҷмуӣ ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳо ва ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.06. 2016, №9/41) [25] роҳандозӣ мегардад.

**Ҷадвали 4. Рейтинги илмии кафедра, муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | | **Холе, ки барои як воҳид гузошта мешавад** |
|---|---|---|
| **1. Ташкили чорабиниҳо (конференсияҳо, конгрессҳо, семинарҳо) барои ҳайати профессорону омӯзгорон** | Байналмилалӣ бо нашри маҷмуаи мавод | 20 |
| | Байналмилалӣ бе нашри маҷмуаи мавод | 15 |
| | Ҷумҳуриявӣ бо нашри маҷмуаи мавод | 10 |
| | Ҷумҳуриявӣ бе нашри маҷмуаи мавод | 7 |
| | Донишгоҳӣ (донишкадавӣ) бо нашри маҷмуаи мавод | 5 |
| | Донишгоҳӣ (донишкадавӣ) бе нашри маҷмуаи мавод | 3 |
| | Семинарҳои омӯзишӣ | 2 |
| | Мизи мудаввар ва ғ. | 1 |
| **2. Ташкили чорабиниҳо барои докторантон аз рӯйи ихтисос (аспирантон)** | Конференсияи байнидонишгоҳӣ | 5 |
| | Конференсияи байникафедравӣ, дохилидонишгоҳӣ | 3 |
| | Олимпиадаи байнидонишгоҳӣ | 5 |
| | Олимпиадаи дохилидонишгоҳӣ | 3 |
| **3. Ҳамкории эҷодӣ бо дигар** | Минтақавӣ | 3 |
| | Ҷумҳуриявӣ | 5 |

| | | |
|---|---|---|
| **муассисаҳои илмӣ** | Байналмилалӣ | 10 |
| **4. Лоиҳаҳои пешниҳодшуда барои гирифтани грант ѐ иштирок дар озмунҳо** | Ҷумҳуриявӣ | 5 |
| | Байналмилалӣ | 10 |
| **5. Лоиҳаҳои ғолибшуда дар гирифтани грант ѐ дар озмунҳо** | Ҷумҳуриявӣ | 20 |
| | Байналмилалӣ | 30 |
| **6. Иштирок дар иҷрои мавзуъҳои фармоишӣ** | Дар кафедраи худ | 10 |
| | Дар кафедраҳои дигар | 5 |
| | Ҷойи дуюм | 7 |
| | Ҷойи сеюм | 5 |
| **7. Иштирок дар иҷрои чорабиниҳои дигари илмӣ (бо нишон додани муҳтаво)** | Муҳтавои фаъолият | 3 |

Барои ҳисоб кардани баҳои квалиметрии фаъолияти ҳайати ходимони илмӣ нишондиҳандаҳои дахлдори ҷадвали зерин ба назар гирифта мешаванд, ки аз манбаъҳои гуногун бо иловаҳои худи диссертант таҳия гардидааст:

**Ҷадвали 5. Баҳои квалиметрии фаъолияти ҳайати ходимони илмӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Холҳо | Эзоҳ |
|---|---|---|
| **Иштирок дар таҳқиқотҳои илмӣ** | | |
| 1. Корҳои илмии ба нақша гирифташуда | 3 (барои ҳар мавзуъ) | |

| | | |
|---|---|---|
| (кафедравӣ) | | |
| 2. Корҳои илмии шартномавӣ (аз ҳисоби буҷет) | 4 (барои ҳар мавзуъ) | |
| 3. Корҳои илмӣ бо грантҳо (миллӣ ѐ байналмилалӣ) | 5 (барои ҳар мавзуъ) | |
| **Нашриѐт** | | |
| 4. Мақолаҳо дар маҷаллаҳое, ки ба пойгоҳи додаҳои Web of Sciences, Scopus ва ғайра дохил мешаванд | 10 (барои ҳар мавзуъ) | |
| 5. Мақолаҳо дар маҷаллаҳое, ки ба рӯйхати КОА ҶТ ѐ ФР дохил карда шудаанд | 5 (барои ҳар мавзуъ) | |
| 6. Мақолаҳо дар маҷаллаҳо, ки дар базаи РИНС ба қайд гирифта шудаанд | 4 (барои ҳар мавзуъ) | |
| 7. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳои илмӣ | 3 (барои ҳар мавзуъ) | |
| 8. Монография (алоҳида) | 10 (барои ҳар монография) | |
| 9. Монография (ҳаммуаллифӣ) | 7 (барои ҳар монография) | |
| 10. Китоби дарсӣ | 10 (барои ҳар китоби дарсӣ) | |
| 11. Васоити таълимӣ | 7 (барои ҳар китоби дарсӣ) | |
| 12. Барномаи таълимӣ (силлабус) | 3 (барои ҳар барнома) | |
| 13. Мақолаи илмӣ-оммавӣ оид ба ҳифзи арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ, татбиқи сиѐсати давлатӣ | 5 (барои ҳамаи мақолаҳо) | |
| 14. Фаъолияти ихтироъкорӣ ва гирифтани патент | 3 (барои ҳар як патенти пешакӣ);<br>5 (барои ҳар як патент) | |
| 15. Индекси “Хирш” тибқи “РИНС” | Тибқи нишондодҳои “РИНС” | |
| **Иштирок дар конфронс** | | |
| 16. Конфронси шуъбавӣ | 3 | |
| 17. Конфронси муассисавӣ | 4 | |
| 18. Конфронси ҷумҳуриявӣ | 5 | |

| | | |
|---|---|---|
| 19. Конфронсҳои байналмилалӣ | 10 | |
| **Ҳимояи рисолаҳои илмӣ ва омода кардани кадрҳо** | | |
| 20. Барои доштани дараҷаи доктори илм | 10 | |
| 21. Барои доштани дараҷаи номзади илм | 7 | |
| 22. Барои доштани унвони профессор | 10 | |
| 23. Барои доштани унвони дотсент | 7 | |
| 24. Барои доштани унвони узви вобастаи АМИТ ѐ академияҳои соҳавӣ | 8 (иловатан ба дараҷаи докторӣ, унвони дотсент ѐ профессор) | |
| 25. Барои унвони академики АМИТ ѐ академияҳои соҳавӣ | 8 (иловатан ба дараҷаи докторӣ, унвони дотсент ѐ профессор) | |
| 26. Ҳимояи рисолаи номзадӣ | 10 | |
| 27. Ҳимояи рисолаи докторӣ | 10 | |
| 28. Роҳбарии рисолаи номзадии дифоъшуда | 7 (барои ҳар диссертатсия) | |
| 29. Роҳбарии рисолаи доктории дифоъшуда | 7 (барои ҳар диссертатсия) | |
| 30. Дар Шурои диссертатсионӣ аъзо будан | 3 (барои ҳар як Шуро, вале на зиѐда аз 3) | |
| 31. Ба сифати оппоненти расмии рисолаи докторӣ баромад кардан | 5 | |
| 32. Ба сифати оппоненти расмии рисолаи номзадӣ баромад кардан | 4 | |
| 33. Таҷрибаомӯзии илмӣ дар дохили давлат | 4 | |
| 34. Таҷрибаомӯзии илмӣ дар хориҷи давлат | 5 | |
| 35. Курсҳои такмили ихтисос | 4 | |

Дар баробари ин, зимни таҳқиқоти мо квалиметрияи мавзуъҳои фармоишӣ (мавзуъҳои илмии аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда), фаъолияти оинномавии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти таҳқиқ ва назорати равандҳои педагогӣ, таҳқиқоти монографӣ, маърӯзаҳо дар

чорабиниҳои гуногуни илмӣ, нашри мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, тайѐр кардани кадрҳои илмӣ, корҳои фаҳмондадиҳию тарғиботӣ оид ба ҷалби мутахассисони ҷавон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, баррасии диссертатсияҳои ҳимояшуда ва ғайра дар асоси ҳисоботҳои ин ниҳодҳо ва маводи дигар тавассути методи экспертӣ ва методҳои квалиметрию ғайриквалиметрӣ, ки дар муқаддимаи таҳқиқот зикр шудаанд, гузаронида мешавад.

Хулоса, таҳлили моҳияти квалиметрия ва методҳое, ки зимни истифода аз он барои арзѐбӣ, таҳқиқ ва баррасӣ ба кор бурда мешаванд, нишон медиҳад, ки он самти муҳимми арзѐбии таҳқиқоти педагогӣ мебошад. Ҳамзамон, ҷойгоҳи квалиметрияро дар таҳқиқоти илмҳои педагогикӣ ва заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди пажӯҳишҳо дар ин самтро ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба хулосае расидем, ки квалиметрия метавонад дар арзѐбии таҳқиқоти педагогии анҷомдодашуда мушкилоту норасоиҳоро пайдо намуда, барои дурнамои рушди навъҳои гуногун таҳқиқот дар ин соҳа нақши назаррасро ба анҷом расонад. Вобаста ба ин намунаҳои таҳлили квалиметрии навъҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) коркард шуда, истифода аз онҳо дар бобҳои минбаъдаи таҳқиқот барои таҳлили квалиметрии фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, натиҷаҳои илмии ин ниҳодҳо ва муҳаққиқони соҳаи педагогика ва муйянсозии дурнамои рушди илмҳои педагогӣ мусоидат намудааст.

## Хулоса оид ба боби якум

Таҳлили асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти педагогӣ ва арзѐбии он, моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, методология, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он, таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунѐдӣ ва амалии педагогӣ, инчунин, квалиметрия самти муҳимми арзѐбии таҳқиқоти педагогиро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулосаҳо ва пешниҳодҳо расидан имкон дорад:

1. Таҳқиқоти педагогӣ ҳамчун раванди махсуси ташаккули донишҳо ва шакли фаъолияти маърифатӣ, ки дар тамоми сатҳҳои эмпирикӣ, назариявӣ ва

методологӣ гузаронида мешавад, зимни арзёбӣ дар баробари омӯзиши ин сатҳҳо, инчунин, қабл аз ҳама, таҳқиқи методу усулҳои дар ин раванд истифодашуда ва ба масъалаҳои мубрами соҳа рабт доштан ё надоштанро талаб мекунад. Ҳамзамон, арзёбии намуд ва шаклҳои асосии фаъолият дар таҳқиқоти педагогӣ муҳим буда, байни онҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ мақоми аввалиндараҷа дорад.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии педагогӣ ҳамчун кори тахассусии илмӣ, ки барои ҳимояи ошкоро пешниҳод мегардад ва таърихи мухтасари пайдоиш ва рушди он нишон медиҳад, ки он яке аз воситаҳои муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар соҳаи педагогика мебошад. Бо ин мақсад омӯзиши сохтор ва муҳтавои он метавонад барои арзёбии вазъи таҳқиқоти педагогӣ ва муайян сохтани дурнамои рушди педагогика ва илмҳои ин соҳа мусоидат намояд. Ҳамзамон, камбудиҳои мавҷуда дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ тақозо менамоянд, ки моҳияти онҳо ошкор шуда, барои рафъи норасоиҳо тадбирҳои саривақтӣ андешида шаванд. Барои иҷрои ин вазифаи муҳим бошад, таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти педагогӣ бо истифода аз тамоми роҳу услҳои арзёбӣ, махсусан, тавассути таҳлили квалиметрӣ нақши назаррасро метавонад иҷро намояд.

3. Дар илми педагогикаи тоҷик ташаккулёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи фаъолияти илмӣ-педагогии дастаҷамъӣ ба вуқуъ омадааст, ки дар ибтидо характери ғайрирасмӣ, ҷамъиятӣ дошта, баъдтар ба яке аз вазифаҳои давлатӣ табдил ёфт. Дар маҷмуъ, имрӯз таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ мақоми махсусро касб кардааст. Вале ба ин нигоҳ накарда, барои таҳким бахшидани заминаи методологӣ ва расмии таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом додани корҳои зерин мувофиқи матлаб мебошад:

- омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи консепсияҳои муосири илмии ватанӣ ва хориҷӣ;

- коркарди нишондиҳандаҳо, алгоритмҳо, меъёрҳои нави арзёбии мубрамият, навгонӣ, фарзияи илмӣ, натиҷаҳои назариявӣ ва амалии тақиқоти диссертатсионӣ;

- дар раванди арзёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷорӣ намудани меъёрҳои квалиметрӣ, библиометрӣ ва илмсанҷӣ;

- дар нақшаҳои таълимии зинаҳои магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос ба роҳ мондани омӯзиши фанҳои нав, аз қабили «Асосҳои квалиметрияи педагогӣ», «Библиометрияи педагогӣ», «Сарчашмашиносии илмӣ»;

- ба сифати меъёри арзёбии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷорӣ намудани «индекси иқтибосоварӣ», мавҷудияти интишороти унвонҷӯ дар нашрияҳои байналмилалӣ, ба монанди SCOPUS ва WEB of science ва ғайра;

- ҷалби коршиносони варзида ва собиқадор ба ҳайати Шуроҳои диссертатсионӣ ва экспертӣ;

- ҳангоми таҳияи номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи мушаххас ҷалб намудани олимону мутахассисони шинохтаи соҳавӣ ва ба инобат гирифтани тамоюлоти рушди илмҳои педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ.

4. Моҳияти квалиметрия ва методҳое, ки зимни истифода аз он барои арзёбӣ, таҳқиқ ва баррасӣ ба кор бурда мешаванд, нишон медиҳад, ки он самти муҳимми арзёбии таҳқиқоти педагогӣ мебошад. Ҳамзамон, ҷойгоҳи квалиметрияро дар таҳқиқоти илмҳои педагогикӣ ва заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди пажӯҳишҳо дар ин самтро ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба хулосае расидем, ки квалиметрия метавонад дар арзёбии таҳқиқоти педагогии анҷомдодашуда мушкилоту норасоиҳоро пайдо намуда, барои дурнамои рушди навъҳои гуногун таҳқиқот дар ин соҳа нақши назаррасро ба анҷом расонад. Вобаста ба ин намунаҳои таҳлили квалиметрии навъҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) коркард шуда, истифода аз онҳо барои таҳлили квалиметрии фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-

таҳқиқотӣ, натиҷаҳои илмии ин ниҳодҳо ва муҳаққиқони соҳаи педагогика ва муйянсозии дурнамои рушди илмҳои педагогӣ мусоидат менамояд.

5. Ба андешаи ин ҷониб, дар баробари дастовардҳо барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон корҳои зеринро ба анҷом расонидан ба мақсад мувофиқ аст:

- заминаҳои асосии ташаккул ва рушди таҳқиқоти педагогӣ дар асоси шароитҳои мушаххаси сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вазъи илм, маориф ва фарҳанг мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шаванд;

- асосҳои ташаккул ва рушди пажӯҳишҳои педагогӣ дар заминаи суннатҳо, арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ омӯхта шаванд;

- сабабҳо, омилҳо ва пайомадҳои дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтани дастовардҳои таърихии педагогикаи миллӣ ошкор карда шаванд.

6. Барои ташаккулёбӣ ва рушди квалиметрия, аз ҷумла, квалиметрияи педагогӣ ҳамчун равияи нав дар илми ватанӣ андешидани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

– ҷалби олимону мутахассисон ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва ҷанбаҳои амалии квалиметрия, аз ҷумла, квалиметрияи педагогӣ;

– дар заминаи дастовардҳои квалиметрияи муосир такмил додани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби коршиносон анҷом дода мешаванд;

– татбиқи муносибати тафриқа ҳангоми арзёбии таҳқиқоти диссертатсионии соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла, мавзуъҳои мушаххас оид ба педагогика;

– таҳияи стандартҳои миллӣ ва ба сатҳи стандартҳои байналмилалӣ баровардани истилоҳоти илмии соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, педагогика;

– таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ дар заминаи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва дастовардҳои илми муосир.

# БОБИ 2. КВАЛИМЕТРИЯИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГИИ НИҲОДҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТИИ ТОҶИКИСТОН

Илм, чунонки дар боби гузашта таъкид гардида буд, ҳамчун инъикоси назариявии воқеият тавассути шахсиятҳои баргузидаи ҳар як халқу миллат, гурӯҳи одамон, ки вобаста аз мақсаду ҳадафҳои якхелаи илмӣ бо ҳам муттаҳид мегарданд, инчунин, аз ҷониби ниҳодҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ, ки онҳоро худи гурӯҳи одамон ѐ давлату мақомоти он таъсис медиҳанд, рушду такомул меѐбад. Дар таърихи халқи мо низ аз қадим на танҳо олимони алоҳида ба соҳаҳои гуногуни илм машғул гардидаанд, балки ҳатто, қабл аз ислом ҳам мактабҳои илмии бузурге чун Академияи Гундишопур фаъол будаанд. Вале рушди воқеии илми муосир дар кишвари мо ибтидо аз барқароршавии ҳокимияти шуравӣ оғоз гардида, ҳоло дар Тоҷикистони соҳибистиқлол анъанаҳои он идома доранд. Айни ҳамин суханонро дар бораи таҳқиқоти педагогӣ дар кишварамон низ метавон такрор намуд.

Бо сабабҳои дар боло зикргардида, дар ин боби диссертатсия мо таърихи ташаккул ва рушди низоми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистонро ибтидо аз даврони шуравӣ то истиқлоли давлатӣ, фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохторҳои онро дар самти таҳқиқи проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ, инчунин, таҳқиқоти мавзуии масъалаҳои муосири педагогиро дар таърихи муосири миллатамон – дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додаем.

Зимни таҳлили квалиметрии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, чунонки дар боби гузашта таъкид ѐфта буд, ба масъалаҳои иҷрои мавзуъҳои фармоишӣ, фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти таҳқиқ ва назорати равандҳои педагогӣ, таҳқиқоти монографӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, нашри мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, тайѐр кардани кадрҳои илмӣ, инчунин, таҳқиқоти мавзуӣ ва амсоли он таваҷҷуҳ карда шудааст, то вазъ ва мушкилоти мавҷуда маълум ва дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ мушаххас карда шавад.

## 2.1. Таърихи ташаккул ва рушди низоми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва таҳлили квалиметрии он

Рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон то даврони истиқлоли давлатӣ аз ташкили Комиссияи илмӣ-педагогии Тоҷикистон дар назди Шурои илмии давлатии Комиссариати маорифи халқи Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Туркистон, ки моҳи декабри соли 1924, пас аз таъсиси ҶМСС Тоҷикистон ва Шурои Комиссарони Халқи ҷумҳурии мухтор ба Шурои давлатии илмӣ табдил ёфта, тӯли солҳои зиёд роҳбарии онро шоири машҳур Абулқосим Лоҳутӣ ба уҳда дошт, оғоз меёбад. Вазифаи Шурои мазкур аз таҳияи барномаҳои таълимӣ барои мактабҳо, курсҳо ва муассисаҳои таҳсилотӣ, мутобиқгардонии барномаи РСФСР (Ҷумҳурии Советии Федеративии Сотсиалистии Россия) ва ҷумҳуриҳои бародарӣ ба шароити Тоҷикистон буд.

Ҳамзамон, аз санадҳои таърихӣ бармеояд, ки аз моҳи декабри соли 1924 Донишкадаи тоҷикии маориф дар шаҳри Тошканд (бо забони русӣ: Таджикский институт просвещения, мухтасаран Тоҷикинпрос; бо забони тоҷикӣ: Дорулмуаллимини тоҷикӣ) ба фаъолият оғоз намуд. Дар ин муассиса маҷаллаҳо оид ба соҳаи маориф, тавсияҳои методӣ ва маводи таълимӣ низ таҳия мегардиданд. Соли 1935 ин муассиса ба Донишкадаи тоҷикии омӯзгории дусола дар шаҳри Тошканд (двухгодичный Таджикский учительский институт) табдил дода шуд.

Дар санҷиши фаъолияти Дорулмуаллимини тоҷикӣ аз ҷониби комиссияи махсус мо бори аввал арзёбии квалиметрии соҳаи маориф ва педагогикаро мушоҳида мекунем [244]. Аз ҷумла, соли 1926 Комиссариати маорифи халқии Узбекистон бо мақсади иҷрои протоколи худ аз 12 декабри соли 1925, таҳти рақами 9 як комиссияи босалоҳияте барои санҷиши фаъолияти Дорулмуаллимини тоҷикӣ таъсис дод. Ба ҳайати комиссияи мазкур раиси комиссияи илмии Тоҷикистон Нисор Муҳаммадов (1897-1937),

ваколатдори Комиссариати маорифи халқии Узбекистон Дудко, директори Дорулмуаллимини тоҷикӣ Аҷабарӣ Шарафуддинов, мудири қисми таълими ҳамин муассиса Дмитриенко Д. ва комиссари маорифи халқии Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон Аббос Алиев (1899-1958) шомил буданд. Комисияи мазкур як санади муҳимме бо номи «Маърӯза дар бораи вазъ дар Донишкадаи тоҷикии маориф дар шаҳри Тошканд» аз 14 феврали соли 1926 омода намуд, ки дар он дар асоси истифода аз усулҳои ба квалиметрияи муосир шабоҳатдошта (арзёбии экспертӣ) тамоми камбудиҳои муассиса зикр гардидаанд.

Аз санади мазкур маълум мегардад, ки бинои таълимии Дорулмуаллимини тоҷикӣ аз ҷиҳати масоҳати таълимӣ нокифоя будааст. Ҳамзамон, аз муҳтавои санаде, ки аз ҷониби мутахассисон таҳия гардидааст, айён мегардад, ки масъалаҳои таъмини сифати таълим барои нозирон-экспертҳо дар мадди аввал қарор доштаанд. Масалан, комиссия баъди санҷиш зикр намудааст, ки «комилан мавҷуд набудани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ бо забони тоҷикӣ, ба ҳамаи саъю кӯшиши ҳайати педагогӣ нигоҳ накарда, имкон намедиҳад, ки методҳои нави таълим, ҳатто, дар ҳадди ақал мавриди истифода қарор дода шаванд» [345].

Дар «Маърӯза дар бораи вазъ дар Донишкадаи тоҷикии маориф дар шаҳри Тошканд» аз 14 феврали соли 1926 камбудиҳои дигарро низ дар фаъолияти ин муассиса зикр карда, барои ислоҳи онҳо коршиносон чунин пешниҳодҳо намудаанд: «Донишкадаи тоҷикии маориф дар шаҳри Тошканд ягона маркази фарҳангӣ барои тамоми тоҷикони Осиёи Миёна мебошад ва аз ин рӯ, он таваҷҷуҳи ҳам ҷонибдорони мактаби нав ва ҳам душманони онро, ки мехоҳанд ҳар як камбудии Дорулмуаллимини тоҷикиро ҳамчун камбудии тарбия ва таълим дар умум муаррифӣ намоянд, ҷалб месозад... аз ин рӯ, комиссия қотеона талаб мекунад, ки ба Дорулмуаллимини тоҷикӣ бино бо масоҳати зарурӣ ҷудо гардида, фавран ба нашри китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ бо забони тоҷикӣ шуруъ карда шавад» [345].

Баъд аз ин даврон, марҳилаи нави рушди маорифи миллӣ бо табдилёбии ҶМСС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон оғоз ёфта, соли 1930 дар назди Комиссариати маорифи халқи он Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотӣ таъсис ёфт, ки вазифаи он таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илми педагогика, таълиму тарбияи коммунистӣ, татбиқи натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар амалия, тарбияи кадрҳои илмӣ ва паҳннамоии таҷрибаи пешқадами педагогӣ буд [21].

Дар давраи ибтидоии сохтмони сотсиализм ба рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон дар шароити вазнини ҷанги шаҳрвандӣ, мубориза бар зидди мудохилакорони хориҷӣ ва зиддиинқилобиёни дохилӣ саҳми бузургро аввалин маорифчиён гузошта, дар деҳоти дурдасттарини ҷумҳурӣ дар ташаккули фарҳанг ва маорифи халқ нақши назаррас гузоштанд.

Солҳои 30-40-уми асри XX дар рушди илмҳои педагогӣ таҳияи аввалин китобҳои дарсӣ, адабиёти таълимӣ-методӣ барои мактабҳои Тоҷикистони Советӣ Л.Бузургзода, Ш.Ниёзӣ, А.Деҳотӣ, Н.Маъсумӣ, Б.Ниёзмуҳаммедов, Х. Мирзозода, С.Арзуманов, Д.Тоҷиев, В.Асрорӣ, Ҳ.Каримов, А.Каримов, А. Эшонҷонов ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Институте, ки бо ташаббуси ҳукумати ҷумҳурӣ бунёд гардида буд, яъне Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаи байниидоравӣ ба шумор рафта, дар тобеияти Комиссариати маорифи РСС Тоҷикистон қарор дошт ва дар баробари дигар сохторҳо дорои ду бахш буд, ки онҳо бевосита ба маорифи халқ тааллуқ доштанд.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҳамон давра коршиносон фаъолияти ин муассисаро санҷиш намуда, дар руҳияи арзёбии квалиметрӣ ба масъулони соҳа пешниҳодоти худро манзур сохта буданд. Аз ҷумла, дар мактуби иҷрокунандаи вазифаи директори институт, комиссари маорифи халқи ҷумҳурӣ Юсуф Нисор Муҳаммад ба Шурои Комиссарони халқи Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон зикр гардида буд, ки «агарчи аз рӯйи таъиноти худ Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон бояд институти муттаҳидаи аз ҳисоби маблағгузории

комиссариатҳои гуногун ҷиҳати маблағгузорӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дорои буҷети мустақил бошад, вале дар амал Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон танҳо аз ҳисоби маблағҳои барои харҷномаи Комиссариати маорифи халқ пешбинишаванда маблағгузорӣ мешавад» [22].

Сазовори таъкид аст, ки барои таъсиси Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон президиуми Ҷамъияти омӯзиши Тоҷикистон ва халқҳои эронӣ корҳои зиѐдеро ба анҷом расонид [19]. Дар ин давра дар Тоҷикистон норасоии кадрҳои баландихтисоси илмӣ ба назар мерасид, аз ин рӯ, Комиссариати маорифи халқи ҷумҳурӣ ба Ҷамъияти мазкур муроҷиат намуда, хоҳиш кард, ки дар таҳия ва баррасии як қатор масъалаҳои ба соҳаи мактабдорӣ дахлдор кумак расонад. Ҷамъият бо ин мақсад барои анҷоми корҳо бахши махсуси педагогиро таъсис дода, барои фаъолият мутахассисонро на танҳо аз шаҳри Душанбе, балки неруҳои педагогиро аз ҳисоби тоҷикони шаҳри Тошканд низ ҷалб намуд. Баъдтар, моҳи сентябри соли 1930 Ҷамъияти мазкур ба институти навтаъсиси илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон ба сифати бахш ҳамроҳ карда шуд.

Моҳи феврали соли 1931 дар анҷумани IV Шуроҳои РСС Тоҷикистон маърӯзаи комиссари маориф Юсуф Нисор Муҳаммад оид ба гузаронидани таълими умумии ибтидоӣ ва вазифаҳои навбатии маорифи халқ ироа гардид. Дар Эъломия бахшида ба масъалаи мазкур бо такя ба усулҳои ҳамондавраи арзѐбиҳо зикр гардидааст, ки «вусъати доимоафзояндаи сатҳи фарҳангӣ ва нокифоягии омӯзиши хусусиятҳои фарҳангӣ-маишии Тоҷикистони Советӣ гузаронидани таҳқиқоти ҷиддии илмиро тақозо менамояд. Анҷуман фаъолияти ҳукуматро дар самти таъсиси Институти илмӣ-таҳқиқотӣ маъқул дониста, ҳамзамон, ба ҳукумат ва Комиссариати маорифи халқ супориш медиҳад, ки фаъолияти мукаммали институтро таъмин намоянд» [21].

Ба мақсади иҷрои нишондоди Эъломияи анҷумани IV Шуроҳои РСС Тоҷикистон Комиссариати маорифи халқ масъалаи беҳтар намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотиро чандин маротиба мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати татбиқи онҳо тадбирҳои мушаххас андешид. Масалан, 26 июни соли 1931 дар

ҷаласаи назди Комиссариати халқ масъалаи «Дар бораи Институти илмӣ-таҳқиқотӣ» баррасӣ гардид: дар қарори ҷаласа зарурати ҷудо намудани маблағ барои харидории китобҳо, сафарҳои хизматӣ, интишор ва таҳрири осори илмӣ дастурҳои мушаххас дарҷ шуда буданд [20].

Ҳизби коммунист ва давлати шуравӣ аз рӯзҳои аввали барқарор гардидани ҳокимияти шуравӣ нисбат ба тарбияи кадрҳои миллӣ ва такмили ихтисоси онҳо пайваста ғамхорӣ менамуд. Ба ин мақсад, инчунин, ҷиҳати таъмини роҳбарӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои кори доимӣ аз шаҳрҳои марказии мамлакат мутахассисони баландихтисоси дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ даъват шуда буданд.

Моҳи марти соли 1933 Шурои Комиссарони Халқи РСС Тоҷикистон дар бораи васеъ намудани фаъолияти базаи Тоҷикистонии АИ ИҶШС (СССР) қарор қабул намуда, вобаста ба он Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотии Комиссариати маорифи халқи РСС Тоҷикистонро ба тобеяти он вогузор намуд. Бо дарназардошти он ки дар Академияи педагогӣ оид ба ин самт корҳои илмӣ-педагогӣ ба роҳ монда шуда буданд, тибқи ҳамин қарор аз сохтори Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотӣ кафедраи педагогика хориҷ ва ба Академияи педагогӣ ҳамроҳ карда шуда, барои таъмини фаъолияти он дар ҳаҷми 25 ҳазор сум маблағгузории дахлдор пешбинӣ гардид [21].

Пас аз муддати начандон тӯлонӣ Шурои Комиссарони Халқи РСС Тоҷикистон (протоколи №15, аз 10 августи соли 1933, §20) дар бораи дар заминаи бахши педагогикаи Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотӣ ва кабинети ҷумҳуриявии педология дар низоми Комиссариати маорифи халқи РСС Тоҷикистон ташкил намудани Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ қарор қабул намуд, ки дар он самтҳои асосии зерини фаъолият пешбинӣ шуда буд: ташкил намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар заминаи методологияи марксистӣ-ленинӣ, қарорҳои ҳизб ва ҳукумат оид ба мактаб, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибае, ки кормандони мактабҳо дар амал андӯхтаанд [18]. Аз ҳамон давра дар ҷумҳурӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба илмҳои педагогӣ оғоз гардида, то ҳол идома доранд. Олимон-педагогҳо дар

ҳамкорӣ бо омӯзгорони пуртаҷрибаи мактабҳо даҳҳо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ таҳия ва чоп намуданд.

Ҳамаи ин тағйироти пайдарпай гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки мутахассисону коршиносони он давра дар якҷоягӣ бо намояндагони ҳокимияти расмии давлатӣ бо мақсади рушди таҳқиқоти педагогӣ мунтазам фаъолияти ниҳодҳои мавҷудаи педагогиро аз санҷиш мегузаронидананд ва фаъолияти кормандони соҳа, аз ҷумла муҳаққиқон ва натиҷаҳои илмии онҳоро бо истифода аз методҳои гуногун арзёбӣ намуда, қарорҳои дахлдор қабул мекарданд. Ин далелҳо мавҷудияти собиқаи тӯлонии истифода аз дастгоҳи қавии арзёбиҳои педагогиро собит месозанд.

Ба рушди илмҳои педагогӣ дар РСС Тоҷикистон ташкил ва ба роҳ мондани чопи маҷаллаҳо ва рӯзномаҳои махсус низ мусоидат карданд, ки дар давраҳои гуногун ва то имрӯз нашр мешаванд. Баъзе аз онҳо чандин маротиба номашонро дигар кардаанд, ба монанди «Дониш ва омӯзгор» («Знание и учитель»), «Роҳбари дониш» («Путеводитель знания»), «Мактаби советӣ» («Советская школа»), «Газетаи муаллимон» («Учительская газета»), “Забони русӣ ва адабиёт дар мактаби тоҷикӣ” («Русский язык и литература в таджикской школе») ва ғайра. Ҳамзамон, осори илмии олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шакли китоб ва мақолаҳои илмӣ, осори илмию методии кормандони Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогии Тоҷикистон дар шакли маҷмуа нашр ва пешкаши омӯзгорон гардонида мешуданд ва ин анъана то имрӯз идома дорад.

Вобаста ба ин, қобили зикр аст, ки таҳлилҳои квалиметрӣ нишон медиҳанд, ки нақши нашрияҳо, дар ҳақиқат ҳам, дар рушди таҳқиқоти педагогӣ хеле назаррас аст. Дар ин бора муҳаққиқи рус Абелев Г.И. низ таъкид доштааст: «Маҷаллаҳои илмӣ вазифаи дугонаро иҷро мекунанд – ба ғайр аз мақоми иттилоотдиҳии фавриро доштан, онҳо нақши муайянкунандаро ҳамчун танзимгари сатҳи илмӣ дар соҳаи худ мебозанд. Мақола – маҳсули ниҳоии таҳқиқоти мушаххаси илмӣ, ки ба маҷалла ирсол шудааст, таҳти ташхиси баландпояи мутахассисон (тақриз) қарор мегирад ва

ҳамзамон, бо рақобат бо дигар мақолаҳо рӯ ба рӯ мешавад, зеро имкониятҳои маҷаллаи хуб, ҳамеша аз хоҳиши онҳое, ки мехоҳанд дар он мавод нашр кунанд, пасттар аст. Ба ибораи дигар, мақола аз «назорати сифат» мегузарад. Ҳар қадар, ки маҷалла бонуфуз бошад, ҳамон қадар интихоб ҷиддӣ ва талабот ба мақола болотар аст – ба мубрамият, асолат, навгонӣ ва сифати таълифи он, яъне ба аломатҳое, ки сатҳи илмии корро муайян мекунанд... Бо ҳамин тарз маҷаллаҳои илмӣ дар қатори шуроҳо оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҳамчун канали алоқаи мутақобила хизмат мекунанд, ки тибқи онҳо ҷомеаи илмӣ сатҳи таҳқиқотро дар ҳамин соҳа танзим карда, онро мунтазам ба сатҳи болотар «мекашад». Дар ин зимн маҷаллаҳои илмӣ ҳамчун омили доимӣ дар ҳамаи дараҷаҳои дар вазифа болоравии олим фаъоланд, ки онҳоро аз шуроҳои диссертатсионӣ, ки танҳо дар марҳилаҳои алоҳидаи критикии ин болоравӣ дахолат менамоянд, фарқ мекунонад» [337].

Бояд таъкид намуд, ки моҳи июли соли 1934 Комиссариати маорифи халқи РСС Тоҷикистон Низомномаи Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогикаро тасдиқ намуд. Дар Низомнома қайд гардида буд, ки ба зиммаи Институт ҳаллу фасли масъалаҳои зерин вогузор карда мешавад: таълиму тарбияи бачагон, наврасон ва калонсолон; проблемаҳои тарбияи иҷтимоӣ. Ин ниҳод бояд ба муттаҳидгардонии тамоми корҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки дар муассисаҳои таълимии педагогӣ гузаронида мешаванд, мусоидат менамуд.

Вазифаҳои муҳимтарини институт бошад, аз инҳо иборат буданд: таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳо оид ба илмҳои педагогӣ, барномаҳои таълимӣ, китобу дастурҳо оид ба фанҳое, ки хоси ҷумҳурӣ мебошанд, масалан, забон ва адабиёти тоҷик, инчунин, китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ, паҳн намудани дастовардҳои илмҳои педагогӣ дар байни кормандони маорифи халқ, омӯзиш, ҷамъбаст ва истифодаи таҷрибаи омӯзгорони беҳтарини мактабҳо ва кормандони пешқадами муассисаҳои томактабӣ ва беруназмактабӣ. Баъдтар ба доираи вазифаҳои институт гузаронидани конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо, машваратҳо ва хонишҳои педагогӣ ворид карда шуданд.

Сохтори Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогии Тоҷикистон тадриҷан мукаммал гардида, он чандин маротиба тағйири ном кард ва дар тӯли 3-4 соли фаъолият аз мавҷудияти худ дарак дод. Зимни таъсис додани институт дар таркиби он 5 шуъба дар назар дошта шуда буд, ки оид ба самтҳои марбути педагогика таҳқиқот мебурданд: шуъбаҳои педагогика, психология, барномавӣ-методӣ ва политехникӣ. Бояд таъкид кард, ки то қабули қарори КМ ВКП (б) аз 4 июли соли 1936 «Дар бораи таҳрифҳои педагогӣ дар низоми Комиссариати маорифи халқ» ба он кабинети педология низ шомил карда шуда буд.

Дар нақшаи фаъолияти институти мазкур таҳқиқи масъалаҳои такмили методҳои фаъолияти шуъбаҳои маориф, омӯзиши реҷаи тарбия дар мактабҳои ибтидоӣ, корҳои беруназсинфӣ, таҳқиқи маорифи халқ дар Тоҷикистон, таҳия ва нашри мақолаҳои оммафаҳми илмӣ-методӣ ва тадбирҳои дигари ба инҳо монанд ворид карда шуда буданд. Ходимони илмии институти мазкур семинару машваратҳо доир намуда, ба шуъбаҳои маорифи  халқ ҷиҳати баргузории конференсияҳои ноҳиявӣ ва шаҳрӣ кумак мерасониданд.

Санаи 29 майи соли 1939 номи Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ ба Институти илмӣ-таҳқиқотии мактабҳо табдил дода шуда, вобаста ба он то андозае самтҳои фаъолияти он тағйир ѐфтанд. Тибқи Низомномаи институт ба зиммаи он дар заминаи омӯзиши таҷрибаи мактабҳо ва омӯзгорони пешқадам таҳия ва баррасии масъалаҳои асосии таълиму тарбияи коммунистии насли наврас вогузор карда шуда буд [21].

Дар ин давра таваҷҷуҳи кормандони илмии институт, пеш аз ҳама, ба таҳлилу баррасии проблемаҳои маорифи халқ, такмили таълими забон ва адабиѐти тоҷик, забон ва адабиѐти рус равон гардида буд. Барномаҳо ва китобҳои дарсии забони русӣ барои хонандагони синфҳои II-VII таҳия гардиданд. Тӯли солҳои 1936-1941 институт беш аз 20 номгӯйи адабиѐти педагогӣ ва таълимӣ-методиро барои омӯзгорон, аз ҷумла, «Маводи дидактикӣ дар дарсҳои хониш» (Дидактические материалы на уроках

чтения), « Реҷаи орфографӣ дар мактаб» (Орфографический режим в школе), « Китоби дарсӣ аз забони русӣ барои синфҳои III-IV мактаби тоҷикӣ» (Учебник по русскому языку для III-IV классов таджикской школы), « Китоб барои хониш аз забони русӣ» (Книга для чтения по русскому языку) ва дигар маводи арзишмандро таҳия ва чоп намуд.

Соли 1940 боз дар сохтори институти мазкур тағйирот рух дод. Азбаски Институти илмӣ-таҳқиқотии мактабҳо бо Институти такмили ихтисоси муаллимон муттаҳид гардид, онро Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотии мактабҳо ва такмили ихтисоси муаллимон номгузорӣ карданд. Моҳи июли соли 1942 он ба Бюрои илмӣ-методӣ (БИМ) табдил дода шуд. Бо ҳамин сохтор ва ном институт то соли 1944 фаъолият кард ва аз ҳамон сол аз нав ба ин муассиса Институти илмӣ-таҳқиқотии мактабҳо ном гузоштанд, ки сохтори он аз 9 шуъбаи зерин иборат буд: педагогика, методикаи таълими забони тоҷикӣ, методикаи таълими забон ва адабиѐти рус дар синфҳои ғайрирусӣ, методикаи таълими физика ва математика, методикаи таълими таърих ва география, методикаи таълими биология ва химия, методикаи таълим дар синфҳои ибтидоӣ, китобҳои таълимӣ ва бачагона.

Дар ин солҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳияи барномаҳои таълимии фанҳо, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ оид ба методикаи таълими фанҳои таълимӣ дар мактабҳо равона карда шуда буд. Муҳтавои маводи таълимӣ барои дар хонандагон ташаккул додани ҷаҳонбинии материалистӣ, ақидаву эътиқоди коммунистӣ ва ба раванди барқарор намудани робита бо амалияи сохтмони сотсиалистӣ мусоидат менамуданд.

Тавре ки ба мушоҳида мерасад, дар ин давра арзѐбии идеологии соҳаи маориф сабабгори қабули қарорҳо ва ворид сохтани тағйирот дар сохтори соҳа буданд. Ҳама ин вобаста ба он буд, ки «мактаби шуравӣ аз ибтидо на танҳо ҳамчун муассисаи таълимӣ, балки ҳамчун олати тарбияи ғоявӣ-сиѐсӣ ва ташаккули шахсият бунѐд гардида буд. Ин вазифаҳо мустақиман … баъд аз инқилоби Октябр муайян гардида буданд. «Худро бо доираи танги фаъолияти омӯзгорӣ маҳдуд кардан мумкин нест, … омӯзгорӣ бояд бо оммаи

васеи меҳнаткашони муборизакунанда пайваста шавад. Вазифаи педагогикаи нав ин пайвастани фаъолияти омӯзгорӣ бо вазифаи ташкили сотсиалистии ҷомеа мебошад» [364].

Солҳои 30-40-уми асри XX дар заминаи нишондоди қарорҳои ҳизбу ҳукумат оид ба мактаб як силсила барномаву китобҳои дарсӣ доир ба забон ва адабиёти тоҷик, инчунин, дастурҳои методӣ таҳия ва чоп гардиданд. Дар таҳия ва таълифи онҳо асосгузори адабиёти советии тоҷик С. Айнӣ, олимон, шоирону нависандагони варзида, ба монанди Ҳ. Каримов, С. Арзуманов, Х. Бақозода, Л. Бузургзода, Б. Ниёзмухамедов, А. Деҳотӣ, Ш. Ниёзӣ, Т. Зеҳнӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Н. Болдирев, Н. Маъсумӣ, А. Шермуҳаммадзода, Х. Саидзода, Р. Ҳодизода, Д. Тоҷиев, В. Асрорӣ, А. Каримов ва дигарон, ки тӯли солҳои зиёд муаллифони китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба забон ва адабиёти тоҷик буданд, фаъолона ширкат варзиданд.

Дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба забон ва адабиёти рус методисти машҳур, муаллифи чандин китобҳои дарсӣ Ф.Б. Беспалтсев, олими варзида, профессор Л.В. Успенская, методистони намоён, устодони мактабҳои олӣ, ба монанди А. Лебедев, С. Нестеренко, В.Г. Астахов, М.И. Стаменов, Р.Л. Неменова, А.И. Филипповская, Н.А. Садикова ва дигарон саҳми калон гузоштаанд.

Дар ин давра дар сохтори Институти илмӣ-таҳқиқотии мактабҳо китобхонаи илмӣ низ таъсис дода шуд, ки он дар ташкил ва ба роҳ мондани таҳқиқоти илмии соҳаи илмҳои педагогӣ нақши муҳим бозид.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) институт ба ҳаллу фасли проблемаҳо оид ба роҳбарии методии мактабҳо, аз ҷумла, банақшагирӣ ва омӯзиши маводи барномавӣ дар шароити иштироки тӯлонии мактаббачагон дар корҳои кишоварзӣ, расонидани кумак ба кӯдакони аз ҷойҳои ҷанг ба ақибгоҳ муваққатан кӯчонидашуда, бахусус, дар масъалаи ба таълим фаро гирифтани онҳо, масъалаҳои таъсири даврони ҳарбӣ ба раванди таълиму тарбия, ба роҳ мондани омӯзиши забони русӣ барои даъватшавандагони миллатҳои таҳҷойӣ, яъне расонидани ёрии таълимӣ-методӣ ба мактабҳо

ҷиҳати бозсозии фаъолияти онҳо вобаста ба шароити ҳарбӣ машғул буд. Дар ҳамин давра як силсила дастурҳои методӣ ба ёрии муаллимони забони русӣ дар мактабҳои тоҷикӣ, аз ҷумла, М. Бобоев ва Х. Бақозода «Маҷмуаи дикатантҳо ва нақли хаттӣ барои синфҳои I-IV» (Сборник диктантов и изложений для I-IV классов), М.О. Березина «Дар бораи таълими забони русӣ дар мактаби миёнаи нопурраи тоҷикӣ» (О преподавании русского языка в таджикской неполной средней школе), Х.И. Бақозода ва Я.Р. Хахамов «Маҷмуаи дикатантҳо ва нақлҳои хаттии мунтазам» (Сборник систематических диктантов и изложений) ва дигарон таҳия ва дастраси омӯзгорон гардонида шуданд. Дастурҳои методӣ, асосан, аз ҷониби методистони намоён Ф.П. Беспалтсев, С.Д. Арзуманов, Н. Маъсумӣ, Ш. Ниёзӣ, М. Шукуров, А. Эшонҷонов, М.И. Стаменова, М. Қозиҷонов ва дигарон таълиф шуда буданд.

Бояд таъкид намуд, ки ин тағйироти ба вукуъпайваста дар соҳаи маориф ба арзёбии нави воқеият дар солҳои баъдиҷангӣ такя мекард: «Таҳдиди марговар ба худи мавҷудияти Ватан, муборизаи умумихалқӣ барои ғалаба, бояд, ки ногузир ба гузариши муайяни як қатор ғояҳои тарғиботии то давраи ҷанг буда ба нақши дуюм меоварданд. Ғалабаи бузург бар фашизм на танҳо эҳсосоти ватандӯстонаро баланд кард, балки интизории дигаргуниҳоро аз сиёсати ҳокимият зиёд намуд» [364].

Дар солҳои минбаъда, вобаста ба бозсозии низоми маорифи халқ фаъолияти институт низ тағйир ёфт. Соли 1958 ин ниҳод тағйири ном карда, боз ба Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои педагогии Тоҷикистон (ИИТИПТ) табдил ёфт. Дар ибтидо ба зиммаи он функсияи такмили ихтисоси муаллимон вогузор шуда буд. Моҳи майи соли 1962 дар заминаи шуъбаи такмили ихтисоси институти мазкур Институти ҷумҳуриявии такмили ихтисоси муаллимон таъсис ёфт ва оинномаи он тасдиқ карда шуда, тибқи он ба зиммаи институт вазифаҳои зерин вогузор карда шуданд:

- таҳқиқи проблемаҳои таълиму тарбияи насли наврас бо дарназардошти рушди иҷтимоӣ, фарҳангӣ, прогресси илмӣ-техникӣ ва хусусиятҳои хоси ҷумҳурӣ;

- таҳияи тавсияҳо ҷиҳати истифодаи амалии дастовардҳои илмҳои ватанӣ ва хориҷӣ;

- тарғиби донишҳои илмӣ-педагогӣ дар ҷумҳурӣ ва ғайра.

Ба мақсади иҷрои вазифаҳои хеш институт ба таҳқиқи чунин проблемаҳо оғоз намуд: такмили мундариҷаи таҳсилот, шаклу услубҳо ва воситаҳои таълиму тарбия; масъалаҳои иқтисодиёт, ташкилу идоракунии мактаб ва дигар муассисаҳои низоми маорифи халқ, инчунин, ояндабинии он дар РСС Тоҷикистон; омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам; татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар амалия; расонидани ёрии илмӣ-методӣ ба мақомоти маорифи халқ, институтҳои такмили ихтисоси муаллимон, кабинетҳои методӣ, таҷрибавӣ ва дигар муассисаҳои низоми маорифи халқ; ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ оид ба самтҳои асосии илмҳои педагогӣ дар ҷумҳурӣ, ташкилу баргузории машваратҳо, семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҷаласаҳо оид ба масъалаҳои муҳимтарини таълиму тарбия; роҳбарӣ ба хонишҳои педагогӣ, таъмини муттасили баландбардории сатҳи идеявӣ-сиёсӣ, илмӣ ва истеҳсолию тахассусии кормандони институт; дар доираи муқаррарот тайёр намудани кадрҳои илмӣ; ба роҳ мондани равобити илмӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ ва амсоли он.

Дар солҳои минбаъда вобаста ба азнавсозии низоми маорифи халқ фаъолияти институт низ таҷдиди назар гардид. Пас аз қабули Қонун «Дар бораи мустаҳкам намудани робитаи мактаб ба ҳаёт ва рушди минбаъдаи низоми маорифи халқ дар ИҶШС (СССР)» (декабри соли 1958) вобаста ба зарурати таҳқиқу коркарди асосҳои илмии мундариҷаи таълим дар мактаб, таҳияи нақшаҳои нави таълим, барномаҳо ва китобҳои дарсӣ, такмили усулҳои таълиму тарбияи коммунистии кудакону наврасон, пажӯҳиши проблемаҳои таҳсилоти меҳнатӣ ва политехникӣ бо расонидани ёрии амалӣ

ба омӯзгорон дар бозсозии низоми таълим ва боз ҳам васеъ намудани тарғиби таҷрибаи педагогӣ ба зиммаи институт вазифаҳои нав вогузор карда шуданд.

Ҳамаи ин аз гузариш аз даврони сталинӣ ба давраи хрушевӣ бо сабаби тағйири арзишҳо, меъёрҳо ва арзёбии соҳаи маориф, ё, ба истилоҳоти имрӯза, квалиметрияи он дарак медиҳад. Оид ба ин масъала суханони зерин гувоҳӣ медиҳанд: «Дар ин ё он шакл ислоҳот зарур буданд, инро ҳама мефаҳмиданд. Мақсади ислоҳотчиён аз он иборат буд, ки мактабро ба ҳаёти воқеӣ наздик созанд» [358].

Нақши муҳимро дар рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон минбаъд қарори КМ ҲКИШ (КПСС) «Дар бораи самтҳои асосии фаъолияти Академияи илмҳои педагогии ИҶШС (СССР)» (1969) бозид. Тибқи ин қарори ҳизб ба зиммаи институт боз як вазифаи муҳим – ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ дар ҷумҳурӣ, таҳияи пешниҳодот оид ба самтҳои асосии пажӯҳишҳо, таҳияи нақшаҳои солона ва дурнамо, нақшаи ҳамоҳангсозии таҳқиқоти муҳимтарин оид ба илмҳои педагогӣ дар ҷумҳурӣ, инчунин, ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқоти педагогӣ дар амалия вогузор карда шуд.

Дар ин давра дар институт 13 шуъба, аз ҷумла, бахшҳои педагогика ва психология, проблемаҳои умумии тарбия, тарбияи томактабӣ, таълими меҳнат ва интихоби касб, тарбияи ҷисмонӣ, забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик, таърих, ҷомеашиносӣ ва география, забони русӣ, адабиёти рус, математика ва физика, химия ва биология фаъолият доштанд.

Охири солҳои 50-уми асри XX шумораи кормандони институт то 96 нафар расид, аз ҷумла, дар ин давра 26 нафар тоҷикон, 33 нафар русҳо, 37 нафар намояндагони миллатҳои дигар дар он фаъолият дошта, аз шумораи умумии кормандон 33 фоизро занон ташкил медоданд [18].

Дар ин давра дар институт шабакаи мухбирон фаъолият дошта, онҳо, асосан, дар мактабҳо ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои педагогӣ, таҳияи дастурҳои асили методӣ, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ машғул буданд, ки ҳамаи онҳо ба робитаи илмҳои педагогӣ бо ҳаёт

ва талаботи мактаб мусоидат намуданд. Бояд таъкид намуд, ки ин тағйироти миқдорӣ ба тағйири сифати таҳқиқоти педагогӣ низ мусоидат намуд, зеро, чунонки И.П. Подласий зимни кушодани маънии қонуниятҳои куллӣ ва умумии таҳқиқоти педагогӣ муайян сохтааст, «раванди мунтазами гузариши миқдор ба сифат ин моҳияти табиии таҳсилот аст. Даҳҳо, садҳо таҳаввулот дар як замон сурат мегиранд, ки диалектикаи онҳо болоравиҳои мунтазами миқдориро нишон медиҳанд, ки бо ҷаҳишҳои сифатӣ хотима меёбанд» [118, 242].

Ба беҳтаршавии сифати таҳқиқоти илмӣ, инчунин, ташкили мактабҳое, ки барои институт ҳамчун замина, ба ифодаи дигар, мактабҳои озмоишӣ муқаррар шуда буданд, таъсири мусбат расониданд. Таҳти роҳбарии кормандони илмӣ дар ин мактабҳо дар доираи пажӯҳишҳои илмӣ корҳои зиёди таҷрибавию озмоишӣ, санҷиши дастурҳои методии омодашуда, озмоиши фарзияҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида мешудаанд.

Дар солҳои минбаъда сохтори Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои педагогии Тоҷикистон такмил ёфт. Дар он бахши нав оид ба ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ ва иттилоот, шуъбаи таълими меҳнат, тарбия ва таҳсилоти касбӣ-техникӣ ташкил ёфта, бахши тарбияи эстетикӣ ва ҷисмонӣ барқарор карда шуд.

Аз соли 1971 дар институт Шурои ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, аз ҷумла, илмҳои методикаи хусусӣ ташкил карда шуд, ки ҳадафи асосии он мутамарказгардонии неруи илмӣ ва саъю талоши олимон-педагогҳои Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои педагогии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, донишкадаҳои омӯзгории шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод (Хуҷанди ҳозира), Кӯлоб, 6 институти такмили ихтисоси муаллимон, 8 омӯзишгоҳи педагогӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ ба таҳқиқи проблемаҳои ба таври маҷмуӣ омӯхташаванда, ки хусусиятҳо ва ниёзҳои хоси ҷумҳуриро инъикос менамоянд, ба шумор мерафт.

Оид ба вусъати таҳқиқоти илмӣ дар институт аз зикри номгӯйи проблемаҳои зерини мавриди таҳқиқ хулоса баровардан мумкин аст: асосҳои илмии идоракунии муассисаҳои маорифи халқ; омодасозии кӯдакон ба мактаб; таълими меҳнат ва интихоби касб; робитаи мутақобилаи мактаб, оила, аҳли ҷомеа дар низоми тарбияи ғоявӣ-сиёсӣ, меҳнатӣ ва маънавӣ; тарбияи зебоипарастии хонандагон; такмили минбаъдаи методикаи таълим тибқи барномаҳои нав; такмили мундариҷа ва методҳои таълими забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус дар мактаби миллӣ, таърих, география, биология ва табиатшиносӣ дар мактабҳои ҷумҳурӣ.

Доир ба проблемаҳои мазкур дар институт 14 мавзуи маҷмуӣ (комплексӣ), аз ҷумла, масъалаи самаранокии таълими тамоми фанҳо, муносибати маҷмуӣ  нисбат ба ҳалли вазифаҳои тарбияи коммунистӣ дар дарсҳо ва вақтҳои фориғ аз дарс, фаъолияти ташкилотҳои пионерӣ ва комсомолӣ, ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои факултативӣ дар мактабҳо, амиқомӯзии фанҳои алоҳидаи таълимӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд.

Коллективи кормандони илмии институт, пеш аз ҳама, кормандони шуъбаҳои дахлдор мундариҷаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти русро барои мактабҳои забони таҳсилашон тоҷикӣ муайян менамуданд. Дар заминаи маводи омӯзиши таърихи халқи тоҷик, инчунин, иқтисодиёт, шароитҳои табиии ҷумҳурӣ, принсипҳои илман асосноки интихоби мундариҷаи маводи кишваршиносӣ оид ба таърих, географияи табиӣ ва иқтисодӣ, санъати тасвирӣ, мусиқӣ ва таълими меҳнат ва амсоли он мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Дар ин давра таҳия ва таълифи барномаҳо ва китобҳои дарсии устувор доир ба як силсила фанҳо, нишондод ва дастурҳои методӣ, маводи дидактикӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ асоси фаъолияти илмии институтро ташкил медод.

Бояд таъкид намуд, ки ба таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон дар даврони шуравӣ рушди робитаҳо бо марказ ва дигар ҷумҳуриҳо таъсири мусбат мерасонид, зеро «низоми таърихан ташаккулёфтаи идоракунӣ,

банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии корҳои илӣ-таҳқиқотӣ дар ИҶШС яке аз он омилҳои муайянкунандае буд, ки мутамарказ гардонидани неруҳои илмӣ ва захираҳои моддиро барои ҳалли масъалаҳои муҳимтарини илмӣ ва илмӣ-техникӣ таъмин менамуд. Унсурҳои мусбати стратегияи давлатӣ инҳоро фаро мегирифтанд: рушди миқёсан бузурги фаъолияти таҳқиқотӣ; бунёди низоми сершохаи илмӣ дар таҳсилот, ки бо хосиятҳои фундаменталии омодагии касбиаш фарқ мекард; дастгирии сафарҳои илмӣ» [356].

Бо сабабҳои дар боло зикршуда ҳашт мавзуи мавриди таҳқиқи Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои педагогии Тоҷикистон дар панҷсолаи даҳум ба нақшаи ҳамоҳангсозии таҳқиқоти муҳимтарини Академияи илмҳои педагогии ИҶШС (СССР) ворид гардида буд. Таҳқиқи як қатор проблемаҳои илмӣ бо институтҳои асосии Академияи илмҳои педагогӣ ҳамоҳанг карда мешуданд. Олимони ҷумҳурӣ дар пажӯҳиши 21 мавзуе, ки дар «Нақшаи таҳқиқоти муҳимтарин дар соҳаи илмҳои педагогӣ барои солҳои 1976-1980, ки аз ҷониби АИП ИҶШС (СССР) ҳамоҳанг карда мешаванд», иштирок доштанд. Ҳамзамон, 13 мавзуи илмӣ дар ҳамкорӣ бо Институти илмӣ-таҳқиқотии психологияи умумӣ ва педагогии ИҶШС (СССР), қариб 10 мавзуъ дар ҳамкорӣ бо ИИТ таълими забони русӣ дар мактабҳои миллии АИП ИҶШС (СССР), ИИТ мактабҳои миллӣ, институти вилоятии педагогии Москва ва дигар институтҳои илмӣ-таҳқиқотии пешбар ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат мавриди таҳқиқ қарор дошт.

Робитаи институт бо кафедраҳои таълимии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ва муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии ҷумҳурӣ мустаҳкам гардид. Аз ҷумла, 12 мавзуи маҷмуӣ оид ба 5 самти илмӣ аз ҷониби ИИТИП Тоҷикистон таҳия гардида, дар ҳамкорӣ бо институтҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон, кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ, аз ҷумла, Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ, Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониш, шуъбаи фалсафаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраҳои педагогика ва психология, методикаҳои хусусии Университети давлатии Тоҷикистон ба

номи В.И. Ленин, Институти педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко, Институти педагогии ба номи С.М. Кирови шаҳри Ленинобод, Институти педагогии Кӯлоб ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ ва ғайра иҷро карда шудаанд [116].

Коллективи институт дар маҳалҳо оид ба мустаҳкам намудани робита бо муаллимони мактабҳо ва дигар кормандони маориф корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонид. Ҳамаи ин робитаҳои боло бо поин сабабгори болоравии сифат гашта, барои таҳаввули омӯзгори амалӣ ба омӯзгори муҳаққиқ мусоидат менамуданд, зеро дар сатҳи чунин ҷустуҷӯҳо омӯзгор имкон пайдо мекунад, ки «дар фаъолияти худ тавсияҳои методистон, олимонро истифода кунад» [345] ва таҷрибаи худро ғанӣ сохта, аз омӯзгори муқаррарӣ ба мураббии дигар омӯзгорон табдил ёбад.

Дар баробари ин, ИИТИП Тоҷикистон мунтазам хонишҳои педагогӣ, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалӣ ва семинарҳо доир менамуд. Таҳлили квалиметрии чорабиниҳои илмӣ бошад, собит месозад, ки ҳамкориҳои олимоне, ки мехоҳанд таҷрибаи худро тавассути баргузории конференсияҳо паҳн созанд, ҳамеша самаранок аст. Ширкаткунандагони дигари конференсияҳо бошад, дар ин чорабиниҳо «таҷрибаи худро аз ҳисоби таҳқиқоти илмии ҳамкасабони худ ғанӣ месозанд» [345]. Аз ин рӯ, институти мазкур мунтазам чорабиниҳои зеринро баргузор месохт: хонишҳои педагогии ҷумҳуриявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба таълими забони русӣ, таърих ва ҷомеашиносӣ, конференсияи илмӣ-амалии минтақавӣ оид ба тарбияи зебоипарастии хонандагон, семинар-машварати муаллимони калон ва муаллимон-методистон, конференсияи илмӣ-амалии байниноҳиявӣ оид ба тарбия ва таълими меҳнат.

Тавре ки мебинем, овардани номгӯйи нопурраи чорабиниҳо ҳам аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он давра робитаи кормандони илмии институт бо кормандони маорифи халқ, олимон ва педагогҳои мамлакат мустаҳкам гардида, сатҳи таҳқиқоти педагогиро ба дараҷаи нав боло бурдааст. Ва бо

ҳамин дастовардҳо коллективи ин ниҳоди илмӣ-таҳқиқотӣ ба даврони нав – истиқлоли давлатӣ ворид гардид.

Дар маҷмуъ, таҳлилҳои боло дар самти гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ дар даврони шуравӣ нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди камбудиҳои ҷойдошта истифода аз таҷрибаи ин даврон метавонад муфид бошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки муносибат ба мероси даврони шуравӣ якранг нест, вале дар ҳар сурат дар он унсурҳои муфид низ кам нестанд. Беҳуда нест, ки муҳаққиқи рус В.И. Загвязинский дар ин бора сухан гуфта, чунонки дар боби гузашта низ зикр гардида буд, омӯзиши анъанаҳои таълиму тарбияро дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, дар кишварҳои дигари собиқ шуравӣ ва истифодаи онҳоро дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ донистааст [338; 339]. Назариётчиёни педагогикаро аз Ҷумҳурии Мардумии Чин низ таҳқиқоти педагогии даврони шуравӣ, махсусан, дар самти масъалаҳои методологӣ, истифодаи методҳои илмҳои дигар дар педагогика, омӯзиши системавии ягонагии таълиму тарбия ва рушд ва мушкилоти дигар ҷалб сохтаанд [345]. Аз ин рӯ, моро низ зарур аст, ки таҷрибаи миллии худро дар таҳқиқоти педагогӣ дар даврони шуравӣ омӯхта, унсурҳои мусбати онро дар амалияи педагогикии муосир ва дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика мавриди истифода қарор диҳем.

Хулоса, таҳлили квалиметрии таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон, ки аз ташкили Комиссияи илмӣ-педагогии Тоҷикистон дар назди Шурои илмии давлатии Комиссариати маорифи халқи Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Туркистон ва Дорулмуаллимини тоҷикӣ соли 1924 оғоз меёбад, нишон медиҳад, ки дар ин даврон аввалин арзёбиҳои ба квалиметрия шабоҳатдошта ба назар расида, дар самти таҳқиқоти педагогӣ мунтазам тадбирҳои муассир андешида мешуданд. Аз ҷумла, соли 1930 дар назди Комиссариати маорифи халқ Институти давлатии илмӣ-таҳқиқотӣ таъсис ёфт ва нақши нашрияҳоро дар рушди таҳқиқоти педагогӣ ба назар гирифта, маҷаллаҳои илмии зиёде ташкил намуданд, ки баъзе аз онҳо то ҳол ҳам фаъоланд. Сохтори Институти илмӣ-таҳқиқотии

педагогии Тоҷикистон мунтазам мукаммал гардида, вобаста ба талабот самтҳои фаъолияти он дигаргун ва дар он шуъбаҳои дахлдор ташкил мегардиданд. Дар ин давра арзёбии идеологии соҳаи маориф сабабгори асосии қабули қарорҳо ва ворид сохтани тағйирот дар сохтору мундариҷаи таҳқиқоти педагогӣ буд. Гузариш аз даврони сталинӣ ба давраи хрушевӣ бо сабаби тағйири арзишҳо, меъёрҳо ва арзёбии соҳаи маориф, ё ба истилоҳоти имрӯза, квалиметрияи он низ таҳаввули куллиро дар соҳаи таҳқиқоти педагогӣ ба миён овард. Аз соли 1971 дар институт таъсис ёфтани Шурои ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, рушди робитаҳо бо марказ ва дигар ҷумҳуриҳо, ки дар натиҷаи онҳо мавзуъҳои мавриди таҳқиқи Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои педагогии Тоҷикистон ба нақшаи ҳамоҳангсозии таҳқиқоти муҳимтарини Академияи илмҳои педагогии ИҶШС (СССР) ворид гардиданд ва воқеаҳои дигари рухдода ҳамагӣ ба ташаккул ва рушди таҳқиқоти педагогии миллӣ мусоидат намуданд. Ин анъанаҳоро минбаъд Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохторҳои он ва ниҳодҳои дигари илмӣ-таҳқиқотӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишварамон идома доданд, ки оид ба ин дар зербоби минбаъда сухан меравад.

Дар баробари ин, дар таҳқиқоти педагогӣ дар давраи мавриди таҳлили квалиметрӣ қароргирифта норасоиҳо ва мушкилоти зиёде низ ба назар мерасиданд. Ҳамаи ин ва таҷрибаи андӯхтаро дар самти таҳқиқоти педагогӣ дар даврони шуравӣ омӯхта ва аз таҳлили квалиметрӣ гузаронида, метавон чунин пешниҳодҳоро манзур намуд:

- таҷрибаи мусбати таҳқиқоти педагогӣ дар даврони шуравӣ, махсусан, дар фаъолияти Институти илмӣ-таҳқиқотии педагогии Тоҷикистон мунтазам мавриди омӯзиш ва таҳлили квалиметрӣ қарор гирифта, ба шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол мутобиқ ва дар амалияи педагогӣ татбиқ карда шавад;

- омӯзиши анъанаҳои таълиму тарбия дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон ва истифодаи онҳо дар шароити муосир ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ ворид карда шавад;

- дар ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба масъалаҳое, ки дар даврони шуравӣ аҳаммияти хосса дода мешуд, яъне масъалаҳои методологӣ, истифодаи методҳои илмҳои дигар дар педагогика, омӯзиши системавии ягонагии таълиму тарбия ва рушди шахсият ва мушкилоти дигар зимни роҳандозии таҳқиқоти педагогӣ бештар таваҷҷуҳ карда шавад;

- бо мақсади рушди таҳқиқоти педагогӣ ба тағйироти сохторӣ дар ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон тибқи талаботи бавуҷудомадаи педагогӣ диққати махсус дода шуда, мунтазам шуъбаҳои нав ташкил карда шаванд ва Шурои байниидоравии ҳамоҳангсозии таҳқиқоти педагогӣ таъсис ѐбад.

## 2.2. Квалиметрияи фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохтори он дар самти таҳқиқи проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ

Дар солҳои 90-уми асри XX баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ барои таҳқиқи бунѐдии назарияи педагогика муассисаи илмиеро таъсис додан зарур буд, ки олимони соҳаро муттаҳид карда тавонад. Дар он давра дар ҷумҳурӣ барои таъсиси чунин муассиса шароитҳои зарурии зеҳнӣ ва кадрӣ фароҳам омада буданд. Вобаста ба ин, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 482, аз 3 декабри соли 2002 [27] Академияи илмҳои педагогии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ѐфт ва теъдоди воҳиди кории он муқаррар карда шуд. Баъдтар дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №264, аз 29 апрели соли 2009 [28] он Муассисаи давлатии «Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» номгузорӣ карда шуд.

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолияти худро бар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [23], қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [37], «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [35], «Дар бораи илм ва сиёсати илмӣ-техникӣ» [36], санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм, инчунин, дигар ҳуҷҷатҳое, ки сиёсати маорифро танзим менамоянд, ба роҳ мемонад. Ҳамзамон, муассиса дар фаъолияти хеш нишондоди Оиннома, Низомнома оид ба Академия, қарорҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки фаъолияти онро танзим мекунанд, ба роҳбарӣ мегирад.

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муассисаи илмии ғайритиҷоратии шакли моликияташ давлатӣ мебошад, ки дар фаъолияти худ масъалаҳои ҳамоҳангсозӣ, банақшагирӣ, роҳбарии илмӣ-методӣ, тавсеаи таҳқиқоти афзалиятноки бунёдӣ ва амалиро дар соҳаи маориф ҳаллу фасл намуда, омодасозии кадрҳои илмии баландихтисос ва истифодаи самараноки дастовардҳои илмиро дар амалия таъмин месозад.

Аз нигоҳи функсионалӣ, вазифавӣ ба зиммаи АТТ анҷоми корҳои зерин вогузор карда шудаанд:

- роҳандозии таҳқиқоти бунёдӣ дар доираи самтҳои асосии илмҳои педагогӣ, психологияи педагогӣ, дидактика ва таъмини рушди онҳо;

- омӯзиш ва ҷамъбасту натиҷагирии комёбиҳои илмҳои педагогии ҷаҳон ва таҳлилу истифодаи онҳо дар фаъолияти муассисаҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- роҳандозии самтҳои ояндадори таҳқиқоти илмӣ, ки дар маҷмуъ, барои рушду такомули мактабу маориф муҳим мебошанд;

- таъмини робитаи мутақобила бо илмҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба самтҳои асосии таҳқиқоти бунёдӣ ба мақсади ноил гардидан ба натиҷаҳои матлуб дар соҳаи илмҳои педагогӣ;

- ҳамоҳангсозии илмии педагогикаи мактаб ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба мақсади рушди ҳамаҷонибаи илмҳои педагогӣ ва татбиқи

сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, инчунин, стандартҳои давлатии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- тарғиби комёбиҳои илмҳои педагогӣ ва паҳн кардани донишҳои педагогӣ;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба масъалаҳои истифодаи дастовардҳои илмҳои педагогӣ барои рушди муассисаҳои соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташкили Шуроҳои илмӣ, гурӯҳҳои муваққатии илмӣ барои таҳқиқи масъалаҳои умумии педагогика, психологияи педагогӣ, дидактикаи умумӣ ва хусусӣ, инчунин, татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;

- ташкили низоми такмили ихтисоси кормандони тамоми зинаҳои таҳсилот;

- табъу нашри натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва таъмини фаъолияти нашрии АТТ;

- ташкил ва баргузории озмунҳо бо мақсади ҳалли масъалаҳои муҳимми илмҳои педагогӣ;

- гузаронидани экспертизаи илмӣ ва расонидани ёрии машваратӣ;

- ба имзо расонидан созишномаву қарордодҳо оид ба ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи муассисаҳои зертобеъ ва иштирок дар корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ;

- ҷустуҷӯ ва ҳавасмандгардонии олимони боистеъдод, дастгирии олимони ҷавон, омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва ғайра [10].

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дорои неруи бузурги илмӣ буда, тамоми узвҳои вобаста ва пайваста дар ин ё он соҳаи педагогика мактаби илмии худро доранд ва дар таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд. Академия дар як вақт кормандони илмӣ, олимон-педагог-мутахассисон ва методистони воҳидҳои сохторӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогиро муттаҳид месозад.

Фаъолияти неруҳои илмии ҳайати кормандони илмии АТТ, асосан, ба ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини педагогикаи муосир, аз ҷумла, педагогикаи ташаббус, омӯзиш ва таҳқиқи мероси ниёгон, педагогикаи фарҳанг, педагогикаи умумӣ ва касбӣ, фарҳанги таълими ҳамагонӣ, педагогикаи муқоисавӣ, педагогикаи ҳамгиро, таҳсилоти фарогир, муносибати босалоҳият дар таълим ва муносибати бонизом дар раванди таълим, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, инчунин, технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар таълим ва амсоли ин равона карда шудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои АТТ-ро дар самти роҳандозии таҳқиқоти педагогӣ муайян сохта, метавон квалиметрияи фаъолияти онро дар чунин самтҳо ба роҳ монд: мутобиқати сохтори АТТ ба вазифаҳои он, иҷрои мавзуъҳои фармоишӣ, маводи нашрнамудаи аъзои АТТ, таҳия ва чопи стандартҳои давлатӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ, дастовардҳои илмии муассиса дар солҳои 2011-2020, нашри мақолаҳо дар «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» ва ғайра.

Таҳлили квалиметрии сохтори АТТ, ки дар ҷадвали 6 инъикос ёфтааст, нишон медиҳад, ки он тибқи талаботи имрӯзаи таҳқиқоти педагогӣ бояд такмил дода шавад, зеро дар он чунин норасоиҳо ба назар мерасанд: 1) шуъбаҳои он тамоми самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогиро фаро намегиранд; 2) КВД-и экспертиза ва табъу нашр, ки дар сохтори он омадааст, фаъол нест; 3) Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф расман ба он тобеъ буда, амалан фаъолияти худро бо он ҳамоҳанг намекунад; 4) аз ҷониби дигар, имрӯз «ба масъалаҳои ташкилӣ дар коллективҳои илмӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад, зеро сохтори онҳо бояд на танҳо махсусгардонӣ, балки ҳамоҳангсозӣ ва интегратсияи таҳқиқоти илмиро низ таъмин намояд» [166, 133]. Аммо сохтори амалкунандаи АТТ иҷрои ин вазифаҳоро таъмин карда наметавонад.

**Ҷадвали 6. Сохтори амалкунандаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**




Ҳоло АТТ ба такягоҳи боэътимоди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои зертобеи он табдил ѐфтааст. Бояд қайд намуд, ки ҳангоми таҳлили квалиметрӣ дар ҳайати Академия 34 нафар кормандон, аз ҷумла, 4 нафар доктори илм, профессор, 2 нафар доктори илм, 3 нафар номзади илм (узви вобаста ва пайвастаи АТТ) фаъолият доштанд, ки шумораи хеле кам мебошад.

Айни замон АТТ тибқи 2 мавзуи фармоишӣ таҳқиқоти илмиро идома дода истодааст: 1) «Таҳсилоти бисѐрфарҳангӣ ва гуногунзабонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» (бо рақами қайди давлатии РБД: 0119TJ 00987 аз 29.04.2019; роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, узви пайвастаи Академияи байналмилалӣ оид ба фанҳои гуманитарӣ, профессор С.Э. Негматов); 2) «Инклюзия (таҳсилоти фарогир) - роҳ ба сӯйи

баробарҳуқуқӣ: ба муаллимон омӯзонидани принсипҳои таҳсилоти фарогир барои солҳои 2019-2023» (рақами қайди давлатии РБД: 0120 TJ 01040 аз 30.03.2020; роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ, академики АТТ, ноиби президенти АТТ, профессор И.Х. Каримова).

Дар баробари ин, академикҳо ва олимони намоѐни АТТ дар соҳаи илмҳои педагогӣ Бандаев С.Г., Бобизода Ғ.М., Гулмадов Ф., Каримова И.Х., Латипов Д., Лутфуллоев М., Миралиев А.М., Негматов С.Э., Нугмонов М., Шарапов Ш.А., Шарифзода Ф., Шербоев С., Шукурзод Т., Юлдошев У.Р. ва дигарон дар таҳқиқи масъалаҳои бунѐдии педагогика – талаботи нави методологӣ оид ба раванди таҳқиқот, бознигарии дастгоҳи истилоҳоти илмии педагогика, равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, ҷаҳонишавӣ ва масъалаҳои таълиму тарбия, муносибати бонизом ва босалоҳият дар раванди педагогӣ, истифодаи дастовардҳои педагогикаи умумӣ, касбӣ ва муқоисавӣ дар амалияи педагогӣ, омӯзиши масъалаҳои назариявии таҳсилоти фарогир, педагогикаи миллӣ, педагогикаи ибтикорот, педагогикаи фарҳанг, инчунин, тарбияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ ва ғайра саҳми арзанда мегузоранд.

Ба шарофати истиқлоли давлатӣ эҳѐи педагогикаи мардумӣ яке аз масъалаҳои муҳимми назариявии педагогикаи муосири ватанӣ гардид. Аз ин рӯ, бисѐр кормандони илмии АТТ дар доираи мавзуи илмии хеш афкори педагогии ниѐгонро мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Онҳо дар заминаи арзишҳои педагогии афкори ниѐгон назарияҳои хешро коркард намуда, натиҷаҳои онро дар китобҳои дарсӣ, маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ инъикос ва ворид менамоянд. Масалан, агар масъалаи мазкурро аз нигоҳи квалиметрӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем, самтҳои асосии истифодаи неруи бузурги илмии АТТ-ро дар давоми солҳои зиѐд мушаххас намудан мумкин аст. Чунончи, муҳаққиқони соҳа дар заминаи ин муассиса пажӯҳишҳои бунѐдӣ анҷом додаанд, ки дар асоси онҳо натиҷагириҳои квалиметриро роҳандозӣ намудан мумкин аст.

Таҳлили дастовардҳои назарраси чанде аз олимони маъруфи соҳа, ки дар АТТ фаъолият намуда, дар рушди илмҳои педагогӣ саҳми арзанда гузоштаанд, нуктаи мазкурро собит менамояд. Аз ҷумла, дар давраи гузаронидани таҳлили квалиметрӣ академик Шарифзода Файзулло 7 номгӯйи кори илмиро оид ба масъалаҳои мубрами педагогика, педагогика ҳамчун назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ, педагогикаи ҳамгиро, ибтикорӣ, умумӣ ва касбӣ ва оид ба афкори педагогии ниёгон ба нашр расонидааст [149; 150; 167; 168; 169; 170; 171; 172].

Аз ҷониби академик Каримова Ирина Холовна 10 номгӯйи кори илмӣ ва методӣ - китоби дарсии забони русӣ барои синфи 3, курси лексияҳо оид ба педагогика, оид ба тарзи ҳаёти солим, педагогикаи ибтикорӣ, об, санитария ва гигиена, истилоҳоти фарогир, пешгирии хушунат, оила, ислоҳи дурӯғгӯйӣ ва ғайра нашр карда шудааст [91;92; 93; 94;95; 178; 222].

Маводи нашрнамудаи академик Маҳмадулло Лутфуллоев 10 номгӯро доир ба педагогикаи Аҷам, забон ва масъалаҳои таълими он, инсон ва тарбия, педагогикаи башар ва монанди онҳо, инчунин, китобҳои дарсиро барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фаро мегирад [107; 180; 181; 182; 183; 184; 185; 186; 187; 188; 225].

Академик Қодиров Қодир Бозорович муаллифи 13 номгӯйи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самтҳои таърихи афкори педагогӣ, тарбияи шахсият, технологии иттилоотӣ, луғатномаҳо ва ғайра мебошад [163; 163].

Узви вобастаи АТТ Тағойбобо Абдуалими Шукурзод 7 номгӯйи корҳои илмиро дар мавзуъҳои бозӣ ҳамчун фаъолияти маърифатӣ, тарбияи ҷавонон, дастурҳои таълимӣ аз физика ва амсоли онро ба табъ расонидааст [151; 152; 153; 154; 155; 156; 157].

Ба қалами Саидбой Шербоев – узви вобастаи АТТ 11 номгӯйи корҳои илмӣ тааллуқ дорад, ки ба методикаи таълими синтаксис, хабарҳои феълӣ, феълҳои ғайритасрифӣ, забони тоҷикӣ, корҳои беруназсинфӣ ва ғайра бахшида шудаанд. Ӯ, инчунин, китобҳои дарсӣ таълиф намудааст ва ғайра [209; 210; 211; 212; 213; 214; 215; 216; 217; 218].

Мавриди зикр аст, ки яке аз талаботи таҳқиқоти квалиметрӣ нисбат ба объектҳои мавриди таҳқиқ ин андозагирии шумораввии онҳо ба ҳисоб меравад. Агар фаъолияти узвҳои вобаста, пайваста ва ходимони дигари илмии АТТ-ро бо риояи талаботи мазкур таҳлил намоем, дар ин самт маълумоти нисбатан мукаммалро ба даст овардан мумкин аст. Ба ин мақсад мо интихобан дастовардҳои илмии муассисаи мазкурро дар солҳои 2011-2013 оид ба нашри монографияву мақолаҳо, ҳамоишҳои илмӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ, ҳамкориҳои илмӣ ва амсоли он таҳлил намудем.

Дар соли 2013 аъзои Раёсати Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар қиёс ба солҳои 2011-2012 ҳаҷми зиёдтари корҳоро ба анҷом расонидаанд. Оид ба ин масъала аз ҷадвали 7 маълумоти бештар дарёфтан имкон дорад.

**Ҷадвали 7. Дастовардҳои илмии АТТ дар солҳои 2011-2013**

| **Намуди нашр** | **Солҳо** | | |
|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 |
| Монография ва диссертатсияҳо | 8 | 6 | 14 |
| Дастурҳои методӣ | 8 | 11 | 15 |
| Мақолаҳо | 100 | 170 | 178 |
| Китобҳои дарсӣ | 11 | 5 | 16 |
| Барномаҳои таълимӣ | - | 2 | 22 |
| **Ҳаҷми умумии интишорот, саҳифа** | **41.15 ҷ.ч.** | **5894** | **9020** |

Ҳамаи инро метавон бо дастовардҳои АТТ дар солҳои минбаъда низ (2015-2020) муқоиса намуда, чунин хулосаҳо баровард:

1) соли 2020 нисбат ба соли 2013 шумораи мақолаҳо 150 адад камтар мебошад;

2) миқдори дастурҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ ҳар кадом дар соли 2020 нисбат ба соли 2013 10 адад камтар аст;

3) шумораи монографияҳо дар соли 2020 нисбат ба соли 2013 8 адад камтар шудааст ва ғайра. Ҳамаи ин андешидани тадбирҳои саривақтиро аз ҷониби АТТ дар самти нашри мақола ва маводи дигари илмию методӣ тақозо мекунад.

**Ҷадвали 8. Дастовардҳои АТТ дар давоми солҳои 2015-2020**

| Солҳо | Номгӯйи маводи чопӣ ва чорабиниҳои илмӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Монография | Китобҳои дарсӣ | дастури илмӣ-методӣ | Мақолаҳои илмӣ | Конференсияҳо, семинарҳо ва мизҳои мудаввар |
| 2015 | 4 | 2 | 5 | 37 | 54 |
| 2016 | 5 | 4 | 16 | 34 | 65 |
| 2017 | 1 | 9 | 14 | 36 | 85 |
| 2018 | 4 | 7 | 13 | 54 | 118 |
| 2019 | 2 | 5 | 11 | 39 | 78 |
| 2020 | 6 | 1 | 5 | 28 | 15 |
| **Ҳамагӣ:** | **22** | **28** | **64** | **228** | **415** |

Коллективи АТТ дар таҳия ва чопи стандартҳои давлатӣ оид ба тамоми фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методии «Роҳнамои омӯзгор» ба китобҳои дарсӣ, монографияҳо, нашрияҳои дастаҷамъӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва консепсияҳои гуногун, барномаҳои давлатӣ, инчунин, таҳияи лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи мактаби миллӣ», «Консепсияи миллии таҳсилот» ва мисли ин саҳми бузург гузоштааст [10].

Солҳои охир дар таҳқиқ, баррасӣ ва ҷустуҷӯйи навгониҳои соҳаи педагогика мавқеи нашрияҳои касбӣ хеле устувор гардид. Албатта, чунин вазъият тасодуфӣ нест, зеро нашрияҳои мазкур, воқеан, дар баррасӣ ва ба таваҷҷуҳи хонандагону муҳаққиқон расонидани проблемаҳои таълиму тарбия корҳои зиёдеро анҷом медиҳанд. Дар ин самт «Паёми Академияи таҳсилоти

Тоҷикистон», ки нашрияи махсуси касбӣ маҳсуб меёбад, нақши назаррас дорад. Маҷалла бо дарназардошти хусусиятҳои касбӣ ва ширкати фаъолонаи мутахассисони АТТ дар дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти раванди омӯзишу таҳқиқи аксари  масъалаҳои илмии педагогика мусоидат менамояд. Нашрияи мазкур маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ буда, санаи 20 сентябри соли 2007 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, аз соли 2009 ин ҷониб нашр мешавад.

Ба ҳайати таҳририяи маҷалла ҳангоми таҳлили квалиметрӣ 3 нафар доктори илм, як нафар номзади илм ва мушовирони илмӣ дар ҳайати 2 нафар академик, 2 нафар узви вобастаи АТТ, 4 нафар доктори илм, 3 нафар номзади илм, аз ҷумла,  1 нафар доктори илм аз Федератсияи Россия, 2 нафар аз Ҷумҳурии Исломии Эрон ва 1 нафар аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон шомил буданд. Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, форсӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Ба мақсади муайян намудани ҷойгоҳи нашрияи мазкур дар тарғибу ташвиқ ва рушди таҳқиқоти педагогӣ, инчунин, амалӣ намудани натиҷаи дастовардҳои илмӣ дар соҳаи таҳсилот мо мундариҷаи мақолаҳои маҷаллаи номбурдаро дар давоми даҳ сол, аз соли 2011 то 2020-ро мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор додем. Зеро аз натиҷаи таҳлили квалиметрӣ сатҳи истифодаи самаранок ва идоракунии стратегии раванди таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, истифодаи оқилонаи неруи илмии муассиса, ҳамзамон камбудиҳоро дар ин самт муайян намудан мумкин аст. Чунин таҳлил имкон медиҳад, ки дар оянда иқтидори мавҷудаи илмии муассиса дар доираи самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои педагогӣ ва вазифаҳои азими пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мақсаднок роҳандозӣ гардад.

Аз натиҷаи таҳлил бармеояд, ки дар ин давра дар саҳифаҳои маҷаллаи мазкур, дар маҷмуъ, 548 мақолаҳои дорои характери илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ ба табъ расидаанд. Гурӯҳбандии мавзуии мақолаҳои чопшуда чунин аст:

- оид ба истиқлолияти миллӣ, мушкилот, дастовардҳо ва дурнамои педагогикаи миллӣ – 34 мақола;

- оид ба масъалаҳои педагогикаи умумӣ ва дидактика – 113 мақола;

- оид ба омӯзиши мероси педагогии ниѐгон ва роҳҳои татбиқи арзишҳои тарбиявии он дар низоми таҳсилоти муосир – 45 мақола;

- оид ба раванди татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим – 40 мақола;

- оид ба проблемаҳои таҳқиқоти илмсанҷӣ ва квалиметрӣ дар соҳаи педагогика – 15 мақола;

- оид ба проблемаҳои истилоҳшиносӣ дар соҳаи педагогика – 6 мақола;

- оид ба таҳқиқи масъалаҳои педагогикаи муқоисавӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илму маориф – 57 мақола;

- оид ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ, ташаккули фарҳанги волидайн ва раванди иҷтимоишавии кӯдакону наврасон – 16 мақола;

- оид ба масъалаҳои истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ дар раванди омӯзиш ва таълими фанҳои гуногун – 47 мақола;

- бахшида ба проблемаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, миѐнаи умумӣ, миѐна ва олии касбӣ - 20 мақола;

- оид ба тарбияи ҳуқуқию шаҳрвандӣ, ватанпарастӣ ва масъалаҳои пешгирии экстремизм ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон – 27 мақола;

- оид ба ҷанбаҳои равоншиносии таълиму тарбия – 7 мақола;

- дар самти таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва ташкилии таҳсилоти фарогир – 6 мақола;

- дар самти таҳқиқи проблемаҳои назариявӣ ва роҳандозии таҳсилоти муттасил дар Тоҷикистон - 4 мақола;

- оид ба масъалаҳои педагогикаи фарҳанг ва ташкили фаъолияти фарҳангию фароғатии насли наврас – 28 мақола.

Вобаста ба ҳаҷми фарогирии масъалаҳо рейтинги мавзуъҳои мақолаҳои дар маҷаллаи илмии АТТ нашршуда чунин аст:

- ҷойи якум масъалаҳои педагогикаи умумӣ ва дидактика – 113 мақола ё 20,6 фоиз;

- ҷойи дуюм таҳқиқи масъалаҳои педагогикаи муқоисавӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илму маориф – 57 мақола ё 10,4 фоиз;

- ҷойи сеюм масъалаҳои истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ дар раванди омӯзиш ва таълими фанҳои гуногун – 47 мақола ё 8,5 фоиз;

- ҷойи чорум омӯзиши мероси педагогии ниёгон ва роҳҳои татбиқи он дар низоми таҳсилоти муосир – 45 мақола ё 8,2 фоиз;

- ҷойи панҷум татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим – 40 мақола ё 7,2 фоиз;

- ҷойи шашум истиқлолияти миллӣ, мушкилот, дастовардҳо ва дурнамои педагогикаи миллӣ – 34 мақола ё 6,2 фоиз;

- ҷойи ҳафтум масъалаҳои педагогикаи фарҳанг ва ташкили фаъолияти фарҳангию фароғатии насли наврас – 28 мақола ё 5,1 фоиз;

- ҷойи ҳаштум тарбияи ҳуқуқию шаҳрвандӣ, ватанпарастӣ ва масъалаҳои пешгирии экстремизм ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон – 27 мақола ё 4,9 фоиз;

- ҷойи нуҳум проблемаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ - 20 мақола ё 3,6 фоиз;

- ҷойи даҳум масъалаҳои тарбияи оилавӣ, ташаккули фарҳанги волидайн ва раванди иҷтимоишавии кӯдакону наврасон – 16 мақола ё 2,9 фоиз;

- ҷойи ёздаҳум проблемаҳои таҳқиқоти илмсанҷӣ ва квалиметрӣ дар соҳаи педагогика – 15 мақола ё 2,7 фоиз;

- ҷойи дувоздаҳум ҷанбаҳои равоншиносии таҳсилот – 7 мақола ё 1,2 фоиз;

- ҷойи сездаҳум проблемаҳои истилоҳшиносӣ дар соҳаи педагогика – 6 мақола ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва ташкилии таҳсилоти фарогир – 6 мақола ё 1,0 фоиз;

- ҷойи чордаҳум таҳқиқи проблемаҳои назариявӣ ва роҳандозии таҳсилоти муттасил дар Тоҷикистон - 4 мақола ѐ 0,7 фоиз.

**Диаграммаи 9. Рейтинги мавзуъҳои мақолаҳои маҷаллаи илмии АТТ**




Аз натиҷаи таҳлили квалиметрӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳайати эҷоди маҷалла ва олимону мутахассисони соҳаи педагогика нисбат ба омӯзиш ва таҳқику баррасии масъалаҳои назариявӣ ва ҷорӣ намудани таҳсилоти муттасил, проблемаҳои истилоҳшиносии педагогӣ, пажӯҳиши масъалаҳои мубрами таҳсилоти фарогир ва татбиқи ин намуди таҳсилот дар Тоҷикистон, ҷанбаҳои равоншиносии таълиму тарбия, масъалаҳои тарбияи оилавӣ, инчунин, таҳқиқи пролемаҳои ташаккули фарҳанги волидайн ва раванди иҷтимоишавии кӯдакону наврасон ба қадри кофӣ таваҷҷуҳ зоҳир накардаанд. Ҳол он ки мавзуъҳои мазкур дар радифи проблемаҳои муҳимтарини таҳсилоти муосир қарор дошта, омӯзиш ва баррасии илмии онҳо барои маърифатноксозии аъзои ҷомеа, дар сатҳи замонавӣ нигоҳ доштани донишҳои касбии мутахассисони имрӯза, ҳамгунсозии истилоҳоти педагогӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои таҳсили кӯдакони лаѐқатманд ва дорои нуқсонҳои ҷисмонию равонӣ, муайянсозии мушкилоти

равонии субъектҳо ва объектҳои раванди таълим, ташаккули фарҳанги оиладорӣ ва бунёди оилаи солим, инчунин, вусъат бахшидан ба раванди иҷтимоишавии насли ояндасози кишвар бағоят муҳим мебошанд.

Дар маҷмуъ, АТТ, сохторҳо, кормандони он проблемаҳои муҳимми умумипедагогӣ ва дидактикиро таҳқиқ намуда, дар заминаи пажӯҳишҳои бунёдии хеш нисбат ба вазъи имрӯза ва рушдиояндаи илмҳои педагогӣ таҳқиқоти арзишманди илмӣ анҷом медиҳанд. Ҳамзамон, дар иртибот ба фаъолияти ин муассиса Пешвои муаззами миллат зимни суханронӣ дар вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар санаи 18 марти соли 2020 ибрози нигаронӣ карда, аз ҷумла,  қайд намуданд: «… таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти ин муассисаҳои илмӣ чандон самарабахш нест. Академияи таҳсилот ба масъалаи дурнамои рушди маориф бояд диққати аввалиндараҷа дода, доир ба мақоми мактаби муосир, сатҳу сифати китобҳои дарсӣ, ворид кардани ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамон дар китобҳои дарсии фанҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ, раванди таълим, таносуби соатҳои фаннӣ, усулҳои фаъоли таълим, роҳҳои самаранок омӯзиши фанҳои табиӣ, риёзиву дақиқ ва ташаккули зеҳнияти хонандагону донишҷӯён пешниҳодҳои мушаххас манзур намояд» [6].

Илова бар ин, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки «ҳоло дар кишвар ислоҳоти соҳаи маориф идома дорад. Аммо консепсияи мукаммал доир ба шакли идораи сохторҳои соҳаи маориф ва азнавсозии таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо ҳанӯз таҳия нагардидааст» [6], ки ин низ яке аз вазифаҳои умдаи АТТ ба шумор меравад.

Масъалаи дигаре, ки АТТ ба он бояд таваҷҷуҳ намоянд, ин андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳалли таъмини мустақилияти олимону муҳаққиқон дар фаъолияти илмию эҷодӣ, ибрози озодонаи андешаҳо ҳангоми баррасии масъалаҳои мавриди таҳқиқ мебошад: «...таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди илм дар ҳамбастагӣ бо се омил таъмин мегардад: аввалан, бо қадр кардани истеъдоди фитрӣ, сониян, бо муҳайё намудани рақобати солим ва озодии илмӣ ва, сеюм, бо мавҷуд будани принсипҳои масъулиятшиносиву

поквиҷдонӣ дар фаъолияти илмӣ. Ғайр аз ин, зарар ва офати илм низ се манбаи субъективӣ дорад: якум, эътироф нашудани истеъдоди асил, дуюм, худбоварии мутлақ ва нашинохтани иштибоҳи худ ва, сеюм, ворид шудани ғараз дар илм ва муносибатҳои илмӣ. Ба ибораи дигар, рақобати озод, танқиди беғаразона ва бо муҳаббат ба кори эҷодӣ машғул шудан, ҷавҳари илми асил мебошад» [6].

Ҳамзамон, барои вусъат бахшидан ба раванди таҳқиқоти педагогӣ дар мамлакат дар сохтори АТТ ташкил намудани Маркази миллии квалиметрияи педагогӣ, ба чоп омода намудани натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, маркетингӣ вобаста ба мавзуъҳо ва проблемаҳои соҳаҳои нави педагогика, идомаи таҳқиқот оид ба «Энсиклопедияи педагогикаи халқи тоҷик», тарҷума ва нашри асарҳои нодир оид ба дастовардҳои педагогикаи башарият ва таъсиси китобхонаи бунёдии педагогӣ дар Тоҷикистон аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим дар фаъолиятиояндаи ин академия ба шумор мераванд.

Дар маҷмуъ, АТТ тавассути таҳқиқоти бунёдии илмӣ оид ба проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ ба ҳалли масъалаҳои рӯзмарра ва стратегии азнавсозии ислоҳоти соҳаи илму маориф ёрии амалӣ мерасонад. Ҳайати кормандони илмии ин муассисаи бонуфузи таҳқиқотии кишвар дар заминаи омӯзиши падидаҳои арзишманди ташкили раванди таҳсилот, таҷрибаи ислоҳоти низоми илму маорифи кишварҳои мухталиф, истифодаи ибтикороту навгониҳои соҳаи таълиму тарбия ба ҷараёни эҳё ва мутобиқгардонии афкору андешаҳои инсонгароёнаи педагогии ниёгон ба низоми таҳсилоти муосир, ташаккули арзишҳои нав, аз ҷумла, инсонсозиву демократикунонии он мусоидат менамояд.

Дар таҳқиқоти педагогӣ дар низоми муносибатҳои навин нақши зерсохтори АТТ - Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон низ хеле муҳим аст. Ниҳоди мазкур ҳамчун маркази ягонаи илмӣ-таҳқиқотӣ ба омӯзиши проблемаҳои илмии педагогика ва таҳқиқи асосҳои илмӣ-методии тадриси фанҳои таълим дар

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, инчунин, масъалаҳои педагогикаи миллӣ ва инноватсияҳо машғул мебошад.

Вобаста ба ин, дар ин зербоби диссертатсия таҳлили квалиметрии фаъолияти Пажӯҳишгоҳ ҳамчун ниҳоди илмӣ-таҳқиқотӣ бо арзёбии иҷрои мавзуъҳои фармоишӣ (мавзуъҳои илмии аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда, ки «корҳои бунёдӣ буда, ҳадафашон васеъ кардани дониш, амиқтар фаҳмидани қонунҳои табиат, ошкорсозии қонуниятҳои нав ва амсоли он бошанд» [165, 67]), фаъолияти оинномавии он дар самти таҳқиқ ва назорати равандҳои педагогӣ, таҳқиқоти монографӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, нашри мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, корҳои фаҳмондадиҳию тарғиботӣ ва ғайра дар асоси ҳисоботҳои ин муассиса ва маводи дигар тавассути методи экспертӣ ва методҳои квалиметрию ғайриквалиметрӣ, ки дар муқаддимаи таҳқиқот зикр шудаанд, гузаронида шудааст.

Сохтори Пажӯҳишгоҳ бо маҷмуи кормандон иборат аз 72 воҳиди корӣ мебошад, ки вазифаҳои мубрами илмию таҳқиқотиро пеш мебаранд ва ҳоло самаранокии фаъолияти онҳо нисбат ба солҳои пешин ба маротиб афзудааст. Таҳлили квалиметрии сохтори Пажӯҳишгоҳ, ки дар ҷадвали 10 инъикос ёфтааст, собит месозад, ки он ба вазифаҳои худ, асосан, мутобиқат дорад. Дар баробари ин, Пажӯҳишгоҳ сомонаи худро дорад, ки он низ аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ва ороиши маҷозӣ басо пурмуҳтаво буда, дар он эълони дифои рисолаҳо, чорабиниҳои илмию фарҳангӣ ва иттилоот дар бораи тамоми дигаргуниҳо ва фаъолияти муассисаи илмӣ ҷой дода мешаванд.

**Ҷадвали 10. Сохтори ПРМ**






Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар даврони истиқлоли давлатӣ таҳқиқи мавзуъҳои гуногуни фармоиширо марҳила ба марҳила ба роҳ монда, дар муддати муқарраршуда ба итмом мерасонад ва онҳоро мунтазам ҷамъбаст ва натиҷагирӣ менамояд. Роҳбарони мавзуъҳои фармоишӣ дар асоси супориши Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон рефератҳо ва ҳисоботи корҳои анҷомёфтаро таҳия ва ба маркази мазкур пешниҳод менамоянд. Айни замон фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кормандони илмии шуъба ва марказҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба коркарди мавзуъҳои нави илмӣ-таҳқиқотӣ равона карда шудааст.

Яке аз мавзуъҳои таҳқиқоти илмии ин ниҳод «Инкишоф ва ислоҳоти мактаби муосир ва таҳсилот дар Тоҷикистон» унвон дошта, дар асоси он мавзуъҳои зерини илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд: 1. Муҳити педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нақши он дар ташаккули симои маънавии хонандагон. 2. Асосҳои дидактикии таълими забон ва адабиёти тоҷик дар шароити имрӯза. 3. Асосҳои илмӣ-амалии демократикунонии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ. 4. Самтҳои асосии тарбияи шаҳрвандӣ дар раванди таълими

фанҳои ҷомеашиносӣ. 5. Асосҳои илмӣ-методии татбиқу амалигардонии усулҳои самарабахши таълим дар раванди таҳсилоти ибтидоӣ. 6. Назария ва амалияи тадриси таълими тафриқӣ оид ба фанҳои табиатшиносӣ-риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. 7. Асосҳои илмӣ-амалии таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ. 8. Асосҳои илмӣ-амалии таълиму тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилотии типи нав. 9. Асосҳои илмии омӯзиши забонҳои русӣ ва хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Дар давоми солҳои 2006-2010 кормандони Пажӯҳишгоҳ диққати асосиро ба таҳқиқи 9 мавзуи фармоишӣ, ки қаблан қабул ва дар шуъбаву марказҳои дахлдор тасдиқ гардида буданд, равона сохта буданд. Таҳлили квалиметрии фаъолияти Пажӯҳишгоҳ дар таҳқиқи мавзуъҳои фармоишӣ нишон дод, ки дар давоми ин солҳо кормандони илмӣ тибқи нақшаҳои тасдиқшуда проблемаҳои ҷиддӣ ва мураккаби назариявӣ, илмию методии соҳаи таҳсилоти ҷумҳуриро мавриди баррасӣ қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд. Дар доираи таҳқиқи ин мавзуъҳо як силсила китобу мақолаҳои илмӣ, нишондиҳандаҳои илмӣ-методӣ таҳия ва нашр гардида, якчанд рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя шудаанд.

Дар баробари мавзуъҳои фармоишӣ кормандони Пажӯҳишгоҳ ба таҳқиқи мавзуъҳои зерини иловагӣ машғуланд: 1. Асосҳои назариявии стандартикунонии давлатии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. 2. Вазъи таълими технология, таълими меҳнат, санъат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва роҳҳои такмили он. 3. Ҷанбаҳои психологии омодагии кӯдакон ба мактаб. 4. Таҳия ва чопи «Тазкираи педагогикаи тоҷик дар давраи тоисломӣ» [10].

Дар ибтидои соли тақвимӣ, маъмулан, кормандони шуъба ва марказҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар асоси проблемаҳо ва мавзуъҳои фармоишӣ нақшаҳои инфиродии худро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намуда, дар асоси онҳо ба таҳқиқи мавзуъҳои хеш шуруъ менамоянд. Барои дар асоси

нақшаҳои инфиродӣ аз тарафи кормандони Пажӯҳишгоҳ сари вақт анҷом додани корҳо ба тамоми муҳаққиқон – иҷрокунандагон дастур дода мешавад, ки ҳангоми таҳқиқи мавзуъ ба аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии он таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, то ин ки онҳо ба талаботи ислоҳоти мактаб ҷавогӯ бошанд. Барои расидан ба мақсад ба муҳаққиқон рӯйхати адабиѐти илмӣ ва илмӣ-педагогии дахлдор тавсия дода мешавад. Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар шакли мақолаи илмӣ-методӣ, дастур ва ҷузъаҳои алоҳида ба омӯзгорону мутахассисон дастрас гардонида мешаванд.

Боиси зикр аст, ки дар баробари мавзуъҳои фармоишӣ, масалан, дар давоми солҳои 2006-2010, бо дарназардошти афзудани талабот ба ислоҳоти соҳаи маориф масъалаҳои зерин низ аз ҷониби Пажӯхишгоҳ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд: дар раванди таълим ҷорӣ намудани технологияҳои нав; роҳҳои инноватсионии низоми таҳсилот, ташаккули қобилияти донишандӯзӣ ва технологӣ, истифодаи мақсаднок ва самараноки дониш ва техника дар раванди таълиму тарбия; баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон, таъсиррасонии педагогӣ ва психологӣ ба хонандагон, ташаккули симои маънавии онҳо; баҳисобгирии шароитҳои иҷтимоии ҳаѐти хонандагон бо дарназардошти хусусиятҳои хоси маҳалли зист ва имкониятҳои воқеии онҳо, таҳия ва чопи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии ба талаботи замон ҷавобгӯ; аз байн бурдани фарқ миѐни барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ; таҳияи намунаи стандартҳои таълим; созмондиҳӣ ва гузаронидани мониторинги таҳсилот ва амсоли инҳо. Вобаста ба ин самт дар Пажӯхишгоҳ як силсила мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои методӣ ба табъ расидаанд [10].

Ҳамаи ин тадбирҳо барои ошкор намудани вазъи воқеии таълиму тарбия дар мамлакат мусоидат намуданд. Масалан, ѐдовар шудан бамаврид аст, ки паст шудани сатҳи дониши хонандагон ҳамеша дар мадди назари мактабҳо, оила ва ҷамоатчигӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, Пажӯҳишгоҳ тасмим гирифт, ки нисбат ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд. Барои ошкор намудани як қатор камбудиҳои ҷиддӣ, ки боиси паст шудани сатҳи

дониши хонандагон гардиданд, чунин корҳо ба анҷом расиданд: ташкил ва паҳн намудани саволномаҳо, гузаронидани суҳбатҳо; омӯзишу баррасии интишорот дар соҳаи педагогика; таҳлили барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ; иштирок дар раванди таълим; ташкил ва баргузории дарсҳои озод; муқоисаи маводи таълимии солҳои пешин бо маводи имрӯза; таҳлили мундариҷаи дарсҳо; омӯзиши тартиби вақтгузаронии хонандагон дар оила; шиносоӣ ба муҳити атрофи хонандагон; таҳлили зиддият миѐни хонандагон ва омӯзгорон ва баръакс; таҳлили сатҳи касбӣ-фарҳангии омӯзгорон ва монанди инҳо.

Новобаста ба беҳтар гардидани сифат ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ дар самти истифодаи тарзу усулҳои самарабахши таълим ва технологияҳои нав ҳанӯз дар соҳаи маорифи кишвар камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасиданд. Масалан, як камбудӣ ин истифодаи телефонҳои мобилӣ аз ҷониби хонандагон дар раванди таълим буд. Таҳқиқоти гузаронидаи Пажӯҳишгоҳ нишон дод, ки агар истифодаи телефонҳои мобилӣ, аз як тараф, аз буҷети оила хароҷоти зиѐдатиро талаб намояд, аз ҷониби дигар, ба саломатии худи хонандагон зарари калон мерасонад. Аз ин рӯ, хонандагонро аз истифода бурдани телефонҳои мобилӣ танҳо омӯзгоре озод карда метавонад, ки дорои сатҳи баланди касбият буда, ба хонанда зарар ва пайомадҳои манфии истифодаи телефонҳои мобилиро дақиқу возеҳ фаҳмонад.

Аз ҷониби Пажӯҳишгоҳ, инчунин, тӯли солҳои 2006-2010 масъалаҳои дигаре низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд, ки боиси нигаронии аҳли ҷомеа гардида буданд, аз ҷумла: вақтгузаронии хонандагон берун аз мактаб, иштироки онҳо дар гурӯҳҳои аз нигоҳи ахлоқӣ-психологӣ носолим, пайравӣ ва гароиш ба гурӯҳу ҳаракатҳои тундгаро ва экстремистӣ, мазҳабӣ, иштирок дар кашмакашу задухӯрдҳои байнимактабӣ барои сарварӣ ѐ саркардагӣ ва монанди инҳо. Натиҷаи ин таҳқиқоти илмӣ дар муҳтавои барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва мақолаҳои илмию методӣ инъикос ѐфтаанд.

Воридшавӣ ба низоми таҳсилоти 12-сола яке аз масъалаи муҳимми рӯз ба шумор рафта, омӯзишу баррасӣ ва дар амал татбиқ намудани он ояндаи миллати тоҷикро муайян ва эҳтиёҷоти ҷомеаро нисбат ба насли солиму бомаърифат қонеъ мегардонад. Вобаста ба ин, дар Пажӯҳишгоҳ корҳои муайян анҷом ёфта, натиҷаҳои таҳқиқот, аллакай, ба табъ расидаанд ва ин кор идома дорад.

Вазъи педагогикаи илмӣ нишон медиҳад, ки нақши таҳқиқи проблемаҳо ва ҳалли масъалаҳои доғи рӯз, ки ба таълиму тарбия вобастаанд, беш аз пеш баланд мегардад. Доир ба ин масъала ва умуман вобаста ба вазифаҳои минбаъдаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ зимни вохӯрӣ бо аҳли илм, донишмандон ва зиёиён санаи 18 марти соли 2020 басо нуктасанҷона зикр намуданд, ки «ҳоло дар кишвар ислоҳоти соҳаи маориф идома дорад. Аммо консепсияи мукаммал доир ба шакли идораи сохторҳои соҳаи маориф ва азнавсозии таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо то ҳанӯз таҳия нагардидааст. Пажӯҳишгоҳ, инчунин, ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, мазмуну мундариҷаи воситаҳои таълим, пешниҳоди китобҳои дарсии ҷавобгӯи талаботи замони истиқлол аз фанҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ ва тақсими соатҳо кам аҳаммият дода, доир ба усулҳои тағйир додану тавсеа бахшидани ҷаҳонбинии техникии наврасон тавсияҳои нав надорад. Аслан, назарсанҷии асосҳои ислоҳоти соҳаи маориф бояд аввал тавассути сохторҳои илмии зикршуда анҷом ёфта, сипас дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шавад... Аз ин рӯ, Академияи таҳсилот ва Пажӯҳишгоҳи рушди маорифро зарур аст, ки вазъи амалишавии ислоҳоти соҳаи маорифро ҳамаҷониба омӯхта, ҷиҳати ҷорӣ кардани таҷрибаи наву пешқадам, сатҳу сифати китобҳои дарсӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот чораҷӯйӣ намояд» [6].

Бинобар ин, дар ин давраи муҳимми таърихӣ, ҳангоме ки барои илми педагогика имкониятҳои васеи таҳқиқӣ фароҳам омада, ҷомеа

коммуникативӣ гардидааст, такомули технологияҳои таълим ва ба он додани характери инноватсионӣ танҳо дар сурате муяссар мегардад, ки агар ҳайати омӯзгорон ва олимону муҳаққиқони проблемаҳои педагогӣ, аз ҷумла ходимони илмии Пажӯҳишгоҳ нисбат ба вазифаи худ муносибати ҷиддӣ ва масъулияти бештар зоҳир намоянд.

Боиси тазаккур аст, ки барои расидан ба мақсадҳое, ки дар боло зикр гардиданд, Пажӯҳишгоҳ таҳқиқоти педагогии худро дар мактабҳои такягоҳӣ ва таҷрибавӣ мегузаронад. Бо ин мақсад дар асоси фармоиши Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ 10 мактаби такягоҳӣ ва 200 мактаби таҷрибавӣ фаъолият доранд. Кормандони Пажӯҳишгоҳ тибқи нақша корҳои илмӣ таҳқиқотиро якҷоя бо кормандони масъули мактабҳои такягоҳӣ ва мактабҳои таҷрибавӣ роҳандозӣ мекунанд. Дар баробари корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ онҳо оид ба стандартҳои давлатии фанҳои таълим, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, меъёрҳои баҳодиҳии дониш, маҳорату малакаҳои хонандагон, методҳои таълим, корҳои тарбиявӣ, давомнокии соли таҳсил, низомномаи нав оид ба таҳсилот, аҳаммияти донишҳои инноватсионӣ ва техникӣ ва монанди инҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, ба омӯзгорон ёрии илмӣ-методӣ мерасонанд.

Нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои фанни таълимӣ аз ҷониби ходимони илмии Пажӯҳишгоҳ мунтазам дар байни омӯзгорони озмоишгар баррасӣ гардида, ба онҳо дастур дода мешавад, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба таҳсилот, тарзи гузаронидани санҷишҳо, омодасозии хонандагон ба дарсҳо шинос шуда, ҳафтаи фан доир намоянд, вазъи фаъолияти иттиҳодияҳои методии омӯзгоронро таҳлил карда, ҳамзамон дар корҳои методӣ оид ба ташкили фаъолияти педагогӣ фаъолона ширкат варзанд. Ин масъалаҳо мунтазам дар ҷаласаҳои Шурои олимони Пажӯҳишгоҳ мавриди баррасӣ қарор гирифта, вобаста ба он қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд.

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кормандони Пажӯҳишгоҳ дар мактабҳои такягоҳӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии

ҷумҳурӣ татбиқ карда мешаванд. Дар мактабҳои №№ 37, 92-и ноҳияи Сино ва № 55-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, литсейи № 1-и ноҳияи Ёвон, мактаби №1-и шаҳри Роғун, гимназияи «Ҳиммат»-и шаҳри Душанбе пурсиши хаттии омӯзгорон, дарсҳои озод, машғулияти «Викторинаи илмӣ» ва шаклҳои фаъоли таълим мегузаранд. Литсей-интернати президентӣ, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15, гимназияи кӯдакони болаёқати ноҳияи Рӯдакӣ муассисаҳои таълимии таҷрибавии боэътимод эътироф гардидаанд [10].

Муҳаққиқони Пажӯҳишгоҳ дар раванди фаъолияти хеш натиҷаи дастовардҳои илмии худро дар робитаи қавӣ бо проблемаҳои назариявӣ, хусусиятҳои хоси миллӣ ва шароитҳои маҳал таъмин менамоянд. Онҳо дар коллеҷи муҳандисӣ-педагогӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии №30, №66 ва коллеҷи политехникӣ фаъолият менамоянд. Дар Коллеҷи педагогии ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ омӯзгорон мунтазам проблемаҳои таълиму тарбияро меомӯзанд ва сатҳи донишҳои хонандагонро дар қиёс бо марҳилаҳои гуногуни ҳаёт муайян месозанд.

Айни замон натиҷаҳои чунин таҳқиқоти Пажӯҳишгоҳро дар мактабҳои таҷрибавӣ омӯзгорони муассисаҳои зиёди таълимӣ дар дарсҳои озод ва дигар чорабиниҳои таҷрибавии илмӣ-амалӣ истифода мебаранд. Дар ин муассисаҳои таълимӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърих, ҳуқуқи инсон ва ҷомеашиносӣ ба таҷрибаи омӯзгорони синфҳои V-XI такя мекунанд. Дар баробари ин, дарсҳои намунавӣ оид ба фанҳои номбурда дар ҳузури омӯзгорон ва роҳбарони синф бо истифодаи шаклҳои фаъоли таълим гузаронида мешаванд. Муҳаққиқони Пажӯҳишгоҳ дар викторинаҳои илмӣ, семинарҳо, конференсияҳо, олимпиадаҳо, маҳфилҳои фаннӣ ширкат варзида, ба омӯзгорон ёрии методӣ мерасонанд.

Дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмии Пажӯҳишгоҳ бо дарназардошти фикру пешниҳодоти профессорон ва мутахассисони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Коллеҷи муҳандисӣ-педагогӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, Коллеҷи политехникӣ, Коллеҷи педагогии ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, Донишгоҳи давлатии техникии ба номи М. Осимӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия ва ғайра роҳандозӣ шудааст.

Ташкили мунтазами чорабиниҳои илмӣ-амалӣ, аз қабили конференсия, семинар, мизи мудаввар, конференсияи илмӣ-методӣ, суҳбат пайваста дар мадди назари роҳбарият ва кормандони Пажӯҳишгоҳ қарор дорад. Масъалаҳои вобаста ба мундариҷа ва мантиқи проблемаҳои таълиму тарбия, одатан маҳз дар ҳамин гуна чорабиниҳо баррасӣ мегарданд ва натиҷаи онҳо ба диққати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ расонида мешавад. Ин гуна чорабиниҳо моҳиятан мавзуӣ буда, пешакӣ тайёр карда мешаванд.

Пажӯҳишгоҳ қисми муайяни чорабиниҳо худро ба ҷашнҳои зерини ҷумҳуриявӣ, аз қабили 15-солагии Истиқлолияти давлатӣ, соли «Тамаддуни ориёӣ», 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, 800-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1310-солагии Имоми Аъзам, «Душанбе - Маркази фарҳанги исломӣ», соли «Маориф ва фарҳанги техникӣ» ва амсоли он бахшидааст [10].

Дар ин даврон таваҷҷуҳи асосии кормандони Пажӯҳишгоҳ, инчунин, ба омӯзиши технологияҳои нав, татбиқи инноватсияҳо дар соҳаи таҳсилот, таҳқиқи мероси педагогии халқи тоҷик аз мавқеи талаботи замони муосир ва таҳсилоти 12-сола равона шуда буд. Дар ин самт кормандони Пажӯҳишгоҳ як қатор конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар ташкил ва баргузор намуда, дар робита ба нуктаҳои зикршуда китобу мақолаҳои илмӣ таҳия ва чоп карданд.

Яке аз роҳҳои басо самараноки квалиметрияи илмӣ, махсусан, барои марказҳои таҳқиқотӣ, чунонки борҳо таъкид гардид, омӯзиш, таҳлил, ҳисоб ва баррасии дастовардҳои илмии ҳамон муассисаи илмӣ дониста мешавад. Барои ташхиси қиёсии дастовардҳои илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф дар солҳои 2010 ва 2011 диаграммаи квалиметрии муқоисавии зеринро, ки таҳти рақами 11 дар зер оварда шудааст, манзур месозем:

**Диаграммаи 11. Дастовардҳои илмии ПРМ дар солҳои 2010-2011**







...гоҳ ...суб ...ҳо, ...сии ...дар

заминаи маводи бойгони мавҷудаи АТТ ва ПРМ фаъолияти онҳо дар давоми 4 сол аз таҳлили квалиметрӣ гузаронида ва муқоиса карда шуда, шумораи қиёсии чорабиниҳо дар диаграммаи зерин инъикос гардид [10]:

**Диаграммаи 12. Дастовардҳои АТТ ва ПРМ дар соли 2012**

Таҳлили квалиметрӣ нишон медиҳад, ки кормандони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи АТТ дар соли 2012 ба чунин дастовардҳо ноил гардидаанд:

**Диаграммаи 13. Дастовардҳои ПРМ дар солҳои 2009-2012**

Маълумот оид ба конференсия ва семинарҳо дар АТТ

Дар давоми соли 2013 бошад, тибқи таҳлилҳои квалиметрӣ кормандони илмии Пажӯҳишгоҳ китобу мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои методии зеринро дар ҳаҷми умумии 812. 22 ч.ч. таҳия ва чоп намуданд, ки тафсилоти он дар диаграммаи поѐн оварда шудааст [10]:

**Диаграммаи 14. Дастовардҳои ПРМ дар соли 2013**







дар давоми

солҳо ... варрас ноил

гарди ... из муқоиса

намуда, аз нигоҳи квалиметрӣ ташхис намоем, бегумон, болоравии басо назаррасро дар фаъолияти он мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, дар заминаи таҳлилу омӯзиши квалиметрии вазъи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Тавассути аспирантура ва докторантура дар дохил ва хориҷи кишвар омода намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ оид ба таълими забонҳои русӣ ва англисӣ.

2. Таҳия ва чоп намудани луғатҳои мактабии тоҷикӣ-русӣ, англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ.

3. Ҷалби мутахассисон ѐ муаллифони китобҳои дарсӣ ҷиҳати тартиб додани барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилотии забони таҳсилашон русӣ, қирғизӣ, туркманӣ, узбекӣ ва таъмини онҳо бо китобҳои дарсӣ ба забони давлатӣ.

4. Васеъ намудани доираю шабакаи таълими муқоисавии забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ.

5. Дастгирии молиявии маҷаллаи «Паѐми Пажӯҳишгоҳ» ҷиҳати таҳия ва чопи мақолаҳои илмӣ оид ба проблемаҳои мубрами таҳқиқоти педагогӣ.

6. Дар доираи имконият мусоидат намудан ба нашри дастуру тавсияҳои методӣ.

7. Дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор додани масъалаҳо оид ба методикаи тадриси забонҳои русӣ ва англисӣ.

8. Тавсеаи ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ дар самти таҳия ва татбиқи барномаҳои байналмилалӣ оид ба татбиқи технологияҳои нав ва инноватсияҳо дар соҳаи таҳсилот.

9. Ба таври ҷиддӣ омӯхтани вазъи корҳои ташкилию раванди таълим дар муассисаҳои камнуфуси ҷумҳурӣ ва ѐрии амалию методӣ расонидан ба омӯзгорони муассисаҳои мазкур тавассути мизҳои мудаввару семинарҳои

кӯтоҳмуддат ва мақолаю дастурҳои методӣ, ки заминаи амалию миллӣ доранд.

Дар баробари ин, бояд таъкид намуд, ки солҳои охир ва махсусан, даҳаи сипаришуда, ҳамчунин, солҳои 2018 ва 2019 барои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон марҳилаи нави пешрафту муваффақиятҳо ҳисоб мешавад. Дар ин муассиса соли 2010 маҷаллаи илмӣ ташкил шуд, ки дастовардҳои асосиро дар соҳаи илмҳои педагогӣ инъикос менамояд. Нашрияи мазкур аз 7 декабри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, аз соли 2012 ба унвони «Илм ва инноватсия» ҳамчун маҷаллаи илмию методӣ ва аз соли 2018 ин ҷониб тахти унвони «Паѐми Пажӯҳишгохи рушди маориф» ба сифати маҷаллаи илмию методӣ чоп мешавад.

Мавриди зикр аст, ки дар солҳои 2018 – 2019 маҷалла тибқи нақша ҳар семоҳа дар чаҳор шумора ба нашр расид, ки ин, албатта, нишондиҳандаи хеле хуб буда, натиҷаи он дар ҷадвали зерин инъикос ѐфтааст [10]:

**Ҷадвали 15. Маҷаллаи ПРМ дар солҳои 2018-2019**

| Солҳо | Семоҳаи 1 | Семоҳаи 2 | Семоҳаи 3 | Семоҳаи 4 |
|---|---|---|---|---|
| **2019** | №1(25) | №2(26) | №3(27) | №4 (28) |
| **2018** | №1(21) | №2(22) | №3(23) | №4(24) |
| **2017** | № 1-2 (19-20) | - | - | № 3-4 (21-22) |
| **2016** | № 1 (15) | № 2 (16) | № 3 (17) | №3-4(17) |
| **2015** | № 1-2 (12) | - | № 3 (13) | № 4 (14) |
| **2014** | № 1-2 (7-8) | - | № 3 (9) | № 4 (10) |
| **2013** | № 1 (3) | - | № 3-4 (5-6) | - |
| **2012** | № 1-2 | - | № 3-4 | - |

Мундариҷаи маҷаллаи «Паѐми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф»-ро дар солҳои 2018-2019 бахшҳои «Таърихи педагогика», «Педагогикаи муосир», «Дидактика», «Равоншиносӣ», «Педагогикаи ислом», «Тарбияи ҷисмонӣ», «Тарбияи экологӣ», «Педагогикаи хонавода», «Тарбияти кадрҳои педагогӣ», «Фарҳангшиносӣ» ташкил додаанд. Маҷаллаи мазкур маводи илмиро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба нашр мерасонад, ки фарогири масъалаҳои муҳимми педагогӣ буда, ба ҳалли мушкилоти соҳа мусоидат мекунанд. Маҷалла мақолаҳои олимони соҳаи педагогика, омӯзгорону

методистон, унвонҷӯён ва муаллимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва илмии ватаниву хориҷиро, ки дар Тоҷикистон кор ва зиндагӣ мекунанд, ба табъ мерасонад.

Маҷаллаи «Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф» мавзуъ ва масъалаҳои мубрами илмию методии соҳаи педагогика, психология, химия, математика, забон ва адабиёти тоҷикро фаро мегирад. Бо мақсади тарғиби дастовардҳои илмию методӣ, рушди соҳа, ҳалли мушкилот, робитаҳои илмӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорону устодони муассисаҳои илмии тобеи вазорат ва зерсохторҳои АТТ бо пешниҳоди намунаҳо аз нашрияҳои соҳавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил соле як маротиба ду шумора дар як маҷалла ба табъ мерасад. Ҳамин тавр, ҳадафи маҷалла илова ба нашри мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ, илмию педагогӣ, таълимию иттилоотӣ, ҳамчунин, инъикоси Пажӯҳишҳои педагогӣ аз нигоҳи квалиметрия ва рисолати арзишманди илмию маърифатии муҳаққиқон мебошад. Дар маҷмуъ, ин вазифаҳо аз чунин нуктаҳо иборатанд: шиносонидани омӯзгорону муҳаққиқон бо дастовардҳои навини соҳа; баррасии масоили маориф ва илм дар робита бо рушди фаъолиятҳои инноватсионӣ; иҷрои стратегияи рушди маориф вобаста ба илм ва технология, баррасии раванди татбиқи барномаҳои давлатӣ, ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии касбӣ, тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ, дастгирии рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзиву техникӣ; таҳқиқу таҳлил ва тафсири вазъи таълиму тарбия тавъам бо зинаҳои муассисаҳои таҳсилотӣ; тарғибу ташвиқи таҷриба ва дастовардҳои омӯзгорони навҷӯю навовар ва ихтироъкор дар соҳаи илм, таълим ва дастовардҳои инноватсионӣ ва дастраси аҳли илму адаб намудани онҳо; тарғиб, дастгирӣ ва татбиқи дастовардҳои илмӣ, илмию амалии арзишманд ва таблиғи дастовардҳои нодири олимони ҷаҳон.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили квалиметрӣ ба ҳайати таҳририяи маҷалла 3 нафар академик, 2 нафар узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 5 нафар доктори илмҳои педагогӣ, 3 нафар номзади илмҳои педагогӣ шомил мебошанд. Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии

тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Федератсияи Россия (РИНС) ворид карда шудааст. Он ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

Таҳлили квалиметрии мундариҷаи мақолаҳои нашрияи мазкур дар давоми солҳои 2011-2020 собит намуд, ки доираи фарогирии масъалаҳои назариявӣ ва амалии соҳаи педагогика, проблемаҳои илму маориф дар саҳифаҳои маҷалла хеле васеъ буда, муҳтавои онҳо ба нақшаи фаъолияти АТТ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, аз ҷумла, самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи педагогика робитаи мустақим дорад.

Натиҷаи таҳлили квалиметрии мундариҷаи нашрия барои ҳамоҳангсозии мавзуъҳои илмӣ ва истифодаи мақсадноки иқтидорҳои зеҳнӣ дар соҳаи илму маориф, аз ҷумла, педагогикаи миллӣ имкон фароҳам оварда, таваҷҷуҳи олимону мутахассисони ватаниро ба таҳқиқи проблемаҳои нисбатан муҳим ва ба таҳқиқ ниёзманди соҳаи педагогика равона месозад.

Аз натиҷаи таҳлили мундариҷаи маҷалла бармеояд, ки дар ин давра дар саҳифаҳои нашрияи мазкур, дар маҷмуъ, 682 мақолаҳои дорои характери илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ ба табъ расидаанд.

Гурӯҳбандии мавзуии мақолаҳои чопшуда чунин аст:

- оид ба истиқлолияти миллӣ, мушкилот, дастовардҳо ва дурнамои педагогикаи миллӣ – 28 мақола;

- оид ба масъалаҳои педагогикаи умумӣ ва дидактика – 117 мақола;

- оид ба омӯзиши мероси педагогии ниёгон ва роҳҳои татбиқи арзишҳои тарбиявии он дар низоми таҳсилоти муосир – 45 мақола;

- оид ба раванди татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим – 81 мақола;

- оид ба проблемаҳои таҳқиқоти илмсанҷӣ ва квалиметрӣ дар соҳаи педагогика –5 мақола;

- оид ба таҳқиқи масъалаҳои педагогикаи муқоисавӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илму маориф – 18 мақола;

- оид ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ, ташаккули фарҳанги педагогии волидайн ва раванди иҷтимоишавии кӯдакону наврасон – 24 мақола;

- оид ба масъалаҳои истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ дар раванди омӯзиш ва таълими фанҳои гуногун – 84 мақола;

- бахшида ба проблемаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ - 22 мақола;

- оид ба тарбияи ҳуқуқию шаҳрвандӣ, хештаншиносӣ, ватанпарастӣ ва масъалаҳои пешгирии экстремизм ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон – 21 мақола;

- оид ба ҷанбаҳои равоншиносии таълиму тарбия – 40 мақола;

- дар самти таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва ташкилии таҳсилоти фарогир – 10 мақола;

- оид ба проблемаҳои физика ва риёзӣ – 27 мақола;

- оид ба масъалаҳои забоншиносӣ – 17 мақола;

- оид ба проблемаҳои таърих ва ҳуқуқ – 9 мақола;

- оид ба адабиётшиносӣ – 6 мақола;

- оид ба фалсафа ва сиёсатшиносӣ – 4 мақола.

- оид ба методикаи таълими фанҳои гуногун - 76 мақола;

- оид ба тарбияи экологӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими насли наврас – 25 мақола;

- оид ба масъалаҳои педагогикаи фарҳанг ва ташкили фаъолияти фарҳангию фароғатии насли наврас – 23 мақола.

Вобаста ба шумораи фарогирии масъалаҳо рейтинги мавзуъҳо дар мақолаҳо чунин аст:

- ҷойи якум - масъалаҳои педагогикаи умумӣ ва дидактика – 117 мақола ё 17,1 фоиз;

- ҷойи дуюм - масъалаҳои истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ дар раванди омӯзиш ва таълими фанҳои гуногун – 84 мақола ё 12,3 фоиз;

- ҷойи сеюм - масъалаҳо оид ба раванди татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим – 81 мақола ѐ 11,8 фоиз;

- ҷойи чорум - проблемаҳои методикаи таълими фанҳои гуногун - 76 мақола ѐ 11,1 фоиз;

- ҷойи панҷум – таҳқиқи масъалаҳои мероси педагогии ниѐгон ва роҳҳои татбиқи арзишҳои тарбиявии он дар низоми таҳсилоти муосир – 45 мақола ѐ 6,5 фоиз;

- ҷойи шашум - ҷанбаҳои равоншиносии таълиму тарбия – 40 мақола ѐ 5,8 фоиз;

- ҷойи ҳафтум – мавзуи истиқлоли давлатӣ, мушкилот, дастовардҳо ва дурнамои педагогикаи миллӣ – 28 мақола ѐ 4,1 фоиз;

- ҷойи ҳаштум – оид ба проблемаҳои физика ва риѐзӣ – 27 мақола ѐ 3,9 фоиз;

- ҷойи нуҳум – масъалаҳои тарбияи экологӣ ва ташаккули тарзи ҳаѐти солими насли наврас – 25 мақола ѐ 3,6 фоиз;

- ҷойи даҳум - масъалаҳои тарбияи оилавӣ, ташаккули фарҳанги педагогии волидайн ва раванди иҷтимоишавии кӯдакону наврасон – 24 мақола ѐ 3,5 фоиз;

- ҷойи ѐздаҳум - масъалаҳои педагогикаи фарҳанг ва ташкили фаъолияти фарҳангию фароғатии насли наврас – 23 мақола ѐ 3,3 фоиз;

- ҷойи дувоздаҳум - проблемаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, миѐнаи умумӣ, миѐна ва олии касбӣ - 22 мақола ѐ 3,2 фоиз;

- ҷойи сездаҳум - тарбияи ҳуқуқию шаҳрвандӣ, хештаншиносӣ, ватанпарастӣ ва масъалаҳои пешгирии экстремизм ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон – 21 мақола ѐ 3,0 фоиз;

- ҷойи чордаҳум - таҳқиқи масъалаҳои педагогикаи муқоисавӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илму маориф – 18 мақола ѐ 2,6 фоиз;

- ҷойи понздаҳум – оид ба проблемаҳои забоншиносӣ – 17 мақола ѐ 2,4 фоиз;

- ҷойи шонздаҳум - таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва ташкилии таҳсилоти фарогир – 10 мақола ѐ 1,4 фоиз;

- ҷойи ҳабдаҳум – оид ба масъалаҳои таърих ва ҳуқуқ – 9 мақола ѐ 1,3 фоиз;

- ҷойи ҳаждаҳум – масъалаҳои адабиѐтшиносӣ – 6 мақола ѐ 0,8 фоиз;

- ҷойи нуздаҳум – проблемаҳои таҳқиқоти илмсанҷӣ ва квалиметрӣ дар соҳаи педагогика – 5 мақола ѐ 0,7 фоиз;

- ҷойи бистум – оид ба проблемаҳои фалсафа ва сиѐсатшиносӣ – 4 мақола ѐ 0,5 фоиз.

**Диаграммаи 16. Рейтинги мавзуъҳои мақолаҳо**




Аз натиҷаи таҳлили квалиметрӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳайати эҷодии маҷалла ва олимону мутахассисони соҳаи педагогика нисбат ба омӯзиш ва таҳқиқу баррасии масъалаҳо ва ташкиливу назариявии таҳсилоти фарогир, назария ва татбиқи таҳсилоти муттасил дар Тоҷикистон, истилоҳшиносӣ дар соҳаи педагогика, проблемаҳои таҳқиқоти илмсанҷӣ ва квалиметрӣ дар соҳаи педагогика, таърих ва ҳуқуқ, адабиѐтшиносӣ, фалсафа ва сиѐсатшиносӣ мутобиқ ба талаботи замон ба қадри зарурӣ таваҷҷуҳ зоҳир накардаанд. Аз ин рӯ, масъулонро зарур аст, ки, чунонки барои ходимони илмии АТТ низ болотар дар ҳамин зербоби диссертатсия таъкид гардид, ба

проблемаҳои муҳимтарини илми педагогика ва таҳсилоти муосир ва таҳқиқу баррасии илмии онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Кормандони илмии Пажӯҳишгоҳ ба ғайр аз иҷрои бомуваффақияти нақшаҳои кории худ, инчунин, вазифаҳои оинномавии худро ба эътибор гирифта, супоришу дастурҳои зиёди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро менамоянд.

Дар асоси таҳлилҳои квалиметрии дар боло гузаронидашуда, айни замон барои иҷрои босифати таҳқиқот тавсияҳои зеринро ба Пажӯҳишгоҳ пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Таъсиси шуъбаи таълимии тасҳеҳӣ (барои кӯдакон бо имкониятҳои маҳдуд).

2. Ташкили обуна ба нашрияҳои дахлдори илмии Федератсияи Россия.

3. Ҷалби мутахассисони ҷавон (хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) барои кор дар Пажӯҳишгоҳ.

4. Ба кишварҳои хориҷа фиристонидани кормандони ҷавони илмӣ барои омӯхтани таҷрибаи пешқадами педагогӣ.

5. Таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан ба муассисаҳои таҳсилоти камнуфуси кишвар.

6. Тақсим намудани мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар байни аспирантон ва унвонҷӯён тибқи мавзуъҳое, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст.

7. Таҳкими робитаҳо бо муассисаҳои илмии бонуфузи кишварҳои хориҷии дуру наздик (махсусан, Россия, Қазоқистон ва ғайраҳо) дар тарбияи кадрҳои соҳаи психология, педагогика ва аз неруи илмии онҳо истифода намудан.

8. Таҷдид назар кардани сохтор, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва самтҳои пажӯҳишҳои илмии Пажӯҳишгоҳ ва ғайра.

Хулоса, квалиметрияи фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохтори он - Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар самти таҳқиқи проблемаҳои

умумипедагогӣ ва дидактикӣ нишон медиҳад, ки ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии мазкур дар самти иҷрои мавзуъҳои илмии аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда, роҳандозии фаъолияти оинномавии худ дар самти таҳқиқ ва назорати равандҳои педагогӣ, таҳқиқоти монографӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, нашри мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию тарғиботӣ ва амсоли он дар даврони истиқлоли давлатӣ ба комёбиҳои мушаххас ноил гаштаанд. Дар фаъолияти онҳо дар самти таҳқиқоти педагогӣ камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки бароиислоҳи онҳо дар асоси таҳлили квалиметрии ҳисоботҳои ин ниҳодҳо ва маводи дигар бо истифода аз методҳои экспертӣ ва методҳои дигари квалиметрию ғайриквалиметрӣ пешниҳодҳои мушаххас манзур гардиданд. Дар зербоби оянда таҳлили квалиметрии таҳқиқоти мавзуии масъалаҳои муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷониби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба анҷом расонида, пешниҳодҳои мазкурро боз ҳам мукаммалтар месозем.

## 2.3. Таҳлили квалиметрии таҳқиқоти масъалаҳои муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Масъалаҳои муосири педагогӣ хеле зиёд ва гуногунҷанба буда, ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ зимни таҳқиқоти педагогии худ паҳлуҳои мубрами онҳоро пайваста зимни таҳқиқоти мавзуии худ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор медиҳанд. Дар ин зербоби диссертатсия мо кӯшиш намудаем, ки самтҳои асосии таҳқиқоти мавзуии педагогиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум сохта, таҳлили квалиметрии онро дар мисоли таҳқиқоти ходимони илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва баъзе муҳаққиқони алоҳида анҷом диҳем.

Дар мисоли АТТ метавон зикр намуд, ки чунин мавзуъҳо ва самтҳо бештар муҳаққиқони онро ҷалб сохтаанд: 1) таҳсилоти фарогир; 2) педагогикаи ибтикорот: 3) мероси педагогии ниёгон; 4) педагогикаи фарҳанг; 5) педагогикаи умумӣ ва касбӣ; 6) фарҳанги таълими ҳамагонӣ; 7) педагогикаи муқоисавӣ; 8) педагогикаи ҳамгиро; 9) истилоҳоти педагогӣ ва ғайра. Инчунин, солҳои охир таваҷҷуҳи аксарияти муҳаққиқонро мушкилоти соҳаи муносибати босалоҳият ба таълим ҷалб сохтаанд.

Миёни мавзуъҳо ва самтҳои дар боло зикршуда таҳсилоти фарогир мақоми аввалиндараҷаро соҳиб аст. Таҳсилоти фарогир, чунонки маълум аст, раванди рушди таҳсилоти умумӣ буда, аз нигоҳи мутобиқат ба ниёзҳои гуногуни тамоми кӯдакон маънои дастрасии ҳамагон ба таҳсилотро дошта, дастёбии кӯдакони дорои талаботи махсусро ба таҳсилот таъмин мекунад. Дар самти таҳқиқоти илмии риштаи педагогика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти фарогир яке аз мавзуъҳои муҳим ва таҳқиқталаб ба шумор рафта¸ таҳлили квалиметрии он дар асоси таҳқиқоти олимони тоҷик, инчунин, бо такя ба маводи чорабиниҳои гуногуни илмии марбути проблемаи мазкур сурат гирифтааст.

Дар луғати истилоҳотӣ тавзеҳи зерини мафҳуми мазкур ба назар мерасад: «таҳсилоти фарогир ин таъмини дастрасии баробари тамоми таълимгирандагон ба таҳсилот бо дарназардошти ниёзҳои махсуси таълимӣ ва имкониятҳои инфиродии онҳо мебошад. Таҳсилоти фарогир (инклюзия) ин ҷараёни ҳамгироии кӯдакон ба раванди таҳсилоти умумӣ новобаста аз мансубияти ҷинсӣ, этникӣ ва мазҳабӣ, дастовардҳои таълимии қаблӣ, вазъи саломатӣ, сатҳи камолот, мақоми иҷтимоӣ-иқтисодии волидайн ва дигар тафовутҳо мебошад. Таҳсилоти фарогир таълими якҷоя ва дастрасии таҳсилоти босифат барои ҳамагон дар асоси фароҳам овардани муҳити таълимиест, ки ба талаботи гуногуни тамоми кӯдакон мувофиқат мекунад [328].

Мафҳуми «таҳсилоти фарогир» барои ифодаи раванди таълими кӯдакони дорои талаботи махсус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

истифода бурда мешавад. Дар баробари ин, таҳсилоти фарогир ин ҳамгироии нисбатан васеъ буда, маънии дастрасии таҳсилот барои ҳамагон ва рушди таҳсилоти умумӣ дар самти мутобиқгардонии он ба эҳтиёҷоти тамоми кӯдаконро дорад.

Дар амалияи байналмилалӣ мафҳуми пешинаи «таҳсилоти ҳамгиро», ки раванди мазкурро танҳо нисбат ба кӯдакони дорои хусусиятҳои инкишофи равонию ҷисмонӣ ифода менамуд, бо мафҳуми «таҳсилоти фарогир» иваз карда шудааст, ки он раванди мазкурро нисбат ба тамоми кӯдакон ифода мекунад. Ҳамзамон, таҳсилоти фарогир ҳамчун усули ба рушди методология равонашуда фардиятҳои тамоми кӯдакони дорои талаботи гуногунро дар таълим эътироф мекунад.

Таҳсилоти фарогир дар натиҷаи таҳаввулоти таҳсилоти махсус - аз ҷудонамоӣ (сегрегатсия) тавассути ҳамгиро кардан бо фарогир пайдо шудааст. Раванди ҳамгиро дар муассисаҳои таълими муқаррарии кӯдакони дорои талаботи махсус бо ташаббуси волидайне оғоз гардид, ки мехостанд «девор»-и ҷудоисозанда миёни кӯдакони худ ва кӯдакони солимро бартараф созанд.

Дар амалияи ҷаҳонӣ ин намуди таҳсилот ҳанӯз солҳои 70-уми асри XX ҷорӣ гардида буд. Дар солҳои 90-уми асри XX дар ИМА ва Аврупо сиёсати давлатӣ ба ислоҳоти мактаб ва бозсозии синфҳо равона гардида буд, то ин ки онҳо ба талаботи тамоми мактаббачагон ҷавоб дода тавонанд.

Дар ин росто, қобили зикр аст, ки асри XXI даврони технология ва рушди илм ба шумор рафта, тавассути таҳсилот, аз ҷумла, таҳсилоти фарогир ба рушди имкониятҳои равониву ҷисмонии афроди ҷомеа мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии методикаи таҳсилоти фарогир аз он иборат аст, ки бо истифода аз роҳу усулҳои интерактивии таълим ба қобилияту саъю талоши кӯдакон ҷиҳати ба ҳамдигар монанд ва дар таҳсилот ба дастовардҳои баробар ноил гардидан, мусоидат намоянд.

Вазифаҳои таҳсилоти фарогир гуногунанд. Пеш аз ҳама, он фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои тамоми таълимгирандагон ҷиҳати

соҳиб шудан ба таҳсилоти аълосифат ва рушди неруи онҳо новобаста аз дину мазҳаб, синну сол, ҷинс, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, нажод, қавм, мақоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва зарурати таҳсилоти махсус мебошад.

Ба ҳамин тариқ, маҷмуи мушкилоти ба фаҳмиши васеи инклюзия алоқаманд қариб тамоми ҷанбаҳои фаъолият ва рушди низомҳои миллии таҳсилотро фаро гирифта, моҳиятан самти муҳимми таҳқиқи илмӣ дар раванди коркарди амсилаи иҷтимоӣ-фарҳангии татбиқи таҳсилоти фарогир мебошад.

Дар таҳсилоти фарогир сифат унсури зарурии ҳавасмандгардонӣ мебошад. Ҳуқуқ ба таҳсил ин ҷо танҳо ба маънии таъмини дастёбӣ ба он набуда, балки  ин дар раванди таҳсилот таъмин намудани комёбии ҳар як инсон аз овони кӯдакӣ то балоғат тавассути таҳсилоти босифат ва фароҳам овардани заминаи боъэтимод барои таҳсилоти оянда мебошад.

Аз таҳлили талаботи асноди меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таҳсилоти фарогир бармеояд, ки татбиқи  ин намуди таҳсилот имкон медиҳад, ки як қатор мушкилоти дорои хусусияти аҳлоқӣ ва иқтисодӣ ҳал карда шуда, ҳамзамон ба гуманизатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат карда шавад. Аз ҷумла:

- шахсони имконияташон маҳдуд дар баробари дигар имкониятҳо ҳуқуқи иштирок кардан дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти меҳнатиро пайдо мекунанд, ки ин дар навбати худ, вобастагии онҳоро аз кумакҳои моддии давлатӣ коҳиш медиҳад;
- афкори қолабии ҷамъиятӣ оид ба зарурати ҷудо намудани шахсони дорои талаботи махсус бартараф карда мешавад;
- барои татбиқи ҳуқуқи тамоми аъзои ҷомеа нисбат ба таҳсилот ва дарёфти таҳсилот шароитҳои зарурӣ таъмин мегарданд;
- ҷомеа таҳаммулпазир гардида, нисбат ба ниёзу эҳтиёҷоти шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд муносибати нисбатан ботаҳаммул мекунад.

Вобаста ба ин, дар раванди амалигардонии таҳсилоти фарогир давлат мунтазам уҳдадориҳои зеринро иҷро мекунад:

1. Барои қонеъгардонии ниёзҳо ва рағбатҳои тамоми категорияҳои хонандагон дигаргунсозӣ ва гуногунрангӣ (диверсификатсия)-и мундариҷаи таҳсилоти мактабиро таъмин месозад.

2. Ҷалби мақомоти худидоракунии давлатӣ ва иттиҳодияҳои маҳаллиро ба раванди ташкили таҳсилоти фарогир таъмин менамояд.

3. Дастгирии давлатии ташаббусҳои шаҳрвандиро, ки ба ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир равона карда шудаанд, таъмин менамояд.

4. Технологияҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва амсилаҳои иқтисодӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ ва таҳсилоти фарогири тамоми кӯдаконеро, ки барои минтақаи мушаххас мувофиқанд, бунёд менамояд.

5. Низоми муассисаҳои таълимӣ, иҷтимоӣ, тиббӣ, ки дастёбии шахсони имконияти саломатиашон маҳдудро барои дарёфти таҳсилот таъмин месозад, ташаккул медиҳад.

6. Дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии мавҷуда барои кӯдакони дорои талаботи махсус ҷиҳати гирифтани таҳсилот шароит фароҳам меорад.

7. Оид ба таҳсилоти фарогир кормандони иҷтимоӣ, тиббӣ ва кадрҳои педагогиро, ки дорои донишу малакаҳои мушаххас мебошанд, тайёр менамояд.

8. Барои иҷрои вазифаҳои мазкур захираҳои зарурии молиявӣ, аз ҷумла, сармояи хориҷӣ ва воситаҳои донорӣ ҷустуҷӯ ва дарёфт менамояд.

Дар баробари ин, аз давлат тақозо карда мешавад, ки дар раванди таҳсилоти фарогир риояи принсипҳои асосии Конвенсияро оид ба ҳуқуқҳои маъюбон риоя намояд: – эҳтиром намудани қадру қимати инсон, соҳибихтиёрии шахсии ӯ, аз ҷумла, озодии интихоби шахсӣ ва мустақилият; адами табъиз; пурра ва босамар ҷалб намудану ҳамроҳ шудан ба ҷомеа; эҳтиром намудани махсусияти маъюбон ва ба сифати як ҷузъи гуногуншакли инсоният пазируфтани онҳо; баробарии имкониятҳо; дастрасӣ; баробарии мардону занон; эҳтиром намудани қобилиятҳои рӯ ба инкишофи кӯдакони

маъюб ва ҷонибдории ҳуқуқи кӯдакон баҳри ҳифз намудани фардияти хеш [30].

Дар баробари принсипҳои расмӣ олимони рус ҳашт принсипи зерини таҳсилоти фарогирро таҳқиқ ва пешниҳод намудаанд: 1) гуногунрангӣ тамоми ҷанбаҳои ҳаѐти инсонро тақвият мебахшад; 2) ба пешрафт ноил гардидани тамоми таълимгирандагон қабл аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки онҳо тавонманданд, на ин ки ноуҳдабаро; 3) ҳамаи одамон ба дастгирӣ ва дӯстии ҳамсолон ниѐз доранд; 4) таҳсилоти ҳақиқӣ танҳо дар қаринаи муносибатҳои воқеӣ амалӣ мегардад; 5) ҳамаи инсонҳо ба ҳамдигар ниѐз доранд; 6) ҳар як инсон ба муомила ва ӯро шунидан аз ҷониби дигарон ҳуқуқ дорад; 7) ҳар як инсон қобилияти ҳискунӣ ва фикркунӣ дорад; 8) арзиши инсон аз қобилиятҳо ва комѐбиҳои ӯ вобаста нест [347].

Бояд таъкид намуд, ки таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои худро дорад. Бо соҳибихтиѐр гардидани Тоҷикистон заминаи меъѐрии ҳуқуқии низоми таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ мунтазам рушд ѐфта, кишвари мо шаш созишномаро оид ба ҳуқуқҳои инсон ба тасвиб расонид. Аз ҷумла, санаи 22 марти соли 2018 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқҳои маъюбон дар бинои ин созмон ба имзо расида, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ барои ратификатсияи ин санади муҳим ва арзишманди байналмилалӣ ҷараѐн дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ як қатор лоиҳаҳоро оид ба ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир татбиқ карда истодааст, ки ба рушди ин намуди таҳсилот равона карда шудаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паѐми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26 декабри соли 2019 қайд намуданд, ки «ҳоло дар мамлакат 700 ҳазор нафар нафақагирон, аз ҷумла, 148 ҳазор маъюбон, 5277 нафар ятимони кулл ва 74 ҳазор ятимон зери сарпарастии давлат қарор доранд. Соли ҷорӣ (соли 2019 - Р.М.) аз ҳисоби буҷети давлат ба муассисаҳои пиронсолон ва маъюбон беш аз 36 миллион

сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд, ки ба ҳар як нафар 22 ҳазору 600 сомонӣ рост меояд. Ҳаҷми маблағгузорӣ ба чунин муассисаҳо дар давоми 10 соли охир 3,2 баробар афзоиш ёфтааст. Илова бар ин, танҳо соли 2019 ҳаҷми кумакпулиҳо аз ҳисоби буҷети давлат барои шаҳрвандони имконияташон маҳдуд беш аз 102 миллион сомониро ташкил дод [3].

Мавзуи таҳсилоти фарогир, идоракунии фаъолияти таълиму тарбияи кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ Абакирова Т.П., Алиакбар М.М., Гафари Э.А., Н.Т. Попова, С.В. Самуйленко, Т.Л. Чепел, Шафикова З.Х., Шевелев Д.Е., Шеманова А.Ю., Шинкаренко В.И., Широкшина А.С. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик масъалаи таҳсилоти фарогир солҳои охир мавриди таҳқиқу баррасии басо густурда қарор гирифта, аз ҷумла, дар асару мақолаҳо, монографияҳо ва таҳқиқоти диссертатсионии Байзоев А., Баротова Г.Ю., Иматова Л.М., Каримова Д, Каримова И.Х.. Маҷидова Б, Одинаева Л., Партовов Ф., Сабуров М., Сафаров Ш., Умарова В., Шарипов Б, Ҳакимова Ҷ., Юлдошева М.Р., Юнусова Н. масъалаҳои назариявие, ки мо бар боло мавриди таҳлил қарор додем, , асосан, , инъикос ёфтааст.

Оид ба таҳсилоти фарогир муҳаққиқони соҳа Б. Маҷидова, Н. Юнусова ва Г. Қурбонова дар асари худ «Асосҳои таҳсилоти фарогир», ки соли 2013 ба табъ расидааст, қайд мекунанд, ки «дар олами муосир ҳангоми таҳияи ҳама гуна барномаҳое, ки ба инкишофи инсон дахл доранд, роҳу усулҳое торафт бештар истифода мешаванд, ки ба риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон асос ёфтаанд. Дар қатори ғояҳои таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва некуаҳволии инсон дар даҳсолаҳои охир консепсияи ҷудосозии иҷтимоӣ ташаккул ёфт. Онро Иттиҳоди Аврупо чун раванде маънидод мекунад, ки «дар он гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ё одамони алоҳида имкон надоранд, дар ҳаёти ҷомеа пурра иштирок намоянд. Сабабҳои ҷудосозии (тафриқаи) иҷтимоӣ инҳо шуда метавонанд: қашшоқӣ, надоштани донишҳои ибтидоӣ, мавҷуд набудани имконияти таҳсил, монеаҳои забонӣ, фаъолиятнокӣ ва

боварии нокифояи одамон, поймол намудани ҳуқуқ ѐ нажодпарастӣ. Ин, дар навбати худ, барои ба кор таъмин намудани одамон, соҳиби даромад гардидани онҳо ва фароҳам овардани шароит барои таҳсил имкон намедиҳад» [189].

Дар ин самт таҳия ва чопи «Донишномаи таҳсилоти фарогир» [326] низ барои шинос намудани муҳаққиқону мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир ба мафҳум ва истилоҳоти илмии таҳсилоти мазкур мусоидат менамояд. Тавре ки муаллифони ин донишнома қайд менамоянд « …аз назари омӯзишии имрӯза вожаи фарогир (истисноӣ) ба кӯдаконе гуфта мешавад, ки аз ҷиҳатҳои мухталифи зеҳнӣ, ҷисмӣ, отифӣ ва иҷтимоӣ тафовути қобили мулоҳизае аз дигар кӯдакони ҳамсоли худ доранд. Аз ин лиҳоз ҳамин тафовутҳои махсус қодир нестанд, ки аз барномаҳои дарсии муқаррарӣ, ки усулан бар пояи вижагиҳо ва тавоноиҳои муштараки аксари кӯдакон дар синну соли мухталиф танзим гардидааст, ба таври бояду шояд баҳраманд гарданд. Бинобар ин, таърифи вожаи кӯдакони истисноӣ, кӯдакони тезҳуш, ақибмондаи зеҳнӣ, нобино, ношунаво ва носозгор, маъюбони ҷисмӣ ва монанди инҳоро фаро мегирад» [326, 3].

Яке аз муҳаққиқони пурмаҳсули тоҷик дар самти пажӯҳиши масъалаҳои таҳсилоти фарогир А. Байзоев ба шумор меравад. Муҳаққиқ тӯли солҳои 2013-2017 оид ба мавзуи мазкур асарҳои зеринро таҳия ва чоп намудааст: «Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)», «Қадамҳои устувор дар рушди мактаб», «Инклюзивное образование: передовой опыт и проблемы его внедрения в условиях Таджикистана» (Таҳсилоти фарогир: таҷрибаи пешқадам ва татбиқи он дар шароити Тоҷикистон) ва «Таҳсилоти фарогир: раҳѐфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам» [72; 174; 175; 205].

Мавриди зикр аст, ки айни замон таҳқиқи илмии масъалаи таҳсилоти фарогир дар АТТ дар доираи мавзуи фармоишии буҷавии «Инклюзия (таҳсилоти фарогир) - роҳ ба сӯйи баробарҳуқуқӣ: ба муаллимон омӯзонидани принсипҳои таҳсилоти фарогир барои солҳои 2019-2023» (рақами қайди давлатии РБД: 0120 TJ 01040 аз 30.03.2020; роҳбари илмӣ

доктори илмҳои педагогӣ, академики АТТ, ноиби президенти АТТ, профессор И.Х. Каримова) бо муваффақият идома дорад. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур дар «Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ). Дастури таълимӣ барои донишкадаҳои такмили ихтисос», «Донишномаи таҳсилоти фарогир», «Асосҳои таҳсилоти фарогир», инчунин, дар маводи Конференсияи байналмилалии «Таҳсилоти фарогир: мушкилот, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он», ки давоми солҳои 2012-2019 дар шаҳри Душанбе доир гашт, пурра инъикос гардидаанд.

Илова бар ин, масъалаҳои бунёдии таҳсилоти фарогир дар диссертатсияи Шарипов Бахтовар Файзович дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии мутобиқшавии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба муҳити таҳсилоти махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Кӯлоб)» (соли 2019), Ҳакимова Ҷамила Сайфуллоевна «Дидактические особенности организации обучающей деятельности в условиях инклюзивного образования (на материалах республиканских специальных школ-интернатов для глухонемых)» («Махсусиятҳои дидактикии ташкили фаъолияти таълимдиҳанда дар шароити таҳсилоти фарогир (дар асоси маводи мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ барои кару гунгҳо)») (соли 2019), Баротова Гулчеҳра Юсуфҷоновна дар мавзуи «Формирование профессионально-педагогической культуры студентов педагогических вузов в условиях работы в системе инклюзивного образования (на материале Республики Таджикистан)» («Ташаккули фарҳанги донишҷӯёни муассиаҳои таҳилоти олии касбӣ дар шароити кор дар низоми таҳсилоти фарогир (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)») (соли 2020) мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Вобаста ба таҳсилоти фарогир АТТ як қатор чорабиниҳои илмиро низ амалӣ намудааст. Аз ҷумла, бо дастгирии шуъбаи «Институти Ҷомеаи кушода. Бунёди мадад»-и Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2012-2019 бо ҷалби олимону мутахассисони ватанию хориҷӣ, коршиносони соҳаи таҳсилоти фарогир

силсилаи конференсияҳои байналмилалиро (дар маҷмуъ, 5 конференсия) дар мавзуи «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» баргузор намуд, ки дар зер мо онҳоро мавриди таҳқиқоти квалиметрӣ қарор медиҳем.

Аз ҷумла, санаи 21 ноябри соли 2012 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» якумин конференсияи байналмилалӣ баргузор гардид, ки он ба масъалаҳои рушди таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон бахшида шуда буд. Дар конференсия 32 маърӯзаи илмӣ оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир - мушкилот ва дурнамо дар Тоҷикистон, масъалаҳои такмили қонунгузорӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир, иҷтимоигардонии кӯдакони имконияташон маҳдуд, ташаккули таҳаммулпазирӣ нисбат ба шахсони имкониятҳояшон маҳдуд ҳамчун шарти муҳимми татбиқи ғояи таҳсилоти фарогир, инунин роҳнамоии шуғлии кӯдакони истисноӣ - вазъият ва мушкилот, муносибати маҷмӯӣ ва инфиродӣ нисбат ба таълиму тарбияи шахсони имконияташон маҳдуд, баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои педагогӣ дар самти таҳсилоти фарогир, ташкили чорабиниҳои солимгардонӣ ва барқарорсозии саломатии кӯдакони имконияташон маҳдуд, амсилаи педагогии омодасозии падару модарон оид ба тарбияи кӯдакони истисноӣ, таҳлили таҷрибаи пешқадами ташкили таҳсилоти фарогир дар Россия, Беларус, Доғистон, Қазоқистон, Узбекистон, Эрон ва ғайра ироа гардиданд [234]. Дар конференсия, инчунин, таъмини дастрасии кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд ба ѐрии психологӣ-тиббӣ-педагогӣ, бартараф намудани монеаҳо ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои қонеъгардонии ниѐзҳои маърифатии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд [345].

Дар конференсияи II байналмилалӣ дар мавзуи «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он», ки санаи 21 ноябри соли 2013 дар шаҳри Душанбе бо дастгирии шуъбаи «Институти Ҷомеаи кушода. Бунѐди мадад»-и Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академия таҳсилоти Тоҷикистон баргузор гардид, 27

маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, аз ҷумла: оид ба имкониятҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар амалияи логопедӣ, дастгирии мақсаднокии давлатии рушди таҳсилоти томактабии фарогир дар Россия, ҳамгироии кӯдакони дорои бемории даун дар Ҷумҳурии Беларус, салоҳияти касбии омӯзгор-дефектолог ҳангоми кор бо кӯдакони дорои камбудиҳои зиёди психофизиологӣ, ташаккули салоҳияти методии мураббиёни гурӯҳҳои таълиму тарбияи ҳамгиро дар раванди такмили ихтисос, студияи бисёрфунксионалии таҳсилоти фарогири шахсони имконияту саломатиашон маҳдуд ҳамчун воситаи омодасозии донишҷӯён барои пешбурди таҳсилоти фарогир ва ғайра. Дар кори конференсия намояндагони кишварҳои Черногория, Қирғизистон, Украина, Узбекистон, Қазоқистон, Беларус ширкат варзида, 26 маърӯзаи илмиро оид ба ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди назар баррасӣ намуданд [234].

Санаи 29 ноябри соли 2017 дар шаҳри Душанбе Конференсияи III байналмилалии «Таҳсилоти фарогир: мушкилот, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» доир гардид, ки дар раванди он 23 маърӯзаи илмӣ ироа гардид. Маърӯзаҳо , асосан, ба баррасии чунин проблемаҳои таҳсилоти фарогир ва роҳҳои ҳалли он бахшида шуданд: масъалаҳои арзёбии сатҳи дониши кӯдакони имконияташон маҳдуд дар қаринаи муносибати босалоҳият ба таълим, расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар самти таҳсилоти фарогир, таҳсилоти фарогир ҳамчун проблемаи илмии психологӣ-педагогӣ, нақши оила дар тарбияи кӯдаки иллатдор, нақши давлат дар ҳифзи кӯдакони ятиму маъюб ва таълиму тарбияи онҳо, нақши мактаб, оила ва ҷомеа дар тарбия ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни наврасону ҷавонон, мушкилоти ташкили низоми таҳсилоти кӯдакон ва хонандагони талаботи махсусдошта дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули таҳаммулпазирии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар шароити таҳсил, ҷанбаҳои маъмурии танзими риояи ҳуқуқи ноболиғон дар Тоҷикистон ва ғайра. Дар баррасии масъалаҳои конференсия намояндагони Арманистон, Россия, Қазоқистон фаъолона ширкат варзиданд.

Яке аз чорабиниҳои илмие, ки ба таҳқиқу баррасии мавзуи таҳсилоти фарогир такони ҷиддӣ бахшид, ин конференсияи IV байналмилалӣ «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» ба шумор меравад, ки санаи 21-22 декабри соли 2018 дар шаҳри Душанбе бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Институти «Ҷомеаи кушода»: Бунѐди мадади Тоҷикистон ва намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон баргузор гардид. Дар кори он намояндагони Россия, Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон, Арманистон ва Украина ширкат варзиданд. Дар Конференсия 41 маърӯзаи илмӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти фарогир мавриди баррасӣ қарор гирифта, як зумра иштирокчиѐн масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои татбиқи таҳсилоти фарогирро бо пешниҳоду тавсияҳои илмӣ асоснок намуданд, аз ҷумла: Ф.Г. Абдулоева «Масъалаҳои мубрами таълими фарогир», Ҳ. Бобоҷонова «Таҳсилоти фарогир: ҷустуҷӯ, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он, Ғ. Ғарибшоев «Таҳсилоти фарогир - идомаи ислоҳоти маорифи миллӣ», Б. Маҷидова «Таҳсилоти фарогир дар низоми таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ», С.Э. Неъматов, Б. Муҳиддинзода «Современные проблемы инклюзивного образования», З.П. Раҳмонов, Д.З. Раҳмонова «Махсусиятҳои таҳсилоти фарогир дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон», Х.М. Сабуров, С.Х. Элмуродова «Проблемы реализации инклюзивного образования в процессе обучения и воспитания подрастающего поколения», О.В. Майзель «Инклюзивное образование в Израиле» ва ғайра. Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи мазкур таҳти унвони «Маводи конференсияи IV байналмилалӣ «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» дар ҳаҷми 15,6 ҷузъи чопӣ ба табъ расид [235].

Ҳамзамон, рӯзҳои 14-15-уми декабри соли 2019 дар шаҳри Душанбе бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони

Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Институти «Ҷомеаи кушода»-и Бунёди мадади Тоҷикистон, намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон конференсияи V-уми байналмилалии «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» баргузор гардид.

Иштирокчиёни конференсия мавзуъҳои «Таҳсилоти фарогир - самти нави стратегияи таълими муосир», «Нақши забони имову ишора дар таълиму тарбияи ношунавоён», «Омода ва бозомӯзии омӯзгорон дар самти таҳсилоти фарогир: таҷрибаи байналмилалӣ, дурнамо ва роҳандозии он дар Тоҷикистон», «Аз таърихи пайдоиши хати брайлӣ», «Махсусиятҳои инкишофи равандҳои маърифати бачагони дорои камбудии зеҳнӣ», «Фаъолияти руҳшиноси мактаб дар низоми таҳсилоти фарогир», «Таҳсилоти фарогир – тарзи прогрессивии таълим», «Дастгирии инфиродии кӯдакони дорои талаботи махсус дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», «Ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагон дар шароити таҳсилоти фарогир» ва дигар масъалаҳои мавриди назарро баррасӣ намуданд. Дар конференсия 41 маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар ҷараёни баррасии масъалаҳои конференсияи намояндагони Қазоқистон ва Узбекистон низ иштирок намуданд [236].

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз ягонагии мавзуи конференсияҳои байналмилалӣ - «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» дар раванди баргузории онҳо масъалаҳои гуногун баррасӣ гардида, таҷрибаи пешқадами кишварҳои гуногун оид ба роҳандозии таҳсилоти фарогир мавриди таҳлил қарор гирифт, дастовардҳо, мушкилоту зиддиятҳо дар ин самт ошкор карда шуда, дурнамои рушди таҳсилоти фарогир тавассути тавсияву пешниҳодоти мушаххаси иштирокчиён муайян гардид. Аз ин рӯ, баргузории ин конференсияҳои байналмилалиро дар самти бартараф намудани мушкилот ва ба таври самаранок ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои иштирокчӣ ҳамчун иқдоми наву назаррас арзёбӣ намудан мумкин аст.

Илова бар ин, моҳи декабри соли 2012 бо ташаббуси Муассисаи давлатии федералии таълимии «Донишгоҳи давлатии муҳандисӣ-иқтисодии Санкт-Петербург» дар мавзуи «Таҳсилоти муттасили шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд дар кишварҳои узви ИДМ: дастовардҳо, мушкилот, дурнамо» видеоконференсия баргузор гардид, ки дар кори он намояндагони 7 кишвари узви ИДМ, аз ҷумла, Тоҷикистон ширкат варзиданд Дар ҷараёни видеоконференсия самтҳои асосии таҳсилоти фарогир ва масъалаҳои муҳимми ба он вобастаи зерин баррасӣ гардиданд:

1. Муҳиммияти таҳсилоти фарогири шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд: умумифарҳангӣ, қавмӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ.

2. Мусоидат ба нигоҳдошт ва қавигардонии солимии ҷисмонию равонии маъюбон; ташаккули маънавиёти мусбати онҳо нисбат ба худ, истеҳсолот, ҷомеа ва табиат; омодасозии мутахассиси баландихтисоси дорои ҷаҳонбинии васеи умумифарҳангӣ, моҳияти рисолати муосири низомҳои умумимиллии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд дар кишварҳои узви ИДМ.

3. Консепсияи рушди таҳсилоти муттасили миёнаи умумӣ ва касбии шахсони дорои маъюбӣ ва мутобиқгардонии он ба кишварҳои узви ИДМ.

4. Таҳсилоти муттасили миёнаи умумӣ ва касбии маъюбон - ҷузъи ҷудонопазири рушди фазои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии кишварҳои ИДМ.

5. Таъминоти ҳуқуқии таҳсилоти муттасили миёнаи умумӣ ва касбии маъюбон дар кишварҳои узви ИДМ: роҳҳо ва зарурати мутобиқгардонии он дар шароити рушди фазои таҳсилоти миёнаи умумии ИДМ.

6. Инноватсияҳо ва анъанаҳои таҳсилоти муттасили миёнаи умумӣ ва касбии шахсони дорои маъюбӣ дар кишварҳои узви ИДМ, афзалиятнокии таҳсилоти фосилавии онҳо.

7. Зарурати воқеӣ ва роҳҳои асосии таҳсилоти муттасили умумифарҳангии маъюбон, ташаккули маънавиёти мусбати онҳо дар доираи

бунёди низоми умумимиллии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии кишварҳои узви ИДМ.

8. Мавзуоти таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таҳсилоти муттасили миёнаи умумӣ ва касбии шахсони дорои маъюбӣ дар кишварҳои узви ИДМ, зарурати воқеӣ ва роҳҳои асосии ҳамоҳангсозии таҳқиқоти мазкур дар доираи ИДМ [365].

Дар видеоконференсия мудири шуъбаи арзёбии таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор С.Э. Негматов дар мавзуи «Оид ба вазъият ва дурнамои рушди таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маърӯза кард. Зимни маърӯза номбурда қайд намуд, ки дар Тоҷикистон «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир» қабул карда шуда, татбиқи нишондоди он риояи ҳуқуқҳои баробари кӯдакони маъюбро барои гирифтани таҳсилот таъмин менамояд.

Аз 1 то 3 августи соли 2013 бошад, дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии «Бунёди сиёсат, низом ва хизматрасониҳои фарогир барои кӯдакони дорои маъюбӣ мутобиқи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои маъюбон» баргузор гардид, ки мақсади асосии он муайян намудани имконияти дастрасии кӯдакони маъюби кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таҳсилот буд.

Таҳлили квалиметрии моҳияти таҳсилоти фарогир, инчунин, сарчашмаҳои назариявӣ, методологӣ, асноди меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи татбиқи таҳсилоти фарогир дар кишварҳои гуногун, баргузории чорабиниҳои гуногуни илмӣ дар ин мавзуъ, хусусияти иҷтимоии давлат ва ғайра, ки дар боло сурат гирифт, имкон медиҳад, ки принсипҳои зерини амалигардонии ин намуди таҳсилотро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоем:

1. Ба ҳисоб гирифтани қобилиятҳои (лаёқат ва истеъдоди) кӯдак дар ҷараёни ташкили раванди таълим.

2. Ошкорнамоӣ ва ба инобат гирифтани талаботи инфиродии шахсияти кӯдак барои гирифтани таҳсилоти махсус.

3. Фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои таҳсилоти фарогир.

4. Таъмини имкониятҳо ва ҳуқуқҳои баробари дастёбӣ ба таҳсилот.

5. Баланд бардоштани сатҳи масъулиятшиносии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат барои таъмини дастрасӣ ба таҳсилот.

7. Фарогирии умумии эҳтиёҷмандони имконияти саломатиашон маҳдуд ба таҳсилот.

Ҳамзамон, ба андешаи диссертант, ки дар раванди таҳқиқи мавзуи мазкур ташаккул ёфтааст, самтҳои афзалиятноки таҳсилоти фарогир, ки ҳалли таъхирнопазирро тақозо менамоянд, инҳо мебошанд:

1. Дар самти таъминоти меъёрии ҳуқуқӣ: такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии таҳсилоти фарогир; ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир бо талаботи асноди ҳуқуқии байналмилалӣ ва принсипҳои таҳсилоти фарогир.

2. Дар самти такмили сиёсати давлатӣ: таҳияи «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027»; ташаккули инфрасохтори муосир барои роҳандозии мақсадноки таҳсилоти фарогир; таҳияи барномаҳои давлатии мақсадноки рушд дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ, маориф бо дарназардошти эҳтиёҷоти шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд; ҳамоҳангсозии ҳамкории мутақобилаи байни сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба таҳсилоти фарогир ҷалб карда шудаанд; коркарди методҳо ва намудҳои нави дастгирии давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, иҷтимоӣ ва тиббӣ, ки ба моликияти гуногун асос ёфта, консепсияи таҳсилоти фарогирро татбиқ мекунанд; таҳия ва татбиқи методҳои ошкорнамоии барвақтӣ, пешгирӣ, ислоҳ ва офияти инкишофи нодурусти кӯдакон.

3. Дар самти таҳсилот: таҳия ва тасдиқи стандартҳои нави таҳсилоти фарогир барои тамоми зинаҳо; омӯзиши вазъи ҷории низоми таҳсилот, арзёбии имкониятҳои гузариш ба таҳсилоти фарогир ва талабот нисбат ба захираҳо барои татбиқи консепсияи мазкур, ташкили мониторинг; таъмини гузариши зина ба зинаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар

зинаҳо ба таҳсилоти фарогир, ки шумораашонро барномаи давлатӣ муайян намудааст; татбиқи чорабиниҳои дастгирии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии таҷрибавӣ, ки таълими фарогирро ҷорӣ намудаанд; татбиқи низоми омодасозии мутахассисони тамоми зинаҳо барои фаъолият дар шароити таҳсилоти фарогир; таъсиси муассисаҳои таълимии махсусгардонидашуда, ба роҳ мондани фанҳои таълим, курсҳо барои омодасозии мутахассисон оид ба таҳсилоти фарогир, аз ҷумла, аз ҳисоби шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд; васеъ намудани доираи фарогирии кӯдакон ба ҳизматрасониҳои маърифатӣ, ташкили низоми таҳсилоти фосилавӣ дар омезиш бо унсурҳои таҳсилот дар хона, бахусус, дар деҳот; таҳияи низоми ҳавасмандгардонии фаъолияти педагогӣ оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир; муайян намудани соҳаи истифода ва мақоми забони имову ишора, алифбои брайлӣ ва дигар методҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, бо назардошти талаботи махсуси шахсони имконияташон маҳдуд; ташкили таҳсилоти ҳуқуқии волидайн ва мусоидат дар ташкили ассотсиатсияи падару модарони кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд; таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ, таҳияи дастурҳои таълимӣ-методӣ ба забони давлатӣ барои кормандони тиббӣ ва иҷтимоӣ, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миѐнаи умумӣ, ки ба раванди таҳсилоти фарогир ҷалб карда шудаанд.

4. Дар самти таҳқиқоти илмӣ: роҳандозии таҳқиқоти илмӣ дар самти рушди технологияҳои муосир, ки имконияти шахсони имконияташон маҳдудро васеъ ва офияти иҷтимоиву ҷисмонии онҳоро таъмин мекунанд; гузаронидани таҳқиқоти махсуси сотсиологӣ барои арзѐбии натиҷаҳои таҳсилот дар заминаи «Таҳсилот барои ҳама», ки бо вазифаҳои умдаи таҳсилоти фарогир ҳамгиро мебошанд ва ғайра.

Дар баробари таҳсилоти фарогир АТТ дар якчанд самтҳои дигари мубрами илмҳои педагогӣ таҳқиқот мебарад, ки миѐни онҳо педагогикаи ибтикорот мақоми махсус дорад. Дар ин росто, бояд таъкид намуд, ки *м*утобиқи нишондоди қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №227 аз

30.04.2011 оид ба «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» фаъолияти АТТ ба коркарди проблемаҳои рушди инноватсионӣ равона карда шудааст. Вобаста ба ин, як силсила проблемаҳои инноватсионии соҳаи маориф, аз ҷумла, амалигардонии навгониҳои педагогӣ дар соҳаи таълиму тарбия аз коркарди дарсҳо то азнавсозии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Ба масъалаҳои рушди ташаббусҳои кормандон дар соҳаи татбиқи навгониҳои педагогӣ дар соҳаи таълим ва тарбия низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардидааст. Як қатор проблемаҳои бунёдии педагогикаи ибтикорот, методология ва назарияи он коркард ва сабабу омилҳои қафомонӣ дар самти омӯзишу баррасии проблемаҳои педагогикаи ибтикорот (инновативӣ) муайян карда шуда, мақсад ва асосҳои методологии ибтикоротшиносӣ, омӯзиш ва дарки навгониҳои педагогӣ, марҳилаҳои ибтикороти педагогӣ, роҳу воситаҳои ҳалли мушкилоти онҳо дар педагогикаи ибтикорот мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор дода шудаанд. Натиҷаи таҳқиқоти самти мазкур дар пажӯҳиши дастаҷамъӣ зери унвони «Педагогикаи ибтикорӣ» инъикос гардидааст [168].

Самти дигари таҳқиқоти педагогии АТТ омӯзиш ва таҳқиқи мероси ниёгон ба шумор меравад. Дар ин самт бо ташаббуси И.Х. Каримова, Қ.Қодиров, М. Лутфуллоев, Б. Маҷидова, М. Назаров, М. Раҷабзода, С. Сулаймонӣ, Қ. Тоҳиров ва Ҷ. Файзалиев, Ф. Шарифзода оид ба мавзуи номбурда шумораи зиёди мақолаҳо ва 5 китоб таълиф ва чоп гардиданд [170; 198; 199].

Дар маҷмуъ, масъалаҳои бунёдии таҳқиқи мероси ниёгон, инчунин, педагогикаи ибтикорӣ, проблемаҳои омӯзиш ва дарки навовариҳои педагогӣ, амалияи ибтикорӣ дар муассисаҳои таҳилоти миёна ва олии касбӣ, инчунин, омӯзиши фосилавӣ дар низоми донишгоҳӣ ва амсоли онро муҳаққиқони АТТ таҳқиқ намуда, қайд намудаанд, ки “Бо вуҷуди ин, дар инкишофи илми педагогика проблемаҳои зиёди ҳалнашуда, ки бо таъмини илмӣ вобастаанд, то ҳанӯз зиёданд. Масалан, этнопедагогикаи тоҷик ҳамчун илм дар оғози ташаккулёбист” [168, 490]. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, имрӯз этнопедагогика

бояд ба масъалаҳои мубрами таҳқиқоти педагогӣ дар кишвар ворид карда шавад.

Дар самти педагогикаи фарҳанг бошад, тибқи барномаи мавҷуда коркарди проблемаҳои назариявии ин навъи педагогика мавриди таҳқиқи АТТ қарор гирифтааст. Педагогикаи фарҳанг мундариҷа, шаклҳои ташаккулѐбӣ ва рушди педагогикаи фарҳангро аз нигоҳи фарҳангшиносӣ меомӯзад. Дар ин давра мафҳум ва алоқамандии заминаҳои фарҳанг бо педагогика таҳлил ва барои омӯзишу баррасӣ пешниҳод гардиданд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар як қатор мақолаҳо ва 3 китоб - «Фарҳанг ва омӯзиш дар ҳавзаи тамаддуни иронӣ: маҷмуаи мақолоти илмии устодон ва унвонҷӯѐни Тоҷикистон, Ирон ва Афғонистон», «Педагогикаи фарҳанг» ва «Фарҳангшиносӣ: назария ва амалия» ҷамъбаст гардидаанд [201; 206; 207].

Дар доираи самти педагогикаи умумӣ ва касбӣ дар АТТ асосҳои назариявӣ ва технологияи таҳсилоти касбӣ, назария ва методикаи корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, тарзу усулҳо ва дурнамои идораи касбӣ, инчунин, ҳамгироии таҳсилоти касбӣ ба фазои ягонаи таҳсилот, сиѐсати нави давлатӣ дар соҳаи маориф, категорияҳои асосии педагогӣ, инчунин, тамоюлоти инкишофи соҳаи маориф дар шароити имрӯза мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар якчанд мақола ва 2 китоб - «Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ» ва «Педагогикаи умумӣ ва касбӣ: Китоби дарсӣ» инъикос ѐфтаанд [167; 171].

Бояд тазаккур дод, ки дар самти педагогикаи умумӣ ва касбӣ муҳаққиқони АТТ масъалаҳои умумии педагогика, асосҳои тарбия, ташкил ва омодасозии мутахассисон, навгониҳои педагогикаи миллӣ ва дигар масълаҳои мубрамро ба таҳқиқ кашидаанд. Тавассути ингуна таҳлил бошад, «гузариши аслӣ аз педагогикаи умумӣ ба педагогикаи касбӣ сурат мегирад» [171, 7].

Самти дигари таҳқиқоти мавзуии АТТ фарҳанги таълими ҳамагонӣ мебошад. Дар ин росто, бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати фаъолонаи муҳаққиқон

дар самти омӯзишу баррасии проблемаҳои фарҳанги таълими ҳамагонӣ қадамҳои аввалин гузошта шудаанд. Мақсади таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, тафсир ва шарҳу эзоҳи истилоҳоти таълимӣ оид ба фанни фарҳанги таълими ҳамагонӣ ба ѐрии омӯзгорону волидайн мебошад. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур дар мақолаҳои зиѐди муҳаққиқон ва 7 маҷмуаву дастурҳои «Гуманизми тарбия - омили муҳимми рушди зеҳни ҷавонон: маҷмуаи мақолаҳо», «Тарбияи маънавии мактабиѐн дар шароити кунунӣ», «Мудирияти омӯзиши волидайн дар ислоҳи рафтори кӯдакони давраи дабистонӣ», «Рушди ҳамкориҳои мактаб, оила ва ҷомеа дар тарбияи маънавии мактабиѐн. Дастури методӣ», «Нақши ҳамкориҳои педагогӣ дар камолоти ахлоқию маънавии кӯдакону наврасон. Маҷмуаи илмӣ», «Оила – манбаи тарбияи неруи зеҳнии миллии хонандагони ҷавон. Маҷмуаи мақолаҳо» ва «Эстетическое воспитание в учебном процессе образовательных учреждений» (Тарбияи эстетикӣ дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилотӣ) инъикос гардидааст [177; 193; 200; 203].

Дар самти педагогикаи муқоисавӣ низ таҳқиқоти АТТ хеле мубрам ба назар мерасанд. Педагогикаи муқоисавӣ дар заминаи муқоисаи ду ва ѐ зиѐда низомҳои назария ва амалияи соҳаи пешрафтаи маорифи кишварҳои дуру наздик ва марҳилаҳои мухталифи таърихи онро таҳқиқ менамояд. Бинобар ин, мавзуи педагогикаи муқоисавӣ омӯзиши амиқ ва ҳаматарафаи тамоми ҷанбаҳо ва масъалаҳои тарбия ва таълим дар ин ѐ он кишвари дорои соҳаи пешрафтаи маориф ва ҷамъоварии иттилооти навтарин мебошад, ки татбиқи он нуктаҳо боиси баланд гаштани сифати таҳсилот мегардад. Муқоисаи онҳо ба мақсади дарѐфти роҳҳои самараноки таълиму тарбия дар кишвар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин самт соли 2018 рисолаи И. Каримова ва С. Сулаймонӣ «Педагогикаи муқоисавӣ дар мактабҳои педагогӣ», инчунин, мақолаҳои ходими илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф М. Сафаров «Сохтор ва низоми таҳсилот дар Ҷопон» (саҳифаҳои 13-16-и шумораи 2-юми соли 2019-уми маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон») ва «Ҳиндустон ва таҳсилот дар

он» (дар шумораҳои № 3 ва 4 рӯзномаи «Ваҳдат», феврали соли 2020) аз чоп баромаданд.

Илова бар ин, дар монографияи А. Байзоев «Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам» [175] проблемаҳои муҳимми педагогикаи муқоисавӣ, ба монанди таҷрибаи Япония ва масоили идора ва татбиқи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон, нақши созмонҳои байналмилалӣ дар татбиқи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон, низоми таҳсилоти фарогир: талаботи асноди байналмилалӣ ва таҳлили муқоисавии татбиқи он дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Қобили зикр аст, ки аз омӯзиши масъалаҳои мубрами педагогикаи муқоисавӣ, аз ҷумла таҷрибаи мактабҳои педагогӣ дар кишварҳои мухталиф, муҳаққиқони АТТ ба чунин хулоса расидаанд, ки дар раванди истифода аз таҷрибаи педагогии давлатҳои хориҷӣ бояд эҳтиёткор буд, зеро «Гоҳо як намуна шояд дар кишваре муфид бошад, вале дар ҷойи дигар самар набахшад» [178, 11].

Дар самти педагогикаи ҳамгиро бошад, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии АТТ ба тариқи зайл аст: ба андешаи академик Ф. Шарифзода, вазифаи асосии илмҳои педагогӣ инъикоси объективӣ-ҳақиқии воқеияти педагогӣ, ошкор намудани қонуниятҳо ва ташаккули назария мебошад. Олим собит намудааст, ки имрӯз мафҳуми «раванди ҳамгиро» қисми ҷудонопазири бунёди асосҳои назариявии илмҳои гуногун, аз ҷумла, педагогика мебошад [148, 120].

Раванди ҳамгиро, тибқи таҳқиқоти гузаронидаи ходимони АТТ, раванди муттаҳидкунандаест, ки ба тавсеаи робитаи мутақобилаи байни унсурҳо асос ёфта, барои ноил гардидан ба самаранокии ҳадафҳо равона карда шудааст. Раванди мазкур ба ташаккули низоми мукаммал ва таҳкими ягонагии он алоқаманд аст. Унсурҳо дар навбати худ, аз рӯйи принсипи мукаммалгардонии мутақобилаи фаъолият ва рушди робитаҳо ягонагии бонизомро ташкил медиҳанд. Дар ин росто, Ф.Шарифзода қайд намудааст, ки мафҳуми «ҳамгиро» ба педагогика, аслан, тавассути таҳлили таҷрибаи

рушди равандҳои ҳамгиро, ки даҳсолаҳои пешин дар соҳаи маориф андӯхта шуда буд, ворид карда шудааст. Дар натиҷаи ин ҳамгиро мафҳуми мушаххаси педагогӣ гардида, бо мазмуни педагогӣ мукаммал гардонида мешавад [149, 302]. Ба андешаи Ф.Шарифзода, ҳангоми баррасии илми педагогика аз нигоҳи рушди равандҳои ҳамгиро ба таҳлили таҳқиқоте, ки ба падидаи «ҳамгиро» алоқаманд аст, муроҷиат намудан зарур аст [149, 133]. Натиҷаи таҳқиқоти АТТ дар самти мазкур дар китобҳои «Педагогикаи ҳамгиро», маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии «Ҷаҳонишавии таҳсилот ва мушкилоти таълими ҳамгиро дар низоми маорифи Тоҷикистон» ва «Поягузори таълими ҳамгиро» инъикос ёфтааст.

Дар баробари ин, муайянсозии ҷойгоҳи истилоҳоти педагогӣ дар низоми таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ходимони илмии АТТ хеле муҳим ҳисобида шудааст, зеро яке аз самтҳои басо мубрам ва баҳсноку ҳалталаб дар рушду таҳаввули илмҳои педагогӣ маҳз масъалаҳои танзими истифодаи истилоҳоти илмии соҳавӣ ва лексикаи касбии илмҳои педагогӣ ба шумор меравад. Зарурати омӯзиши ин масъала аз нигоҳи квалиметрӣ барои он муҳим аст, ки забон ва услуби нигоришҳои илмӣ имрӯз меъёрҳо, мафҳумҳо, фарзия ва далелҳои ба худ хосро талаб мекунад, ки он дар доираи меъёри забони адабӣ самти ҷудогона ва махсусро ташкил медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки дигаргуниҳо дар низоми истилоҳотии ҳама гуна илм, аз ҷумла, педагогика ба амалияи ҷамъиятӣ, тағйироти иҷтимоӣ ва лексикаи илмҳои ба ҳам наздик вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, раванди бознигарии истилоҳот дар ҳамон вақт самаранок ҷараён мегирад, ки агар истилоҳу мафҳумҳои нав ба мундариҷаи таҳсилот, ҳадаф ва усулҳои таълим ворид гарданд ва имкони дар низоми истилоҳотии педагогика боқӣ мондан ва аз он ихтисор нашудани онҳо фароҳамояд.

Аз ҷониби дигар, омӯзиши вазъи дастгоҳи мафҳумӣ-истилоҳотии илм ҷиҳати арзёбии сатҳи инкишофи назарияи он имкон фароҳам оварда, барои ба таври дақиқ муайян кардани предмети таҳқиқ ва таҳияи консепсияи муназзами равнақи педагогика мусоидат менамояд. Зеро истилоҳ ин

катализатори махсус, сарчашмаи масъалагузории илмӣ ва дарки проблемаи мавриди таҳқиқ мебошад Аз ин рӯ, миёни истилоҳи нав ва мавзуи таҳқиқотӣ ҳамеша робитаи мустақим вуҷуд дорад.

Масъалаи танзими истилоҳоти илмӣ, инчунин, аз проблемаи ташаккул ва рушди педагогикаи ягона, зарурати сохторсозӣ, аз ҷумла, таснифоти фанҳо ва самти пажӯҳишҳои педагогӣ низ бармеояд. Предмети танзими истилоҳоти педагогӣ ин маҷмуи истилоҳот ва дигар шаклҳои муайянсозии мафҳумҳо дар соҳаи фаъолияти педагогӣ ба шумор меравад. Одатан, арзёбии истилоҳоту мафҳумҳо тавассути васоити лексикӣ-семантикӣ (маъноӣ), мафҳумӣ-мантиқии забон ва тафаккур сурат мегирад. Дар ин маврид воситаи самараноктарин категорияҳои сохторӣ-мантиқӣ ба шумор меравнд, ки навъҳо ва шумораашон дар соҳаи педагогика нисбат ба илмҳои техникӣ ниҳоят зиёд аст. Маъмулан, барои бунёди низоми мафҳумӣ-истилоҳотии педагогика танзими низоми истилоҳотро аз омӯзиши сохтори он, интихоби мафҳумҳои нисбатан муҳимми педагогӣ ва илмҳои ба он вобаста оғоз менамоянд.

Ба андешаи ин ҷониб, асоси методикаи коркарди дастгоҳи мафҳумӣ-истилоҳотии педагогикаро бояд муносибати бонизом ташкил диҳад. Дар ин маврид тамоми мафҳум ва истилоҳоти низом тавассути муайян намудани сатҳи ба ҳам наздик будани онҳо ошкор карда мешавад. Барои ҳар як мафҳум як истилоҳи стандартикунонидашуда муқаррар карда шуда, он ба унсури рушди низоми назариявии илм табдил меёбад ва мазмуни воқеӣ пайдо мекунад. Тибқи талаботи амалкунанда истилоҳоти ягона дар китобҳои дарсӣ, дастуру тавсияҳои методӣ, адабиёти маълумотдиҳанда истифода бурда мешавад.

Диссертант ҳангоми инъикоси масъалаҳои умумии рушди истилоҳот дар забони тоҷикӣ аз осори илмии олимони варзидаи соҳаи забоншиносӣ, ба монанди А.В. Суперанская, А.Д. Хаютин, Р.Г. Котов, Т.Л. Канделаки, В.П. Даниленко, А.А. Реформатский, Д.С. Лотге ва дигарон истифода бурдааст.

Бояд қайд намуд, ки мураттабсозӣ ва танзими лексикаи педагогӣ ва истилоҳоти он барои воридшавии педагогикаи ватанӣ ба фазои байналмилалии таҳсилот, дастёбии истифодабарандагон ба манбаҳои ватанӣ ва хориҷии иттилооти педагогӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқгардонии ҳамкориҳои олимону мутахассисон дар ин самт бағоят муҳим мебошад.

Дар истилоҳот, ки мафҳумҳои илмиро ифода мекунанд, натиҷаи фаъолияти маърифатӣ дарҷ мегардад. Истилоҳот ҳамчун манбаи дарёфт, ҳифз ва рамзсозии иттилоот, ба сифати воситаи иртиботи касбӣ, асбоби таҳқиқ ва василаи ибрози андеша хизмат мекунад. Ин маънои онро дорад, ки низоми истилоҳот дарки илмии воқеиятро тавассути воситаҳои забонӣ ифода мекунад. Вазъи низоми истилоҳот барои арзёбии сатҳи рушди назария ва амалияи соҳаи мушаххаси илм, аз ҷумла, педагогика имкон фароҳам меорад. Ин, дар маҷмуъ, таҳқиқи низоми ташаккулёфтаи истилоҳот, аз ҷумла, равандҳои ташаккули забони илм ва мутобиқгардонии дигаргуниҳои соҳаи истилоҳотро ба талаботи донишҳои илмӣ муҳим мегардонад. Андешаи мазкур ба низоми мафҳумӣ-истилоҳотии педагогика, ки зарурати таҳқиқи онро якчанд омилҳо муайян мекунанд, пурра дахл дорад.

Дар радифи рӯйдодҳои муҳимми тақдирсоз, ки тӯли солҳои охир дар ҳаёти ҷомеаи тоҷик рух доданд, мавқеи афзалиятнокро соҳибистиқлол гардидани кишвар ишғол мекунад, ки ба шарофати он вазифаҳои гуногуни ниҳоят мураккаб ва ҳамзамон барои тақдири ояндаи мамлакат бағоят муҳим ба нақша гирифта шудаанд, ки онҳо на танҳо барои соҳаҳои ҳаётан муҳим, балки дурнамои рушди маънавиёти ҷомеа алоқаманд буда, дар ин самт масъалаи нақши забони миллӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Таҳқиқи гуногунҷанбаи забон проблемаи омӯзиши забони илмро тақозо мекунад, ки он ҳамчун яке аз зерқабатҳои забон бидуни низоми истилоҳот арзи вуҷуд карда наметавонад.

Бо дарназардошти ҳамин муҳиммият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ оид ба проблемаи истилоҳоти педагогӣ, аз ҷумла, коркарди низоми нави мафҳумҳо ва истилоҳоти ба талаботи замон ҷавобгӯи соҳаи педагогика,

таҳқиқ, мураттабсозӣ, унификатсия (ҳамгунсозӣ) ва танзими истилоҳот, муайянсозии ҷойгоҳи дастгоҳи мафҳумӣ-истилоҳотӣ барои ташаккул ва рушди силсилаи илмҳои педагогии ватанӣ, таҳия ва чопи луғатҳои тафсирии истилоҳоти педагогӣ, нақши забони давлатӣ дар ташаккул ва рушди истилоҳоти илмии соҳавӣ корҳои муайян ба анҷом расонида шудаанд.

Аз ҷумла, бо мақсади фароҳам овардани фазои илмию эҷодӣ дар соҳаи истилоҳшиносии педагогӣ дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон санаи 6 июни соли 2013 бо ташаббуси муассисаи мазкур аввалин маротиба дар мавзуи «Таҳқиқи проблемаҳои истилоҳсозӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ» конференсияи илмӣ-амалӣ баргузор гардид, ки дар он кормандони илмӣ ва муҳаққиқони варзида фаъолона ширкат варзиданд.

Дар конференсия қайд гардид, ки хусусияти хоси марҳилаи кунунии рушди забони тоҷикӣ аз он иборат аст, ки педагогҳо нисбат ба тағйироте, ки дар соҳаи забони давлатии кишвари соҳибистиқлол рух медиҳанд, мароқи калон зоҳир менамоянд.

Дар ҷараѐни конференсия тавсияҳои илмӣ таҳия гардиданд. Аз ҷумла, иштирокчиѐни конференсияи илмӣ-амалӣ ҳангоми ибрози андеша нисбат ба истилоҳоти педагогика ва илмҳои ба он вобаста қайд намуданд, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бойтарини дунѐ ва баѐнгари афкори илмӣ буда, таърихи он боиси ифтихори миллии тоҷикон аст. Ба шарофати истиқлолияти миллӣ ва дастгирию пуштибонии Пешвои миллат забони тоҷикӣ ба мабдаи миллии хеш баргашта, дар муколама бо дигар забонҳо пайваста ғанитар мегардад [13].

Воқеан, ин масъалаи муҳим пайваста дар мадди назари давлат қарор дошта, Пешвои миллат зимни суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 4 октябри соли 2019 басо бамаврид таъкид намуданд, ки «мо бояд ба таҳия, танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар роҳи рушди забони давлатӣ ба шумор меравад, эътибори ҷиддӣ диҳем. Дар замони пешрафти бесобиқаи илму техника таҳияи истилоҳ ѐ истилоҳсозӣ ба сифати омили тавонбахши забон дар ҷомеаи

мо аҳаммияти мубрам пайдо кардааст. Ба вуҷуд овардани забони илм бе таҳияву танзими истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илм ва то ҳадди забони меъѐр такмилу сайқал додани он ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки барои тавсеаи доираи калимасозиҳои мавзуӣ, аз қабили истилоҳоти сиѐсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра аз имкониятҳои забони модарӣ ҳамаҷониба истифода карда шавад» [6].

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт корҳои муайян ба анҷом расонида шудаанд, вале, дар маҷмуъ, вазъи имрӯзаи истилоҳоти илмӣ, аз ҷумла, истилоҳоти педагогӣ боиси нигаронии аҳли илму адаби кишвар гардидааст. Барои раҳоӣ аз чунин вазъият Пешвои миллат таъкид намуданд, ки «Бо мақсади ҳифзи асолати забон ҳангоми истифодаи истилоҳот бояд ҳам зарфияти унсурҳои пойдори забони давлатӣ ва ҳам иқтибосгирии оқилонаву санҷида ба таври мутавозӣ дар мадди назар бошад. Мо бояд аз иқтибосҳои бемавқеъ худдорӣ карда, истилоҳоти иқтибосиро ба табиати забон, сохтори сарфию наҳвӣ ва низоми овозии он мутобиқ гардонем» [6].

Бо ин мақсад дар Тоҷикистони соҳибистиқлол луғатҳои истилоҳотӣ таҳия гардиданд, ки яке аз онҳо «Донишномаи навини педагогика» буда [334], ба доираҳои илмӣ таъсири калон расонид. Луғати истилоҳоти номбурда ба қонунҳои наве, ки мавриди амал қарор гирифтаанд, такя менамояд, аммо дар баъзе мавридҳо ба санадҳои қаблӣ ишора мекунад. Дар он таҷрибаҳои психологӣ ва таълимӣ хеле фаровон истифода бурда шудаанд, ки ҷорӣ намудани онҳо ҳатмӣ нест, чунки айни замон на ҳамаи онҳо истифода бурда мешаванд. Мураттиби луғат хусусиятҳои фаннӣ ва махсуси истилоҳоти илмиро ба инобат нагирифтааст.

Ин нуктаро низ бояд зикр намоем, ки тарзи истифодаи луғатҳо дар пешбурди корҳои илмӣ аз самти афзалиятнок ва муҳимми квалиметрӣ, инчунин, натиҷагирӣ аз таҳқиқот самаранок арзѐбӣ мегардад. Дар луғат истилоҳот аз рӯйи алифбо ҷойгир карда шуда, онҳо ҳам дар матн ва ҳам дар охир оварда шудаанд. Дар баъзе ҳолатҳо чанд варианти як истилоҳ оварда

шудааст, ки ба назари мо,  саҳеҳ нест, зеро бисёрвариантӣ омӯзиш ва таълимро душвор месозад. Баъзан як калима маънои дигар калимаро ифода мекунад ва дар ин маврид истифодаи луғат душвор гардида, барои дарёфти ҷавоби он ба луғатҳои дигар муроҷиат намудан лозим меояд.

Ҳангоми тартибдиҳии луғат таҷрибаи мактаб ва маводи муассисаҳои дахлдор, инчунин, олимону мутахассисон ва муҳаққиқони соҳаи педагогика ба инобат гирифта шудааст. Итминон аст, ки луғати мазкур барои омӯзиши истилоҳоти педагогӣ муфид хоҳад буд. Аммо дар он шарҳу тавзеҳи васеи илмии истилоҳ оварда нашудааст, аз ин рӯ, ҳангоми зарурат ниёзмандон бояд ба сарчашмаҳои дигар муроҷиат кунанд.

Новобаста аз ин, дар маҷмуъ, масъалаи рушд ва ташаккули истилоҳоти педагогӣ ҳанӯз дар кишвари мо ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст, асарҳое, ки роҳҳои асосии истилоҳнависӣ ва истилоҳсозиро дар соҳаи илмҳои педагогӣ муайян карда метавонанд, мавҷуд нестанд. Дастовардҳои илмии мавҷуда дар соҳаи забоншиносии махсус нишон медиҳанд, ки номҳои махсус қабати нисбатан васеи забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Масалан, ҷумла, калимаву ибораҳое, ки номи ашё ва мафҳумҳоро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти касбии инсон ифода карда, вале калимаву ибораи истифодаи умум ба ҳисоб намераванд.

Ба андешаи яке аз муҳаққиқони соҳаи истилоҳотшиносии педагогӣ С. Сулаймонӣ, дар марҳилаи муосири рушди истилоҳшиносии ватанӣ ҳамин далел , бешак,  аст, ки лексикаи махсус аз якчанд дараҷаи воҳидҳои забонӣ иборат буда, дар радифи он истилоҳҳо, аломатҳои номгӯйҳо (номенҳо) – забони махсуси касбу ҳунарҳо (жаргонизму профессионализмҳо) арзи вуҷуд доранд. Ҳамчунон, аз ҷониби аксарият пазируфта шудааст, ки мавқеи асосиро дар байни номинатсияҳои лексикаи махсус истилоҳот ишғол мекунанд [227].

Ба андешаи академик И.Х. Каримова бошад, дар забони тоҷикӣ аксари калимаҳои иқтибосӣ ба категорияи исм ва сифат дохил карда шуда, бо фарогирии нишондиҳандаҳои морфологии онҳо (пасванди шаклсози

шумораи ҷамъро дар омезиш бо пешоянду пасоянд ва монанди ин) таҳия шудаанд. Яъне, як андоза онҳо ба баъзе хусусиятҳои забони тоҷикӣ мутобиқ гардонида шудаанд. Калимаҳое, ки аз забони русӣ ба тоҷикӣ ворид шудаанд, ба қоидаҳои забони тоҷикӣ тобеъ гардонида шуда ва тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд, тадриҷан аз калимаву ибора ва ифодаҳои забони тоҷикӣ фарқ кардани онҳо душвор гардида, дар забони гуфтугӯӣ ва китобӣ (яъне, хаттӣ) ба таври васеъ истифода мешаванд.

Дар мақолаи академик Ф. Шарифзода «Истилоҳоти дидактика ва мушкилоти таҳлили он дар баррасиҳои забони тоҷикӣ» [238, 3-4] ҷойгоҳи як зумра истилоҳоти нави дидактика дар низоми истилоҳсозии соҳаи педагогика зикр гардидааст. Солҳои 60-уми асри XX давраи пуравҷ ва бобарори таққиқи проблемаҳои дидактикаи муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи касбӣ (миѐнаи махсус ва касбӣ-техникии шуравӣ) ва олии касбӣ ба шумор меравад. Аммо имрӯз дар самти бо забони тоҷикӣ таҳия намудани истилоҳот ва луғатҳои истилоҳотӣ мушкилоти зиѐд ба назар мерасад. Масалан, неологизмҳо ба коркарди васеътар эҳтиѐҷ доранд. Дар таҳқиқоти мазкур, инчунин, истилоҳоти «интерактив» (ҳамфаъол, бозфаъол), «мотиватсия» (сабаб, мақсад), «фон» (таҳранг), «мониторинг» (таҳлил, омӯзиш, таҳлили самараноки таълим), «модел» (намуна, навъ, улгу), «структуривизм» (сохторгаро), «конспект» (такнависӣ) ва мисли он шарҳ ѐфтаанд. Ба андешаи профессор Б. Маҷидова, неологизмҳо, яъне наввожаҳо барои педагогикаи муосир аҳаммияти калон доранд.

Самти дигари таҷдид ва такмили забони илмҳои педагогӣ роҳандозӣ намудани ислоҳоти пурра дар самти истилоҳоти таълими илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ба шумор рафта, дар ин росто, илми химия ва биология аз самтҳои муҳим арзѐбӣ мешаванд. Ба андешаи академик У. Зубайдов, истилоҳоти химиявӣ дар китобҳои дарсии нав аҳаммияти калон доранд.

Профессор С. Сулаймонӣ проблемаи унификатсияи (ҳамгунсозии) истилоҳоти педагогиро дар кишварҳои форсизабон баррасӣ намуда, аз ҷумла, дар пажӯҳишҳои худ чунин қайд мекунад:

1. Имрӯз, яъне дар даврони истиқлолият таркиби луғавии забони тоҷикӣ, агар, аз як тараф, аз ҳисоби захираи калимаву ибораҳои дар худи забони тоҷикӣ мавҷудбуда ғанӣ гардад, аз дигар тараф, он аз ҳисоби тавсеаи ҳамкориҳо бо кишварҳои ҳамзабон – Эрону Афғонистон мукаммал мегардад. Маҳз ба шарофати ҳамин, айни замон забони тоҷикӣ аз ҳисоби калимаҳои фонди луғавии худ, ба монанди «рушд», «густариш», «пажӯҳиш», «пажӯҳишгоҳ», «раванд», «ҳуқуқбунѐд», «ҳамгунсозӣ», «вожа» ва мисли ин ғанӣ гардид.

2. Роҳи дигари такмили забони тоҷикӣ дар даврони истиқлолият ин сохтани калимаву ибораҳои нав мебошад. Роҳи мазкур забони тоҷикиро бо шохаҳои дигари ин забон хеле наздик гардонида, боиси пайдоиши ифодаҳои нав ба мисли «танзими оила», «рушди кӯдак», «маърифати хонанда» ва ғайраҳо гардид. Ҳар яке аз ин ифодаҳо дар алоҳидагӣ маънои мушаххас дорад, аммо вақтҳои охир онҳо бештар дар маънои муштарак истифода бурда мешаванд ва ба ин васила хазинаи луғавии забони тоҷикро ғанӣ сохта, онро бо решаҳои таърихӣ наздик мегардонанд.

3. Забони форсӣ, ба андешаи муҳаққиқ Сафар Сулаймонӣ, «то имрӯз яке аз авомили фарҳангӣ дар раванди ҳамгиросозӣ нақши созанда доштааст» [227, 33]. Аз ин рӯ, бо дарназардошти нақши бузурги муттаҳидсози забони мазкур омӯзишу баррасии функсияи фарҳангии он аҳаммияти назарраси илмӣ ва иҷтимоӣ дорад. Аз ҷониби дигар, дар ин забон калимасозӣ ниҳоят инкишоф ѐфтааст, ки омӯзиши он зарур ва муфид мебошад.

Дар ахбороти С. Аминов «Истилоҳоти коргузорӣ дар низоми мактабҳои таҳсилоти умумӣ» қайд гардидааст, ки омӯзгорон ҳангоми таълифи ҳуҷҷат ѐ маводи пешниҳодшаванда ба душворӣ дучор меоянд [220, 26-32], ки , асосан, ба номуайянии истилоҳот алоқаманд мебошанд. То ба имрӯз оид ба ҳуҷҷатгузорӣ истилоҳот таҳия нашудааст. Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ҳамон як ҳуҷҷат бо истилоҳоти гуногун пешниҳод мегардад. Ин истилоҳот одатан тарҷума аз забони русӣ мебошанд. Мураттибони истилоҳот – тарҷумонҳои забони русӣ ҳангоми тарҷумаи истилоҳ ба забони тоҷикӣ

имкониятҳои калимасозиро ба қадри кофӣ истифода намебаранд. Чунин ҳолат кори маъмурони муассисаҳои таълимиро душвор гардонида, дар таҳия ва ороиши ҳуҷҷатҳо бенизомиро ба миѐн меорад.

Дар таҳқиқоти С.Э. Неъматов «Хусусиятҳои тарҷумаи истилоҳот» қайд гардидааст, ки тарҷумаи таҳтуллафзӣ аз забони русӣ ба тоҷикӣ на ҳамеша маънои пурраи калимаи тарҷумашавандаро медиҳад, чунки як калимаи забони русӣ дар тоҷикӣ якчанд варианти тарҷума дорад. Ин, махсусан, дар мисоли тарҷумаи истилоҳоти махсуси соҳаҳои гуногуни илму техника, зарбулмасалу мақолҳо, мафҳумҳои дорои тобишҳои миллии марбут ба ахлоқ, урфу одат, ҳаѐт ва мисли ин ба назар мерасад. Мутахассисон-тарҷумонҳо қайд мекунанд, ки як қатор истилоҳотро умуман аз як забон ба забони дигар тарҷума кардан номумкин аст [237, 14-15]. Тарҷумон ҳангоми тарҷумаи мафҳум аз як забон ба забони дигар бояд варианти нисбатан муносиби тарҷумаро интихоб намояд, то ин ки калимаи интихобшуда то ҳадди аксар мазмуни истилоҳи тарҷумашавандаро ифода карда тавонад. Масалан, ҳангоми тарҷумаи калимаи «ковбой» аз забони русӣ ба тоҷикӣ калимаи тоҷикии «асп» - аспрон ва аспсаворро интихоб намудан лозим аст. Ҳамзамон, набояд фаромӯш кард, ки калимаи «ковбой» дар забони русӣ маънои дигар низ дорад [237, 15].

Қайд кардан зарур аст, ки аксари мушкилот дар раванди тарҷумаи истилоҳоти махсус ба миѐн меояд. Масалан, тарҷумаи истилоҳоти махсус ба монанди «вагон», «фонетика», «морфология», «лексика», «орфография», «адмирал», «полковник», «режиссер», «агент», «бригадир» ва мисли ин талаб менамоянд, ки онҳо дар варианти худашон тарҷума шаванд. Яъне, ҳангоми тарҷума методи «транслитератсия» истифода бурда шавад.

Муҳаққиқ С. Шербоев дар «Назаре ба истифодаи истилоҳот дар китоби дарсӣ оид ба забони тоҷикӣ» як қатор тавсияҳоро марбут ба забоншиносии тоҷик пешниҳод намудааст. Вобаста ба ин, С. Шербоев барои тақвияти андешаи хеш аз суханони методисти машҳури рус, академик А.В. Текучев ѐдовар шуда, чунин таъкид менамояд: «Истилоҳоти грамматикӣ, ба мисли

тамоми истилоҳоти илмӣ, калимаҳое мебошанд, ки мафҳуми хосро ифода мекунанд ва бо дигар калима иваз намешаванд» [232, 132-134].

Муҳаққиқ С. Камолзода дар «Истилоҳоти нав оид ба китобшиносӣ дар раванди таълими муосир» таҳқиқоти бунёдии С. Сулаймонӣ оид ба истилоҳотшиносӣ «Донишномаи педагогикаи навин”-ро таҳлил намудааст. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар луғатҳои мавҷуда, олимону муҳаққиқон, донишҷӯён ва мутахассисони соҳаи таълиму тарбия истилоҳоти нав ва навтарин оид ба педагогикаро дарёфт карда наметавонанд. «Луғати тафсирии истилоҳоти педагогӣ» [328], ки Кумитаи терминологияи АФ РСС Тоҷикистон (АФ: Академияи фанҳо - М.Р.) тасдиқ кардааст, имрӯз ба талаботи замон ҷавобгӯ нест. Бинобар ин, нашри китоби профессор С. Сулаймонӣ «Донишномаи педагогикаи навин» як қадам ба пеш дар самти бартараф намудани камбудиҳо дар соҳаи истилоҳшиносии педагогӣ ба шумор меравад [203]. Дар китоби номбурдаи профессор С. Сулаймонӣ шумораи зиёди истилоҳоти педагогӣ ҷамъ оварда шуда, муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудаанд [203, 18-19].

Дар фишурдаи гузориши Ҳ. Сатторова «Вожаҳои коргузорӣ ва меъёрҳои истифодаи он дар забони тоҷикӣ» дар конференсияи илмию амалӣ «Таҳқиқи проблемаҳои истилоҳсозӣ дар педагогикаи муосир» (Душанбе, 06.06.2013) зикр гардидааст, ки проблемаи бунёди истилоҳоти ягона дар соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ низ ба назар мерасад [203, 19-20].

Васеъ гардидидани доираи донишҳои психологӣ-педагогӣ зарурати танзими истилоҳотро дар ин самт тақозо мекунад. Зеро ташаккул ва рушди мактабҳо ва ҷараёнҳои нав боиси пайдо шудани истилоҳоте мегардад, ки танҳо барои доираи маҳдуди мутахассисон маълуманд. Аз ин рӯ, баҳри осон намудани мушкилоти донишҷӯёну омӯзгорон ва магистрантон дар раванди таълими фанҳои равияи педагогика ва психология ба табъ расидани луғати «Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ»-ро [327] новобаста аз камбудиҳои ҷузъӣ ҳамчун рӯйдоди муҳим дар ин самт арзёбӣ намудан мумкин аст.

Луғати мазкур нашри таълимӣ буда, беш аз 500 истилоҳоти психологӣ ва педагогиро фаро мегирад, ки донистани онҳо ҳангоми омӯхтани фанни педагогика ва психология зарур аст. Он имкон медиҳад, ки мафҳумҳои мураккаби педагогию психологӣ амиқтар дарк карда шаванд ва тасаввурот оид ба раванду тамоюлоти педагогӣ ва психологӣ васеъ гардад. Луғат мафҳуму истилоҳотеро фаро мегирад, ки дар соҳаи психология ва педагогикаи муосир истифода бурда мешаванд. Он барои ҳамаи онҳое, ки психология ва педагогикаро меомӯзанд ва ба он мароқ доранд - аз донишҷӯѐни ихтисосҳои омӯзгорӣ то ҳайати професорону устодон ва муҳаққиқони соҳаи психология ва педагогика пешбинӣ шудааст.

Андешаҳои мазкурро оид ба истилоҳоти педагогӣ ҷамъбаст намуда, метавон хулосаҳои зеринро пешниҳод намуд:

1. Яке аз проблемаҳои муҳимми  илми педагогика омӯзиши ҳамаҷонибаи истилоҳоти педагогӣ дар марҳилаи кунунӣ мебошад. Вобаста ба ин, омӯзиши осори илмӣ оид ба тавсифи генетикии сарчашмаҳои ба забон наздик нақши бузург мебозад. Ин имкон медиҳад, ки методология, методҳои интихоб, сохтор, шакл, пайдоиш ва рушди низоми истилоҳот муайян карда шуда, равандҳои ташаккули забони илм ва истилоҳоти забони муосири тоҷик ба низом даровarда шаванд.

2. Дар забони илм миѐни истилоҳот ва номенклатура робитаи ногусастанӣ вуҷуд дорад. Ин ду бахш низоми мукаммали истилоҳоти илмии ҳар як забон, аз ҷумла,  забони тоҷикиро ташкил медиҳанд.

3. Методҳое, ки мавриди таҳлил қарор гирифтанд, дар калимасозӣ то имрӯз аҳаммияти  худро гум накардаанд ва дар марҳилаи кунунии рушди забони тоҷикӣ моҳияти бештар пайдо кардаанд.

4. Иқтибосоварӣ ва айнан нусхабардорӣ кардани тарҷумаи истилоҳот дар натиҷаи робитаҳои фарҳангӣ ва илмӣ ба вуқуъ  омада, барои ғановати байниҳамдигарии фарҳангҳо хизмат мекунад.

5. Ташаккули низоми истилоҳоти педагогика раванди мураккаб ва пурихтилоф мебошад. Таҳқиқот нишон дод, ки барои ифодаи мафҳуми нав

дар педагогика аксаран бояд як қатор истилоҳ-муродифҳои нав истифода бурда шаванд. Баъзан мафҳуми нав номи истилоҳи маъмулии педагогикаро тағйир медиҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки афзоиши шумораи истилоҳот на ҳамеша нишонаи тақвияти донишҳои педагогӣ буда, рушди низоми истилоҳот нисбат ба раванди аз худ кардани мафҳумҳои педагогӣ бартарият дорад. Иқтибосоварии зиёди байнинизомии мафҳумҳо ва истилоҳот агар, аз як тараф, ба ғанӣ гардидани дастгоҳи мафҳумӣ-истилоҳотии илм мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, боиси ба педагогика ворид гардидани мафҳумҳои бегона мегардад, ки мазмуни педагогӣ надоранд. Ворид намудани истилоҳоти нав вазифаи такмили дастгоҳи мафҳумӣ-истилоҳотии педагогикаро ҳал карда наметавонад, зеро бисёр истилоҳоти нав ба мисли мафҳумҳои анъанавӣ сермаъно мебошанд. Баъзе истилоҳоте, ки нав қабул карда мешаванд, унсурҳои ғанигардонандаи низоми истилоҳотӣ ба шумор намераванд, чунки мазмуни нав надоранд, онҳо истилоҳоти мавҷударо такрор мекунанд ва баъзан меъёрӣ намебошанд. Онҳо низоми мафҳумӣ-истилоҳотии педагогикаро бо истилоҳоти нолозим пур мекунанд.

6. Таҳлили маъноии истилоҳоти нав оид ба педагогика ва маънои истилоҳоти анъанавӣ муайян намуд, ки сермаъноии (полисемияи) истилоҳоти педагогӣ на танҳо тамоюли хос аст, балки дорои махсусиятҳо мебошад. Падидаи сермаъноии истилоҳоти муосири педагогӣ моҳиятан мураккаб буда, ба омилҳои дохилиилмӣ, иҷтимоӣ, лингвофарҳангӣ вобаста аст. Бинобар ин, онро берун аз ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат ё алоҳида аз анъанаҳои педагогии илм ва рушди соҳаҳои иҷтимоиёт ва фарҳанг баррасӣ намудан имконнопазир аст. Дар инкишофи сермаъноӣ (полисемия) нақши муҳимро омили инсонӣ - ҳам муаллиф, педагог, муҳаққиқ ва ҳам аҳли ҷомеаи педагогӣ мебозанд.

7. Аз таҳқиқи хусусиятҳои раҳнамункунандаи истилоҳоти муосири педагогӣ бармеояд, ки дар педагогика истилоҳи далелнок ба осонӣ қабул карда мешавад, ба дастгоҳи мафҳумӣ-истилоҳотӣ беҳтар ворид шуда, ҳудуди мафҳуми истилоҳшавандаро муайян мекунад, яъне ба дарки, комилан,

дурусти мафҳум ҷавобгӯ буда, сатҳи баланди функсионалӣ зоҳир мекунад. Бинобар ин, яке аз талабот нисбат ба истилоҳи педагогӣ риояи далелнокии ифодаи забонии он мебошад.

8. Истифодаи васеи истилоҳоти педагогӣ аз забонҳои бегона ва кӯшиши ҳамгунсозӣ (унификатсия)-и истилоҳоти педагогӣ мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ маънои онро дорад, ки педагогҳо мехоҳанд, низоми мафҳумӣ-истилоҳотиро бо меъёрҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг созанд.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки ҳамоҳангсозии истилоҳоти педагогикаи тоҷик барои низомҳои истилоҳотии дигар кишварҳо танҳо дар мавриде аҳаммият дорад, ки агар ба ин раванд низомҳое ҷалб карда шаванд, ки дорои назарияи якхела ё ба ҳам наздики педагогӣ ва ё дастгоҳи мафҳумии ба ҳамдигар наздик бошанд. Дар баробари ин, меъёри квалиметрӣ низ бар он далолат мекунад, ки ифодаи мафҳумҳои гуногуни илмӣ бояд тибқи меъёрҳои илмӣ роҳандозӣ шавад ва дар ин сурат дастовардҳои илмии тамоми инсониятро дар умум ба манфиати кулли сокинони сайёра метавон ба осонӣ истифода бурд.

Новобаста аз рушди ҳамаҷонибаи илмҳои педагогӣ ва илмҳои ба он вобаста, бо тақозои замони нав, ҷараёни муносибатҳои бозорӣ дар фазои таҳсилот ва вобаста ба он дар соҳаи илмҳои педагогӣ пайдо гардидани самтҳои нав пайваста мушкилоти навро ба вуҷуд оварда, баррасӣ ва ҳаллу фасли онҳо муносибати илмиро талаб мекунад.

Чунин вазъият таҳияи низоми нави мафҳумҳо ва истилоҳоти ба талаботи замон ҷавобгӯи соҳаи педагогикаро тақозо мекунад, ки дар заминаи он минбаъд ба китобҳои дарсӣ оид ба педагогика, коркардҳои илмӣ, матни барномаҳо ва дигар маводи таълимӣ тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд.

Ба андешаи мо, барои амалӣ гардидани тадбирҳои мазкур роҳандозии ин тадбирҳо зарур аст:

1. Дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба таҳқиқ, мураттабсозӣ, ҳамгунсозӣ ва танзими истилоҳоти соҳаи педагогика ва таҳсилот шуъбаи махсус таъсис дода шавад.

2. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои дахлдори илмӣ ва таълимӣ барои таҳия ва омодасозии китобҳо оид ба педагогика ва илмҳои ба он вобаста, инчунин, самтҳои таҳсилот ва мактабҳо мутахассисони соҳаҳои педагогика, забоншиносӣ ва тарҷумонҳоро ҷалб намояд.

3. Корҳо дар самти таҳияи луғатҳои дузабона ва бисёрзабона, луғатҳои зинаҳои гуногуни таҳсилот (муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, олӣ, барои олимон, мутахассисон, мудирони шуъбаҳои маориф ва кормандони масъули онҳо) ба роҳ монда шаванд.

4. Таҳияи луғатҳои гуногуни истилоҳоти соҳаи педагогика, табиатшиносӣ ва илмҳои ба онҳо вобаста, инчунин, истифодаи бамаврид ва муносиби истилоҳоти нав дар раванди таълим ба мақсад мувофиқ аст.

5. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои баррасии истилоҳоти нави соҳаҳои педагогика ва таҳсилот бояд бо ҷалби олимону мутахассисони соҳа мунтазам ҳамоишҳои гуногуни илмиро ташкил ва баргузор намояд.

Дар маҷмуъ, квалиметрияи таҳқиқоти мавзуии АТТ ва зерсохторҳои он чунин шакл дошта, дар ҷадвали 17 инъикос гардидааст:

**Ҷадвали 17. Квалиметрияи таҳқиқоти мавзуии АТТ**

| Самт, мавзуъ | Мақола | Монография | Маҷмуа | Китоби дарсӣ, дастури методӣ ва ғайра | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. Таҳсилоти фарогир | | 5 | | 5 | **10** |
| 2. Педагогикаи ибтикорот | | 1 | | | **1** |
| 3. Мероси педагогии ниёгон | | 3 | 2 | | **5** |
| 4. Педагогикаи фарҳанг | | 2 | 1 | | **3** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 5. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ | | 1 | | 1 | **2** |
| 6. Фарҳанги таълими ҳамагонӣ | 3 | | 3 | 1 | **7** |
| 7. Педагогикаи муқоиса-вӣ | 2 | 1 | | | **3** |
| 8. Педагогикаи ҳамгиро | 2 | | 1 | | **3** |
| 9. Истилоҳоти педагогӣ | 7 | | | 1 | **8** |
| **Ҷамъ** | **14** | **13** | **7** | **8** | **42** |

Чунонки дар ибтидои ҳамин зербоби диссертатсия зикр гардид, дар баробари мавзуъ ва самтҳои таҳқиқоти педагогии зикршуда солҳои охир таваҷҷуҳи аксарияти муҳаққиқонро мушкилоти соҳаҳои муносибати босалоҳият ба таълим ҷалб сохтаанд. Аз ҷумла, бо иштироки бевоситаи ходимони илмии АТТ ва Пажӯҳишгоҳ дар соли таҳсили 2016-2017 дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ муносибати босалоҳият ба таълим роҳандозӣ карда шуд. Таҳлили оморӣ-квалиметрии ин фаъолияти дастаҷамъона нишон медиҳад, ки бо ин мақсад соли таҳсили 2015-2016 «озмоиш гузаронида шуд, ки ба он зиёда аз 460 омӯзгор аз 50 муассисаи таълимии минтақаҳои гуногуни кишвар ҷалб гардиданд. Зимни ин чорабиниҳо стандартҳои фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, 30 номгӯй роҳнамои омӯзгор барои 8 фанни таълимии ин зина (синфҳои 1-4), 11 номгӯй замима ба китобҳои дарсӣ таҳия шуда, стандартҳои фаннӣ ба миқдори 4000 нусха, роҳнамои омӯзгор (дар маҷмуъ, 30 номгӯй) бо теъдоди 290 000 нусха, замима ба китобҳои дарсӣ (11 номгӯй) ба миқдори 1 500 000 нусха нашр ва ба муасисаҳои таълимӣ дастрас гардиданд. 29 000 нафар омӯзгорон аз такмили ихтисос ва омӯзиши таҳсилоти босалоҳият гузаштанд» [161, 63].

Дар баробари ин, дар ин давра ва солҳои минбаъда мақола, монография ва дастурҳои зиёди таълимию методӣ дар самти таҳқиқи муносибати босалоҳият ба таълим, аз ҷумла аз ҷониби ходимони илмии АТТ ва Пажӯҳишгоҳ ба нашр расиданд. Аммо, азбаски ин таҳқиқоти педагогӣ ,

асосан, хосияти дастаҷамъона доранд, дар диссертатсияи худ мо аз таҳлили ҷузъиёти онҳо худдорӣ менамоем.

Хулоса, таҳлили квалиметрии таҳқиқоти мавзуии масъалаҳои муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли АТТ, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ ва баъзе муҳаққиқони алоҳида нишон медиҳад, ки мавзуъҳо ва самтҳои мавриди таҳқиқоти ниҳодҳо ва муҳаққиқони мазкур қарордошта аз лиҳози мундариҷа хеле васеъ ва аз нуктаи назари миқдорӣ хеле зиёд буда, ба ҳалли масъалаҳои мубрам ва барои назария ва амалияи педагогӣ хеле муҳим бахшида шудаанд. Ниҳодҳо ва муҳаққиқон таҳсилоти фарогирро ҳамчун таъмини дастрасии баробари тамоми таълимгирандагон ба таҳсилот бо дарназардошти ниёзҳои махсуси таълимӣ ва имкониятҳои инфиродии онҳо баррасӣ намуда, барои рушди он пешниҳодҳои мушаххасро манзур сохтаанд. Оид ба педагогикаи ибтикорот, педагогикаи фарҳанг, педагогикаи умумӣ ва касбӣ, педагогикаи муқоисавӣ, фарҳанги таълими ҳамагонӣ, инунин аҳаммияти истифодаи мероси педагогии ниёгон дар раванди таълиму тарбия низ андешаҳои мубрам баён гардидаанд. Дар баробари ин, асоси методикаи коркарди дастгоҳи мафҳумӣ-истилоҳотии педагогика ҳамчун муносибати бонизом тафсир карда шуда, пешниҳод гардидааст, ки маҳз ҳамин гуна баррасӣ зимни истилоҳсозӣ истифода гардад, зеро дар ин сурат тамоми мафҳум ва истилоҳоти ҳар гуна низом тавассути муайян намудани сатҳи ба ҳам наздик будани онҳо ошкор карда мешавад. Ҳамаи ин масъалагузориҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо собит месозанд, ки таҳқиқоти педагогии мавзуъӣ, ки анҷом дода шудаанд, на танҳо барои таҳкими асосҳои назариявию амалии педагогикаи муосир, балки барои муайянсозии дурнамои рушди он низ аҳаммияти назаррас доранд, аз ин рӯ, мо хулосаҳои илмии ин муҳаққиқонро дар боби минбаъда барои таҳияи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ мавриди истифода қарор медиҳем.

**Хулоса оид ба боби дуюм**

Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон, аз ҷумла, таърихи ташаккул ва рушди низоми таҳқиқоти

педагогӣ дар Тоҷикистон ва таҳлили квалиметрии он, таҳлили квалиметрии фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохтори он дар самти таҳқиқи проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ, инчунин, квалиметрияи таҳқиқоти мавзуии масъалаҳои муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки илм ҳамчун инъикоси назариявии воқеият дар кишвари мо тавассути муҳаққиқони алоҳида, гурӯҳи муҳаққиқон, ки дар асоси мақсаду ҳадафҳои якхелаи илмӣ муттаҳид гаштаанд, инчунин, аз ҷониби ниҳодҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ, ки онҳоро давлат ва мақомоти он таъсис доданд, рушду такомул меёбад. Барои рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон ибтидо аз даврони шуравӣ то имрӯз маҳз ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии давлатӣ нақши бузургро ба иҷро расонидаанд, ки миёни онҳо Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, зерсохтори он - Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва пешгомҳои онҳо, яъне сохторҳои дар гузашта ба ҷои онҳо фаъолиятнамударо махсус қайд кардан зарур аст.

Ба ҳайси таҳқиқоти мавзуӣ ва самтҳои асосии баррасиҳои илмӣ дар соҳаи педагогика бошад, ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муҳаққиқони алоҳида, қабл аз ҳама, ба таҳсилоти фарогир, педагогикаи ибтикорот, педагогикаи фарҳанг, педагогикаи умумӣ ва касбӣ, педагогикаи муқоисавӣ, фарҳанги таълими ҳамагонӣ, инунин аҳаммияти истифодаи мероси педагогии ниёгон дар раванди таълиму тарбия таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Тамоми фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро аз ҷониби ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ин мавзуъҳо мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор дода, мо ба чунин хулоса расидем:

1. Таҳлили квалиметрии таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон, ки дар даврони шуравӣ аз соли 1924 оғоз меёбад, нишон медиҳад, ки дар ин даврон аввалин арзёбиҳои ба квалиметрия шабоҳатдошта ба назар расида, дар асоси онҳо дар самти таҳқиқоти педагогӣ мунтазам тадбирҳои муассир андешида мешуданд. Аз ҷумла, нақши нашрияҳоро дар рушди таҳқиқоти педагогӣ ба назар гирифта, маҷаллаҳои илмии зиёде ташкил намуданд, ки баъзе аз онҳо то ҳол ҳам фаъоланд.

Сохтори ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ дар ин даврон мунтазам мукаммал мегардид. Дар ин давра арзёбии идеологии соҳаи маориф сабабгори асосии қабули қарорҳо ва ворид сохтани тағйирот дар сохтору мундариҷаи таҳқиқоти педагогӣ буд.

2. Дар таҳқиқоти педагогӣ дар даврони шуравӣ, ки мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор гирифта аст, норасоиҳо ва мушкилоти зиёде низ ба назар мерасиданд. Ҳамаи ин ҷиҳатҳои мусбат ва манфии таҷрибаи андӯхтаро дар самти таҳқиқоти педагогӣ дар даврони шуравӣ омӯхта ва аз таҳлили квалиметрӣ гузаронида, чунин тадбирҳоро амалӣ кардан зарур аст:

- таҷрибаи мусбати таҳқиқоти педагогӣ дар даврони шуравӣ, анъанаҳои таълиму тарбия дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон мунтазам мавриди омӯзиш ва таҳлили квалиметрӣ қарор гирифта, ба шароити кишвари соҳибистиқлоли мо мутобиқ ва дар амалияи педагогӣ татбиқ карда шаванд;

- дар ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба масъалаҳое, ки дар даврони шуравӣ аҳаммияти хосса дода мешуд, яъне масъалаҳои методологӣ, истифодаи методҳои илмҳои дигар дар педагогика, омӯзиши системавии ягонагии таълиму тарбия ва рушди шахсият ва мушкилоти дигар зимни роҳандозии таҳқиқоти педагогӣ бештар таваҷҷуҳ карда шавад.

3. Квалиметрияи фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохтори он - Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар самти таҳқиқи проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ нишон медиҳад, ки ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии мазкур дар самти иҷрои мавзуъҳои илмии аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда, роҳандозии фаъолияти оинномавии худ дар самти таҳқиқ ва назорати равандҳои педагогӣ, таҳқиқоти монографӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, нашри мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию тарғиботӣ ва амсоли он дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ба комёбиҳои мушаххас ноил гаштаанд. Дар фаъолияти онҳо дар самти таҳқиқоти педагогӣ камбудию норасоиҳо низ ба

назар мерасанд, ки барои ислоҳи онҳо андешидани тадбирҳои зерин зарур аст:

- азбаски шуъбаҳои АТТ тамоми самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогиро фаро намегиранд, бояд сохтори он такмил дода шавад;

- барои вусъат бахшидани раванди таҳқиқоти педагогӣ дар сохтори АТТ Маркази миллии квалиметрияи педагогӣ ташкил карда шавад;

- барои иҷрои босифати таҳқиқот дар Пажӯҳишгоҳ шуъбаи таълими тасҳеҳӣ (барои кӯдакон бо имкониятҳои маҳдуд) бояд таъсис ѐфта, ба таҳқиқи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти камнуфуси кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад;

- сохтор, санадҳои меъѐрии ҳуқуқӣ ва самтҳои пажӯҳишҳои илмии Пажӯҳишгоҳ таҷдиди назар карда шаванд.

4. Таҳлили квалиметрии таҳқиқоти мавзуии масъалаҳои муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли АТТ, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ ва баъзе муҳаққиқони алоҳида нишон медиҳад, ки мавзуъҳо ва самтҳои мавриди таҳқиқоти ниҳодҳо ва муҳаққиқони мазкур қарордошта аз лиҳози мундариҷа хеле васеъ ва аз нуктаи назари миқдорӣ хеле зиѐд буда, ба ҳалли масъалаҳои мубрам ва барои назария ва амалияи педагогӣ хеле муҳим бахшида шудаанд.

Инчунин, муайян карда шуд, ки ҳамаи масъалагузориҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, ки зимни таҳқиқоти педагогӣ аз ҷониби АТТ ва Пажӯҳишгоҳ ба иҷро расидаву пешниҳод гардидаанд, собит месозанд, ки таҳқиқоти педагогии анҷомдодаи онҳо, на танҳо барои таҳкими асосҳои назариявию амалии педагогикаи муосир, балки барои муайянсозии дурнамои рушди он низ аҳаммияти назаррас доранд.

Дар баробари ин, андешидани тадбирҳои зерин дар ин самт зарур мебошад:

- роҳандозии таҳқиқоти илмӣ дар самти рушди технологияҳои муосир, ки имконияти шахсони имконияташон маҳдудро васеъ ва офияти иҷтимоиву ҷисмонии онҳоро таъмин мекунанд, гузаронидани таҳқиқоти махсуси

сотсиологӣ барои арзёбии натиҷаҳои таҳсилот дар заминаи «Таҳсилот барои ҳама», ки бо вазифаҳои умдаи таҳсилоти фарогир ҳамгиро мебошанд;

- дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба таҳқиқ, мураттабсозӣ, ҳамгунсозӣ ва танзими истилоҳоти соҳаи педагогика ва таҳсилот шуъбаи махсус таъсис дода шуда, корҳо дар самти таҳияи луғатҳои дузабона ва бисёрзабона, луғатҳои зинаҳои гуногуни таҳсилот ба роҳ монда шаванд ва барои баррасии истилоҳоти нави соҳаҳои педагогика ва таҳсилот бояд бо ҷалби олимону мутахассисони соҳа мунтазам ҳамоишҳои гуногуни илмӣ баргузор карда шаванд.

# БОБИ 3. КВАЛИМЕТРИЯИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГИИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Яке аз воситаҳои муҳимми муайян намудани вазъи имрӯза ва тамоюлҳои рушди илмҳои педагогӣ, чунонки борҳо таъкид гардид, ин таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ ба шумор меравад. Дар заминаи чунин таҳлил неруи илмӣ, дастоварду камбудиҳо ва самтҳои дурнамоии рушди илмҳои педагогӣ муайян карда шуда, ҷиҳати такмили фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ тавсияҳои илман асоснок пешниҳод мегарданд.

Тавре ки пештар зикр гардид, квалиметрия ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми андозагирӣ, арзёбӣ ва баҳодиҳии дастовардҳои илмӣ дар солҳои 60-уми асри XX ташаккул ёфта, предмети асосии омӯзиши ҷанбаҳои шуморавию сифатии натиҷаҳои илм, аз ҷумла, муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, сатҳи омӯзиши он, навгонии илмии таҳқиқот, натиҷаҳои назариявию амалӣ, саҳми муҳаққиқ дар рушди илм, дар мавзуи мушаххас, шумораи муҳаққиқон, интишорот, иқтибосоварӣ, патентҳо, хароҷот барои таҳқиқоти илм ва амсоли ин ба шумор меравад.

Таҳқиқи шароитҳои рушди босубот ва истифодаи самараноки неруи илмӣ ҳамчун омили азнавсозии низоми илму маориф ва таҳсилот ба «салоҳияти» квалиметрия шомил буда, он барои омӯзиши раванди инкишофи илм аз методҳои шуморавию сифатӣ истифода мебарад.

Натиҷагирии воқеиии вазъият ва инкишофи захираҳои неруи илмии низоми муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ё субъекти алоҳидаи он, аз ҷумла, шуроҳои диссертатсионии назди онҳо низ бояд дар заминаи истифода аз усулҳои муосири квалиметрӣ роҳандозӣ гардад. Ин боиси мушаххас намудани ҷанбаҳои сифатию шуморавии на танҳо фаъолияти шурои ҷудогонаи диссертатсионӣ, балки таҳқиқоти алоҳида ва муҳаққиқи он мегардад.

Аз ҷониби дигар, омӯзиши равандҳои объективие, ки дар соҳаи маориф ва илмҳои педагогӣ ба вуқуъ меоянд, барои аз байн бурдани як қатор мушкилоти дорои характери методологӣ, муҳимтар аз ҳама, коркарди дастгоҳи квалиметрии иттилооти гуногунҷанба оид ба натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва воситаҳои ин навъи фаъолият, ошкор намудани тамоюлоти рушди захираҳои неруи илмии низоми илмҳои педагогӣ ва маориф мегардад.

Тибқи таърифи қабулнамудаи мо квалиметрия маҷмуи методҳои шуморавию сифатии омӯзиши инкишофи илм ҳамчун раванди иттилоотӣ мебошад. Ҳадафи таҳқиқоти квалиметрӣ, ки зимни таҳлили фаъолияти шуроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои таълиӣ ва илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ анҷом дода мешавад, ин инъикоси объективонаи вазъи инкишофи самти илмӣ, арзёбии муҳиммияти он, имкониятҳои эҳтимолӣ, қонунҳои ташаккули манбаъҳои иттилоотӣ ва паҳннамоии ғояҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ мебошад.

Бинобар ин, дар педагогикаи муосир яке аз проблемаҳои асосии методологӣ ин баланд бардоштани сифати таҳқиқоти илмӣ ва ба роҳ мондани арзёбии воқеии натиҷаҳои он ба шумор меравад. Аз ин рӯ, барои расидан ба ин мақсад дар боби мазкур таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Шурои диссертатсионии ватании назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон сурат гирифтааст.

### 3.1. Квалиметрияи таҳқиқоти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шуроҳои диссертатсионии он

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутамарказонидани таҳқиқоти педагогӣ сохторҳои гуногуни ваколатдор оид ба ташкил ва баргузории пажӯҳишҳои илмӣ таъсис ёфтаанд, ки дар тарбияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ саҳми калон мегузоранд. Мавриди зикр аст, ки ба шарофати

таъсисёбии онҳо дар кишвар мутахассисоне ба воя расиданд, ки минбаъд ба сифати аъзои шуроҳои диссертатсионӣ, муқарриз ва коршиносони илмӣ дар арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ саҳми калон гузоштаанд.

Чунонки маълум аст, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ яке аз аввалин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар тарбия ва омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ, илмӣ ва илмӣ-педагогӣ саҳми бузург гузоштааст ва инро ҳоло ҳам идома медиҳад. Барои таъсисёбии ин муассиса якчанд рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ мусоидат намуданд. Аз ҷумла, нахустин мактаби олии Тоҷикистон – Донишкадаи олии агропедагогии тоҷик дар асоси қарори Кумитаи роҳбарии муассисаҳои илмӣ-педагогии КИМ ИҶШС аз 18 июли соли 1931 дар заминаи 2 шуъбаи факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна таъсис дода шуд.

Аз сабаби набудани теъдоди зарурии омӯзгорону донишҷӯён ба донишкадаи навтаъсис миқдори муайяни омӯзгорон ва донишҷӯён низ фиристода шуданд. Аз ҷумла, 4 нафар профессор, 8 нафар номзади илм, 16 нафар ассистент, 14 нафар аспирант ва 14 нафар корманди маъмурию техникӣ интиқол дода шуданд. Донишкадаи олии агропедагогии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси қарори ҳайати мушовараи Комиссариати маорифи халқ 6 ноябри соли 1931 дар шаҳри Тошканд оғоз намуд [325, 84, 86].

Баъдтар Донишкадаи олии агропедагогӣ ба Комбинати таълимии агропедагогӣ табдил дода шуда, дар ихтиёри худ Омӯзишгоҳи педагогии Тошканд, курсҳои кӯтоҳмуддати омодасозии ташкилотчиён ва методистони сатҳи ноҳиявиро дошт. Дар заминаи ҳамин табдилёбӣ минбаъд донишкада на танҳо муаллимони мактабро тайёр менамуд, балки аз рӯйи ихтисоси муаллимони мактабҳо барои ташкили курси такмили ихтисос ва омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ асос гузошт.

Дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар баробари дигар соҳаҳои истеҳсолот, соҳаи илму маориф ба талабот ва шароити ҷангӣ мутобиқ

гардонида шудаанд. Вале новобаста аз ин «дар давоми солҳои 1942-1945 танҳо дар заминаи маводи Тоҷикистон 16 рисолаи докторӣ ва 32 рисолаи номзадӣ дифоъ карда шуд» [325, 155].

Масъалаи муҳимми солҳои баъдиҷангӣ дар Тоҷикистон ин барқарорсозии тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, илму маориф ва фарҳанг ба шумор мерафт. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои 50-уми асри XX сатҳи пешрафти иқтисодиёт баланд гардид, ки ин боиси афзудани эҳтиёҷот нисбат ба омодасозии кадрҳои тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, кадрҳои педагогӣ ва илмӣ-педагогӣ гардид. «Бесабаб нест, ки соли 1953 Донишкадаи давлатии занонаи педагогии Душанбе, Донишкадаи педагогии Кӯлоб ва соли 1956 Донишкадаи политехникии Тоҷикистон таъсис ёфтанд. Шумораи мактабҳои миёнаи касбӣ низ ба маротиб афзуд» [325, 184]. Зиёдшавии шумораи муассисаҳои номбурда, талабот нисбат ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ногузир ниёзи ҷомеаи Тоҷикистонро ба омодасозии мутахассисони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ афзун намуд. «Агар соли 1945 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 5 доктор ва 38 номзади илм мавҷуд бошад, соли 1953 дар сохторҳои АИ ҷумҳурӣ ва макотиби олии он 971 нафар ходими илмӣ, аз ҷумла, 30 доктор ва 221 номзади илм машғули фаъолият буданд» [325, 185].

Ба раванди вусъатёбии шумораи кормандони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ дар донишкада, беҳтар гардидани сифати таҳқиқоти илмии педагогӣ, дастуру тавсияҳои илмӣ-методӣ барои муассисаҳои гуногуни таълимӣ тадбирҳои андешидаи мақомоти давлатӣ таъсири мусбат расониданд. Аз ҷумла, дар қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи майи соли 1953 оид ба «Тадбирҳо нисбат ба беҳтар намудани раванди тайёр кардани кадрҳои илмӣ барои макотиби олӣ ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар ҷумҳурӣ» иҷрои ҳатмии нақшаи қабул ба аспирантура, такмили тахассусии кормандони илмӣ-педагогӣ, махсусан, омодасозии докторону номзадҳои илм ба таври ҷиддӣ таъкид гардид. Дар натиҷа фаъолияти шуъбаҳои аспирантура дар тамоми мактабҳои олии касбӣ, аз ҷумла, дар

Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Т.Г. Шевченко тадриҷан беҳтар гардид. «Соли 1955 бори нахуст дар таърихи фаъолияти аспирантураи Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Т.Г. Шевченко 6 рисола дар муҳлати муқарраршуда аз тарафи аспирантҳо А. Мухторов, М. Ҳамроев, Н. Латифов, М. Яҳёев, Б. Антоненко, Смоляр ва соли 1956 бошад, 5 рисола аз тарафи Баҳромов, Стетсенко, У. Исмоилов, Ҷ. Бобокалонова, Н. Бозидов барои дифоъ пешниҳод гардиданд. Умуман, дар солҳои 1955-1957 16 рисолаи номзадӣ ҳимоя карда шуд, ки муаллифони 12 рисола аспирантони миллатҳои маҳаллӣ буданд. Агар то соли 1954 бе муҳлати иловагӣ ва интиқол ба дигар мактаби олӣ ҳамагӣ 4 рисолаи номзадӣ ҳимоя шуда бошад, дар давоми солҳои 1955-1957 9 рисола ҳимоя гардид ва 6 рисола барои ҳимоя пешниҳод шуд» [325, 218].

Солҳои 60-уми асри гузашта дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистони Шуравӣ, аз ҷумла, дар соҳаи илму маориф дигаргуниҳои назаррас ба вуқуъ пайвастанд, ки онро дар мисоли афзудани шумораи кадрҳои илмӣ-педагогӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст. Аммо новобаста ба зиёд шудани шумораи мутахассисони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ шумораи шахсоне, ки таҳқиқотро то ҳадди дифоъ расонида тавонанд, коҳиш меёфт. Аз ҷумла, дар маълумотномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардида буд, ки ...«солҳои 1961-1964 барои тайёр намудану ба ҳимоя пешниҳод кардани рисолаҳои докторӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ Вазорати мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС 16 вазифаи ходими калони илмӣ ҷудо намуда буд, ки аз миёни онҳо танҳо 14 нафар устодони ба талаботи он мувофиқбуда пайдо шуданд. Аксари устодони ба вазифаи ходими калони илмӣ гузаронидашуда, дар муҳлати муайяншуда рисолаи худро ба дифоъ пешниҳод карда натавонистанд» [325, 239].

Бо сабабҳои дар боло зикргардида, талабот ба тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ беш аз пеш афзуда, дар ин самт андешидани чорабиниҳои мақсаднок талаби замон гардид. Барои раҳоӣ аз чунин вазъият аз 13 октябри соли 1961 таҳти № 417 қарори муштараки КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои

Вазирони ҶШС Тоҷикистон ба тасвиб расид, ки яке аз мақсадҳои асосии он истифодаи мақсадноки иқтидори аспирантура ҳамчун яке аз воситаҳои асосии омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва мусоидат ба ҳимояи рисолаҳои илмӣ дар муҳлати пешбинишуда буд. Қабули санади мазкур боиси дигаргуниҳои муайян дар самти афзудани шумораи кормандони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ гардид. Аз ҷумла, «моҳи ноябри соли 1965 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3499 кормандони илм (бе ҳамкорон) фаъолият доштанд (аз ҷумла, 1296 занҳо), ки аз онҳо докторони илм 47 ва номзадҳо 736 нафарро ташкил мекарданд. Аз ин миқдор 24 нафар докторону 398 нафар номзадҳои илм дар мактабҳои олӣ фаъолият доштанд» [325, 240].

Беҳтар гардидани вазъи омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ҷумҳурӣ ба вусъати шумораи неруи илмии Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко таъсири мусбат расонид. «Дар се соли охири солҳои 60-ум ва аввали солҳои 70-ум 10 устоди донишкада рисолаҳои докторӣ ва зиёда аз 50 нафар рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд». Илова бар ин, дар давоми солҳои «1971-1975 7 рисолаи докторӣ ва 55 рисолаи номзадӣ дифоъ шудааст» [325, 281].

Дар ин давра Донишкада дар радифи бузургтарин марказҳои илмӣ ҷиҳати омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамуд. Тибқи маълумоти аз таҳлили захираи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада дар давоми солҳои 1969-1988-ум 30 таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла, 16 адад барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ ҳимоя карда шуд. Ҳамин тавр, дар давоми 20 сол 30 диссертатсия ҳимоя карда шудааст, ки коэффитсиенти миёнаи солонаи он 1,5-ро ташкил медиҳад.

Вале, тавре ки аз таҳлили сарчашмаҳо бармеояд, неруи илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишкада ҷиҳати омодасозии мутахассисони соҳиби дараҷаҳои илмӣ ба сатҳи ниёзи ҷомеа ҷавобгӯ набуда, иқтидори илмии он аз донишкадаҳои марказии умумииттифоқӣ хеле қафо монда буд.

Таҳлили ҳайати кадрии Донишкада баёнгари он аст, ки новобаста аз афзудани шумораи кормандони илмӣ ва илмӣ-педагогӣ фаъолияти муассиса дар ин самт беҳбудии ҷиддиро тақозо менамуд. Дар ин самт ташкили Шурои илмии махсусгардонидашуда доир ба дифои рисолаҳои номзадӣ (баъди чанде докторӣ) аз рӯйи тахассуси 13.00.01 - назария ва таърихи педагогика дар соли 1979 ҳамчун яке аз рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти донишкада барои раҳоӣ аз чунин вазъияти мураккаб хизмат намуд. Пас аз таъсиси шурои мазкур шумораи рисолаҳои дифоъшуда афзуд. Масалан, давоми солҳои 1981-1990 дар Шурои диссертатсионии мазкур 99 диссертатсияи номзадӣ ва 8 диссертатсияи докторӣ ҳимоя шуд, ки 50% онро устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ташкил додаанд:

**Диаграммаи 18. Рисолаҳои дифоъшудаи ДОТ дар солҳои 1981-1990**




Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко муассисаи таҳсилоти олии асосӣ дар самти омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ ва илмӣ-педагогӣ, коркарди стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар муассиса тибқи методи оморӣ оид ба кадрҳои илмӣ-педагогии ин Донишкада то ҳол таҳқиқоти квалиметрӣ гузаронида нашудааст. Вобаста ба ин, зарур

шуморидем, ки вазъи афзоиши кадрҳои илмӣ-педагогии Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко дар давоми солҳои 1981-1991 мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Таҳқиқоти квалиметрияи кадрҳои илмии муассиса дар давоми солҳои 1981-1991 нишон дод, ки дар байни мактабҳои олии Тоҷикистон Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко ҷойи дуюмро ишғол мекунад [325, 324].

**Ҷадвали 19. Квалиметрияи кадрҳои илмии ДОТ солҳои 1981-1991**

| Соли таҳсил | Ҳамагӣ | Докторҳо | Профессорон | Номзадҳои илм | Дотсентҳо | Муаллимони калон | Ассистентҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1981 | 7 | | 1 | 1 | | | 2 |
| 1982 | 59 | 7 | 6 | 24 | 25 | 338 | 80 |
| 1982 | 8 | | 1 | 1 | | | 3 |
| 1983 | 21 | 6 | 8 | 25 | 24 | 223 | 55 |
| 1983 | 8 | | 1 | 1 | | | 3 |
| 1984 | 16 | 6 | 8 | 25 | 25 | 323 | 50 |
| 1984 | 8 | | 1 | 1 | | | 2 |
| 1985 | 24 | 6 | 9 | 60 | 60 | 351 | 94 |
| 1985 | 7 | | 1 | 1 | | | 2 |
| 1986 | 92 | 9 | 9 | 96 | 65 | 314 | 63 |
| 1986 | 7 | | 1 | 1 | | | 2 |
| 1987 | 93 | 5 | 8 | 97 | 92 | 303 | 75 |
| 1987 | 9 | | 2 | 2 | | | 3 |
| 1988 | 68 | 1 | 3 | 29 | 11 | 334 | 82 |
| 1988 | 9 | | 2 | 2 | | | 3 |
| 1989 | 78 | 1 | 2 | 51 | 11 | 232 | 95 |
| 1989 | 1 | | 2 | 2 | | | 4 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1990 | 072 | 1 | 2 | 61 | 39 | 333 | 66 |
| 1990 | 1 | | 3 | 2 | | | 4 |
| 1991 | 085 | 2 | 3 | 29 | 45 | 332 | 67 |

Агар шакли анъанавии омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ аспирантура бошад, пас дар давоми солҳои 1983-1990 43% аспирантон диссертатсияҳои худро дар муҳлати пешбинишуда ҳимоя накардаанд (ҷадвали 20). Нишондиҳандаҳои рисолаҳои диссертатсионии аспирантон, ки дар давоми солҳои 1983-1990 ҳимоя нашудаанд, чунинанд:

**Ҷадвали 20. Диссертатсияҳои ҳимоянашуда дар солҳои 1983-1990**

| № | Солҳо | Дар муҳлат ҳимоя нашудаанд (%) |
|---|---|---|
| 1. | 1983 | 22 |
| 2. | 1984 | 43 |
| 3. | 1985 | 39 |
| 4. | 1987 | 43 |
| 5. | 1988 | 35,5 |

Таҳқиқоти квалиметрии кадрҳои илмии Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко дар солҳои 1981-1991 нишон дод, ки дар давоми солҳои 1985-1988 дар муассиса 3 диссертатсияи докторӣ ва 40 диссертатсияи номзадӣ ҳимоя шуда, 12% устодони он ба фаъолияти илмӣ ҷалб карда нашуда, диссертатсияҳои худро дар муҳлати пешбинишуда ҳимоя накардаанд [325, 326].

Дар раванди таҳлили квалиметрии неруи илмии Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко дар солҳои 1981-1991 камбудиҳои зерин ошкор гардиданд:

- ба маҷрои дурусти масъулиятшиносӣ равона карда нашудани имкониятҳои баланди касбӣ ва илмии омӯзгорон;

- бо сабабҳои гуногун дар муҳлати муқарраршуда ба дифоъ пешниҳод нагардидани рисолаҳои илмии аспирантон ва докторантон;

- сатҳи пасти самаранокии фаъолияти аспирантура, ки , асосан, аз омилҳои зерин вобаста буд: амиқ насанҷидани қобилияти илмию эҷодии аспирантон; сатҳи пасти омодагии онҳо; назорати сусти роҳбарони илмӣ ва мудирони кафедраҳои пешбар нисбат ба корҳои илмии унвонҷӯён; берун аз ҷумҳурӣ истиқомат доштани қисми зиёди роҳбарони илмӣ ва маҳдудияти имконоти молиявӣ барои вохӯриҳои муттасилу саривақтии унвонҷӯён бо онҳо.

Илова бар ин, дар фаъолияти Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко дар давраи зикршуда чунин норасоиҳо низ ба назар расиданд:

- иқтидори ғайриқаноатбахши полиграфии донишкада ва вобаста ба он ба миён омадани мушкилоти нашри мақолаҳо ва натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- суст будани базаи модӣ-техникии донишкада, аз ҷумла, мавҷуд набудани лабораторияҳои озмоишӣ;

- маблағгузории ночизи давлатӣ барои пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- дастрас набудани адабиёти зарурии илмӣ, махсусан, соҳавӣ;

- мавҷуд набудани механизми ҳавасмандсозии роҳбарони илмӣ ва унвонҷӯён нисбат ба натиҷаи фаъолияти илмӣ;

- ба қадри кофӣ ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ ҷалб нашудани омӯзгорон;

- кам будани шумораи кормандони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ дар кафедраҳои пешбар, ба зиммаи омӯзгорони бедараҷа ва унвони илмӣ вогузор намудани роҳбарии унвонҷӯён;

- пош хӯрдани ИҶШС, тағйир ёфтани ҳаёти сиёсӣ ва ҳамчун натиҷаи он аз байн рафтани низоми ягонаи ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии таҳқиқоти илмӣ

- муҳоҷирати мутахассисони касбӣ ба хориҷи кишвар ва ғайра.

Аз ин бармеояд, ки дар давоми солҳои 1981-1991 шахсони масъул ба сифати таълим ва маҳсулнокии фаъолияти илмию эҷодии аспирантону докторантон таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир накардаанд.

Дар давраҳои минбаъда бошад, яъне бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои роҳандозии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ шароити мусоид фароҳам омада бошад ҳам, вале ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ раванди босуботи онро то ибтидои солҳои 2000-ум ба таври ҷиддӣ халалдор намуд. Чунонки маълум аст, ҷанги таҳмилӣ ба иқтисодиёти мамлакат, дар маҷмуъ, беш аз 10 млрд. доллари амрикоӣ зиёни моддӣ расонид, ки аз ин соҳаи илму маориф, аз ҷумла, собиқ Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко ва он вақт - Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Қандил Ҷӯраев дар канор намонд.

Новобаста аз ин, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмини сулҳу субот ва ба маҷрои дуруст равона намудани иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла, илму маориф тадбирҳои муассир андешид. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (1993), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили сохтори таълимоти олӣ» (№519 аз 14 августи соли 1995) ва зиёда аз 10 низомномаву Стандарти давлатии таҳсилот оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти мактаби олӣ натиҷаи ҳамин тадбирҳо буд.

Дар баробари ин, санаи 29 августи соли 1992 бо қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 298 Донишкада ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе табдил дода шуд ва пас аз панҷ сол тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 3 аз 3 январи соли 1997) Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев номгузорӣ шуд.

Ба раванди вусъатёбии шумораи кормандони илмӣ-педагогӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла, дар Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Қандил Ҷӯраев дар асоси қарори Комиссияи олии аттестатсионии (КАО) Федератсияи Россия аз 24 октябри соли 1995 ташкил ёфтани Шурои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ такони бузург бахшид. «Агар соли

1995 28,8 фоизи омӯзгорон соҳиби дараҷаи илмӣ бошанд, соли 1999 ин нишондиҳанда ба 31, 5 фоиз ва соли 2000 бошад, ба 31,6 фоиз баробар буд» [325, 343], ки дар ин тақвияти кадрӣ нақши шурои мазкур низ назаррас аст.

Илова бар ин, баъди якчанд сол, санаи 18 июли соли 2003 дар назди Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев Шурои диссертатсионии Д 737.001.01 оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)» тасдиқ гардида, мухлати ваколати он то 31 декабри соли 2014 муқаррар гардид. Қобили зикр аст, ки он идомадиҳандаи Шурои докторӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогӣ ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ) буд, ки аввалин маротиба соли 1995 дар назди кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев таъсис ѐфта буд. Аз ин рӯ, бо мақсади ошкорсозии рушди таҳқиқоти педагогӣ дар ин муассиса ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ин шуро оғоз мекунем.

Таҳлили квалиметрии ҳайати Шурои диссертатсионии Д 737.001.01 оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)» дар назди Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев нишон дод, ки аз 13 нафар аъзои он 11 нафар доктори илмҳои педагогӣ мебошанд, ки 8 нафар бевосита аз ҳамин ихтисос (13.00.01), 3 нафар аз ихтисоси 13.00.02 – «Назария ва методикаи таълим ва тарбия» (аз рӯйи соҳаҳо ва зинаҳои таҳсилот) ва 1 нафар аз ихтисоси 13.00.05 – «Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ» мебошанд, як нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои таърих аст. Дар маҷмуъ, ҳайати Шуро ба талаботи мавҷуда пурра мутобиқ буд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ - Обидов Ибрагим Обидович академики Академияи педагогии ИҶШС (СССР), доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба ном Қандил Ҷӯраев аз ихтисоси 13.00.01 - «Педагогикаи

умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)» буда, дар рушди илмҳои педагогӣ саҳми назаррас дорад. Ӯ собиқаи тӯлонии кор дар шуроҳои диссертатсионӣ дошта, аз соли 1978 то соли 1993 – аъзои Шурои махсусгардонидашудаи Донишкадаи давлатии педагогии Тошканд ба номи Низомӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)», аз соли 1979 то соли 1982 – муовини раиси Шурои махсусгардонидашуда оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дар Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко, аз соли 1989 то соли 1995 – раиси Шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дар Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Қандил Ҷӯраев ва аз соли 1995 то соли 2005 – раиси Шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ дар назди Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев будааст. Таҳти роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, академик, профессор И.О. Обидов аз соли 1980 то соли 2005 12 диссертатсияи докторӣ ва 94 диссертатсияи номзадӣ таълиф ва ҳимоя шудааст. Номбурда дар раванди ҳимояи 15 диссертатсияи докторӣ ва 43 диссертатсияи номзадӣ дар шуроҳои диссертатсионии Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон, Украина ва Федератсияи Россия ба сифати муқарризи расмӣ баромад намудааст. Академик И.О. Обидов муаллифи 12 монография оид ба проблемаҳои таҳсилот ва илмҳои педагогӣ, се китоби дарсӣ ва хрестоматия оид ба таърихи халқи тоҷик, 736 мақолаи илмӣ оид ба проблемаҳои таълиму тарбияи насли наврас мебошад, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои педагогӣ, маҷаллаҳои «Советская педагогика», «Народное образование», «Мактаби советӣ», «Русский язык» ва монанди он ба табъ расидаанд.

Ҳайати Шурои диссертатсионии мазкурро метавон тибқи методикаи пешниҳоднамудаи А. Шишканова, С. И. Пахомов, В. А. Гуртов ва И. В. Пенние дар асоси нишондиҳандаҳои миқдори интишорот дар WoS, Scopus,

иқтибосоварӣ аз асарҳои узви шуро дар WoS, Scopus, маҷаллаҳои ба феҳристи КОА воридбуда ва ғайра, иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ, миқдори монографияҳои тақризшуда, инчунин, иқтибосоварӣ аз асарҳои узви шуро дар WoS, Scopus ва ғайра, индекси Хирш (РИНС/WoS/Scopus) аз таҳлили квалиметрӣ гузаронид. Аммо ба сабаби он, ки аксарияти ин нишондиҳандаҳо дар солҳои минбаъда пайдо шуда, шурои мазкур то соли 2014 фаъол будааст, мо аз ин амал худдорӣ менамоем.

Дар таҳқиқоти хеш мо интихобан фаъолияти Шурои диссертатсионии Д 737.001.01 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро дар соли 2012 аз нигоҳи квалиметрӣ дар мисоли 26 таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил намудем. Ин таҳқиқот чунин буданд:

1. Азарчеҳр Сеҳат, диссертатсия дар мавзуи «Таърихи ташаккулёбӣ ва рушди низоми таҳсилоти касбӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон» [242].

2. Марҷон Беҳзодфар, диссертатсия дар мавзуи «Банақшагирии стратегӣ бо истифодаи технологияи навтарин дар мактабҳои Эрон» [261].

3. Турбатинажод Ҳусейн, диссертатсия дар мавзуи «Муносибгардонии механизмҳои арзёбии педагогии таълим дар мактаби муосири Эрон» [278].

4. Мирзоева Малика Пӯлодовна, диссертатсия дар мавзуи «Неруи тарбиявӣ-маърифатии методи лоиҳа дар рушди қобилиятҳои графикии донишҷӯёни ихтисосҳои техникӣ» [263].

5. Раҷабова Наима Насруллоевна, диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди салоҳияти коммуникативии донишҷӯён дар раванди рӯнамоии лоиҳаҳои эҷодӣ» [268].

6. Балути Алиризо Пирзод, диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогӣ-психологии фаъолияти таълимӣ-маърифатии талабагон, ки дар таълим мушкилот доранд» (дар заминаи маводи мактабҳои махсуси Эрон) [247].

7. Шарипова Дилбар Яҳёевна, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои назариявии азнавсозии тарбияи маънавӣ-ватандӯстии мактаббачагони хурдсол дар заминаи тафаккури интиқодӣ» [285].

8. Шариат Боғирӣ Муҳаммад Маҳдӣ, диссертатсия дар мавзуи «Афкори педагогии Ҷалолуддини Румӣ ва Абраҳам Маслоу оид ба инсони комил» (таҳлили қиёсӣ) [283].

9. Абдуллоева Тутиниссо Менгулоевна, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди нутқи пайвастаи русии мактаббачагони хурдсол дар мактаби тоҷикӣ» [240].

10. Сарғозӣ Хоссейналӣ, диссертатсия дар мавзуи «Таъсири боварии иҷтимоӣ ва фарҳанги ташкилӣ ба фаъолияти самараноки омӯзгорони низоми таҳсилоти олии Эрон» (дар мисоли мактабҳои олии музофоти Гулистон) [275].

11. Боғирӣ Асғар Шералӣ, диссертатсия дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди низоми таҳсилоти олӣ дар Эрон» [246].

12. Сайид Керомат Ҳусейни Сайид Аҳмад, диссертатсия дар мавзуи «Созмондиҳии таъмин ва самаранокии баланд бардоштани сифати таълими донишҷӯён дар мактабӣ олӣ» (дар заминаи маводи мактабҳои олии Эрон) [277].

13. Фазлихони Манучеҳр Забиулло, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии идоракунии сифати таҳсилоти талабагон дар мактабҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон» [279].

14. Ҳалимов Абдукарим Ҳалимович, диссертатсияи докторӣ дар мавзуи «Тарбия, пайдоиши мактабҳо ва афкори педагогии тоҷикон дар давраи Сомониён» [280].

15. Заҳро Замонӣ, диссертатсия дар мавзуи «Нақши донишҳои илмӣ ва амалӣ дар омодасозии касбии муаллими ояндаи синфҳои ибтидоӣ» (дар мисоли мактабҳои олии педагогии шаҳри Теҳрон) [256].

16. Розиқова Саодат Разоқовна, диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ» (дар заминаи маводи мактабҳои олии Тоҷикистон) [271].

17. Нодирӣ Марям Ғуломалӣ, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои психологӣ-педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии раванди таълим дар дарсҳои ҷуғрофия дар мактабҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон» [265].

18. Разоқ Маранди Ҳодӣ Маҳдӣ, диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои мухторияти институтсионалии донишгоҳҳои давлатии Эрон» [270].

19. Ғаффорӣ Иброҳим Алӣ, диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии таълими кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд тавассути таҳсилоти фарогир» (дар заминаи маводи Ҷумҳурии Исломии Эрон) [250].

20. Ҳусейннажод Муҳаммад Яддуллоҳ, диссертатсия дар мавзуи «Мусоидати педагогии хонавода ва иҷтимоишавии талабагони мактабҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ» (дар заминаи маводи Ҷумҳурии Исломии Эрон).

21. Доимӣ Ҳамидризо, диссертатсия дар мавзуи «Стратегияҳои метакогнитивӣ ва принсипҳои истифодаи онҳо барои рафъи қафомонии толибилмони мактабҳои ибтидоии Эрон» [251].

22. Билод Муҳаммад Ризо, диссертатсия дар мавзуи «Таъсири методҳои тарбияи хонаводагӣ ба рушди маърифатӣ ва иҷтимоии кӯдакони синни 5-7- сола» [248].

23. Ҷаъфарпурмонфарид Саид Аҳмад, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тафаккури интиқодии муаллими оянда» [253].

24. Муҳиббӣ Азим, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои назариявии рушди конструктивизм дар тадриси фанҳои табиатшиносӣ» (дар мисоли мактабҳои ибтидоии Ҷумҳурии Исломии Эрон) [264].

25. Ризо Ҳоҷипур Алмимуҳаммад, диссертатсия дар мавзуи «Таҳсилоти экологии аҳолӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии ҳифзи муҳити зист» (дар мисоли фаъолияти хадамоти мунисипалии шаҳри Теҳрон) [273].

26. Раҳматӣ Робаб Ибодуллоҳ, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои психологӣ-педагогии пешгирии рафтори нашъамандии наврасон дар шароити Ҷумҳурии Исломии Эрон» [272].

Албатта, таҳлили квалиметрии ин диссертатсияҳо дар шакли пурра (26 адад) тибқи матритсаи таҳиянамудаи диссертант - МТКД, ки аз омезиши нишондиҳандаҳои квалиметрияи Черепанов В.С. ва Булатова Е.Г. бо намунаи пешниҳодкардаи Н.В. Баришников ва иловатан овардани боз 5 нишондиҳандаи дигар иборат мебошад, метавонад манзараи умумии таҳқиқоти педагогиро равшантар намояд. Аммо бо сабаби ҳаҷми бузург доштани ин амалиёт, ин ҷо аз чунин таҳлили комил худдорӣ намуда, бо таҳлили 6 адад диссертатсия аз шумораи умумии онҳо ва боз якчанд диссертатсияҳои дигар дар зербобҳои минбаъда тарзи истифодаи матритсаи мазкур ва нақши онро дар арзёбии таҳқиқоти диссертатсионии педагогӣ нишон медиҳем.

Натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои интихобан арзёбишуда (6 адад), ки дар Шурои диссертатсионии Д 737.001.01 оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)» дар назди Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев соли 2012 ҳимоя шудаанд, тибқи матритсаи таҳиянамудаи диссертант - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД), ки аз омезиши нишондиҳандаҳои квалиметрияи Черепанов В.С. ва Булатова Е.Г. бо намунаи пешниҳодкардаи Н.В. Баришников ва иловатан овардани боз 5 нишондиҳандаи дигар иборат мебошад, ба тариқи зайл аст: 1) диссертатсияҳои аз таҳлили квалиметрӣ гузаронида, ҳадди ақал 64 ва ҳадди аксар 83 хол гирифтанд (нигаред ба Замимаи 1 ба диссертатсия); 2) аз шумораи умумӣ ба пуррагӣ ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат дорад (90 то 100 хол) - нест; 3) дар сатҳи кофӣ ба талаботи дахлдори Тартиб мутобиқат дорад (80–89 хол) – 1 диссертатсия бо гирифтани 83 хол; 3) ба талаботи Тартиб мувофиқат дорад (70–79 хол) - 4 диссертатсия бо гирифтани

71 ва 76 хол (4 адад); 4) ба талабот ҷавобгӯ нест (60–69 хол) - 1 диссертатсия бо гирифтани 64 хол.

Бояд тазаккур дод, ки бо сабаби дар озмоиш қарор доштани «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) мо таҳлилро бо гузоштани рамз ба диссертатсияҳо, бе нишон додани ному насаби диссертантҳо анҷом додем. Масалан, ТКД-1ДО - таҳлили квалиметрии диссертатсияи 1 аз Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев.

Аз рӯйи нишондиҳандаҳо миқдори диссертатсияҳои аз таҳлили квалиметрӣ гузаронидаро чунин тақсим кардан имкон дорад (ҷадвали 21):

**Ҷадвали 21. Натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои интихобан арзёбишуда, ки дар Шурои диссертатсионии Д 737.001.01 дифоъ шудаанд:**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Баҳогузорӣ бо хол** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
| 1. Мубрамияти таҳқиқот | нест | нест | 2 диссертатсия | 3 диссертатсия | 1 диссертатсия |
| 2. Навгонии илмӣ | нест | нест | 1 диссертатсия | 5 диссертатсия | нест |
| 3. Аҳаммияти назариявӣ | 1 диссертатсия | нест | нест | 5 диссертатсия | 1 диссертатсия |
| 4. Аҳаммияти амалӣ | нест | нест | нест | 6 | нест |
| 5. Саҳми шахсии диссертант | 1 диссертатсия | 2 диссертатсия | 3 диссертатсия | нест | нест |
| 6. Заминаи далелноккунӣ (аргументатсия) | нест | нест | 2 диссертатсия | 4 диссертатсия | нест |
| 7. Қисмати озмоишӣ–таҷрибавии таҳқиқот | 1 диссертатсия | нест | нест | 5 диссертатсия | нест |
| 8. Асоснокӣ ва коршоямии (валидияти) хулосаҳои таҳқиқот | нест | нест | 2 диссертатсия | 4 диссертатсия | нест |
| 9. Асосноккунии методологии фарзия | нест | нест | 2 диссертатсия | 4 диссертатсия | нест |
| 10. Забон, услуби | нест | нест | 1 | 5 | нест |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| баѐн | | | диссертатсия | диссертатсия | |
| 11. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ | 1 диссертатсия | нест | нест | 3 диссертатсия | 2 диссертатсия |
| 12. Миқѐси татбиқ | нест | нест | 1 диссертатсия | 5 диссертатсия | нест |
| 13. Дараҷаи татбиқ, тасвиб | нест | нест | 1 диссертатсия | 5 диссертатсия | нест |
| 14. Дараҷаи ҷамъбасткунӣ | нест | нест | нест | 4 диссертатсия | 2 диссертатсия |
| 15. Дараҷаи эътимоднокӣ | нест | 2 диссертатсия | нест | 3 диссертатсия | 1 диссертатсия |
| 16. Пайдарпайӣ ва мантиқӣ будани мундариҷаи кор | нест | нест | нест | 6 диссертатсия | нест |
| 17. Сатҳи маводи аз рӯйи мавзуи таҳқиқот нашршуда | нест | 1 диссертатсия | 1 диссертатсия | 4 диссертатсия | нест |
| 18. Мутобиқати тақсимот ба бобу зербобҳо ба вазифаҳои таҳқиқот | нест | нест | нест | 6 диссертатсия | нест |
| 19. Сатҳи таълифи матни асосии диссертатсия | нест | нест | нест | 6 диссертатсия | нест |
| 20. Сатҳи таълифи муқаддима, хулоса ва қисматҳои дигари диссертатсия | нест | нест | 4 диссертатсия | 2 диссертатсия | нест |

Чунонки аз ҷадвали боло бармеояд, дар диссертатсияҳои интихобан тибқи таҳлили квалиметрӣ арзѐбишуда бештар норасоиҳо дар аҳаммияти назариявӣ, саҳми шахсии диссертант, қисмати озмоишӣ–таҷрибавии таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи ҷамъбасткунӣ дараҷаи эътимоднокӣ ва сатҳи маводи аз рӯйи мавзуи таҳқиқот нашршуда ба назар мерасанд. Бо нишондиҳандаҳои мубрамияти таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти амалӣ, заминаи далелноккунӣ (аргументатсия), асоснокӣ ва коршоямии (валидияти) хулосаҳои таҳқиқот, асосноккунии методологии фарзия, забон, услуби баѐн, миқѐси татбиқ, дараҷаи татбиқ ва тасвиб, дараҷаи ҷамъбасткунӣ, пайдарпайӣ ва мантиқӣ будани мундариҷаи кор, мутобиқати тақсимот ба бобу зербобҳо ба вазифаҳои таҳқиқот сатҳи таълифи матни асосии диссертатсия, сатҳи таълифи муқаддима, хулоса ва қисматҳои дигари

диссертатсия таҳқиқоти таълифшуда ва мавриди таҳлили квалиметрӣ қарордошта аз рӯйи сифат нисбатан дар сатҳи болотар ҷойгиранд.

Вобаста ба рӯйхати диссертатсияҳои ҳимояшуда, ки дар боло оварда шудааст, ҳаминро низ бояд таъкид намуд, ки таҳлили квалиметрии фаъолияти яксолаи Шурои диссертатсионии Д 737.001.01 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро дар соли 2012 собит намуд, ки аз шумораи умумии диссертатсияҳои ҳимояшуда 77 фоизро таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯёни хориҷӣ (аз Ҷумҳурии Исломи Эрон) ва танҳо 23 фоизи онро муҳаққиқони ватанӣ ташкил медиҳанд. Ин бори дигар масъулони соҳаи илму маорифи кишварро водор намуд, ки ба ҷалби неруҳои илмии ватанӣ ба пажӯҳиш ва таъмини истиқлолияти илмию фарҳангӣ диққати аввалиндараҷа диҳанд.

Ҳамин тавр, тибқи таҳлили квалиметрии сарчашмаҳо дар давоми солҳои 1979-2004 дар Шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)» дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (қаблан – Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко (1956), сипас Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Қандил Ҷӯраев (29.08.1992), баъдтар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (3.01.1997) ва ниҳоят Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (03.04.2007) 18 диссертатсияи докторӣ ва 115 диссертатсияи номзадӣ ҳимоя шуда буд [363].

Бояд зикр намуд, ки таҳлили квалиметрии нишондиҳандаҳои мазкур дар заминаи талаботи санадҳои расмӣ ва фаъолияти шуроҳои диссертатсионии КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия (ҳоло Вазорати илм ва таҳсилоти олӣ) оид ба илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон, ки солҳои 1979, 1995 ва 2003 ташкил карда шуда, минбаъд фаъолияташон тамдид ёфт, анҷом дода шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо таъсиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 001-ШД дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисосҳои 6D011900 – Забони хориҷӣ (анлисӣ, немисӣ) 6D012000 – таълими касбӣ (аз 27.04.2017) барои муҳаққиқони тоҷик ҷиҳати гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисосҳои номбурда имконияти бештар фароҳам омад. Мутаассифона, аз ин гуна имконияти мусоид масъулон ва унвонҷӯён ба таври самаранок истифода бурда натавонистанд. Зеро соли 2017 дар шурои мазкур ҳамагӣ 2 нафар, соли 2018 – 3 нафар ва дар соли 2019 танҳо 2 нафар, яъне дар ин муддат, ҳамагӣ 7 нафар диссертатсияҳои худро ҳимоя кард, ки ин нишондод дар қиёс бо талаботи рӯзафзуни соҳаҳои илму маорифи кишвар нисбат ба омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ қаноатбахш нест.

Аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, ки ташкили шуроҳои диссертатсионии КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия дар Тоҷикистон агар, аз як тараф, ба афзудани шумораи рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктор ва номзади илм дар соҳаи педагогика мусоидат карда бошад, вале масъулону унвонҷӯён имкониятҳои Шурои ватании 6D.КОА – 001-ШД дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисосҳои 6D011900 – Забони хориҷӣ (анлисӣ, немисӣ) 6D012000 – таълими касбӣ ба таври самаранок истифода бурда натавонистанд, ки сабаби асосии он аз инҳо иборат мебошад:

- фаъолияти ғайрисамараноки кафедраҳои тахассусӣ ва шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, ки дар кам гардидани шумораи пешниҳоди рисолаҳо ба ҳимоя зоҳир мегардид;

- мавҷуд набудани робитаи доимӣ бо роҳбарони илмӣ, ки берун аз ҷумҳурӣ фаъолият доштанд ва бинобар сабаби маҳдудиятҳои молиявӣ унвонҷӯён имконияти робитаи пайваста бо онҳоро надоштанд;

- истифодаи ғайримақсадноки ҷойҳои имтиёзнок барои шахсоне, ки ба қадри зарурӣ қобилияти илмию эҷодӣ надоранд;

- иҷро нагардидани нақшаҳои инфиродии илмии унвонҷӯён, ки ҳимояи саривақтии диссертатсияҳоро ба таъхир мегузорад ва ғайра.

Дар баробари ин, раванди таҳқиқот муайян намуд, ки ба ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ омилҳои зерин низ таъсир расонидаанд:

- буҳрони шадиди сиёсию маънавии солҳои 90-уми асри гузашта ва таъсири он ба соҳаи илму маорифи ҷумҳурӣ;

- суст гардидани ҳамкориҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла, робитаҳои Донишгоҳ дар соҳаи илму маориф бо марказҳои бузурги илмии собиқ шуравӣ;

- қатъ гардидани фаъолияти шуроҳои диссертатсионии КОА- и Федератсияи Россия дар қаламрави ҷумҳурӣ;

- ҷалби ғайриқаноатбахши муҳаққиқони ватанӣ ба таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла, ба таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- паст гардидани нишондиҳандаҳои сифатии таълим ва таҳқиқоти илмӣ дар кафедраҳои пешбар.

Хулоса, таҳлили квалиметрии таҳқиқоти педагогии дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шуроҳои диссертатсионии он анҷомдодашуда нишон дод, ки дар баробари дастовардҳо дар ин самт норасоиҳо низ кам нестанд ва ҳатто бо итифода аз «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) диссертатсияҳое маълум карда шуданд, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Аз ин рӯ, мунтазам таҳлил ва ошкор намудани камбудиҳои мазкур барои ташкили бонизом ва самараноки фаъолияти ояндаи шуроҳои диссертатсионӣ, аз ҷумла, шуроҳои диссертатсионии ватанӣ бағоят муҳим мебошад. Ҳамзамон, баҳри баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии ватанӣ ва хориҷии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ андешидани тадбирҳои зерин мувофиқи матлаб аст:

- баланд бардоштани мақом ва масъулияти шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар раванди омодасозии ҳамаҷонибаи унвонҷӯён;

- ба инобат гирифтани неруи илмӣ ва қобилияти илмию эҷодии унвонҷӯён ҳангоми қабул ба зинаи магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD);

- бо мақсади таъмини пешниҳоди саривақтии диссертатсияҳо ба ҳимоя роҳандозӣ намудани назорати қатъии иҷрои нақшаҳои инфиродии магистрантон, докторантон ва унвонҷӯён;

- такмили механизми ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон ҷиҳати ҷалби онҳо ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳсил дар зинаҳои магистратура ва докторантура;

- баланд бардоштани масъулияти кафедраҳои пешбар, роҳбарон ва мушовирони илмӣ нисбат ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти илмии унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ;

- бо мақсади дастгирӣ ва интишори саривақтӣ ва босифати натиҷаи фаъолияти илмии омӯзгорон ва унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ таҳким бахшидани иқтидорҳои полиграфии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ;

- таъсиси озмоишгоҳҳои илмӣ ва таҳкими базаи модӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат;

- такмили фонди анъанавӣ ва электронии китобхонаҳои илмии донишкада ва донишгоҳҳои ҷумҳурӣ бо адабиёти илмии соҳавӣ, донишномаҳо, луғатҳои тафсирии истилоҳоти илмӣ ба забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ;

- ба сифати нишондиҳандаи асосӣ ва афзалиятноки аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахусус, кафедраҳои пешбар ба инобат гирифтани шумораи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ.

## 3.2. Таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Бояд зикр намуд, ки дар шароити имрӯза Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохторҳои он муассисаҳои пешбарандаи сиёсати давлатӣ

дар рушди илм ва таҳқиқоти соҳаи маориф ба шумор меравconfigуд. Дар заминаи пажӯҳишҳои бунёдии муассисаҳои мазкур бояд на танҳо сифати таҳсилот ва хизматрасониҳо дар соҳаи илму маориф, балки вазъият ва сатҳу сифати таҳқиқоти бунёдии педагогӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳанд. Доир ба ин масъала ва умуман вобаста ба рисолати минбаъдаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат санаи 18 марти соли 2020 басо нуктасанҷона ва ҳидоятгарона таъкид намуданд: «Академияи таҳсилот ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф дар сохтори Вазорати маориф ва илм фаъолият карда, масъалаҳои вобаста ба низоми таълиму тарбияро таҳқиқ менамоянд. Олимони муассисаҳои илмии зикршуда илова ба таҳияи стандартҳои таълимиву фаннӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва омӯзиши масъалаҳои педагогикаи муосир нишондиҳандаҳои барномаву консепсияҳои давлатиро таҳлил карда, мониторинги сифати таълим ва иҷрои нақшаву барномаҳои таълимиро дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ анҷом медиҳанд. Лекин тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, фаъолияти ин муассисаҳои илмӣ чандон самарабахш нест. Академияи таҳсилот ба масъалаи дурнамои рушди маориф бояд диққати аввалиндараҷа дода, доир ба мақоми мактаби муосир, сатҳу сифати китобҳои дарсӣ, ворид кардани ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамон дар китобҳои дарсии фанҳои ҷамъиятиву гуманитарӣ, раванди таълим, таносуби соатҳои фаннӣ, усулҳои фаъоли таълим, роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои табиӣ, риёзиву дақиқ ва ташаккули зеҳнияти хонандагону донишҷӯён пешниҳодҳои мушаххас манзур намояд» [362].

Дар ин радиф, арзёбии квалиметрии самаранокии фаъолияти илмӣ, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар Шурои диссертатсионии Д 047.014.01 Институти илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон) ҳимоя шудаанд,

имкон медиҳад, ки бо мақсади иҷрои дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат барномаи илман асосноки рушди ояндаи ин муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ тарҳрезӣ ва пешниҳод гардад.

Ба ин мақсад мо интихобан Шурои диссертатсионии Д 047.014.01-и назди муассисаи номбурдаро, ки дар давоми солҳои 2005-2007 нисбат ба дигар Шуроҳои диссертатсионии соҳаи илмҳои педагогӣ фаъолияти пурмаҳсул дошт, мавриди баррасӣ қарор додем.

Шурои диссертатсионии Д 047.014.01 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои докторӣ дар назди Институти илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия № 622 аз 15.04.2005 ба муҳлати то 15 ноябри соли 2007 тасдиқ шуда буд. Ба Шурои диссертатсионии мазкур иҷозат дода шуда буд, ки барои ҳимоя диссертатсияҳоро аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)» қабул кунад.

Таҳлили фаъолияти Шурои диссертатсионии Д 047.014.01 дар солҳои 2005-2007 нишон дод, ки дар ин давра 59 адад таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла 52 адад диссертатсияҳои номзадӣ ва 7 адад диссертатсияҳои докторӣ ҳимоя карда шудаанд (ҷадвали 21):

**Ҷадвали 22. Миқдори таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар Шурои диссертатсионии Д 047.014.01 солҳои 2005-2007 ҳимоя шудаанд**

| **Намуди диссертатсияҳо** | **Соли 2005** | **Соли 2006** | **Соли 2007** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|
| 1. Диссертатсияҳои номзадӣ | 6 | 26 | 20 | 52 |
| 2. Диссертатсияҳои докторӣ | 0 | 6 | 1 | 7 |
| **Ҷамъ** | **6** | **32** | **21** | **59** |

Дар таҳқиқоти худ мо, инчунин, интихобан фаъолияти Шурои диссертатсионии мазкурро дар соли 2007 аз нигоҳи квалиметрӣ аз рӯйи се

меъёр – мавзуъ, навгонӣ ва дараҷаи татбиқ дар мисоли 21 таҳқиқоти диссертатсионӣ (1 адад докторӣ ва 20 адад номзадӣ) таҳлил намудем. Ин таҳқиқот чунин буданд:

1. Диссертатсияи Абдуллоев Абдураҳим таҳти унвони «Худомӯзии директорони мактабҳо дар низоми такмили муттасили ихтисоси онҳо: дар заминаи маводи мактабҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Диссертатсия ба худомӯзии директорони мактабҳо дар низоми таҳсилоти муттасил бо мақсади такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф, вусъатёбӣ ва васеъ гардидани уҳдадориҳои функсионалии онҳо бахшида шудааст. Вобаста ба ин, дар кори илмӣ масъалаҳои марбут ба талаботи асосии вазъи иҷтимоӣ-фарҳангӣ нисбат ба уҳдадориҳои функсионалии директорони мактабҳо, худомӯзии онҳо баррасӣ гардидааст. Ҳамзамон, дар диссертатсия салоҳиятнокии касбии директорони мактабҳо ва сатҳи худомӯзии онҳо аз ҷиҳати назариявӣ ва методӣ асоснок шуда, амсилаҳои самарабахши фаъолияти худомӯзии директорони мактабҳои деҳот таҳия гардидааст, ки ба такмили фаъолияти идоракунии онҳо равона карда шудааст. Дар кори диссертатсионӣ барои хадамоти гуногуни методӣ оид ба ҷорӣ намудани низоми муттасил рушдёбандаи фаъолияти худомӯзии директорони мактабҳои деҳот тавсияҳо манзур гардидаанд. Ҳамин тавр, дар диссертатсия мундариҷаи таҳсилоте инъикос ёфтааст, ки ба талаботи вазъи иҷтимоӣ-педагогӣ ва гуногуншаклии худомӯзии директорони мактабҳо ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он, инчунин, вазъият ва махсусияти тарзи ҳаёт ва истеҳсолоти деҳотро ба инобат гирифта, зарурати фаъолгардонии раванди истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи директорони мактабҳои шаҳр ва инноватсияҳои психологӣ-педагогии муосирро бо далелҳо собит намудааст. Дар диссертатсия принсипи тафриқавӣ ва фардикунонии нақшаҳо ва барномаҳои худомӯзии директорони мактабҳо зикр карда шудааст.

2. Диссертатсияи Абдулфайзова Сабоат Нуриддиновна таҳти унвони «Ташаккули маҳорату малакаҳои ибтидоии меҳнатии мактаббачагони хурдсол дар раванди фаъолияти таълимӣ» [241].

Ин кор ба проблемаи ташаккули маҳорату малакаҳои ибтидоии меҳнатии мактаббачагони хурдсол бахшида шудааст. Дар он масъалаи ташаккули маҳорату малакаҳои ибтидоии меҳнатии мактаббачагони хурдсол дар ҷараѐни фаъолияти таълимӣ аз нигоҳи назариявӣ асоснок карда шуда, методикаи татбиқи он коркард ва пешниҳод гардидааст; асосҳои ташаккули малакаҳои меҳнатӣ ошкор карда шуда, нисбат ба ташаккули маҳорату малакаҳо дар ҷараѐни таълим ҳамчун воситаи тарбияи меҳнатии мактаббачагони хурдсол озмоиш ба роҳ монда шуда, методҳои илмӣ асоснок ва пешниҳодҳо ба таври мушаххас манзур карда шудаанд. Илова бар ин, муаллиф исбот намудааст, ки ташаккули маҳорату малакаҳои ибтидоӣ дар ҷараѐни таълим метавонад дар мавриде ба сифати воситаи тарбияи меҳнатии мактаббачагони хурдсол хизмат кунад, ки агар ҳангоми ташаккули фаъолияти таълимӣ ҷанбаҳои умумӣ ва нисбатан муҳимми фаъолияти меҳнатӣ, аз ҷумла, сохтор, раванди ҳалли вазифаҳо, сифати шахсият, меъѐрнокии иҷтимоӣ амсиласозӣ шуда, татбиқи он дар ҷараѐни ҳалли вазифаҳо сурат гирад.

3. Диссертатсияи Алиева Адиба Иймомназаровна «Асосноксозии педагогии технологияҳои инноватсионии саводомӯзӣ дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» [243].

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи технологияҳои инноватсионии саводомӯзӣ дар мактабҳо бахшида шудааст. Дар он самаранокии низоми дидактикии технологияи инноватсионии таълими савод тавассути таҷрибагузаронӣ асоснок гардидааст, ки он методи аналитикӣ-синтетикии овозиро бо дарназардошти гирифтани хусусияти лингвофонетикии забони тоҷикӣ такмил медиҳад; дастурҳои таълимӣ оид ба саводомӯзӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ ва интиқодӣ қарор дода шудаанд; мутобиқати китоби дарсии «Алифбо» бо методи аналитикӣ-синтетикии овозӣ ошкор карда

шудааст; китоби дарсии «Алифбо»-и амалкунанда ҳамаҷониба таҳлил карда шуда, нақши он дар ҳалли вазифаҳо оид ба саводомӯзӣ зикр гардидааст. Муаллиф саҳми муҳаққиқон-методистони тоҷикро дар такмили методи аналитикӣ-синтетикии овозӣ ва мутобиқати он бо хусусиятҳои забони тоҷикӣ муайян ва арзёбӣ кардааст.

4. Диссертатсияи Ашӯралиев Муродалӣ Имомалиевич «Тарбияи маънавии мактабиён дар суннатҳои педагогии мардуми тоҷик» [245].

Ин кори илмӣ ба проблемаи тарбияи маънавии мактабиёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар суннатҳои педагогии мардуми тоҷик бахшида шудааст. Дар кори диссертатсионӣ роҳу воситаҳои истифодаи бонизоми суннатҳои пешқадами мардумӣ ва динӣ, ки ба ташаккули тарбияи маънавии мактабиён таъсир мерасонанд, ошкор карда шуда, муносибати нави этнопедагогӣ, ки аз хусусияти ғоявӣ-назариявии ҷомеаи демократӣ бармеояд, асоснок карда шудааст. Муаллиф ҷараёни инкишофи афкори пешқадам ва неруи тарбиявии халқи тоҷикро аз ҷиҳати таърихӣ-педагогӣ таҳлил намуда, илман асоснок кардааст; тамоюлоти нисбатан муҳимми рушди афкори педагогӣ дар этнопедагогикаи мардуми тоҷик ошкор карда шудаанд; муҳаққиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир вазъи тарбияи маънавии мактабиёнро таҳлил карда, имкониятҳо, шароитҳо, методҳо ва шаклҳои истифодаи суннатҳои пешқадами педагогии тоҷиконро дар мактаби муосир ва низоми тарбияи маънавию ахлоқӣ муайян намудааст, ки он ба ташаккули тарбияи маънавию ахлоқии мактабиён дар заминаи суннатҳои педагогии мардуми тоҷик ва татбиқи амалии онҳо мусоидат хоҳад кард.

5. Диссертатсияи Афзалӣ Маҳбуба Камоловна «Низоми тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии донишҷӯён оид ба ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ, ки суботу амнияти ҷомеаро таъмин менамояд» [244].

Диссертатсия ба баррасии проблемаҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии донишҷӯён тавассути ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётии онҳо бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар раванди таҳқиқот моҳияти мафҳуми «ватандӯстӣ» ва

«тарбияи ватандӯстӣ»-ро таҳлилу маънидод кардааст; сатҳи омӯзиши илмии мавзуи арзишҳои маънавии умумибашарӣ муайян карда шуда, заминаҳои ибтидоии назариявӣ ва нуктаҳои асосии мавзуи мавриди таҳқиқ тавассути омӯзиши амиқи адабиёти педагогӣ ва психологӣ асоснок карда шудаанд. Дар заминаи таҳлили вазъи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии ҷавонон, муҳаққиқ вазъи воқеии омӯзиши проблемаи мазкурро то даврони соҳибистиқлолӣ ва даврони истиқлолияти давлатӣ дақиқ намудааст; омилҳои асосии иҷтимоӣ-педагогии ташаккули шаҳрвандӣ, имкониятҳои воқеии ташаккули худшиносии миллӣ, низоми педагогии фаъолияти тарбиявӣ, ки руҳияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии ҷавононро ташаккул медиҳад, ҳамзамон роҳҳои татбиқи онҳо дар рисола муайян карда шудаанд.

6. Диссертатсияи Баротов Камоллиддин Ашурович «Низоми дидактикии омодасозии муаллимони оянда дар мактаби олии педагогӣ барои татбиқи робитаи байнифаннӣ дар мактаби миёна».

Кори илмӣ ба проблемаи низоми омодасозии омӯзгорони оянда дар мактаби олии педагогӣ ҷиҳати амалисозии робитаи байнифаннӣ дар дарсҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки донишҳо оид ба робитаҳои байнифаннӣ вобаста ба вазифаҳои касбӣ-педагогӣ ва методӣ мураттаб мешаванд; дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ донишҳо оид ба робитаҳои байнифаннӣ дар ҷараёни таълими фанҳои сикли табиӣ-риёзӣ истифода бурда мешаванд; дар натиҷа робитаи мутақобила ва омезиши байниҳамдигарии фанҳои сикли психологӣ-педагогӣ бо курси методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ ба амал омада, ҷараёни омодасозии омӯзгорони оянда ба тавсияҳои касбӣ-педагогӣ ва методии илман асоснок мутобиқат хоҳад кард. Дар заминаи ҳамин андешаҳо дар диссертатсия асосҳои робитаи байнифаннии сикли фанҳои табиӣ-риёзӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ асоснок карда шудааст; таҳлили муқоисавии вазъи робитаи байнифаннии сикли фанҳои табиӣ-риёзӣ дар раванди омодасозии психологӣ-педагогӣ ва методии омӯзгорони оянда анҷом дода шуда, низоми дидактикии омодасозии

омӯзгори оянда барои таъмини робитаи байнифаннии сикли фанҳои табиӣ-риѐзӣ тaҳия ва пешниҳодҳо манзур гардидаанд. Таҳқиқгар мундариҷаи робитаи байнифаннии фанҳои сикли табиӣ-риѐзро дар омодасозии омӯзгори оянда муайян карда, хусусиятҳои психологӣ-педагогӣ ва методии омодасозии донишҷӯѐнро барои таъмини раванди робитаҳои байнифаннии сикли фанҳои табиӣ-риѐзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ ошкор намудааст; дар диссертатсия донишу малакаҳои асосии донишҷӯѐн дар мавриди робитаҳои байнифаннӣ сикли фанҳои табиӣ-риѐзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ муайян карда шуда, самаранокии истифодаи донишу малакаҳои донишҷӯѐн оид ба робитаҳои байнифаннӣ дар ҷараѐни таҷрибаомӯзии педагогӣ тавассути корҳои озмоишӣ санҷида шудааст.

7. Диссертатсияи Бирюкова Лариса Валерьевна «Асосҳои назариявии низоми таҳсилоти фосилавӣ ва ҷанбаҳои технологӣ-протсессуалии он» [249].

Ин рисола ба таҳқиқи ҷанбаи технологӣ–протсессуалии низоми таҳсилоти фосилавӣ равона карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, омодагии самарабахши омӯзгори оянда ба компютеркунонии раванди таълиму тарбия танҳо дар мавриде ноил гардидан мумкин аст, ки агар дар ҷараѐни омодасозии касбӣ-педагогӣ, ки дар заминаи муносибати шахсӣ-фаъолиятӣ амалӣ мегардад, омӯзгорони оянда донишҳои назариявиро оид ба объекти фаъолияти касбии худ, махсусан, идоракунии онро дар шароити комютерикунонӣ фаро гиранд. Вобаста ба ин, дар диссертатсия хусусиятҳои таҳсилоти фосилавӣ, ҷанбаҳо ва ҷойгоҳи методологияи таълими фосилавӣ дар низоми таҳсилот, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии коркарди курсҳои таълимии фосилавӣ ва методҳои санҷиши донишҳо дар ҷараѐни таълими фосилавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд; вазъи таҳсилоти фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заминаҳои қонунгузории амалкарди он тавсиф карда шудаанд; дар диссертатсия, инчунин, ташкили ҷараѐни таълим дар шакли фосилавӣ дар мисоли яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ инъикос ѐфта, дар асоси маводи мавҷуда дурнамои рушди таълими фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзѐбӣ гардидааст.

8. Диссертатсияи Ҷалилова Ҳафиза Аҳмадҷоновна «Маҳфили гулдӯзӣ ҳамчун воситаи омодасозии духтарон ба фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ (дар заминаи маводи оммавигардонии санъати гулдӯзии тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон) [252].

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба проблемаи омодасозии духтарон ба фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ тавассути маҳфили гулдӯзӣ бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, роҳбари маҳфили гулдӯзӣ танҳо ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои гулдӯзии аъзои маҳфил маҳдуд намешавад, балки ӯ ҳамчун роҳбар таваҷҷуҳро бештар ба ташаккули шавқу рағбатҳои маърифатӣ ва қобилиятҳои эҷодии кашидадӯзони оянда равона месозад, барои дар замири кашидадӯзони оянда ташаккул ёфтани сифатҳои маънавӣ-меҳнатӣ ба монанди меҳнатдӯстӣ, мустақилият, боинтизомӣ ва коллективизм кӯшиш менамояд. Дар заминаи ҳамин далелҳо муҳаққиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз намудҳои ҳунарҳои мардумиро эҳё намуда, аҳаммияти педагогӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии машғул шудан ба санъати гулдӯзиро дар шароити иқтисоди бозорӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудааст; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳи ташаккули омодагии роҳбари маҳфилро нисбат ба иҷрои функсияҳои омӯзгорӣ ва ташкилотчигӣ ва сатҳи омодагии духтаронро дар раванди омӯзиши санъати гулдӯзӣ нисбат ба фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ муайян кардааст. Таҳқиқгар дар диссертатсия шароитҳои педагогии ташаккули самарабахши сифатҳои маънавӣ-меҳнатиро, ба монанди меҳнатдӯстӣ, мустақилият, боинтизомӣ ва коллективизм дар шароити маҳфили омӯзиши санъати гулдӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии равияи педагогӣ асоснок кардааст; дар диссертатсия, инчунин, нақши маҳфилҳо ҳамчун воситаи муҳимми омодасозии духтарон ба фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ барои интихоби бошууронаи касби оянда ба таври васеъ асоснок ва маънидод гардидааст.

9. Диссертатсияи Ҷӯраева Хайриҷон Юнусҷоновна «Тарзҳои татбиқи принсипҳои дидактикӣ ҳангоми таълими компютерӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [254].

Кори илмии мазкур ба таҳқиқи масъалаи тарзу усулҳои татбиқи принсипҳои дидактикӣ дар ҷараёни таълими компютерӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллиф, дониш, маҳорату малакаҳо оид ба татбиқи принсипҳои дидактикӣ ба тамоюлоти истифодаи босуръати технологияҳои компютерӣ ҷавобгӯ буда, барои омӯзгорони фанни «Информатика» тибқи дурнамои компютеркунонии фаъолияти педагогӣ дар мавриде самарабахш амалӣ мегардад, ки агар мундариҷаи махсуси омодасозии касбии омӯзгорон таҳия гардида, он ба татбиқи принсипҳои дидактикӣ аз ҷониби омӯзгорони фанни «Информатика» равона карда шавад ва пойяи модӣ-техникӣ барои таълими компютерӣ ба талаботи меъёрӣ мутобиқат намояд, яъне таҷҳизонидани синфхонаҳои компютерӣ бо технологияҳои муосири компютерӣ вобаста ба компютерикунонии фаъолияти педагогӣ амалӣ гардад. Илова бар ин, агар дар фаъолияти педагогӣ ба такмили ихтисос ва худомӯзии омӯзгорони фанни «Информатика» оид ба татбиқи принсипҳои дидактикӣ ҳангоми таълими компютерӣ таваҷҷуҳи пайваста зоҳир гардад. Аз ин рӯ, муҳаққиқ хусусияти татбиқи принсипҳои дидактикиро аз ҷониби омӯзгорони фанни «Информатика» мутобиқ ба хусусияти фанни таълимии технологияи иттилоотӣ баррасӣ намуда, вобаста ба курси таълимӣ ҷиҳати татбиқи қоида ва талаботи ҳар як принсипи алоҳида маводи мушаххасро таҳлил намудааст. Дар диссертатсия барои арзёбии воқеии фаъолияти омӯзгори фанни «Информатика» сатҳҳои мушаххаси татбиқи принсипҳои дидактикӣ муайян карда шудаанд. Дурустии нуктаҳои асосии назариявӣ оид ба муайян кардани роҳу воситаҳои самараноктарини татбиқи принсипҳои дидактикӣ ҳангоми таълими компютерӣ тавассути гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ собит карда шудааст.

10. Диссертатсияи Ҷумъабоев Рустам Абдухамитович «Ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба корҳои касбинтихобкунӣ дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ» [255].

Диссертатсия ба таҳқиқи проблемаи омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни технология ба корҳои касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия, мукаммалӣ, муттасилият ва пайдарҳамии раванди ташаккули омодагии омӯзгорони ояндаи фанни технология дар мавриде самаранок хоҳад шуд, ки агар ҳангоми таҳқиқи раванди омодагии омӯзгорон нисбат ба фаъолияти касбӣ аз усулҳои (бархӯрдҳои) комил ва шахсӣ-фаъолиятӣ истифода бурда шавад. Тавре ки аз таҳлили диссертатсия бармеояд, дар ҷараёни таҳқиқот фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфии донишҷӯён бо дарназардошти амсилаи меъёрии омӯзгор-ташкилотчии касбинтихобкунӣ ба роҳ монда шудааст. Ба андешаи диссертант, имкониятҳои функсионалии машғулиятҳои таълимӣ ва беруназсинфии сикли махсус, инчунин, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ-таҳқиқотии донишҷӯён бояд мақсаднок ва мунтазам гузаронида шаванд. Дар заминаи асосҳои назариявии мазкур муҳаққиқ нуктаҳои консептуалиро ошкор намуда, мундариҷа ва сохтори омодагии омӯзгорони фанни «Технология»-ро ба фаъолияти роҳнамоӣ ба касбинтихобкунии мактабиён муайян намудааст; дар диссертатсия амсилаи меъёрии омодагии омӯзгорони фанни «Технология» ба корҳои марбути касбинтихобкунии мактабиён таҳия шуда, имкониятҳои функсионалии машғулиятҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ оид ба ихтисос дар ташаккули омӯзгори оянда ба фаъолияти ба касбинтихобкунӣ алоқаманд, роҳҳо, шаклу усулҳо ва шароитҳои ташаккули самарабахши омодагии ба касбинтихобкунӣ алоқаманди омӯзгори оянда дар ҷараёни таълим ва беруназсинфӣ муайян карда шудаанд. Муҳаққиқ барои такомули минбаъдаи сатҳи омодагии омӯзгорони ояндаи фанни «Технология» ба фаъолияти марбути касбинтихобкунии мактабиён тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод намудааст.

11. Диссертатсияи Қаландаров Асомуддин Шарифович «Асосҳои педагогии омодасозии афсарони мустаъфӣ дар мактабҳои олии шаҳрвандии (ғайринизомии) Ҷумҳурии Тоҷикистон» [259].

Кор ба таҳқиқи асосҳои педагогии омодасозии афсарони мустаъфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии шаҳрвандии (ғайринизомии) Тоҷикистон бахшида шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ, омодагии касбии афсарони мустаъфӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайринизомӣ дар мавриде самаранок ҷараѐн хоҳад гирифт, ки агар мундариҷаи тайѐрии ҳарбӣ тамоюлоти муосири рушд, таҳарруки амалигардонии натиҷаҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ба муҳити касбии ҳарбӣ ва дар заминаи суръатбахшии татбиқи усулҳои таълим самтҳои асосии азнавсозии тайѐрии ҳарбиро инъикос карда тавонад. Муҳаққиқ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути муайян намудани моҳияти фанҳои таълим дар татбиқи функсияҳои мақсадноки омодагии касбии ҳарбӣ роҳҳои мутобиқгардонии равандҳои стандартсозии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти ҳарбиро нишон додааст; самтҳо ва роҳҳои ташкили омодагии ҳарбӣ дар ҷараѐни омӯзиши фанҳои ҳарбӣ-касбӣ коркард ва дар амал татбиқ карда шудааст. Дурустии андешаву далелҳои мазкур тавассути таҳлили фармоиши иҷтимоӣ барои тайѐр кардани афсарони мустаъфӣ, инчунин, мушкилот ва омодагии ҳарбии онҳо дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайринизомӣ санҷида ва татбиқ карда шудаанд; дар диссертатсия, инчунин, хусусиятҳои педагогӣ-психологии омодасозии афсарони мустаъфӣ, низоми талаботи педагогӣ барои татбиқи раванди омодасозии таълимӣ-иттилоотӣ ва ҳарбӣ-касбии онҳо, низоми методҳо ва принсипҳои фаъолгардонии раванди таҳсилот дар ҷараѐни омодагии ҳарбӣ муайян карда шудаанд; муҳаққиқ воситаҳои фаъолгардонии кору машғулиятҳои таълимӣ-маърифатии донишҷӯѐнро дар ҷараѐни омӯзиши курси асосии омодагии ҳарбӣ ва гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии омодагии ҳарбӣ санҷида, илман асоснок намудааст.

12. Диссертатсияи Қосимова Идигул Тағаевна «Хусусиятҳои дидактикии татбиқи функсияи фарҳангсозии омӯзиши забони русӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [260].

Рисола ба таҳқиқи проблемаи татбиқи функсияи фарҳангсози омӯзиши забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон равона

шудааст. Муаллифи диссертатсия дар асоси омӯзиши адабиѐти махсуси педагогӣ, барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои кор ва амалияи мавҷудаи таълимӣ тақиқи маҷмуии хусусиятҳои дидактикии татбиқи функсияи фарҳангсози омӯзиши забони русиро дар заминаи маводи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додааст. Натиҷаҳои асоси таҳқиқоти мазкур аз инҳо иборатанд: тавассути омӯзиши амиқ ва ҳаматарафаи адабиѐти педагогӣ ва психологӣ заминаҳои ибтидоии назариявӣ ва нуктаҳои асосии мавзуи мавриди таҳқиқ муайян карда шудаанд; ба мақсади муайян намудани сабабҳои рух додани ғалатҳои луғавӣ ва луғавӣ-грамматикӣ онҳо қаблан ошкор ва гурӯҳбандӣ карда шудаанд; таҳқиқгар таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистонро дар мавриди аз худ кардани категорияҳои грамматикӣ дар самти луғавӣ омӯхта, ҷамъбаст намудааст; барои донишҷӯѐн маҷмуи лексикаи таълимӣ интихоб карда шуда, усулҳои нисбатан дурусту оқилонаи маънидодкунии калимаҳо, ки барои фаъолона аз худ кардани донишҷӯѐн таъин гардидаанд, муқаррар карда шудаанд; барои таъмини амиқомӯзиии захираи луғавӣ аз ҷониби донишҷӯѐн низоми машқҳои луғавӣ ва луғавӣ-грамматикӣ коркард шудаанд.

13. Диссертатсияи Мирганова Нигина Рауфовна «Таърихи ташаккулѐбӣ ва рушди низоми таҳсилоти олӣ дар шароити таҳаввулоти ҷомеа (нимаи дуюми солҳои 80-90-уми асри XX)» [262].

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳқиқи таърихи ташаккул ва рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон дар шароити самтгирии кишвар ба сӯи арзишҳои демократӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар диссертатсия тамоюлҳои таърихии ташаккули низоми таҳсилоти олии касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, заминаҳои иҷтимоӣ-педагогии пайдоиш, ташаккул, амалкард ва рушди равандҳои инноватсиониро дар низоми таҳсилоти олии касбӣ муайян намудааст; вазъи муосири проблемаи иҷтимоӣ-педагогиро дар адабиѐти таърихӣ-педагогӣ ва дигар таҳқиқоти илмӣ, вазифаҳои рушди равандҳои инноватсиониро дар низоми таҳсилоти олии касбии Тоҷикистони имрӯза тавсиф намуда,

консепсияи назариявӣ-методологии азнавсозии таҳсилоти олии касбиро дар давраи мавриди таҳқиқ таҳлил кардааст. Муҳаққиқ таҷрибаи соҳаи маорифи кишварҳои наздику дурро омӯхтааст, то ки омилҳоеро, ки боиси пешрафти соҳа мегарданд, ошкор созад ва аз рӯйи имкон таҷрибаи онҳоро ҷиҳати беҳбуд истифода намояд. Дар диссертатсия, инчунин, мундариҷаи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва мақсаднокии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар замони муосир муфассал таҳлил карда шудааст.

14. Диссертатсияи Раҷабова Меҳрӣ Раҷабовна «Робитаи байниҳамдигарии ташаккули тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқи хонандагони синни калон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ дар заминаи тоҷикӣ)» [267].

Кор ба таҳқиқи проблемаи ташаккули тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқи хонандагони синни калон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия алоқамандии тарафайни камолоти шахс, тафаккур ва инкишофи нутқи ӯ, инчунин, аҳаммияти назариявии мавзуи мавриди назар дар адабиёти фалсафӣ ва таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ нишон дода шуда, вазъи омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст; роҳу воситаҳои ташаккули тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқ дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ муайян карда шуда, таъминоти технологии он асоснок ва пешниҳод гардидааст.

15. Диссертатсияи Раҷабов Холмурод Ашурович «Такомули омодагии касбии донишҷӯёни мактабҳои олии педагогӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» [269].

Кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи проблемаи омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, ба

самаранокии ташаккули омодагии касбии омӯзгорони оянда ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамон вақт ноил шудан мумкин аст, ки агар самти дидактикии силсилаи фанҳои психологӣ-педагогӣ ва алоқамандии онҳо бо фанҳои ҷомеашиносӣ, махсус, инчунин, робитаи мутақобилаи омодагии назариявӣ ва амалии донишҷӯён таъмин карда шавад; таъмини мунтазамӣ, муттасилият ва пайдарҳамии ташаккули омодагии касби донишҷӯён ба фаъолияти таълимию тарбиявӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ шарти дигар ва бағоят муҳим арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти нуктаҳои мазкур диссертант таҳқиқоти назариявӣ оид ба нуктаҳои умумии таҷрибаомӯзии педагогӣ ва вазъи имрӯзаи омодагии омӯзгорон ва донишҷӯён ба корҳои таълимӣ-тарбиявиро дар мактабҳои тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор дода, дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ сохтори омодагии касбии омӯзгор ба фаъолияти педагогиро тавассути шароитҳо ва малакаҳои зарурӣ муайян намудааст; дар раванди таҳқиқот, инчунин, он шароитҳои педагогӣ, ки барои баланд бардоштани самаранокии омодагии касбии омӯзгорони оянда ба кори тарбиявӣ дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ заруранд, ошкор карда шуда, баҳри такмили омодагии касбии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои илмӣ-амалӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

16. Диссертатсияи Сайдуллаева Манзура Маҳкамовна «Проблемаи омодасозии кадрҳои педагогӣ дар Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият» [274].

Дар диссертатсия омадааст, ки омодасозии кадрҳои педагогӣ дар Тоҷикистон дар мавриде ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ ва ба стандартҳои байналмилалии таҳсилоти олии касбӣ мувофиқат хоҳад кард, ки агар заминаи модӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ ва неруи касбии маъмурони онҳо мустаҳкам карда шавад, раванди таълиму тарбия пайваста такмил ёбад, сифати таҳсилот беҳтар гардад, худидоракунии ба ибтикорот ва фаъолнокии ҳайати профессорону омӯзгорон ва

ташкилотҳои ҷамъиятӣ асосёфта инкишоф ёбад, тибқи сифатҳои касбӣ ва инсонӣ тарзи рафтору одоб омӯзгори нав ба воя расад, хизматрасониҳои таълимии пулакӣ мавқеи устувор пайдо кунанд ва сифати таҳсилот ба сатҳи стандартҳои ҷаҳонӣ расонида шавад. Муаллиф дар раванди таҳқиқот вазъи омодасозии кадрҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро то даврони истиқлолият ва баъд аз соҳибистиқлол гардидан дар муқоиса таҳлил намуда, оид ба омодасозии омӯзгорони оянда тавсияҳои илман асоснок пешниҳод кардааст, ки тибқи маводи нашркарда дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогии Тоҷикистон татбиқ шудааст.

17. Диссертатсияи Сафаров Шодӣ Асомуродович «Асосҳои педагогии ташаккули тарзи ҳаёти солими мактаббачагони хурдсол тавассути бозиҳои миллии серҳаракати тоҷикӣ (дар заминаи маводи синфҳои I-IV-уми мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ)» [276].

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳқиқи проблемаи ташаккули тарзи ҳаёти солими мактаббачагони хурдсол тавассути бозиҳои миллии серҳаракати тоҷикӣ мутобиқ ба талаботи педагогӣ бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллиф омили асосие, ки зарурати ташаккули мақсадноки тарзи ҳаёти солимро тавассути бозиҳои миллии серҳаракати тоҷикӣ ба миён мегузорад, ин ба таври оммавӣ бад шудани вазъи саломатии мактаббачагони хурдсол ва худро солим гардонида натавонистани онҳо ба шумор меравад. Ба андешаи муҳаққиқ, самаранокии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар шароити таҳсилоти муттасил дар натиҷаи муносибати тафриқавӣ имконпазир мегардад, зеро ба шарофати он дар замири мактаббачагони хурдсол ва волидайни онҳо талабот нисбат ба ҳифзи саломатии худ ташаккул меёбад; дар диссертатсия зарурати коркарди мундариҷа ва муайян намудани хусусияти корҳо оид ба зина ба зина ташаккул додани тарзи ҳаёти солими мактаббачагони хурдсол зикр гардида, ҳамзамон таъкид шудааст, ки он бояд бо дарназардошти омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таърихӣ-фарҳангӣ, этномиллӣ ва иқлимӣ-ҷуғрофии минтақа ба роҳ монда шавад. Дар заминаи ҳамин андешаҳо муҳаққиқ мундариҷа ва ҳаҷми таркиби мафҳумӣ-истилоҳотии

категорияҳои «саломатӣ», «таҳсилоти тарбияи ҷисмонӣ», «бозиҳои миллии серҳаракати тоҷикӣ»-ро таҳлил намуда, омилҳои самараноки ташаккули тарзи ҳаёти солими мактаббачагони хурдсолро дар ҷомеаи муосир ошкор сохтааст. Муаллиф, инчунин, меъёрҳои арзёбии инфиродии омодагии ҷисмонии мактаббачагони хурдсолро таҳия ва пешниҳод намудааст.

18. Диссертатсияи Холбеков Нуриддин Олимович «Ташаккули фаҳмиши экологии хонандагони синфҳои V-VI дар раванди омӯзиши фанҳои сикли риёзӣ» [281].

Кор ба таҳқиқи проблемаи ташаккули фаҳмиши экологии хонандагони синфҳои V-VI дар раванди омӯзиши фанҳои сикли риёзӣ бахшида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ муаллиф ба хулосае омадааст, ки ташаккули фаҳмиши экологии хонандагони синфҳои V-VI дар раванди омӯзиши фанҳои сикли риёзӣ дар мавриде самаранок ҷараён хоҳад гирифт, ки агар дар раванди таълими фанҳои силсилаи риёзӣ мукаммалӣ, муттасилият ва бонизомии таъсири зеҳнӣ ва эмотсионалӣ ба хонандагон таъмин карда шуда, дар мундариҷаи фанҳои сикли риёзӣ ба сифати муқаддима маводи назариявии дорои мафҳумҳои экологӣ ворид карда шаванд. Зеро маводи мазкур моҳияти илмҳои муосири экологиро ошкор сохта, сохтори мантиқии раванди таълимро халалдор намекунанд. Ба андешаи диссертант, дарсҳои назариявӣ, машғулиятҳои амалӣ, корҳои факултативӣ ва беруназсинфӣ оид ба фанҳои сикли риёзӣ бо машқҳо, вазифаҳо, супоришҳо, бозиҳои таълимӣ ва дигар маводи ёрирасони дорои мазмуни экологӣ мукаммал гардида, ба шарофати он дар раванди омӯзиши фанҳои мазкур робитаи байнифаннӣ таъмин гардида, ҷараёни ташаккули фаҳмиши экологии хонандагон такмил меёбад. Дар заминаи андешаҳои мазкур, муаллиф нақш ва ҷойгоҳи таҳсилоти экологиро дар низоми омодагии шахс ба ҳаёт ва фаъолияти меҳнатӣ ошкор сохта, низом ва таркиби мафҳумҳои экологиро ҳамчун ҷузъи сохтории таҳсилот ва тарбияи экологӣ шарҳ дода, дар ин замина пешниҳодоти мушаххас манзур кардааст; дар диссертатсия имконияти фанҳои таълимии сикли риёзӣ дар ташаккули фаҳмиши экологии хонандагони синфҳои V-VI

асоснок карда шуда, барои ворид намудан ба мундариҷаи фанҳои таълимии сикли риёзӣ маводи назариявӣ ва амалии дорои мазмуни экологӣ коркард ва тавсия дода шудааст; аз ҷониби муҳаққиқ роҳу воситаҳо ва шаклу методҳои ташаккули фаҳмиши экологии хонандагони синфҳои V-VI дар раванди омӯзиши фанҳои сикли фанҳои риёзӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок ва барои истифодаи амалӣ тавсия шудаанд.

19. Диссертатсияи Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич «Хусусиятҳои ташкил ва татбиқи таълими тафриқавии фанҳои табиӣ-риёзӣ дар синфҳои болоии мактаби миёна» [284].

Диссертатсия ба таҳқиқи проблемаи таълими тафриқавии фанҳои табиӣ-риёзӣ дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, ҳангоми омӯзиши фанҳои сикли табиӣ-риёзӣ танҳо дар мавриде ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардидан мумкин аст, ки агар барои ташкили раванди ратсионалии таълим аз усулҳои таълими тафриқавӣ истифода бурда шавад, шавқу рағбати хонандагон нисбат ба омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ бедор карда шавад, ниёзҳои маърифатӣ ва шавқу рағбати хонандагон дар раванди аз худ намудани мундариҷаи фанҳои табиӣ-риёзӣ қонеъ гардонида шавад, қобилият ва коршоямии хонандагон оид ба фанҳои мазкур инкишоф дода шаванд, ба ташаккули донишҳои амиқу устувори хонандагон оид ба фанҳои табиӣ-риёзӣ мусоидат карда шавад. Дар диссертатсия моҳияти таълими тафриқавӣ дар амалияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, дар ин замина механизми татбиқи таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ коркард ва барои ҷорӣ намудан дар амал пешниҳод карда шудааст. Муҳаққиқ низоми ташаккули донишу малака ва маҳорати хонандагонро тавассути таълими тафриқавӣ дар машғулиятҳои фанни риёзиёт таҳия намуда, самаранокӣ ва натиҷабахшии таълими тафриқавӣ, таъсири он ба дарсазхудкунии хонандагонро дар раванди таҳқиқоти таҷрибавӣ озмудааст; дар диссертатсия барои татбиқи таълими тафриқавии риёзиёт дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои илмӣ-методӣ пешниҳод карда шудаанд.

20. Диссертатсияи Ал-Амин Муҳаммад Абдуллоҳ Халафулло «Шароитҳои педагогии ташаккули омӯзгори оянда ба компютеркунонии раванди таълиму тарбия» [286].

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиши масъалаи омодагии омӯзгори оянда ба компютеркунонии раванди таълиму тарбия дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шудааст. Ба ақидаи диссертант ташаккули самарабахши омӯзгори оянда ба компютеркунонии раванди таълиму тарбия танҳо ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар омодасозии касбӣ-педагогӣ дар заминаи муносибати шахсӣ-фаъолиятӣ ба роҳ монда шуда, омӯзгорони оянда донишҳои назариявӣ оид ба объекти фаъолияти касбӣ, махсусан, хусусиятҳои идоракунии онро дар шароити компютеркунонӣ аз худ кунанд ва ба ҳамин гуна фаъолияти босифат ворид карда шаванд. Чунин муносибат барои робитаи мутақобилаи самарабахш дар низоми «инсон-инсон» ва «инсон-техника» имкон фароҳам меорад. Дар заминаи ҳамин гуна андешаҳо муҳаққиқ зарурати омодасозии омӯзгорониояндаро ба компютерикунонии раванди таълиму тарбия ва моҳияти онро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намуда, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳи ташаккули омодагии омӯзгориояндаро ба компютеркунонии раванди таълиму тарбия муайян кардааст; методикаи ташаккули омодагии омӯзгориояндаро ба компютеркунонии раванди таълиму тарбия муқаррар намуда, дурустии онро тавассути таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷидааст.

21. Диссертатсияи Яҳёев Мирзо «Асосҳои педагогии ташаккули рафтори мусбат ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии наврасон» [239].

Ин кор ягона диссертатсияи доктории ҳимояшуда дар соли 2007 буда, ба яке аз масъалаҳои муҳим – ташаккули рафтори мусбат ва пешгирии ҳуқуқнописандии наврасон бахшида шудааст. Ба андешаи диссертант, асосҳои педагогии ташаккули рафтори мусбат ва пешгирии ҳуқуқнописандии наврасон дар мавриде ошкор ва сипас амалӣ карда мешавад, ки агар

ормонҳои интихобнамудаи ҷомеа ва қонунияти меъёрэҷодкунии мавҷуда аз нигоҳи илмӣ исбот гардида бошад, заминаи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа камолоти мутаносиби шахсияти наврасонро таъмин карда тавонад, тахассуси ҳайати педагогӣ ба пояи нави илмӣ устувор ва ба талаботи инкишофи ботадриҷи насли наврас ҷавобгӯ бошад. Ҳамин тарзи масъалагузорӣ ба муаллиф имкон додааст, ки дар кори илмӣ консепсияҳои муосири ҷомеашиносӣ ва табиатшиносиро оид ба мавзуи мавриди назар таҳлил намуда, дар заминаи он асосҳои педагогии ташаккули рафтори мусбат ва роҳҳои пешгирии аҳлоқи ҳуқуқнописандии наврасонро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намояд. Дар диссертатсия ақидаву тасаввуроти ҳозиразамон ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ошкорнамоии рафтори ҳуқуқнописандии наврасон, пешгирии самарабахш ва азнавтарбиянамоии ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ таҳлилу ҷамъбаст карда шудаанд; моҳияту мундариҷа ва сохтори асосҳои педагогии пешгирии рафтори ҳуқуқнописандӣ муайян карда шуда, нуктаҳои асосии ташаккули рафтори мусбат ва роҳу воситаҳои пешгирии рафтори ҳуқуқнописандии наврасон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд.

Албатта, иловатан ба таҳлилҳои боло анҷом додани таҳлили квалиметрии ин диссертатсияҳо тибқи матритсаи таҳиянамудаи диссертант - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД), ки аз омезиши нишондиҳандаҳои квалиметрияи Черепанов В.С. ва Булатова Е.Г. бо намунаи пешниҳодкардаи Н.В. Баришников ва иловатан овардани боз 5 нишондиҳандаи дигар иборат мебошад, чунонки дар зербоби гузашта низ таъкид гардид, раванди умумии таҳқиқоти педагогии дар боло зикршударо равшантар менамояд. Умед дорем, ки як чунин таҳлил дар давраҳои минбаъда сурат хоҳад гирифт.

Дар баробари ин, омори Институти илмҳои педагогии назди Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, шаҳодат медиҳад, ки шумораи солонаи парвандаҳои тасдиқшудаи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ оид ба илмҳои педагогӣ дар ин ниҳоди илмӣ-таҳқиқотӣ қариб ду

маротиба афзуда буд. Дар давоми солҳои 2005-2007 ҳамагӣ 52 диссертатсияи номзадӣ ва 8 диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)» ҳимоя шудааст. Дар соли 2005 ягон диссертатсияи докторӣ ҳимоя карда нашудааст.

Ба мақсади муайян намудани сатҳи татбиқ ва истифодаи натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амалияи педагогӣ мо интихобан фаъолияти Шурои диссертатсионии Д 047.014.01-и назди Институти илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон)-ро дар соли 2007 таҳлил намудем. Натиҷаи таҳлил имкон медиҳад ки онҳоро ба чор гурӯҳи зерин ҷудо намоем.

Гурӯҳи аввал. Таҳқиқотеро фаро мегирад, ки оид ба мавзуъҳои таҳсилот ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мансубанд. Ба ин гурӯҳ диссертатсияҳои номзадии Абдуллоев Абдураҳим «Худомӯзии директорони мактабҳо дар низоми муттасили такмили ихтисоси онҳо», Алиева Адиба Имоназаровна «Асоснокии педагогии технологияҳои инноватсионии таълими савод дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ашӯралиев Муродалӣ Имомалиевич «Тарбияи маънавии мактабиён дар суннатҳои педагогии мардуми тоҷик», Ҷалилова Ҳафиза Аҳмадҷоновна «Маҳфили дӯзандагӣ ҳамчун воситаи омодасозии духтарон ба фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ», Ҷӯраева Хайриҷон Юнусҷоновна «Тарзҳои татбиқи принсипҳои дидактикӣ ҳангоми таълими компютерӣ дар шароити мактабҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Раҷабова Меҳрӣ Раҳматовна «Робитаи байниҳамдигарии ташаккули тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқии хонандагони синни калон дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ)», Сафаров Шодӣ Асомуродович «Асосҳои педагогии ташаккули тарзи ҳаёти солими мактаббачагони хурдсол тавассути бозиҳои миллии серҳаракати тоҷикӣ», Холбеков Нуриддин Олимович «Ташаккули

фаҳмиши экологӣ дар хонандагони синфҳои V-VI дар раванди омӯзиши фанҳои сикли риёзӣ», Шарипов Нусратулло Зайдуллоевич «Хусусиятҳои ташкил ва татбиқи таълими тафриқавии фанҳои табиӣ-риёзӣ дар синфҳои болоии мактаби миёна» ва диссертатсияи доктории Яҳёев Мирзо «Асосҳои педагогии ташаккули рафтори мусбат ва пешгирии ҳуқуқнописандии наврасон» дохил мешаванд.

Гурӯҳи дуюм. Ба ин гурӯҳ диссертатсияҳое дохил мешаванд, ки ба мавзуъҳои омодасозии омӯзгорони ояндаи мактабҳо тааллуқ доранд: Афзалӣ Маҳбуба Камоловна «Низоми тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии донишҷӯён оид ба ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ, ки суботу амнияти ҷомеаро таъмин менамояд», Баротов Камолиддин Ашурович «Низоми дидактикии омодасозии муаллимони оянда дар мактаби олии педагогӣ барои татбиқи робитаи байнифаннӣ дар мактаби миёна», Ҷумъабоев Рустам Абдухамитович «Ташаккули омодагии муаллимони ояндаи технология ба кори касбинтихобкунӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», Қаландаров Асомуддин Шарифович «Асосҳои педагогии омодасозии афсарони мустаъфӣ дар мактабҳои олии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қосимова Идигул Тағаевна «Хусусиятҳои дидактикии татбиқи функсияи фарҳангсози омӯзиши забони русӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Раҷабов Холмурод Ашурович «Такомули омодасозии касбии донишҷӯён дар мактабҳои олии педагогӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ» ва Ал-Амин Муҳаммад Абдулло Халафулло «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии муаллими оянда ба компютеркунонии раванди таълиму тарбия».

Гурӯҳи сеюм таҳқиқотеро фаро мегирад, ки ба мавзуъҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кормандони соҳаи маориф бахшида шудаанд. Ба ин гурӯҳ танҳо диссертатсияи номзадии Абдуллоев Абдураҳим «Худомӯзии директорони мактаб дар низоми муттасили такмили тахассуси онҳо» дохил мешавад.

Гурӯҳи чорум. Ба гурӯҳи мазкур диссертатсияҳое шомил мешаванд, ки ба мавзуъҳои назария, таърихи педагогика ва таҳсилот марбутанд. Ба ин

гурӯҳ метавон диссертатсияҳои номзадии зеринро ворид намуд: Бирюкова Лариса Валерьевна «Асосҳои назариявии таҳсилоти фосилавӣ ва ҷанбаи технологӣ-протсесуалии он», Мирганова Нигина Рауфовна «Таърихи ташаккулёбӣ ва рушди низоми таҳсилоти олӣ дар шароити таҳаввули ҷомеа (нимаи дуюми солҳои 80-90-уми асри XX)» ва Сайдуллоева Манзура Маҳкамовна «Проблемаи омодасозии кадрҳои педагогӣ дар Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият».

Бояд зикр кард, ки натиҷаи таҳқиқоти тамоми корҳои диссертатсионии гурӯҳи якум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда шудаанд, ки инро мақолаҳои илмӣ, монографияҳо, тасвиб ва татбиқи амалии онҳо дар конференсияҳо собит менамояд. Ҳамин нуктаро нисбат ба диссертатсияҳои гурӯҳи дуюм низ таъкид кардан мумкин аст: натиҷаҳои илмии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ татбиқ карда шуда, дар мақолаҳои илмӣ ва монографияҳо инъикос ёфтаанд. Натиҷаи корҳои диссертатсионӣ оид ба худомӯзии директорони мактабҳо, яъне гурӯҳи сеюм дар муассисаҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кормандони соҳаи маориф амалӣ карда шудааст. Натиҷаи илмии таҳқиқоти диссертатсионии гурӯҳи чорум дар конференсияҳои илмӣ оид ба проблемаҳои педагогика ва таҳсилот мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар мақолаҳои илмӣ ва монографияҳо инъикос ёфтаанд. Аз натиҷаҳои илмии рисолаҳои гурӯҳи мазкур донишҷӯён, омӯзгорон, олимон ва ҳамаи онҳое, ки ба назария ва таърихи педагогика ва таҳсилот шавқ доранд, истифода бурда метавонанд.

Таҳлили квалиметрии эродҳои КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нисбат ба диссертатсияҳое, ки дар давоми солҳои 2005-2007 ҳимоя шуда, барои тасдиқ пешниҳод гардида буданд, имкон медиҳад, ки камбудии онҳоро, дар маҷмуъ, ба таври зерин гурӯҳбандӣ намоем:

1. Ба талабот ҷавобгӯ набудани таҳия ва ороиши қисми муайяни диссертатсияҳо.

2. Ба талаботи стандартҳои давлатӣ (ГОСТ) мутобиқат накардани хаҷми баъзе автореферат ва диссертатсияҳо.

3. Риоя нагардидани муҳлати пешниҳоди автореферати диссертатсияҳо аз ҷониби баъзе унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ.

4. То андозае риоя нашудани талаботи стандарти давлатии тасвири библиографии асарҳои чопӣ дар номгӯйи адабиёт ва интишороти унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ.

5. Дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият надоштани шумораи муайяни унвонҷӯён ва таъсири он ба сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ.

6. Мавҷудияти ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ дар диссертатсияҳо.

7. Ба қадри кофӣ таваҷҷуҳ зоҳир накардани роҳбарон ва мушовирони илмӣ нисбат ба интихоби мавзуи таҳқиқ, сатҳи муҳиммияти он барои ҷомеа.

8. Ба инобат нагирифтани баъзе талаботи санадҳои расмии КОА нисбат ба таҳияву баррасӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз ҷониби баъзе муҳаққиқон.

Ҳамзамон, ба мақсади мушаххас сохтан ва мукаммал намудани тасаввурот оид ба нақши шуроҳои диссертатсионӣ дар рушди илми педагогикаи ватанӣ натиҷаи фаъолияти онҳо дар давоми солҳои 2010-2019 дар мисоли Шурои диссертатсионии Д 047.016.01 дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор гирифт.

Маълумоти квалиметрии Шурои диссертатсионии Д 047.016.01 дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ дар давоми солҳои 2010-2019 дар ҷадвали 23 пешниҳод гардидааст (ҷадвали 23):

**Ҷадвали 23. Маълумоти квалиметрии Шурои диссертатсионии Д 047.016.01 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо дар давоми солҳои 2010-2019**

| Солҳои дифоъ | Диссертатсияи номзадӣ | Диссертатсияи докторӣ | Шаҳрвандони Тоҷикистон | Шаҳрвандони хориҷӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **2010** | 10 | 1 | 10 | 1 | 11 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **2011** | 14 | - | 10 | 4 | 14 |
| **2012** | 21 | 1 | 14 | 8 | 22 |
| **2013** | 20 | 2 | 14 | 8 | 22 |
| **2014** | 10 | - | - | 10 | 10 |
| **2015** | 10 | - | - | 10 | 10 |
| **2016** | 10 | - | - | 10 | 10 |
| **2017** | - | - | - | - | - |
| **2018** | - | - | - | - | - |
| **2019** | 2 | | | 2 | 2 |
| **Дар маҷмуъ :** | **97** | **4** | **48** | **53** | **101** |

Натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои интихобан арзѐбишуда (10 адад), ки дар Шурои диссертатсионии Д 047.016.01 дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҳимоя шудаанд, тибқи матритсаи таҳиянамудаи диссертант - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) ба тариқи зайл аст: 1) диссертатсияҳои аз таҳлили квалиметрӣ гузаронида, ҳадди ақал 55 ва ҳадди аксар 83 хол гирифтанд (ниг. ба Замимаи 1); 2) аз шумораи умумӣ ба пуррагӣ ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат дорад (90 то 100 хол) - нест; 3) дар сатҳи кофӣ ба талаботи дахлдори Тартиб мутобиқат дорад (80–89 хол) – 3 диссертатсия бо гирифтани 80 (ду адад) ва 83 хол; 3) ба талаботи Тартиб мувофиқат дорад (70–79 хол) - 4 диссертатсия бо гирифтани 70, 71 72 ва 76 хол; 4) ба талабот ҷавобгӯ нест (60–69 хол) - 3 диссертатсия бо гирифтани 55, 68 ва 69 хол.

Дар ин ҳолат низ, бо сабаби дар озмоиш қарор доштани «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) мо таҳлилро бо гузоштани рамз ба диссертатсияҳо, бе нишон додани ному насаби диссертантҳо анҷом додем. Масалан, ТКД-1АТ - таҳлили квалиметрии диссертатсияи 1 аз Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Аз рӯйи нишондиҳандаҳо миқдори диссертатсияҳои аз таҳлили квалиметрӣ гузаронидаро чунин тақсим кардан имкон дорад (ҷадвали 24):

**Ҷадвали 24. Натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои интихобан арзѐбишуда, ки дар Шурои диссертатсионии Д 047.016.01 ҳимоя шудаанд**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Баҳогузорӣ бо хол** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
| 1. Мубрамияти | нест | нест | 5 диссертатсия | 5 | нест |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| таҳқиқот | | | | диссертатсия | |
| 2. Навгонии илмӣ | нест | нест | 3 диссертатсия | 7 диссертатсия | нест |
| 3. Аҳаммияти назариявӣ | 2 диссертатсия | нест | 1 диссертатсия | 7 диссертатсия | нест |
| 4. Аҳаммияти амалӣ | нест | нест | 1 диссертатсия | 9 диссертатсия | нест |
| 5. Саҳми шахсии диссертант | 2 диссертатсия | 1 диссертатсия | 1 диссертатсия | 6 диссертатсия | нест |
| 6. Заминаи далелноккунӣ (аргументатсия) | 1 диссертатсия | нест | 2 диссертатсия | 7 диссертатсия | нест |
| 7. Қисмати озмоишӣ–таҷрибавии таҳқиқот | нест | 1 диссертатсия | 5 диссертатсия | 4 диссертатсия | нест |
| 8. Асоснокӣ ва коршоямии (валидияти) хулосаҳои таҳқиқот | нест | нест | 3 диссертатсия | 7 диссертатсия | нест |
| 9. Асосноккунии методологии фарзия | нест | 1 | 3 диссертатсия | 5 диссертатсия | 1 диссертатсия |
| 10. Забон, услуби баѐн | нест | нест | нест | 10 диссертатсия | нест |
| 11. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ | 1 диссертатсия | нест | 3 диссертатсия | 4 диссертатсия | 2 диссертатсия |
| 12. Миқѐси татбиқ | нест | 1 диссертатсия | 4 диссертатсия | 5 диссертатсия | нест |
| 13. Дараҷаи татбиқ, тасвиб | нест | 1 диссертатсия | 1 диссертатсия | 8 диссертатсия | нест |
| 14. Дараҷаи ҷамъбасткунӣ | нест | нест | 2 диссертатсия | 6 диссертатсия | 2 диссертатсия |
| 15. Дараҷаи эътимоднокӣ | 2 диссертатсия | 2 диссертатсия | нест | 4 диссертатсия | 2 диссертатсия |
| 16. Пайдарпайӣ ва мантиқӣ будани мундариҷаи кор | нест | нест | 2 диссертатсия | 8 диссертатсия | нест |
| 17. Сатҳи маводи аз рӯйи мавзуи таҳқиқот нашршуда | нест | 1 диссертатсия | 3 диссертатсия | 4 диссертатсия | 2 диссертатсия |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 18. Мутобиқати тақсимот ба бобу зербобҳо ба вазифаҳои таҳқиқот | нест | 1 диссертатсия | 1 диссертатсия | 8 диссертатсия | нест |
| 19. Сатҳи таълифи матни асосии диссертатсия | нест | нест | нест | 9 диссертатсия | 1 диссертатсия |
| 20. Сатҳи таълифи муқаддима, хулоса ва қисматҳои дигари диссертатсия | нест | нест | 3 диссертатсия | 6 диссертатсия | 1 диссертатсия |

Чунонки аз ҷадвали боло бармеояд, дар диссертатсияҳои интихобан тибқи таҳлили квалиметрӣ арзёбишуда бештар норасоиҳо дар аҳаммияти назариявӣ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи эътимоднокӣ, саҳми шахсии диссертант, қисмати озмоишӣ–таҷрибавии таҳқиқот, миқёси татбиқ, дараҷаи татбиқ ва тасвиб, дараҷаи эътимоднокӣ, сатҳи маводи аз рӯйи мавзуи таҳқиқот нашршуда ва мутобиқати тақсимот ба бобу зербобҳо ба вазифаҳои таҳқиқот ба назар мерасанд. Бо нишондиҳандаҳои мубрамияти таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти амалӣ, забон, услуби баён, дараҷаи ҷамъбасткунӣ, пайдарпайӣ ва мантиқӣ будани мундариҷаи кор, сатҳи таълифи матни асосии диссертатсия, сатҳи таълифи муқаддима, хулоса ва қисматҳои дигари диссертатсия таҳқиқоти таълифшуда ва мавриди таҳлили квалиметрӣ қарордошта аз рӯйи сифат нисбатан дар сатҳи болотар ҷойгиранд.

Бояд таъкид намуд, ки дар баробари ин дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи (славянии) Россия-Тоҷикистон Шурои диссертатсионии муштараки Д 999.208.02 амал мекунад. Аз 22 нафар аъзои ин Шуро 17 нафар доктори илмҳои педагогӣ мебошанд, ки 11 нафар аз ихтисоси 13.00.01 - «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)» ва 6 нафар аз ихтисоси 13.00.02 - «Назария ва методикаи таълим ва тарбия (аз рӯйи соҳаҳо ва зинаҳои таҳсилот)» мебошанд. Панҷ нафар аъзои Шуро доктори илмҳои филологӣ, 4

нафарашон аз ихтисоси 10.02.20 – «Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ» ва 1 нафар аз ихтисоси 10.02.19 – «Назарияи забон» ҳастанд. Дар маҷмуъ, ҳайати Шуро ба талаботи мавҷуда мутобиқ аст.

Таҳлили квалиметрии ҳайати Шурои диссертатсионии муштараки Д 999.208.02 дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тибқи методикаи пешниҳоднамудаи А. Шишканова, С. И. Пахомов, В. А. Гуртов ва И. В. Пенние, дар маҷмуъ, чунин натиҷа дод (ҷадвали 25):

**Ҷадвали 25. Нишондиҳандаҳои ҳайати Шурои диссертатсионии муштараки Д 999.208.02**

| Нишондиҳандаҳо | Миқдор | Натиҷа |
|---|---|---|
| 1. Миқдори интишорот дар WoS, Scopus ва ғайра | 2 мақола | Ба талабот дар сатҳи паст ҷавобгӯ аст |
| 2. Миқдори интишорот дар маҷаллаҳои ба феҳристи КАО воридбуда | 180 мақола | Ба талабот ҷавобгӯ аст |
| 3. Миқдори иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ | 77 конференсия | Ба талабот ҷавобгӯ аст |
| 4. Миқдори монографияҳои тақризшуда | 37 монография | Ба талабот дар сатҳи миёна ҷавобгӯ аст |
| 5.Миқдори иқтибосоварӣ аз асарҳои узви шуро дар WoS, Scopus ва ғайра | нест | Ба талабот ҷавобгӯ нест |
| 6. Индекси Хирш (РИНС/WoS/ Scopus) | индекси 8 – 1 нафар<br>индекси 4 – 1 нафар<br>индекси 3 – 4 нафар<br>индекси 2 – 5 нафар<br>индекси 1 – 9 нафар<br>индекси 0 – 2 нафар | Ба талабот дар сатҳи миёна ҷавобгӯ аст |

Натиҷаи фаъолияти Шурои диссертатсионии муштараки Д 999.208.02 дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро маълумоти зерин дар давоми солҳои 2018-2020 дар ҷадвали 25 инъикос менамояд.

**Ҷадвали 26. Маълумоти квалиметрии Шурои диссертатсионии муштараки Д 999.208.02 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо дар солҳои 2018-2020**

| Солҳои дифоъ | Диссертатсияи номзадӣ | Диссертатсияи докторӣ | Шаҳрвандони Тоҷикистон | Шаҳрвандони хориҷӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **2018** | 3 | 1 | 4 | - | **4** |
| **2019** | 12 | 1 | 11 | 2 | **13** |
| **2020** | 2 | - | 2 | - | **2** |
| **Дар маҷмуъ:** | | | | | **19** |

Ҳамин тавр, таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи таҳсилоти Тоҷикистон) ва зерсохторҳои он, инчунин, Шурои муштараки назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Д 999.208.02 нишон дод, ки увонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ , асосан, ба таҳқиқи мавзуъҳои мубрами соҳаи педагогика ва маориф машғул шудаанд. Зимни баррасии рисолаҳои дифоъшуда ошкор гардид, ки муҳаққиқон талаботи методологии таҳқиқи илмӣ, қонуниятҳои рушди илм, консепсияҳои гуногуни муосири педагогиро риоя намуда, меъёрҳои расмии таҳия ва пешниҳоди таҳқиқоти диссертатсиониро, дар маҷмуъ, ба ҳисоб гирифтаанд. Аз таҳлили квалиметрии мундариҷаи диссертатсияҳои ҳимояшуда бармеояд, ки хидмати муаллифони онҳо дар омӯзишу таҳқиқи проблемаҳои таърихи педагогика, педагогикаи умумӣ, касбӣ, ибтикорот, педагогикаи мардумӣ, педагогикаи фарҳанг, муқоисавӣ, педагогикаи ҳамгиро, педагогикаи мактаби олӣ, педагогикаи волидайн, масъалаҳои фарҳанги таълими умумӣ, таҳсилоти фарогир, танзиму стандартикунонии истилоҳоти илмии соҳаи педагогика ва ғайра бузург аст.

Дар натиҷаи таҳлили квалиметрӣ таҳқиқоти диссертатсионии арзёбишуда вобаста ба мавзуъҳои мавриди пажӯҳиш, инчунин, ба чор гурӯҳ

тақсим карда шудаанд: 1) таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба мавзуъҳои таҳсилот ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; 2) омодасозии муаллимони ояндаи мактабҳо; 3) такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кормандони соҳаи маориф; 4) назария, таърихи педагогика ва таҳсилот. Чунин гурӯҳбандӣ барои муайян намудани доираи таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватанӣ ва унвонҷӯёни хориҷӣ, инчунин, тарҳрезии дурнамои самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмии педагогӣ дар мамлакат имконият фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки дар маҷмуъ, фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ оид ба илмҳои педагогӣ зимни баррасии диссертатсияҳо беш аз пеш беҳтар гардида, онҳо риояи талаботи методологӣ ва расмиро аз ҷониби унвонҷӯён таъмин менамоянд. Аз фаъолияти пурсамари онҳо сол то сол афзудани шумора ва беҳтар гардидани сифати диссертатсияҳои ҳимояшуда шаҳодат медиҳад. Ҳамаи ин боиси баланд гардидани обрӯю эътибори илми ватанӣ, аз ҷумла, педагогика на танҳо дар мамлакат, балки дар арсаи байналмилалӣ мегардад. Андешаи мазкурро сол то сол афзудани шумораи унвонҷӯёни хориҷӣ, ки таҳқиқоти хешро дар шуроҳои диссертатсионии Тоҷикистон ҳимоя мекунанд, собит месозад.

Хулоса, дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки дар баробари дастовардҳо норасоиҳо низ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ кам нестанд. Масалан, таҳия ва ороиши қисми муайяни диссертатсияҳо дар шуроҳои диссертатсионии АТТ ба талабот ҷавобгӯ нест. Ҳатто, 3 диссертатсия ба талаботи тартибҳои амалкунандаи додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат надорад ва камтар аз 70 фоиз ба онҳо ҷавобгӯ мебошад. Дар баробари ин, ҳаҷми бархе аз автореферат ва диссертатсияҳо, тасвири библиографии осори чопӣ ва интишороти муҳаққиқон дар онҳо ба талаботи стандартҳои давлатӣ мувофиқат намекунад. Шумораи кадрҳои дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ нокифоя буда, ин омил ба сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ мерасонад, муҳаққиқон ва роҳбарони илмии онҳо ҳангоми интихоби мавзуъҳои таҳқиқот ба сатҳи мубрамияти он таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир

намекунанд. Илова бар ин, шумораи муайяни унвонҷӯён ба асосҳои методологии таҳқиқоти илмӣ ва муқаррароти асноди расмӣ оид ба таҳия ва пешниҳоди диссертатсия ва автореферати он ба ҳимоя ошно нестанд.

Бо сабабҳои дар боло зикршуда, барои бартараф намудани камбудиҳои ошкорнамудаи раванди таҳқиқот ва беҳтар кардани фаъолияти минбаъдаи шуроҳо ва сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ андешидани тадбирҳои зеринро мувофиқи матлаб меҳисобем:

- такмили пайвастаи мундариҷаи санадҳои расмӣ оид ба шуроҳои диссертатсионӣ дар заминаи дастовардҳои муосири квалиметрӣ, библиометрӣ ва илмсанҷӣ;

- ҳангоми интихоб ва тасдиқи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба инобат гирифтани номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи муайян;

- пурзӯр намудани талаботи расмӣ нисбат ба натиҷаҳои амалӣ, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва саҳми шахсии унвонҷӯ дар рушди илм;

- такмили барномаи омӯзиши фанҳои «Фалсафа ва методологияи илм», «Барасмиятдарории рисолаи илмӣ» аз ҳисоби зиёд намудани соатҳои таълимӣ барои омӯзиши масъалаҳои методология ва методикаи муосири таҳқиқоти илмӣ, технологияи муосири ташкил ва баргузории озмоиши илмӣ, таҳқиқоти сотсиологӣ ва ғайра.

- ташкили заминаи иттилоотии электорнии (бойгонии илмии) автореферат ва диссертатсияҳое, ки дар шуроҳои диссертатсионии Тоҷикистон ҳимоя шудаанд;

- таҳкими робитаи шуроҳои диссертатсионӣ бо марказҳои бонуфузи илмии хориҷӣ баҳри ҷалби муҳаққиқони варзида мутобиқ ба мавзуъҳои мавриди таҳқиқ ба сифати аъзои шуроҳои диссертатсионӣ ва коршинос;

- танзими иттилооти ҷории сомонаҳои шуроҳои диссертатсионӣ оид ба расмиёти ҳимоя, ҷойгирнамоии матни автореферат ва диссертатсияҳо, ташкили бойгонӣ ва таъмини ҳифзи онҳо;

- таҳкими неруи илмии муассисаҳо аз ҳисоби муҳаққиқони ҷавон.

### 3.3. Квалиметрияи таҳқиқоти Шурои диссертатсионии ватании назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тибқи фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 8 аз 29 январи соли 2018 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва равоншиносӣ таъсис ёфта буд. Тибқи нишондоди банди 3-юми фармоиши мазкур ва мутобиқи банди 163 боби 10 «Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ» ба Шурои мазкур, инчунин, қабул ва ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) иҷозат дода шуд. Сипас бо фармоишҳои раиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №104 / шд аз 29.10.2018 ва № 235 аз 07.11.2019 ба ҳайати он тағйирот ворид карда шуд. Айни замон Шуро дар ҳайати 17 нафар фаъолият дорад. Таҳлили квалиметрӣ нишон медиҳад, ки аъзои он ҳама доктори илмҳои педагогӣ аз ҳамин ихтисос (13.00.01) мебошанд. Аз ин рӯ, ҳайати Шуро ба талаботи мавҷуда пурра мутобиқ аст.

Таҳлили квалиметрии ҳайати Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва равоншиносӣ тибқи методикаи пешниҳоднамудаи А. Шишканова, С. И. Пахомов, В. А. Гуртов ва И. В. Пенние дар соли 2019, дар маҷмуъ, чунин натиҷа дод (ҷадвали 27):

**Ҷадвали 27. Нишондиҳандаҳои ҳайати Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Пажӯҳишгоҳти рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ**

| Нишондиҳандаҳо | Миқдор | Натиҷа |
|---|---|---|
| 1. Миқдори интишорот дар WoS, Scopus ва ғайра | Нест | Ба талабот ҷавобгӯ нест |
| 2. Миқдори интишорот дар маҷаллаҳои ба феҳристи КАО воридбуда | 30 мақола | 1,8 мақола ба ҳар як аъзои Шуро - ба талабот дар сатҳи миёна ҷавобгӯ аст |
| 3. Миқдори иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ | 6 конференсия | 0,4 конференсия ба ҳар як аъзои Шуро - ба талабот дар сатҳи паст ҷавобгӯ аст |
| 4. Миқдори монографияҳои тақризшуда | 8 монография | 0,5 монография ба ҳар як аъзои Шуро - ба талабот дар сатҳи миёна ҷавобгӯ аст |
| 5. Миқдори иқтибосоварӣ аз асарҳои узви Шуро дар WoS, Scopus ва ғайра | нест | Ба талабот ҷавобгӯ нест |
| 6. Индекси Хирш (РИНС/WoS/ Scopus) | 12 нафар – дар рӯйхати РИНС нест<br><br>2 нафар – индеки 2<br>3 нафар – индекси 1<br><br>Миқдори иқтибосоварӣ аз асарҳои аъзои шуро - 259 | Ба талабот ҷавобгӯ нест<br><br>Ба талабот дар сатҳи паст ҷавобгӯ аст<br><br>Ба талабот дар сатҳи паст ҷавобгӯ аст |

Чунонки аз таҳлили ҷадвал бармеояд, олимони соҳаи педагогикаи кишвари мо то ҳол ба навгониҳои илмсанҷӣ (наукометрӣ) таваҷҷуҳи махсус зоҳир накарда, ҳатто дар рӯйхати РИНС ҳанӯз сабти ном ҳам накардаанд (қариб 70 фоизи аъзои шурои мазкур), ё ин ки индекси Хирши паст доранд (2 нафар бо индекси 2 ва 3 нафар бо индекси 1. Миқдори иқтибосоварӣ аз

асарҳои аъзои Шуро ҳамагӣ 259 ададро ташкил медиҳад (маълумот аз сайти РИНС гирифта шудааст: https://www.elibrary.ru/authors.asp).

Аз ин рӯ, пешниҳод менамудем, ки то ташкили системаи миллии электронии арзёбии рейтингии дастовардҳои олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии фаъолияти онҳо тибқи муайянсозии индекси Хирш дар системаи РИНС ба анҷом расонида шавад. Вобаста ба ин, бояд зикр кард, ки то нимаи аввали соли 2022 дар системаи РИНС ҳамагӣ 5145 нафар олимону омӯзгорони тоҷик ба қайд гирифта шудааст. Аз онҳо 2917 нафар тибқи индекси Хирш индекси мусбат (аз 26 то 1) дошта, таҳқиқоти онҳоро олимони дигар аз 2711 маротиба то 1 маротиба иқтибос кардаанд. Дар РИНС, инчунин, 101 маҷаллаи илмии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, аз онҳо 83 маҷалла индекси мусбат доранд, яъне маводи дар онҳо нашршуда аз 4406 маротиба то 1 маротиба аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ иқтибос оварда шудаанд. Албатта, ин кофӣ набуда, дар ин самт барои рафъи камбудиҳои мавҷуда муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ бояд тадбирҳои иловагӣ андешанд, зеро маҳз ҳамин кумак мекунад, ки фаъолияти аъзои шуроҳои диссертатсионӣ ҳамасола дар асоси таҳлили квалиметрӣ ва илмсанҷӣ воқеъбинона аз ҷониби коршиносон ва мақомоти аттестатсияи кадрҳои илмӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Ҳайати мазкури Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036_дар давоми фаъолияти хеш дар самти омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ корҳои муайянро ба анҷом расонид. Аз ин рӯ, барои муайянсозии самти пажӯҳишҳо, гурӯҳбандии онҳо, арзёбии муҳиммият, навгонӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин, сатҳу сифати онҳо ва муқаррар намудани мутобиқати мавзуи таҳқиқоти довталабони дараҷаҳои илмӣ ба «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 765 аз 04.12.2014) дар зербоби мазкур мо таҳлили квалиметрии фаъолияти Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи

таҳсилоти Тоҷикистонро дар солҳои 2018-2019 бо меъёрҳои зерин - мавзуъ, навгонӣ ва дараҷаи татбиқ ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар соли 2018-2019 34 диссертатсияи номзадӣ ва 1 диссертатсияи докторӣ ҳимоя шудааст. Аз ҷумла, дар соли 2018 дар Шурои диссертатсионии мазкур ҳамагӣ 2 диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҳимоя шудааст, ки инҳоанд:

1. Қодирова Бунафшамоҳ Азизуллоевна, диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳавасмандӣ ба омӯзиши забони русӣ дар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии иқтисодии Тоҷикистон» [302].

Диссертатсия ба коркарди асосҳои назариявӣ, хусусиятҳои ташаккул ва рушди рағбати донишҷӯёни равияҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар ҷараёни таълим ва омӯзиши забони русӣ бахшида шудааст. Муаллиф шароитҳои амалӣ гардонидани ташаккули майлу рағбати донишҷӯёни муассисаҳои номбурдаро баҳри омӯзиши забони русӣ асоснок намуда, воситаҳои самарабахш ва усулҳои беҳтарини ташаккули майлу рағбати донишҷӯёнро дар раванди омӯзиши забони русӣ исбот намудааст. Методикаи пешниҳоднамудаи муаллифро дар самти ташаккули малакаҳои гуфтори донишҷӯёни равияҳои иқтисодӣ дар раванди таълими забони русӣ истифода бурдан мумкин аст.

2. Одинаева Одинамо Зубайдовна, диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди инфиродии хонандагони синфҳои 5-6 дар марказҳои эҷодии мактабӣ» [305].

Таҳқиқоти мазкур ба асосноксозии назариявӣ ва озмоиши таҷрибавии фаъолгардонии роҳҳои баланд бардоштани сифати дониш, сайқал додани қобилиятҳои фардии эҷодии хонандагон дар марказҳои эҷодии муассисаҳои таълимӣ бахшида шудааст. Навгонии илмии таҳқиқот дар коркарди илмии

муносибати нави педагогӣ ба раванди омӯзиши хонандагон дар заминаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, муайян намудани тарзи нави ҳалли проблемаи мувофиқшавии натиҷабахши барномаҳо, лоиҳаҳо ва маводи таълимӣ вобаста ба махсусиятҳои синнусолӣ ва психологии хонандагони марказҳои эҷодии муассисаҳои таълимӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар ҷараѐни коркарди ҷанбаҳои педагогии баланд бардоштани сифати донишҳои хонандагони марказҳои эҷодии муассисаҳои таълимӣ ва такмили донишҳои касбии мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва сотсиология истифода бурд.

Соли 2019 дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон буда ҳамагӣ 1 диссертатсияи докторӣ ва 32 диссертатсияи номзадӣ барои дарѐфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҳимоя карда шудааст. Муаллифи диссертатсияи докторӣ Ашурова Дилором Ашуровна буда, он дар мавзуи «Таърих, вазъ ва дурнамои ташаккули таҳсилоти ғоибонаи педагогӣ дар Тоҷикистон» [290] мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба омӯзиши таърих, ҳолат ва раванди ташаккули низоми таҳсилоти ғоибона дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар раванди таҳқиқот дар заминаи маълумот ва далелҳои нав ҷанбаҳои иҷтимоӣ-касбии рушди таҳсилоти ғоибонаи педагогиро дар кишвар мавриди баррасӣ қарор дода, таҷрибаи сиѐсати давлатиро дар ин самт асоснок намуда, барои рушди минбаъдаи он тавсияҳои муҳимми илмӣ пешниҳод кардааст. Навгонии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки муаллиф аввалин маротиба дар соҳаи илмҳои педагогӣ раванди ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти ғоибонаро дар Тоҷикистон бо истифода аз усули бонизом таҳқиқ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таҳия ва такмили барномаву стратегияҳои давлатӣ оид ба таҳсилоти ғоибона истифода бурдан мумкин аст.

Соли 2019 дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 32 диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҳимоя шудааст. Номгӯ ва тавсифи мухтасари квалиметрии онҳо аз рӯйи се меъёр – мавзуъ, навгонӣ ва дараҷаи татбиқ чунин аст:

1. Тағойназарова Манзура Суфхоналиевна, диссертатсия дар мавзуи «Арзишҳои гуманистии раванди таҳсил ба забони англисӣ дар омодагии касбии омӯзгори оянда дар мактаби олӣ» [317].

Таҳқиқоти диссертатсионӣ самтҳо ва масъалаҳои муҳимтарини ҷараёни ташаккули арзишҳои гуманистӣ дар низоми омодагии касбии омӯзгориояндаи забони англисиро аз ҷиҳати методологӣ ва назариявӣ асоснок намудааст. Навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки зимни пажӯҳиш муаллиф омилҳо ва принсипҳои педагогии ташаккули эътиқоду ҳисси инсондӯстии донишҷӯ – омӯзгориояндаи забони англисиро муайян намуда, моҳият, сохтор ва шароитҳои тамоюли гуманистии таҳсилоти олии касбиро дар омодашавии касбии омӯзгориояндаи забони англисӣ муайян кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни омӯзиш ва таълими забони англисӣ дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ татбиқ карда шудаанд.

2. Сатторов Бобоҷон Абдуҷаборович, диссертатсия дар мавзуи «Ҳамкориҳои педагогӣ ва ташкилии мақомоти корҳои дохилӣ, оила ва мактаб оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар миёни ноболиғон» [314].

Таҳқиқоти мазкур ба муайян намудани роҳҳои самараноки ҳамкориҳои мақомоти корҳои дохилӣ бо оила, мактаб ва аҳли ҷомеа ҷиҳати таъмини фаъолияти самараноки пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғон бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, ҳамкориҳои мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ дар мавриде самаранок хоҳад шуд, ки агар он дар шароити мувофиқсозии пешгирӣ ва огоҳонидани

ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғон таҳия ва пешниҳод гардад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти мақомоти марбутаи корҳои дохилӣ ҷиҳати такмилдиҳии чараёни ҳамкориҳо бо субъектҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо миёни ноболиғон дар оилаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

3. Асозода Баргигул Ҷӯрақуловна, диссертатсия дар мавзуи «Таъсири тарбияи ҷисмонӣ ва иҷтимоигардонии кӯдакони синни томактабӣ дар хонавода» [289].

Диссертатсия ба мавзуи таъсири ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ ба иҷтимоигардонии кӯдакони синни томактабӣ, муайян намудани робитаи мутақобилаи маҷмуи шароитҳои иҷтимоӣ-педагогие, ки ба рушди ҷисмонӣ ва ғанӣ гардонидани таҷрибаи иҷтимоии кӯдакон равона карда шудаанд, бахшида шудааст. Навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф зимни пажӯҳиш аввалин маротиба бо истифода аз муносибати бонизом шароитҳои педагогии татбиқи самарабахши тарбияи ҷисмонӣ ва иҷтимоигардонии кӯдакони синни томактабиро дар муҳити оила тавассути анъанаву таомулҳои хонаводагӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ асоснок намудааст. Натиҷаҳои тахқиқот ва тавсияҳои методии муаллифро барои баланд бардоштани сатҳи фарҳанги педагогии волидайн дар самти тарбияи ҷисмонӣ ва иҷтимоигардонии кӯдакон дар оила истифода бурдан мумкин аст.

4. Табаров Нурулло Сафаралиевич, диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Диссертатсия ба коркард, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва истифодаи амалии модели тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон, муайян намудани шароитҳои педагогӣ ва психологии он дар амалияи муассисаҳои фарҳангӣ бахшида шудааст. Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки зимни баррасии мавзуъ муаллиф аввалин маротиба дар назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ шароитҳои ташкилӣ-педагогии

баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои фарҳангиро дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон бо истифода аз технологияи педагогии инноватсионӣ ошкор намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти муассисаҳои фарҳангии вилояти Хатлон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

5. Гиёев Абдуназар Худойназарович, диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар дарсҳои забони русӣ» [293].

Таҳқиқоти мазкур ба асосноксозии илмии имкониятҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ тавассути омӯзиш ва таълими забони русӣ бахшида шудааст. Навоварии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он муҳтаво ва махсусиятҳои ташкили усулҳои самараноки тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии равияи омӯзгорӣ дар дарсҳои забони русӣ дар шароити муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ муайян карда шуда, амсилаи махсуси ташаккули арзишҳои мазкур дар раванди таълими забони русӣ пешниҳод шудааст. Консепсияи пешниҳоднамудаи муаллифро дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ истифода бурдан мумкин аст.

6. Қурбонов Абдураҳим Маҳмадюнусович, диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии рушди салоҳияти касбии донишҷӯёни ихтисосҳои муҳандисӣ-техникӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» [303].

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба баррасӣ ва ошкорнамоии нақши фанҳои таълимӣ дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни ихтисосҳои муҳандисӣ ва техникӣ бахшида шудааст. Дар раванди таҳқиқ муаллиф шароитҳои дидактикиеро, ки барои фаъолсозии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот ба вуҷуд меоянд, дар амал санҷидааст. Нуктаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро барои таъминоти таълимӣ-методии ҷараёни густариши фаъолияти донишҷӯёни

ихтисосҳои муҳандисию техникӣ дар шароити таҳсилоти кредитӣ истифода бурдан имконпазир аст.

7. Досаков Муъмин Мухторович, диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва фаъолгардонии фаъолияти хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [296].

Дар таҳқиқот шароитҳои педагогии раванди тарбияи фарҳанги экологӣ ва фаъолгардонии фаъолияти хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон дар самти ҳифзи табиат муайян карда шудаанд. Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф бори аввал моҳияти методҳои гуногун ва раванди ташкили шаклҳои гуногуни таълимро дар ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва такмили донишҳои экологии хонандагон муайян намудааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии муҳаққиқро дар раванди таҳияи методикаи педагогӣ-психологии ташаккули фаъолияти экологӣ, ҳифзи табиат ва таълимӣ-маърифатии хонандагони муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

8. Калонова Матлуба Ёқубовна, диссертатсия дар мавзуи «Махсусиятҳои ташкили саёҳати таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [300].

Диссертант таҳқиқоти хешро ба асоснок намудани назария ва коркарди амалии роҳу воситаҳои мукаммалгардонии банақшагирӣ, ташкил, гузаронидан ва таҳлили саёҳати таълимӣ бахшидааст. Навгонии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки муаллиф дар раванди пажӯҳиш роҳҳо ва тарзҳои истифодаи самарабахши намудҳои гуногуни саёҳати таълимиро дар заминаи муносибати самаранок ва мақсадноки хонандагон муайян ва аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст. Маводи илмии таҳқиқотро дар чараёни ташкили таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва раванди омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ, инчунин, такмили ихтисоси онҳо истифода бурдан мумкин аст.

9. Пиров Сироҷидин Асомидинович, диссертатсия дар мавзуи «Афкори педагогии Фахруддини Розӣ ва нақши он дар ташаккул ва тарбияи инсони комил» [308].

Диссертатсия ба таҳқиқи афкори педагогии Фахруддини Розӣ ва нақши он дар ташаккул ва тарбияи инсони комил бахшида шудааст. Зимни пажӯҳиш муҳаққиқ бори аввал муҳити илмию адабӣ ва фалсафии даврони ҳаёту фаъолияти Фахруддини Розиро муфассал баён намуда, зарурати таҳқиқоти мероси илмию ахлоқӣ ва педагогии ӯро бо далелҳо собит намудааст. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур дар раванди таълиму тарбияи донишҷӯёни Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа татбиқ шудаанд.

10. Сангимадов Фаррух Хайруллоевич, диссертатсия дар мавзуи «Технологияи педагогии баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [313].

Таҳқиқот ба таҳлили вазъият ва дурнамоии рушди технологияҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон бахшида шудааст. Навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки зимни баргузории он консепсияи амсила (модел)-и ташаккули донишҳо, маҳорату малакаҳои мукаммал дар соҳаи технологияҳои педагогӣ ва роҳу воситаҳои истифодаи онҳо дар раванди таълим пешниҳод гардидааст. Амсилаи функсионалии технологияи педагогии дастгирии раванди баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, ба ташкили ҷараёни таълими самараноки забони англисӣ дар муассисаҳои номбурда мусоидат менамояд.

11. Қодиров Илҳомҷон Маҳмадович, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодасозии донишҷӯён ба корҳои касбинтихобкунии

хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» [301].

Таҳқиқот ба омӯзиш ва баррасии низоми ташкили ҷараёни таълимӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-таҳқиқотии омодасозии донишҷӯён ба корҳои касбинтихобкунии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Навгонии пажӯҳиш дар муайян намудани нақш ва мавқеи омӯзиши фанҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва педагогӣ-психологӣ дар омодасозии самарабахши донишҷӯён ба корҳои касбинтихобкунии хонандагон, имкониятҳои тарбиявии расму оинҳои мардумӣ ва истифодаи воситаҳои беҳтарини педагогикаи халқӣ дар омодасозии мутахассисони оянда зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ, чорабиниҳои тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи умумии вилоятҳо ва ноҳияҳо озмуда шудаанд.

12. Бобоева Маҳбуба Ҷӯрахоновна, диссертатсия дар мавзуи «Мавқеи анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва таҳаввули он ҳамчун масъалаи муҳимми педагогикаи муосир» [292].

Диссертатсия ба коркарди назариявии воситаҳои самарабахши истифодаи анъанаҳои оилавӣ дар фаъолияти педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун омили рушди маънавӣ-ахлоқии ҷомеа бахшида шудааст. Навгонии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ зимни пажӯҳиш истифодаи анъана ва одатҳои оилавиро дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни фаъолияти муштараки педагогии омӯзгор ва оила бо дарназардошти гурӯҳбандии онҳо (оилаҳо, анъана ва одатҳои оилавӣ) аз нигоҳи назариявӣ асоснок намудааст. Маводи илмии таҳқиқотро, ки дар натиҷаи пажӯҳиш ба даст омадааст, барои фаъолияти муштараки самарабахши тарбиявии муассисаҳои таълимӣ ва оила оид ба тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода бурдан мумкин аст.

13. Юсупов Саидакрамхоҷа Муминович, диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги графикии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии

техникӣ тавассути фанҳои графикӣ (дар мисоли омодасозии муҳандисони соҳаи кӯҳкорӣ)» [323].

Диссертатсия ба таҳқиқи масъалаҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои инноватсионии ташаккули фарҳанги графикии муҳандисони ҷавон тавассути таълими фанни «Графикаи муҳандисӣ-компютер» бахшида шудааст. Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки модели омӯзиши графикаи муҳандисӣ-компютерӣ дар низоми таълим таҳия гардида, алоқамандии сатҳу сифати омодагии графикии донишҷӯёни аз дараҷаи татбиқи амалии имкониятҳои технологияҳои муосири маълумотӣ дар ҷараёни ҳамгироии таъминоти методиву дидактикии омодасозии муҳандисони оянда асоснок карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳияи маҷмуаҳои таълимӣ-дидактикии фанҳои геометрияи тасвирӣ ва графикаи муҳандисӣ-компютерӣ истифода бурдан мумкин аст.

14. Бобоева Зебоҷон Субҳоновна, диссертатсия дар мавзуи «Самтбахшии касбии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ барои амалигардонии таълиму тарбияи экологии хонандагон» [291].

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба асосноксозии назариявӣ ва таҳияи омодагии марҳила ба марҳилаи касбию арзишӣ ва самтбахшандаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар раванди тарбияи экологии хонандагон бахшида шудааст. Нававарии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки муаллиф зимни пажӯҳиш мафҳуми «омодагии касбию ҳадафмандона»-и донишҷӯён ба таълиму тарбияи экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро, бо дарназардошти мушкилоти экологии замони муосир дақиқ намудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои илмию методии муаллифро дар низоми омодагии касбии донишҷӯён ба таълиму тарбияи хонандагон, ҳамчунин дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода бурдан мумкин аст.

15. Оёҳмадов Шерафган Раҷабалиевич, диссертатсия дар мавзуи «Технологияи педагогии рушди фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯён зимни машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ» [306].

Ҳадафи таҳқиқоти мазкур ошкорсозӣ ва асосноккунии заминаҳои назариявию методии таъсиррасонии технологияи педагогӣ ба инкишофи фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ мебошад. Навоварии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муносибатҳои консептуалӣ ба таҳқиқи мушкилоти рушди фарҳанги ҷисмонӣ ва шахсияти донишҷӯён дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ба сифати проблемаи таҳқиқшавандаи илми педагогикаи тоҷик муайян карда шуда, таркиб, мазмун, нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои рушди фарҳанги ҷисмонии донишҷӯён дар шароити воридшавии технологияи инноватсионии педагогӣ ошкор карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди ташаккул ва рушди тарзи ҳаёти солим, такмили омодагии ҷисмонӣ ва равонӣ, инчунин, фаҳмиши касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зимни баргузории машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ истифода бурдан мумкин аст.

16. Асадуллоев Раҳматулло Давлатович, диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар коллективи кӯдакони синну соли гуногун дар истироҳатгоҳҳои тобистона» [288].

Диссертатсия ба асосноксозии амсилаи ташаккул ва рушди тарзи ҳаёти солим, ошкорнамоӣ ва асоснок намудани маҷмуи шароитҳои тарбия ва татбиқи он дар коллективи кӯдакони синну соли гуногун бахшида шудааст. Муҳаққиқ бори аввал моҳият ва мазмуни ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар коллективи кӯдакони синну соли гуногун дар истироҳатгоҳҳои тобистонаи солимгардонӣ мутобиқ ба шароит ва иқлими мусоиди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи назариявӣ асоснок намудааст. Тарзу усули ташаккули тарзи ҳаёти солим, ки аз ҷониби муаллиф таҳия ва пешниҳод гардидааст, барои ташкили самараноки тарзи ҳаёти солим дар коллективҳои кӯдакони синну солашон гуногуни истироҳатгоҳҳои тобистонаи солимгардонии ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

17. Гулова Нажиба Абдулмажитовна, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои психологию педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ» [294].

Таҳқиқот ба коркарди заминаҳои педагогию психологии чораҳои рушди салоҳиятҳои педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Навгонии илмии пажӯҳиш дар таҳияи амсилаи мақсадноки инкишофи салоҳияти педагогии омӯзгор зоҳир мегардад, ки он дар маҷмуи унсурҳои ҳадафманд, пурмазмун, фаъолиятӣ, рефлексиву натиҷабахш инъикос ёфтааст. Натиҷа ва маводи таҳқиқотро ба сифати таъминоти методӣ барои рушди салоҳияти педагогии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ истифода бурдан мумкин аст.

18. Наврӯзова Гулшан Турсуновна, диссертатсия дар мавзуи «Шароити педагогии ташаккули худшиносии миллии ҷавонони донишҷӯ дар муҳити бисёрфарҳангӣ» [304].

Ҳадафи таҳқиқот ошкор намудани шароитҳои педагогии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баҳри ташаккули худшиносии миллии донишҷӯёни гурӯҳҳои миллӣ тавассути забони русӣ мебошад. Муҳимтарин навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф меъёрҳои самарабахши раванди ташаккули худшиносии донишҷӯёни тоҷикзабонро тавассути омӯзиши забони русӣ таҳия ва пешниҳод намуда, шароитҳои педагогии раванди мазкурро дар муҳити бисёрфарҳангӣ муайян карда тавонистааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳияи курси махсуси «Ҷашнҳо ва анъанаҳои халқҳои тоҷик ва рус», тасниф ва низомбандии маводи дорои хусусияти кишваршиносӣ ва этнопедагогӣ дар соҳаи фарҳанги миллӣ ва русӣ дар раванди таълими донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикзабони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайризабонӣ истифода бурдан имконпазир аст.

19. Раҷабов Ҷӯрахон Маҳмадалиевич, диссертатсия дар мавзуи «Таҳқиқи мероси педагогии Миробид Сайидои Насафӣ ва аҳаммияти он

дар тарбия ва рушди шавқу рағбати хонандагон ба касбу ҳунарҳои мардумӣ» [311].

Таҳқиқоти мазкур ба омӯзиш ва таҳлилу баррасии афкори педагогии Сайидои Насафӣ дар тарбияи инсони комил ва нақши он дар инкишофи шавқу ҳавас ва майлу рағбати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба касбу ҳунарҳои мардумӣ бахшида шудааст. Нововарии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ зимни пажӯҳиш бо дарназардошти талаботи ҷомеаи муосир воқеият ва зарурати истифодаи оқилонаи афкори педагогии Сайидои Насафиро дар раванди таълиму тарбия ва татбиқи нишондоди асноди стратегии соҳаи маориф бо далелҳои боварибахш ҳамаҷониба асоснок намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни машғулиятҳо бо омӯзгорон ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос, омӯзгорони кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Коллеҷи омӯзгории ба номи Носири Хусрав озмуда шудаанд.

20. Аликулова Сабринисо Тилавовна, диссертатсия дар мавзуи «Ҳамкории хонавода, мактаб ва ҷомеа оид ба пешгирии нашъамандӣ дар байни наврасон ва ҷавонон» [287].

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ ошкорнамоии методҳо ва воситаҳои самарабахши фаъолияти иҷтимоию педагогӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ миёни наврасону ҷавонони Тоҷикистон мебошад. Муҳимтарин навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муҳаққиқ дар раванди он сабабҳои пайдоиши тамоми омилҳои паҳншавии нашъамандиро дар байни наврасон ва ҷавонон (равонӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тиббӣ) ва роҳҳои самараноки пешгирии онро муайян кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳия ва татбиқи барномаи «Фаъолияти якҷояи мактаб, оила ва ҷомеа оид ба пешгирии нашъамандӣ дар байни наврасон ва ҷавонон», баргузории машғулиятҳои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, таҳияи маводи гуногун ҷиҳати маърифатноккунонии ҷавонон дар самти рафтори масъулиятнок доир ба тарзи ҳаёти солим истифода бурдан мумкин аст.

21. Ёфтаков Ҳусейн Файзуллоевич, диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои мазмуни таҳсилот ва салоҳиятҳои касбии омӯзгори забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олии тарбияи ҷисмонӣ» [297].

Диссертатсия ба ошкорнамоии хусусиятҳои мундариҷаи таҳсилот ва таҳияи заминаҳои илмӣ-методии ташаккул ва рушди салоҳиятҳои омӯзгорони забони англисӣ дар муассисаҳои миёнаи махсус ва олии касбии тарбияи ҷисмонӣ ва муайян намудани роҳҳои муосиру самарабахши истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ бахшида шудааст. Ҷолибтарин навгонии таҳқиқоти мазкур ин арзёбӣ ва тавсифи муфассали асосҳои илмию педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгори забони англисӣ ҳамчун муносибатҳои босалоҳият, иртиботӣ ва касбмеҳвар дар заминаи таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот имкон фароҳам меоранд, ки тамоми навъҳои салоҳиятҳои касбӣ – забонӣ, иртиботӣ ва таълимӣ фаъол гардонида шуда, донишҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим оид ба забоншиносӣ дар шакли низоми мукаммал муаррифӣ ва истифода шаванд.

22. Қадимова Мадина Музаффаршоевна, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи назокати занона дар духтарони мактабхон дар асоси афзалиятҳои арзишҳои фарҳанги миллӣ дар раванди омӯзиши забони русӣ ва гурӯҳи  фанҳои гуманитарӣ» [299].

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси арзишҳои фарҳанги миллӣ ва русӣ ошкор намудани шароит ва принсипҳои педагогии тарбияи назокати занона дар духтарон дар муҳити гуногунфарҳангӣ ва бисёрзабонӣ мебошад. Муҳимтарин навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муҳаққиқ дар заминаи афзалиятҳои арзишҳои фарҳанги миллӣ дар шароити бисёрзабониву бисёрфарҳангӣ тавассути омӯзиши забони русӣ ва фанҳои гуманитарӣ, ки бахшҳои маълумотдиҳию ҳавасмандсозӣ, ташхисию таҳлилӣ ва рушдёбандаву ташкилиро дар як бахши воҳид муттаҳид мекунанд, амсилаи тарбияи назокати занонаро дар духтарони мактабхон таҳия ва пешниҳод намудааст. Натиҷаи таҳқиқотро дар раванди таълиму тарбияи

курси факултативии «Тарбияи назокати занона дар духтарони мактабхон дар асоси афзалиятҳои арзишҳои фарҳанги миллӣ», таҳияи тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони забони русӣ ва фанҳои гуманитарӣ истифода бурдан мумкин аст.

23. Ҷалилова Мавлуда Наҷмудиновна, диссертатсия дар мавзуи «Рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди татбиқи тафриқаи дохилисинфии таълими забони модарӣ» [282].

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ коркарди назариявӣ ва озмоиши амалии низоми дидактикии таълими тафриқавии забони модарӣ ба шумор меравад. Ба андешаи муаллиф, сатҳи рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими забони модарӣ дар мавриде баланд хоҳад шуд, ки агар тартиби татбиқи муносибати тафриқавӣ нисбат ба тадрис дар асоси таълими низоми тарҳрезишудаи машқу супоришҳои гуногунсатҳ бо дарназардошти дараҷаи душворӣ ва сатҳи фарогирии малакаи хонишу навишт ба забони модарӣ таҳияшуда коркард гардад. Ба муҳаққиқ муяссар гардидааст, ки фарзияи мазкурро собит намояд ва он навгонии асосии таҳқиқот ҳисоб мегардад. Натиҷаи судманди таҳқиқот аз он иборат аст, ки низоми таълими тафриқавии хонандагон аз забони модарӣ бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродиву равонӣ муайян ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи технологияи тафриқавӣ ва муносибати фардӣ нисбат ба таълими забони модарӣ тавассути озмоиш санҷида шудаанд.

24. Шарипов Бахтовар Файзович, диссертатсия дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии мутобиқшавии кӯдакони имкониятащон маҳдуд ба муҳити таҳсилотии махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Кӯлоб)» [322].

Диссертатсия ба мавзуи ниҳоят муҳим – мусоидат ба ҳалли проблемаҳои ташкилӣ-методии мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогии кӯдакони имкониятащон маҳдуд дар шароити нави низоми таҳсилоти Тоҷикистон бахшида шудааст. Навгонии таҳқиқотро консепсияи мутобиқшавии

иҷтимоӣ-педагогии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҷомеаи муосир, маҷмуи муқаррароти назариявӣ, принсипҳо, методҳо ва дастгирии технологӣ ташкил медиҳанд, ки барои татбиқи имкониятҳои неруи фаъолияти иҷтимоӣ дар ҷараёни мутобиқшавӣ, рушд ва иҷтимоишавии гурӯҳҳои гуногуни кӯдакони қобилияташон маҳдуд мусоидат мекунанд. Натиҷаҳои диссерататсияро зимни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, олии касбӣ ва муассисаҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои мутобиқшавӣ, тавонбахшӣ ва иҷтимоишавии кӯдакони имконияташон маҳдуд фаъолият доранд, истифода бурдан мумкин аст.

25. Каҷкулоева Тоҷиниссо Нуруллоевна, диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои иҷтимоӣ-педагогии рушди таҳсилоти ибтидоӣ дар марҳалаи кунунӣ дар Тоҷикистон» [298].

Ба андешаи муҳаққиқ сифати таҳсилоти ибтидоӣ ба талаботи ҷомеаи муосир ва стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот дар мавриде ҷавобгӯ мегардад, ки агар роҳҳои муосир ва шаклҳои рушди таҳсилоти ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, ҷараёни таълиму тарбия мунтазам мукаммал ва сифати таҳсилот пайваста баланд бардошта шавад. Аз ин рӯ, муҳимтарин навгонии илмии пажӯҳиш ин таҳлилу баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ-педагогие ба шумор меравaнд, ки зарурати баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти ибтидоиро тақозо менамоянд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот он аст, ки масъалаҳои қаблан ба қадри кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаи таҳсилоти ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рушди маориф ва фарҳанги миллӣ монеа эҷод менамуданд, ошкор карда шуда, барои ҳаллу фасли мусбати онҳо тавсияҳои илман асоснок пешниҳод гардидаанд.

26. Саидов Низомидин Тоҷидинович, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии банақшагирии усулҳои гуногуни омӯзиш ҳамчун воситаи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» [312].

Диссертатсия ба таҳия ва коркарди роҳу восита ва ҷанбаҳои педагогии банақшагирии усулҳои гуногуни омӯзиш, ки ба рушди зеҳнии хонандагони

синфҳои ибтидоӣ мусоидат карда, истифодаи самараноки онҳоро дар раванди таълим таъмин месозанд, бахшида шудааст. Муҳимтарин навгонии илмии таҳқиқот дар баррасӣ ва асосноксозии муносибати нави назариявӣ-методологӣ нисбат ба раванди банақшагирии рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълим зоҳир мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқотро, ки дар шакли тавсияҳои методӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд, дар такмили ҷараёни таълиму тарбия, баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти таълимии хонандагон ҷиҳати азхудкунии дониш ва маҳорату малакаҳои дорои хусусиятҳои миллӣ истифода бурдан мумкин аст.

27. Шарипов Анвар Абдурасулович, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули ҳамгироии донишҳои аҳлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити мактаб ва оила» [321].

Дар раванди таҳқиқот шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии ҳамкории самараноки оила ва мактаб дар раванди азхудкунии донишҳои ахлоқӣ ва ташаккули рафтори мусбати хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шудаанд. Навигарии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ зимни пажӯҳиш аввалин бор шароити педагогии ҳамкории оила ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро ба сифати шарикони муштарак дар ҳаллу фасли мушкилоти тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян намуда, масъалаҳои рушд ва омилҳои ҳавасмандкунандаи худтарбиякунии онҳоро мавриди баррасӣ ва озмоиши амиқ қарор додааст. Тарзу усулҳо ва методҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшударо дар раванди ташкили самараноки ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар ҷараёни тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули рафтори ибратбахши мактаббачагони хурдсол истифода бурдан мумкин аст.

28. Охунов Башер Хуҷақулович, диссертатсия дар мавзуи «Ташаккули сифатҳои сарварии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути бозиҳои технологӣ (дар мисоли омӯзиши забони англисӣ)» [307].

Диссертатсия ба асосноксозии илмии раванди ташаккули сифатҳои сарварӣ дар замири донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

бахшида шудааст. Муҳимтарин навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф оид ба вежагиҳои сарварикунандаи донишҷӯён бо истифода аз бозиҳои технологӣ ва методҳои математикии таҳқиқ низоми арзёбии далелнок ва муфидро таҳия ва пешниҳод намудааст. Муқаррароти назариявӣ ва пешниҳоду тавсияҳои муаллифро дар курсҳои махсус аз рӯйи мавзуи «Асосҳои психологию педагогии ташаккули сварвариии донишҷӯён тавассути бозиҳои технологӣ» барои ташаккули марҳилавӣ ва ботадриҷи сифатҳои сарварӣ дар замири донишҷӯён истифода бурдан мумкин аст.

29. Раҷабова Фирӯза Олмаҳмадовна, диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-амалии рушди фаъолии эҷодии мактаббачагони хурдсол тавассути воситаҳои технологияҳои бозӣ» [310].

Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳияи амсилаи илман асоснок ва консепсияи мукаммал оид ба рушди фаъолияти эҷодии мактаббачагони хурдсол тавассути технологияҳои бозӣ мебошад. Ҷолибияти навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф амсилаи сохторӣ-функсионалии инкишофи фаъолии эҷодии мактаббачагони хурдсолро тавассути технологияҳои бозӣ таҳия намуда, мақсаду вазифаҳо, принсипҳо ва марҳилаҳои раванди мазкурро муайян кардааст. Тавсияҳои илмӣ-амалии муаллиф, ки барои рушди фаъолияти эҷодии мактаббачагони хурдсол ба омӯзгорони синфҳои ибтидои манзур гардидаанд, сатҳи самаранокии амсилаи рушди фаъолияти эҷодии ҳамин категорияи мактаббачагонро боз ҳам баланд мебардоранд.

30. Тоҷибоева Манзураҷон Икромовна, диссертатсия дар мавзуи «Ҳавасмандгардонии худомӯзии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони русӣ дар шароити технологияи кредитии таҳсил» [318].

Диссертатсия ба коркард ва санҷиши озмоишии амсилаи ҳавасмандгардонии худомӯзиии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони русӣ дар шароити технологияи кредитии таълим бахшида шудааст. Навгонии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки зимни баррасии мавзуи мазкур модели ҳавасмандгардонии худомӯзии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони

русӣ дар шароити технологияи кредитии таълим бо нишон додани мақсад, муносибатҳои методологӣ (бонизом, фаъолиятнокӣ, шахсиятӣ-сарфаҳмравӣ) ва принсипҳои (ҳамкорӣ, ҳавасмандӣ, ташаккули муносибати муассир ба натиҷаи фаъолияти дигарон, дарки фаъолият, дарк тавассути лоиҳаҳои эҷодӣ ва супоришҳо) худомӯзӣ бо нишон додани меъёр ва дараҷаи ҳавасмандгардонии он дар шароити технологияи кредитии таълим таҳия, татбиқ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ДДҲБСТ ва Донишкадаи кӯҳӣ-металургии Тоҷикистон татбиқ шудаанд.

31. Убайдзода Ҷӯрахон Назар, диссертатсия дар мавзуи «Аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ ҳамчун низоми идоракунии сифат дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [319].

Таҳқиқоти мазкур ба баррасии принсипҳо, мушкилот ва имконияти истифодаи технологияи муосири аккредетатсияи муассисаҳои таълимӣ, инчунин, таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ дар самти низоми идоракунии сифат дар соҳаи маориф бахшида шудааст. Навоварии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хусусияти назорати давлатӣ дар соҳаи маориф ва вежагиҳои педагогии назорати хизматрасонии таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти навъҳои муассисаҳо, мутобиқати онҳо ба стандартҳо ва эҳтиёҷоти рушди соҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Натиҷаҳои илмии таҳқиқотро дар раванди таъминоти методии иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсияи муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти махсусиятҳои минтақавӣ, таҳияи воситаҳои дидактикии аккредитатсия, иҷозатномадиҳӣ, инчунин, дар ҷараёни идораи сифати таҳсилот истифода бурдан мумкин аст.

32. Ҳакимова Ҷамила Сайфуллоевна, диссертатсия дар мавзуи «Махсусиятҳои дидактикии ташкили фаъолияти таълимӣ дар шароити таҳсилоти фарогир (аз рӯйи маводи мактаб-интернатҳои махсуси ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони кару гунг)» [320].

Диссертатсия ба асосноксозии назариявӣ ва ба таври озмоишӣ санҷидани зарурати коркард ва ҷустуҷӯйи воситаҳо, технологияҳои таълими кӯдакони кару гунг, ки ба рушд ва тасҳеҳи ҷараёнҳои асосии психологӣ, ташаккули фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоишавии чунин кӯдакон мусоидат менамоянд, бахшида шудааст. Муҳимтарин навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф бори аввал технологияи ташкили фаъолияти таълимии таълимгирандагони мактаб-интернатҳои махсуси ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони кару гунгро коркард ва дар раванди пурраи таҳсилот мавриди пажӯҳиш қарор дода, барномаҳои инфиродии таҳсилотиро ҷиҳати беҳдошт ва тасҳеҳи нуқсонҳои нутқӣ, ақлонӣ ва инкишофи сенсорӣ таҳия ва пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар курсҳои таълимӣ оид ба педагогикаи умумӣ ва махсус барои донишҷӯёни ихтисосҳои «Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ», «Педагогика ва психологияи томактабӣ» ва «Логопедия», инчунин, барои таҳияи дастурҳо барои кӯдакони имконияташон маҳдуд истифода бурдан мумкин аст.

Таҳлили квалиметрии сатҳи истифодаи натиҷаи диссертатсияҳои баррасишуда имкон медиҳад, ки аз ин ҷиҳат онҳоро ба ҳафт гурӯҳи зерин ҷудо намоем:

Гурӯҳи аввал. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба таҳқиқи мавзуъҳои ҳамкориҳои педагогии мақомот ва ниҳодҳои гуногун оид ба ташаккули ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтор, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва нашъамандӣ миёни кӯдакону наврасон бахшида шудаанд. Ба ин гурӯҳ диссертатсияҳои номзадии Алиқулова Сабринисо Тилавовна «Ҳамкории хонавода, мактаб ва ҷомеа оид ба пешгирии нашъамандӣ дар байни наврасон ва ҷавонон», Сатторов Бобоҷон Абдуҷабборович – «Ҳамкориҳои педагогӣ ва ташкилии мақомоти корҳои дохилӣ, оила ва мактаб оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар миёни ноболиғон», Шарипов Анвар Абдурасулович - «Асосҳои педагогии ташаккули ҳамгироии донишҳои аҳлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити мактаб ва оила» дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи  дуюм диссертатсияҳое дохил мешаванд, ки ба таҳқиқи мавзуъҳои таҳсилоти ғоибонаи педагогӣ, ибтидоӣ, фарогир, низоми идоракунии сифат дар соҳаи маорифи Тоҷикистон, инчунин, махсусиятҳои ташкили чорабиниҳои гуногун дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида  шудаанд. Ба гурӯҳи мазкур диссертатсияи доктории Ашурова Дилором Ашуровна «Таҳсилоти ғоибонаи педагогӣ дар Тоҷикистон: таърих, вазъ ва масоили рушди он» ва диссертатсияҳои номзадии Каҷкулоева Тоҷиниссо Нуруллоевна дар мавзуи  «Масъалаҳои рушди қобилиятҳои иҷтимоӣ-педагогии инкишофи рушди таҳсилоти ибтидоӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ», Ҳакимова Ҷамила Сайфуллоевна - «Махсусиятҳои дидактикии ташкили фаъолияти таълимӣ дар шароити таҳсилоти фарогир (аз рӯйи маводи мактаб-интернати махсуси ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони кару гунг)», Шарипов Бахтовар Файзович - «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии мутобиқшавии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба муҳити таҳсилотии махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Кӯлоб)», Убайдзода Ҷӯрахон Назар - «Аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ ҳамчун низоми идоракунии сифат дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Калонова Матлуба Ёқубовна «Махсусиятҳои ташкили саёҳати таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи  сеюм таҳқиқоти диссертатсионие, ки ба таҳқиқи мавзуъҳои касбинтихобкунии хонандагон ва ҷанбаҳои педагогии рушди салоҳияти касбӣ бахшида шудаанд, шомиланд. Ба гурӯҳи  мазкур диссертатсияи номзадии Қодиров Илҳомҷон Маҳмадович дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодасозии донишҷӯён ба корҳои касбинтихобкунии хонандагони деҳот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қурбонов Абдураҳим Маҳмадюнусович - «Ҷанбаҳои педагогии рушди салоҳияти касбии донишҷӯёни ихтисосҳои муҳандисӣ-техникӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот», Тағойназарова Манзура Суфхоналиевна дар мавзуи «Арзишҳои гуманистии раванди таҳсил ба забони англисӣ дар омодагии касбии омӯзгори оянда дар

мактаби олӣ», Гулова Нажиба Абдулмажитовна - «Асосҳои психологию педагогии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ», Ёфтаков Ҳусейн Файзуллоевич - «Хусусиятҳои мазмуни таҳсилот ва салоҳиятҳои касбии омӯзгори забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олии тарбияи ҷисмонӣ» дохил мешавад.

Гурӯҳи чорум. Ба ин гурӯҳ диссертатсияҳое шомил мешаванд, ки ба таҳқиқи мавзуъҳои шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги графикӣ, ҷисмонӣ, экологӣ ва тарзи ҳаёти солими хонандагон ва донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, олии касбӣ ва хонавода бахшида шудаанд. Ба гурӯҳи мазкур метавон, диссертатсияҳои номзадии зеринро ворид намуд: Досаков Мӯъмин Мухторович - «Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва фаъолгардонии фаъолияти хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Бобоева Зебоҷон Субҳоновна – «Самтбахшии касбии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ барои амалигардонии таълиму тарбияи экологии хонандагон», Асадуллоев Раҳматулло Давлатович - «Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар коллективи кӯдакони синну соли гуногун дар истироҳатгоҳҳои тобистона», Оёҳмадов Шерафган Раҷабалиевич - «Технологияи педагогии рушди фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯён зимни машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ», Юсупов Саидакрамхоҷа Мӯминович «Ташаккули фарҳанги графикии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ тавассути фанҳои графикӣ (дар мисоли омодасозии муҳандисони соҳаи кӯҳкорӣ)», Асозода Баргигул Ҷӯрақуловна - «Таъсири тарбияи ҷисмонӣ ва иҷтимоигардонии кӯдакони синни томактабӣ дар хонавода».

Гурӯҳи панҷум. Ба ин гурӯҳ диссертатсияҳое шомил мешаванд, ки ба таҳқиқи мавзуъҳои омӯзиши афкори педагогии ниёгони тоҷик ва шароити педагогии ташаккули худшиносии миллии ҷавонон бахшида шудаанд. Ба гурӯҳи мазкур метавон, диссертатсияҳои номзадии зеринро ворид намуд: Пиров Сироҷиддин Асомидинович - «Афкори педагогии Фахруддини Розӣ ва нақши он дар ташаккул ва тарбияи инсони комил», Раҷабов Ҷӯрахон -

«Таҳқиқи мероси педагогии Миробид Сайидо Насафӣ ва рушди шавқу рағбати хонандагон ба касбу ҳунарҳои мардумӣ», Наврӯзова Гулшан Турсуновна - «Шароити педагогии ташаккули худшиносии миллии ҷавонони донишҷӯ дар шароити муҳити бисѐрфарҳангӣ».

Гурӯҳи шашум. Ба ин гурӯҳ диссертатсияҳое шомил мешаванд, ки ба таҳқиқи мавзуъҳои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ ва эҷодии гурӯҳҳои гуногуни хонандагон, аз ҷумла, хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудаанд. Ба гурӯҳи мазкур метавон, диссертатсияҳои номзадии зеринро ворид намуд: Одинаева Одинамо Зубайдовна – «Шароитҳои педагогии инкишофи хонандагон дар марказҳои эҷодии мактабӣ», Саидов Низомиддин Тоҷидинович - «Асосҳои педагогии банақшагирии усулҳои гуногуни омӯзиш ҳамчун воситаи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ», Ҷалилова Мавлуда Наҷмуддиновна - «Рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол дар раванди татбиқи тафриқаи дохилисинфии таълими забони модарӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон)», Раҷабова Фирӯза Олмаҳмадовна - «Асосҳои назариявӣ-амалии рушди фаъолии эҷодии мактаббачагони хурдсол тавассути воситаҳои технологияҳои бозӣ».

Гурӯҳи ҳафтум. Ба ин гурӯҳ диссертатсияҳое шомил мешаванд, ки ба таҳқиқи мавзуъҳои технологияҳои педагогии ташаккул ва рушди ҳавасмандӣ нисбат ба омӯзиш ва баланд бардоштани сифати таълими забонҳои гуногун (модарӣ, русӣ ва англисӣ), инчунин, ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии донишҷӯѐну хонандагон зимни омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ташаккули арзишҳои мазкур дар оила ва муассисаҳои фарҳанг бахшида шудаанд. Ба гурӯҳи мазкур метавон, диссертатсияҳои номзадии зеринро дохил намуд: Тоҷибоева Манзураҷон Икромовна - «Ҳавасмандгардонии худомӯзии донишҷӯѐн ҳангоми омӯзиши забони русӣ дар шароити технологияи кредитии таҳсил», Қадимова Мадина Музаффаршоевна - «Асосҳои педагогии тарбияи назокати занона дар духтарони мактабхон бо истифода аз афзалиятҳои арзишҳои фарҳанги миллӣ зимни омӯзиши забони

русӣ ва гурӯҳи  фанҳои гуманитарӣ», Охунов Башер Хӯҷақулович - «Ташаккули сифатҳои сарварии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавассути бозиҳои технологӣ (дар машғулиятҳои забони англисӣ)», Сангимадов Фаррух Хайруллоевич - «Технологияи педагогии баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қодирова Бунафшамоҳ Азизуллоевна – «Ташаккул ва рушди ҳавасмандӣ ба омӯзиши забони русӣ дар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии иқтисодии Тоҷикистон», Гиёев Абдуназар Худойназарович - «Ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар дарсҳои забони рӯсӣ», Табаров Нурулло Сафаралиевич «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Бобоева Маҳбуба Ҷӯрахоновна - «Мавқеи анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва таҳаввули он ҳамчун масъалаи муҳимми  педагогикаи муосир».

Қайд кардан зарур аст, ки натиҷаи таҳқиқоти тамоми корҳои диссертатсионии гурӯҳи якум дар шакли дастурҳои методӣ барои кормандони раёсатҳои кор бо ноболиғон, падару модарон таҳия гардида, нуктаҳои муҳимми  таҳқиқот зимни суханрониҳои муаллифон дар ҷаласаҳои шуроҳои илмию методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии ҷумҳурӣ, инчунин, дар мақолаҳои илмӣ инъикос гардидаанд. Ҳамин нуктаро ба диссертатсияҳои гурӯҳи  дуюм низ нисбат додан мумкин аст: натиҷаҳои корҳои илмии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии педагогӣ ҷорӣ карда шуда, муҳтавои онҳо дар мақолаҳои илмӣ ва монографияҳо инъикос ёфтаанд.

Натиҷаи корҳои диссертатсионӣ оид ба касбинтихобкунии хонандагон ва ҷанбаҳои педагогии рушди салоҳияти касбӣ, ки ба гурӯҳи сеюм шомил гардидаанд, дар раванди таъминоти таълимӣ-методии низоми таҳсилоти кредитӣ ҷиҳати ошкор намудани мушкилоти касбии омӯзгорон ва ҷанбаҳои

педагогии ташаккул ва рушди салоҳияти касбии онҳо дар муассисаҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кормандони соҳаи маориф ҷорӣ карда шудаанд.

Натиҷаи илмии таҳқиқоти диссертатсионии гурӯҳи чорум дар маводи илмӣ-методии муҳаққиқон бахшида ба тарбияи графикӣ, ҷисмонӣ, экологӣ ва тарзи ҳаёти солим, силсилаи суханрониҳо, лексияҳо оид ба назария ва методикаи таълими фанҳои тарбияи ҷисмониву экологии хонандагону донишҷӯён, ташаккули тарзи ҳаёти солими онҳо ва раванди иҷтимоишавии кӯдакон дар муҳити хонавода, инчунин, зимни маърӯзҳо дар конференсияҳои илмӣ оид ба проблемаҳои педагогика ва таҳсилот тасвибу татбиқ карда шуда, дар мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Муҳимтарин натиҷаҳо ва нуктаҳои таҳқиқоти диссертатсионии гурӯҳи панҷум дар раванди семинарҳо, конференсияҳо ва ҳамоишҳои гуногуни илмии сатҳи мухталиф оид ба омӯзиши мероси педагогии ниёгон ва роҳҳои татбиқи ғояҳои тарбиявии онҳо дар ҷараёни таълиму тарбияи насли наврас, инчунин, мақолаҳои илмӣ, маводи илмию методии муаллифон дар шакли дустуру тавсияҳо инъикос ёфтаанд. Аз натиҷаҳои илмии мазкур донишҷӯён, омӯзгорон, олимон ва ҳамаи онҳое, ки ба мероси педагогии ниёгон ва ташаккули худшиносии миллӣ майлу рағбат доранд, истифода бурда метавонанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии гурӯҳи шашум дар пешниҳоду тавсияҳои методӣ ва мақолаҳои илмии муҳаққиқон оид ба қобилиятҳои зеҳнӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ ва эҷодии гурӯҳҳои гуногуни хонандагон, инчунин, зимни маърӯза ва гузоришҳои илмӣ дар ҳамоишҳои гуногуни илмӣ бахшида ба мавзуъҳои мазкур мавриди озмоиш, баррасӣ ва тасвиб қарор дода шудаанд.

Натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқонро, ки ба гурӯҳи ҳафтум шомил гардидаанд, дар раванди ҳавасмандгардонӣ ва ташаккули майлу рағбати хонандагону донишҷӯён нисбат ба омӯзиши забонҳои гуногуни хориҷӣ дар шароити татбиқи технологияҳои низоми кредитии таҳсилот ҷиҳати баланд

бардоштани самаранокӣ, такмили таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаи таҳқиқоти илмии қисми дигари муаллифони гурӯҳи мазкурро омӯзгорон, педагог-ташкилотчиён, кормандони соҳаи фарҳанг дар раванди ташаккули сифатҳои маънавию ахлоқии наврасону ҷавонон ва ташаккули шахсияти онҳо дар заминаи арзишҳои фарҳанги миллӣ истифода бурда метавонанд.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи таҳлили мазкур бармеояд, ки Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва равоншиносӣ дар давоми солҳои 2018-2019 дар самти омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ нисбат ба дигар Шуроҳои диссертатсионии ватании соҳаи педагогика пурмаҳсул фаъолият намудааст. Масалан, агар дар Шурои диссертатсионии равияи педагогии 6D.KOA-027 дар назди ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров дар соли 2018 ҳамагӣ 1 диссертатсия ва дар соли 2019 танҳо 2 диссертатсия химоя шуда бошад, пас ин нишондиҳандаи фаъолияти Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар давоми ҳамин солҳо мутаносибан 2 ва 33 диссертатсияро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, аз натиҷаи гурӯҳбандии самтҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ дар Шурои мазкур ҳимоя намудаанд, бармеояд, ки ҳангоми интихоб ва тасдиқи мавзуъҳои таҳқиқот сатҳи муҳиммияти онҳо барои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба инобат гирифта намешавад, бархе аз пажӯҳишҳо бо консепсияҳои дурнамои рушди низоми илму маориф, моделҳои назариявии таърихӣ ва рушди муосири педагогика ва таҳсилот, маҷрои ояндабинонаи дигаргуниҳои сохтории тамоми зинаҳои таҳсилот дар ҷумҳурӣ, анвои (типологияи) низомҳои таҳсилот, амсилаҳо ва шаклҳои инкишофи ояндаи онҳо алоқаманд нестанд. Баъзе таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои педагогӣ ва маънавии мероси пурғановати халқи

тоҷикро ба ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷомеа ҳамгиро карда наметавонанд. Муносибати бонизом, ки дар бархе аз таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сифати равиши илмии таҳқиқ муайян гардидааст, ҳамчун воситаи низомсози объекти мавриди назар истифода бурда нашудааст.

Равиши фаъолиятгаро (деятельностный подход), ки дар қисми муайяни таҳқиқоти унвонҷӯён ҳамчун методи илмӣ интихоб шудааст, таъиноти хешро дар раванди ташаккули шахсияти созандаву серталаб, ки яке аз ҳадафҳои асосии таҳқиқот ба шумор меравад, то ба охир иҷро карда наметавонад, ки ин боиси паст гардидани аҳаммияти  назариявӣ ва арзиши амалии таҳқиқот мегардад. Баъзе муҳаққиқон дар шароити ҷаҳонишавии таҳсилот падидаҳои нави педагогӣ ва қонуниятҳои ташаккул ва рушди таҳсилоти муттасил, фарогирро ошкор карда наметавонанд.

Таҳқиқот, инчунин, муайян намуд, ки унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ба мавзуъҳои барои ҳаёти ҷомеа муҳим ва таҳқиқталаб, ки ба тарбияи насли ояндасоз робитаи ногусастанӣ доранд, аз қабили ташаккули зеҳнӣ ва моделҳои иҷтимоисозии инсони муосир – фарҳанги иттилоотӣ, фарҳанги муомила, муомилаи  иҷтимоӣ дар шароит ва муҳитҳои гуногун, методологияи рушди назарияи муосири тарбияи шахсият, нерумандӣ ва салоҳиятмандии касбӣ (педагогӣ) дар фазои иттилоотӣ ва иртиботии муосир ба қадри кофӣ таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд.

Натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои интихобан арзёбишуда (6 адад) бошад, ки дар ҳамин Шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон - 6D.КОА-036 дар солҳои 2018-2019 ҳимоя шудаанд, тибқи матритсаи таҳиянамудаи диссертант - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) ба тариқи зайл аст: 1) диссертатсияҳои аз таҳлили квалиметрӣ гузаронида, ҳадди ақал 69 ва ҳадди аксар 80 хол гирифтанд (ниг. ба Замимаи 3); 2) аз шумораи умумӣ ба пуррагӣ ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат дорад (90 то 100 хол) - нест; 3) дар сатҳи кофӣ ба талаботи дахлдори Тартиб мутобиқат дорад (80–89 хол) – 1

диссертатсия бо гирифтани 80 хол; 3) ба талаботи Тартиб мувофиқат дорад (70–79 хол) - 4 диссертатсия бо гирифтани 74 (ду адад), 75 ва 76 хол; 4) ба талабот ҷавобгӯ нест (60–69 хол) - 1 диссертатсия бо гирифтани 69 хол.

Дар ин ҳолат низ, бо сабаби дар озмоиш қарор доштани «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) мо таҳлилро бо гузоштани рамз ба диссертатсияҳо, бе нишон додани ному насаби диссертантҳо анҷом додем. Масалан, ТКД-1ПРМ - таҳлили квалиметрии диссертатсияи 1 аз Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.

Аз рӯйи нишондиҳандаҳо миқдори диссертатсияҳои аз таҳлили квалиметрӣ гузаронидаро чунин тақсим кардан имкон дорад.

**Ҷадвали 28. Натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои** дар **Шурои диссертатсионии ПРМ дар солҳои 2018-2019 ҳимояшуда**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Баҳогузорӣ бо хол** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
| 1. Мубрамияти таҳқиқот | Нест | нест | 2 диссертатсия | 4 диссертатсия | нест |
| 2. Навгонии илмӣ | Нест | нест | 2 диссертатсия | 4 диссертатсия | нест |
| 3. Аҳаммияти назариявӣ | Нест | нест | 1 диссертатсия | 5 диссертатсия | нест |
| 4. Аҳаммияти амалӣ | Нест | 1 диссертатсия | 2 диссертатсия | 3 диссертатсия | нест |
| 5. Саҳми шахсии диссертант | Нест | нест | 4 диссертатсия | 2 диссертатсия | нест |
| 6. Заминаи далелноккунӣ (аргументатсия) | Нест | нест | 1 диссертатсия | 5 диссертатсия | нест |
| 7. Қисмати озмоишӣ–таҷрибавии таҳқиқот | Нест | нест | нест | 6 диссертатсия | нест |
| 8. Асоснокӣ ва коршоямии (валидияти) хулосаҳои таҳқиқот | Нест | нест | нест | 6 диссертатсия | нест |
| 9. Асосноккунии методологии фарзия | Нест | нест | 1 диссертатсия | 5 диссертатсия | нест |
| 10. Забон, услуби баён | Нест | нест | 2 диссертатсия | 4 диссертатсия | нест |
| 11. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ | Нест | нест | 4 диссертатсия | 2 диссертатсия | нест |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 12. Миқёси татбиқ | Нест | нест | 2 диссертатсия | 4 диссертатсия | нест |
| 13. Дараҷаи татбиқ, тасвиб | Нест | нест | 2 диссертатсия | 4 диссертатсия | нест |
| 14. Дараҷаи ҷамъбасткунӣ | Нест | нест | 1 диссертатсия | 5 диссертатсия | нест |
| 15. Дараҷаи эътимоднокӣ | Нест | нест | 1 диссертатсия | 4 диссертатсия | 1 диссертатсия |
| 16. Пайдарпайӣ ва мантиқӣ будани мундариҷаи кор | Нест | нест | 1 диссертатсия | 5 диссертатсия | нест |
| 17. Сатҳи маводи аз рӯйи мавзуи таҳқиқот нашршуда | Нест | нест | 1 диссертатсия | 5 диссертатсия | нест |
| 18. Мутобиқати тақсимот ба бобу зербобҳо ба вазифаҳои таҳқиқот | Нест | нест | нест | 6 диссертатсия | нест |
| 19. Сатҳи таълифи матни асосии диссертатсия | Нест | нест | нест | 6 диссертатсия | нест |
| 20. Сатҳи таълифи муқаддима, хулоса ва қисматҳои дигари диссертатсия | Нест | нест | 4 диссертатсия | 2 диссертатсия | нест |

Чунонки аз ҷадвали боло бармеояд, дар диссертатсияҳои интихобан тибқи таҳлили квалиметрӣ арзёбишуда норасоиҳо, асосан, дар сатҳи таълифи муқаддима, хулоса ва қисматҳои дигари диссертатсия ба назар мерасанд. Бо нишондиҳандаҳои қисмати озмоишӣ-таҷрибавии таҳқиқот, асоснокӣ ва коршоямии (валидияти) хулосаҳои таҳқиқот, мутобиқати тақсимот ба бобу зербобҳо ба вазифаҳои таҳқиқот ва сатҳи таълифи матни асосии диссертатсия таҳқиқоти таълифшуда ва мавриди таҳлили квалиметрӣ қарордошта аз рӯйи сифат нисбатан дар сатҳи болотар ҷойгиранд.

Аз таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои ҳимояшуда, инчунин, бармеояд, ки дар баробари дастовардҳо дар фаъолияти Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар ин Шуро 14 номгӯйи диссертатсия ё ба андозаи 40 фоизи онҳо ба забони русӣ ҳимоя шудаанд. Ҳол он ки Пешвои миллат вобаста ба бартарияти забони давлатӣ дар раванди таҳқиқоти илмӣ

таъкид кардаанд, ки «Рушди забони илмии тоҷикӣ дигар масъалаи муҳиммест, ки Академияи илмҳо ва Комиссияи олии аттестатсионӣ бояд ба он таваҷҷуҳ намоянд. Дар баробари бо забонҳои хориҷӣ навиштани рисолаҳо мо бояд ба рисолаҳое, ки бо забони тоҷикӣ, яъне бо забони давлатӣ таълиф мешаванд, афзалият диҳем» [6].

Аз ин рӯ, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои хеш имконияти татбиқи комили дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллатро дорад. Дар мавриди иҷро гаштани ин дастур Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як қадами устувор ба сӯи истиқлолияти илмию фарҳангӣ мегузорад.

Хулоса, таҳлили квалиметрии фаъолияти Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036, ки солҳои 2018-2019 фаъолият дошт, нишон медиҳад, ки ҳайати он ба талаботи мавҷуда пурра мутобиқ буд. Аз ин рӯ, соли 2019 дар Шурои мазкур 32 диссертатсияи номзадӣ ҳимоя шуда, тавсифи мухтасари квалиметрии онҳо аз рӯйи се меъёр – мавзуъ, навгонӣ ва дараҷаи татбиқ, , инчунин, таҳлили квалиметрии сатҳи истифодаи натиҷаи онҳо имкон дод, ки рисолаҳоро ба ҳафт гурӯҳ ҷудо намоем. Таҳлили ҳайати Шуро тибқи методикаи пешниҳоднамудаи А. Шишканова, С. И. Пахомов, В. А. Гуртов ва И. В. Пенние дар соли 2019 нишон дод, ки олимони соҳаи педагогикаи кишвари мо то ҳол ба навгониҳои илмсанҷӣ (наукометрӣ) таваҷҷуҳи махсус зоҳир накарда, ҳатто дар рӯйхати РИНС ҳанӯз сабти ном ҳам накардаанд, ѐ ин кииндекси Хирши паст доранд. Дар натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои интихобан арзѐбишуда (6 адад) тибқи матритсаи таҳиянамудаи диссертант - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» бошад, маълум карда шуд, ки баъзе диссертатсияҳо ба талабот умуман ҷавобгӯ нестанд.

Аз таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои ҳимояшуда, инчунин, бармеояд, ки дар баробари дастовардҳо дар фаъолияти Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон камбудиҳо низ ба

назар мерасанд. Аз ҷумла,  дар ин Шуро 14 номгӯйи диссертатсия ё ба андозаи 40 фоизи онҳо ба забони русӣ ҳимоя шудаанд ва ғайра.

Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқи масъала, ки дар зербоби мазкур инъикос гардидаанд, барои такмили фаъолияти тамоми субъектҳое, ки ба интихоби мавзуъ, омодасозӣ ва ҳимояи таҳқиқоти дисертатсионӣ машғуланд, андешидани тадбирҳои зеринро мувофиқи мақсад мешуморем:

- баланд бардоштани масъулияти роҳбарони илмӣ ва кафедраҳои пешбар нисбат ба интихоби мавзуъҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯён ва забони таҳқиқот;

- дар раванди баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраҳои пешбар ошкор намудани сатҳи алоқамандии мавзуи таҳқиқот ба консепсияҳои дурнамои рушди низоми илму маориф, моделҳои назариявии таърихӣ ва рушди муосири педагогика ва таҳсилот, маҷрои ояндабинонаи дигаргуниҳои сохтории тамоми зинаҳои таҳсилот дар ҷумҳурӣ, анвои (типологияи) низомҳои таҳсилот, амсилаҳо ва шаклҳои инкишофи ояндаи онҳо;

- муайян намудани сатҳи ҳамгироии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо арзишҳои педагогӣ ва маънавии мероси пурғановати халқи тоҷик, инчунин, ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷомеа;

- ҳангоми баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар тамоми зинаҳо (аз интихоби мавзуъ то аттестатсияи давлатии унвонҷӯ, яъне сазовор донистани ӯ ба дараҷаи илмӣ) ба инобат гирифтани муҳиммияти мавзуи  таҳққиқот ва алоқамандии он ба манфиатҳои миллӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ дар рушди педагогикаи ватанӣ ва таҳсилот;

- таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудани роҳбарони илмӣ ва кафедраҳои пешбар ба сатҳи омодагии назариявӣ-методологӣ ва малакаҳои истифодаи равишҳои таҳқиқ аз ҷониби унвонҷӯён дар амал;

- зиёд намудани ҳаҷми соатҳои таълимии аудиторӣ ва корҳои мустақилонаи унвонҷӯён дар нақшаҳои таълимӣ оид ба омӯзиши асосҳои методологии таҳқиқоти илмӣ;

- ҳангоми баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраҳои пешбар ва ҳимояи ошкоро афзалият додан ба навгонӣ ва сатҳи табиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва ғайра.

## Хулоса оид ба боби сеюм

Таҳлили квалиметрии таҳқиқоти педагогии диссертатсионии дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдодашуда, аз ҷумла дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шуроҳои диссертатсионии он, дар шуроҳои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дар Шурои диссертатсионии ватании назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистонро гузаронида, ба чунин хулоса расидан имкон дорад:

1. Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шуроҳои диссертатсионии он дар баробари дастовардҳо дар ин самт норасоиҳо низ кам нестанд ва ҳатто бо истифода аз «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) диссертатсияҳое маълум карда шуданд, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Аз ин рӯ, мунтазам таҳлил ва ошкор намудани камбудиҳо дар фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ барои ташкили бонизом ва самараноки фаъолияти ояндаи онҳо хеле муҳим мебошад. Ҳамзамон, барои баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии ватанӣ ва хориҷии назди ин муассисаи таълимӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ андешидани тадбирҳои зерин мувофиқи матлаб аст:

- баланд бардоштани мақом ва масъулияти шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, ба инобат гирифтани неруи илмӣ ва қобилияти илмию эҷодии унвонҷӯён ҳангоми қабул ба зинаи магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD), бо мақсади таъмини пешниҳоди саривақтии диссертатсияҳо ба ҳимоя роҳандозӣ намудани назорати қатъии иҷрои нақшаҳои инфиродии магистрантон, докторантон ва унвонҷӯён ва такмили механизми

ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон ҷиҳати ҷалби онҳо ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳсил дар зинаҳои магистратура ва докторантура;

- баланд бардоштани масъулияти кафедраҳои пешбар, роҳбарон ва мушовирони илмӣ нисбат ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти илмии унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ, таҳким бахшидани иқтидорҳои полиграфии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, таъсиси озмоишгоҳҳои илмӣ ва таҳкими базаи модӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат, такмили фонди анъанавӣ ва электронии китобхонаҳои илмии донишкада ва донишгоҳҳои ҷумҳурӣ бо адабиёти илмии соҳавӣ, ба сифати нишондиҳандаи асосӣ ва афзалиятноки аттестатсияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахусус, кафедраҳои пешбар ба инобат гирифтани шумораи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ.

2. Дар шуроҳои диссертатсионии АТТ баррасии диссертатсияҳо беш аз пеш беҳтар гардида, риояи талаботи методологӣ ва расмӣ аз ҷониби унвонҷӯён , асосан, таъмин мегардад. Аз ин рӯ, сол то сол беҳтар гардидани сифати диссертатсияҳои ҳимояшуда ба мушоҳида мерасад.

Дар баробари ин, дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки дар баробари дастовардҳо норасоиҳо низ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ кам нестанд. Аз ҷумла, таҳия ва ороиши қисми муайяни диссертатсияҳо дар шуроҳои диссертатсионии АТТ ба талабот ҷавобгӯ нест. Ҳатто, 3 диссертатсия ба талаботи тартибҳои амалкунандаи додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат надорад ва камтар аз 70 фоиз ба онҳо ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, ҳаҷми бархе аз автореферат ва диссертатсияҳо, тасвири библиографии осори чопӣ ва интишороти муҳаққиқон дар онҳо ба талаботи стандартҳои давлатӣ мувофиқат намекунад. Илова бар ин, шумораи муайяни унвонҷӯён ба асосҳои методологии таҳқиқоти илмӣ ва муқаррароти асноди расмӣ оид ба таҳия ва пешниҳоди диссертатсия ва автореферати он ба ҳимоя ошно нестанд.

Бо сабабҳои дар боло зикршуда, барои бартараф намудани камбудиҳои ошкорнамудаи раванди таҳқиқот ва беҳтар кардани фаъолияти минбаъдаи

шуроҳо ва сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ дар зербоби дахлдори диссертатсия андешидани тадбирҳои мушаххас пешниҳод гардидааст.

3. Таҳлили квалиметрии фаъолияти Шурои диссертатсионии ватании ПРМ дар солҳои 2018-2019 нишон дод, ки танҳо соли 2019 дар Шурои мазкур 32 диссертатсияи номзадӣ ҳимоя шудааст, ки тавсифи мухтасари квалиметрии онҳо аз рӯйи се меъёр – мавзуъ, навгонӣ ва дараҷаи татбиқ, инчунин, таҳлили квалиметрии сатҳи истифодаи натиҷаи онҳо имкон дод, ки ин рисолаҳоро ба ҳафт гурӯҳ ҷудо намоем. Таҳлили ҳайати Шуро тибқи методикаи пешниҳоднамудаи А. Шишканова, С. И. Пахомов, В. А. Гуртов ва И. В. Пенние дар соли 2019 нишон дод, ки олимони соҳаи педагогикаи кишвари мо то ҳол ба навгониҳои илмсанҷӣ (наукометрӣ) таваҷҷуҳи махсус зоҳир накарда, ҳатто дар рӯйхати РИНС ҳанӯз сабти ном ҳам накардаанд, ё ин кииндекси Хирши паст доранд. Дар натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои интихобан арзёбишуда (6 адад) тибқи матритсаи таҳиянамудаи диссертант - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» бошад, маълум карда шуд, ки баъзе диссертатсияҳо ба талабот умуман ҷавобгӯ нестанд.

Вобаста ба ин, барои такмили фаъолияти тамоми субъектҳое, ки ба интихоби мавзуъ, омодасозӣ ва ҳимояи таҳқиқоти дисертатсионӣ машғуланд, андешидани тадбирҳои зеринро мувофиқи мақсад мешуморем:

- баланд бардоштани масъулияти роҳбарони илмӣ ва кафедраҳои пешбар нисбат ба интихоби мавзуъҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯён ва забони таҳқиқот, дар раванди баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраҳои пешбар ошкор намудани сатҳи алоқамандии мавзуи таҳқиқот ба консепсияҳои дурнамои рушди низоми илму маориф, муайян намудани сатҳи ҳамгироии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо арзишҳои педагогӣ ва маънавии мероси пурғановати халқи тоҷик, ба инобат гирифтани муҳиммияти мавзуи таҳққиқот ва алоқамандии он ба манфиатҳои миллӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ дар рушди педагогикаи ватанӣ ва таҳсилот;

- таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудани роҳбарони илмӣ ва кафедраҳои пешбар ба сатҳи омодагии назариявӣ-методологӣ ва малакаҳои истифодаи равишҳои таҳқиқ аз ҷониби унвонҷӯён, зиёд намудани ҳаҷми соатҳои таълимии аудиторӣ ва корҳои мустақилонаи унвонҷӯён дар нақшаҳои таълимӣ оид ба омӯзиши асосҳои методологии таҳқиқоти илмӣ, ҳангоми баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраҳои пешбар ва ҳимояи ошкоро афзалият додан ба навгонӣ ва сатҳи табиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва ғайра.

4. Таҳлилҳои квалиметрӣ, дар маҷмуъ, нишон доданд, ки «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) бо меъёрҳояш самаранок буда, истифодаи он аз ҷониби коршиносони сатҳҳои гуногун метавонад ба болобарии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла дар соҳаи педагогика мусоидат намояд. Таҳлили квалиметрии ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи методикаи пешниҳоднамудаи А. Шишканова, С. И. Пахомов, В. А. Гуртов ва И. В. Пенние низ сермаҳсул буда, истифода аз он кумак мекунад, ки фаъолияти аъзои шуроҳои диссертатсионӣ ҳамасола дар асоси таҳлили квалиметрӣ ва илмсанҷӣ воқеъбинона аз ҷониби коршиносон ва мақомоти аттестатсияи кадрҳои илмӣ баҳогузорӣ карда шавад.

# БОБИ 4. ДУРНАМОИ РУШДИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Тасвири манзараи илмии олами таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми томи тасаввуротро дар бораи хосиятҳо ва қонуниятҳои куллии воқеияти педагогӣ фаро мегирад, бе тасаввурот дар бораи ояндаи он наметавонад, ки мукаммал бошад. Аз ин рӯ, дар натиҷаи ҷамъбасту синтези ақидаҳои гуногун ва бо такя ба принсипҳои бунёдии илм муайян сохтани дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ аз масъалаҳои хеле мубрам ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад, дар ин боби диссертатсия мо кӯшиш кардаем, ки ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмиро ҳамчун марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалиро ҳамчун омили рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз таҳлилу баррасии квалиметрӣ гузаронида, самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогиро дар кишвар дақиқ созем.

## 4.1. Ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ - марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ

Рукнҳои асосии сиёсиву идорӣ ва давлатдории миллии тоҷикон баъди ҳазорсолаҳо маҳз бо шарофати истиқлолияти давлатӣ аз нав эҳё гардида, Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гашт ва дар роҳи таҳкими пояҳои истиқлолият, таъмини раванди пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ ва бозёфтҳои илмию фарҳангӣ қадамҳои устувор ниҳод. Маҳз ҳамин ҷанбаи масъалаҳои рушду таҳаввули илми кишвар ва умуман муҳим будани ҷойгоҳи илмро дар таъмини истиқлолияти комил ба назар гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз санаи 20 апрели соли 2011 таъкид намуда буданд, ки «Ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба инкишофи илм диққати аввалиндараҷа медиҳад» [11].

Фазои мусоиди истиқлолияти давлатию миллии мардуми тоҷик дар охири садаи XX ва оғози садаи XXI, осоиши комил ва сулҳу суботи пойдор, ки бо талоши абармарди майдони сиёсат - Пешвои миллат ба даст омад, барои ҳифзи давлат, фарҳангу забон, арзишҳои миллӣ ва рушди бемайлони тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар, аз ҷумла, илму маориф имкониятҳои нави созандагиро фароҳам овард.

Дар баробари ин, дар кишвар як қатор омилҳое ба назар мерасиданд, ки барои расидан ба истиқлолияти комили илмию фарҳангӣ монеа эҷод менамуданд. Масалан, соли 2013 аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия аз шумораи умумии 50 Шурои амалкунанда оид ба дифои рисолаҳои илми номзадӣ ва докторӣ якбора фаъолияти 38 Шуроҳои диссертатсионӣ боздошта шуд, ки дар натиҷа муҳаққиқони кишварамон аз имконияти ҳимояи рисолаҳои илмии хеш маҳрум гардиданд.

Ин вазъро ба эътибор гирифта, муҳаққиқони тоҷик ҳанӯз соли 2013 пешниҳод намуда буданд, ки «ба кишвари соҳибистиқлоли мо низ зарур аст, ки аз имрӯз дар фикру андешаи ташаккул додани низоми миллии тайёркунии мутахассисони соҳиби унвону дараҷаҳои илмӣ бошад, зеро маҳз ҳамин қишри ҷомеа, ба эътирофи аксарияти олимони ҷаҳонӣ, то кунун ҳам «зуҳуроти нотакрори тамаддуни ҷаҳонӣ»-ро ташкил медиҳад. Ба ин мақсад хеле хуб мебуд, агар марҳила ба марҳила чораҳои мушаххас оид ба ташаккули чунин низоми миллӣ андешида мешуданд. Аз ҷумла, аввалан бояд масъалаи додани унвонҳои профессорӣ ва дотсентии устодони муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Дар марҳилаи дуюм, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати маорифи ҷумҳурӣ пешниҳодҳоро барои ташаккули низоми миллии тайёркунии мутахассисони соҳиби дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илм ба тариқи анъанавӣ ва доктори фалсафа (доктори соҳавӣ бо шакли нави таҳсилот, яъне баъд аз магистратура - PhD) таҳқиқ созанд, зеро чуноне ки маълум аст, имрӯз дар ҷаҳон бӯҳрони системавӣ на танҳо иқтисодиёт ва молия, балки соҳаи тарбияи кадрҳои илмиро низ фаро гирифтааст» [221, 92].

Маҳз бо ҳамин сабабҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдори давлатӣ, муассисаҳо ва марказҳои илмию фарҳангӣ барои расидан ба истиқлолияти комил дар соҳаи илму маориф талошҳои муассиру миѐнфишор ва ҷидду ҷаҳди созандаву меҳнати заҳматталабро ба харҷ доданд, ки дар ниҳоят Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқлолияти комили илмӣ муваффақ шуд.

Имрӯз ҳадафи рушди илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини соҳибистиқлолӣ ва рақобатпазирии мамлакат тавассути бунѐди низоми самарабахши вусъатѐбанда ва истифодаи нисбатан мукаммали неруи зеҳнии миллат мебошад. Дар ин росто, тадбирҳои бағоят куллӣ барои рушди илму маорифи кишвар андешида шуданд, ки муҳимтаринашон инҳоянд: 1) ислоҳоти соҳаи илму маориф ва гузариш ба низоми бисѐрзинагии таҳсилот; 2) ислоҳоти низоми тарбияи кадрҳои илмӣ ва таъсиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ин ҳар ду тадбир қадамҳои устувор дар роҳи ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ ва оғози марҳилаи сифатан нави рушди илм дар кишвари соҳибистиқлоламон буданд.

Тавре ки маълум аст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз санаи 6 июни соли 2011 «Конвентсия оид ба эътирофи дараҷаҳои тахассусии таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо»-ро ба имзо расониданд [32]. Аз ин давра ворид гаштани Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти аврупоӣ ва байналмилалӣ босуръат ҷараѐн гирифт.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошта бо ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат дар ҷумҳурӣ ислоҳоти куллии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва низоми тарбияи кадрҳои илмӣ сурат гирифта, дар кишварамон низоми бисѐрзинагии таҳсилот, яъне бакалавриат-магистратура-докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD)-постдокторантура ба пуррагӣ амалӣ гардид. Ин амал имконияти омода сохтани кадрҳои соҳиби дараҷаҳои илмиро барои тамоми соҳаҳо, аз ҷумла барои илмҳои педагогӣ хеле васеъ намуд, зеро акнун

кадрҳоро дар зинаҳои докторантура аз рӯйи ихтисос ва постдоктарантура низ омода сохтан мумкин гашт.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» докторантура аз рӯйи ихтисос «шакли тайѐр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ бо додани дараҷаи илмии «доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос» барои шаҳрвандоне, ки дорои дараҷаи академии «магистр» мебошанд» [37], ҳисобида шуда, тибқи қарори Ҳукумати мамлакат дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва дипломи дараҷаи илмии номзади илм баробарарзиш дониста мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки дар соҳаи педагогика дар асоси ташаккули низоми нави тарбияи кадрҳои илмӣ муҳаққиқони ҷавон имкон пайдо карданд, ки дар чунин самтҳои таҳсилот дар докторантура аз рӯйи ихтисос таҳқиқоти илмӣ баранд: таълим ва тарбияи томактабӣ, педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ, педагогика ва психология, дефектология, педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ, арзѐбии педагогӣ, таълими касбӣ (аз рӯйи соҳаҳо), инчунин, методикаи таълим аз рӯйи 17 фанни таълимӣ.

Тибқи таҳлилоти квалиметрии анҷомдодаи мо ба зинаи докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) дар ҷумҳурӣ дар зарфи се соли охир 1580 нафар қабул гардида, 338 нафар онро хатм намудаанд.

Дар бораи постдокторантура бошад, ҳаминро бояд қайд намуд, ки он тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» «шакли тайѐр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва илмию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ бо додани дараҷаи илмии «доктори ҳабилитат» барои шаҳрвандоне, ки дорои дараҷаи академии «доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос» мебошанд» [37] ҳисобида шудааст. Дипломи дараҷаи илмии доктори ҳабилитат ва дипломи дараҷаи илмии доктори илм баробарарзиш мебошанд. Қобили зикр аст, ки дар соҳаи педагогика дар асоси таъсиси постдокторантура имкон пайдо гардид, ки дар

7 ихтисоси педагогӣ ва методикаи таълим аз рӯйи 17 фанни таълимӣ таҳқиқоти илмӣ роҳандозӣ карда шавад.

Чунонки мушоҳида мешавад, низоми бисѐрзинагии таҳсилот, яъне бакалавриат-магистратура-докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD)-постдокторантура таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла таҳқиқоти педагогиро ба сатҳи нав боло бурда, имкон фароҳам месозад, ки дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар асоси талаботи байналмилалӣ муайяну мушаххас карда шавад. Вобаста ба ин пешниҳод карда мешавад:

- таҷрибаи гузаштаи татбиқи низоми докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ аз тамоми муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ дастаҷамъона омӯхта шуда, вобаста аз норасоиҳои мавҷуда дар ин самт ба санадҳои меъѐрии ҳуқуқии дахлдор тағйироту иловаҳои зарурӣ ворид карда шаванд;

- дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, ки заминаи зарурии таълимӣ, техникӣ ва кадрӣ доранд, зинаи постдоктарантура бо мақсади тарбияи докторони ҳабилитат таъсис дода шавад.

Дар баробари гузариш ба низоми бисѐрзинагии таҳсилот ва тарбияи кадрҳои илмӣ, ба мақсади расидан ба дастовардҳои илмӣ ва иштирок дар таҳияву татбиқи сиѐсати давлатӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии дорои тахассуси олӣ, ташкили мониторинги рушди низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, илмӣ новобаста аз шакли моликияти онҳо дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ, ҷорӣ намудани талаботи ягона ба сатҳи тахассусии илмӣ ва илмию педагогии унвонҷӯѐни дараҷаҳои илмӣ, инчунин, таъмини мутобиқати талаботи тахассусӣ ба дараҷаву унвонҳои илмӣ ба меъѐрҳои байналмилалӣ аз 12 августи соли 2014, таҳти № 255 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [51] ба тасвиб

расид, ки он барои илми тоҷик як қадами устувор ва оғози як марҳилаи сифатан нав дар таҳаввулу рушди он муаррифӣ мегардад.

Ҳамзамон, санаи 17.06.2015, № 504 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низомнома ва сохтори Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шуда, вазифа ва ҳуқуқҳои асосии комиссия, инчунин, дигар муқаррароти расмии фаъолияти он муайян карда шуданд. Дар низомномаи ин ниҳод қайд карда шудааст, ки «Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақоми ҷумҳуриявии идоракунии давлатӣ буда, ба мақсади аттестатсияи давлатии кормандони илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ таъсис дода мешавад» [52, 15].

Оғози фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар баробари дарёфти дараҷаҳои илмӣ дар доираи меъёрҳои милливу байналмилалӣ барои иштироки олимону мутахассисони тоҷик дар тарғиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи педагогика, ширкати фаъолона дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию педагогӣ, ҳамчунин баррасию арзёбӣ ва экспертизаи лоиҳаҳо, барномаҳои илмӣ ва илмию техникӣ имкониятҳои васеъро фароҳам овард. Муҳимтар аз ҳама, дар низомномаи муассисаи мазкур принсипи фаъолияти комиссия муайян карда шудааст, ки барои рушди объективии таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла дар соҳаи педагогика мусоидат мекунад: риояи «қонуният, салоҳиятнокӣ, мустақилият, воқеъбинӣ, ошкорбаёнӣ ва меъёрҳои этикаи касбӣ» [52, 15]. Риояи принсипи мазкур дар фаъолияти комиссия барои баланд бардоштани сатҳу сифати аттестатсияи давлатии кормандони илмӣ, илмию педагогии дорои тахассуси олӣ ва пажӯҳишҳои илмӣ дар мамлакат хеле муҳим ва мубрам мебошад.

Воқеан, ташаббусро оид ба таъсиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм

шумоਰидан мумкин аст. Зеро мардуми тоҷик ва махсусан, аҳли илм ба истиқлолияти илму пажӯҳиш расиданд ва на танҳо имкон пайдо карданд, ки бо забони модарии худ таҳқиқоти илмӣ баранд, балки дар арсаи байналмилалӣ низ минбаъд мустақиман дар мавриди илм аз номи кишвари худ баромад намоянд.

Ин рӯйдоди муҳим масъулияти аҳли илм ва маорифро беш аз пеш афзуда, аз ҳар як муҳаққиқ ва пажӯҳишгар меҳнати фидокоронаро тақозо мекунад. Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 таъкид намуданд, ки «Вазифаи муҳимми олимони кишвар бо дарназардошти шароити давлати соҳибистиқлол таҳқиқ намудани таърихи пурифтихори миллат, проблемаҳои фалсафа ва адабиёту фарҳанги бою рангоранги тоҷикон, поку бегазанд нигоҳ доштан ва таҳким бахшидан ба мақоми забони давлатӣ, тоза нигоҳ доштани забони муошират, эҷоду эҳёи забони илмии тоҷикӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ ва ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намудани дастовардҳои ниёгон мебошад. Ягона тақозои давлат аз олимону муҳаққиқон ин аст, ки илмро ҳамқадами замон созанд. Ба ибораи дигар, илм бояд ба халқ хизмат кунад ва ба пешрафти давлат мусоидат намояд» [1].

Дар партави ҳамин суханрониву ҳидоятҳо ҳам муҳаққиқон ва ҳам Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ташаббус ва руҳу равони тоза ба таҳқиқу пажӯҳиш ва таҳлилу баррасии масоили гуногуни илмӣ камар бастанд. Чунин ибтикору талош ва ба роҳ мондани корҳо дар самтҳои гуногуни илм махсусан, барои Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз вазифаҳои муҳиму асосии он ба шумор мераванд, ки дар низомномаи он ба таври зерин инъикос ёфтаанд: «-ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, инчунин, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ, новобаста аз шакли

моликияти онҳо дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ; - иштирок дар баррасии экспертизаи лоиҳаҳо ва барномаҳои илмӣ ва илмию техникӣ; - таъмини талаботи ягона ба сатҳи тахассусии илмӣ ва илмию педагогии унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ; - мусоидат барои баланд бардоштани самаранокии тайёр намудани кормандони илмӣ бо дарназардошти эҳтиёҷот ба онҳо дар соҳаҳои илмию истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ; - таъмини мутобиқати талаботи тахассусӣ ба дараҷаҳои илмӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ; - рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию педагогӣ» [52, 16].

Дар доираи вазифаҳои асосии худ Комиссия, инчунин, уҳдадориҳои функсионалии зеринро ба анҷом мерасонад, ки аз ҷумла инҳоанд: «ҳайати Шуроҳои дифои рисолаҳоро, ки дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон таъсис мегардад, тасдиқ мекунад, онҳоро ба қайд гирифта, ба онҳо кӯмаки методӣ мерасонад ва фаъолияти онҳоро назорат мекунад; рисолаҳои илмии аз Шуроҳои дифоъ воридшударо бо тартиби муқарраргардида баррасӣ менамояд; натиҷаи таҳқиқоти рисолаҳои илмиро таҳлил намуда, ба маълумоти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар муассисаҳои дахлдор мерасонад, инчунин, дар воситаҳои ахбори омма инъикос менамояд; таҳлил ва мониторинги фаъолияти муассисаҳоро дар соҳаи тайёр намудан ва аттестатсияи кадрҳои дорои тахассуси олии илмӣ ва илмию педагогӣ амалӣ менамояд; тибқи тартиби муқарраргардида дар таҳияи лоиҳаҳои шартномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ оид ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти Комиссия иштирок менамояд» [52, 16-19].

Тибқи низомнома вазифаву уҳдадориҳо, ҳуқуқ ва салоҳияту ваколатҳои Комиссия хеле васеъ буда, барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар низоми аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмиву педагогии тахассуси олӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Чунонки аз таҳлили квалиметрии низомномаи Комиссияи мазкур бармеояд, тамоми нуктаҳои зикргардида, ки ба вазифаҳои он мансуб

мебошанд, дар доираи меъёрҳои асосии библиометрӣ, илмсанҷӣ ва квалиметрӣ таҳия гардидаанд ва риояву татбиқи онҳо, бидуни шак, барои расидан ба дастовардҳои беназири илмӣ, шаффофияти илмӣ, муайян намудани арзишмандиву қобили татбиқ будани натиҷагириҳои таҳқиқот комилан мусоидат хоҳанд намуд.

Мутаносибан ба масъалаҳои пешбурди илмӣ ва расидан ба ҳадафҳои баланди илмӣ дар назди аҳли илм ва махсусан, дар назди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои муҳиму мубрам гузошта шудаанд, ки онҳо дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат, ки санаи 18 марти соли 2020 баргузор гардида буд, бори дигар таъкид гардиданд: «Мо ба мақсади сари вақт ҳимоя кардани рисолаҳои номзадиву докторӣ ва гирифтани дараҷаву унвонҳои илмӣ соли 2014 дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи олии атестатсиониро таъсис додем. Аз замони таъсиси комиссия то ба имрӯз (18.03.2020 - Р.М.) дар кишвар 56 Шурои диссертатсионӣ ва 15 Шурои экспертӣ таъсис ёфтааст. Дар муддати се сол ба ин муассиса 651 рисола ворид шудааст. Аз ин шумора 415 рисолаи илмӣ тасдиқ ва 30 нафар соҳиби дараҷаи илмии доктори илм, 379 нафар соҳиби дараҷаи илмии номзади илм гардидаанд. Бо вуҷуди ин, шумораи рисолаҳои илмии ҳимояшуда дар муқоиса бо кишварҳои пасошуравӣ хеле кам буда, ҳоло ҳам дар муассисаҳои таълимиву илмӣ норасоии мутахассисони дараҷа ва унвонҳои илмидошта баръало эҳсос мегардад» [7].

Дар баробари ҷиҳатҳои миқдорӣ, яъне норасоии мутахассисони дараҷа ва унвонҳои илмидошта, Пешвои миллат таваҷҷуҳи комиссия ва муҳаққиқони кишварро ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ, бахусус, рисолаҳои илмӣ ҷалб намуда, аз ҷумла, таъкид карданд, ки «...дар рисолаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳолатҳои асардуздӣ (сирқат) ба мушоҳида мерасанд. Сабаби чунин муносибат, пеш аз ҳама, камҳавсалагии

роҳбари илмӣ, фориғболии унвонҷӯ ва рӯякӣ таълиф гардидани рисола мебошад. Имрӯз, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ рисолаҳои зиёд интишор мешаванд, баъзе унвонҷӯён аз онҳо рӯйбардор карда, бо роҳи осон мехоҳанд соҳиби дараҷаҳои илмӣ гарданд. Дар натиҷа ҳам сифати илми ватанӣ коҳиш меёбад, ҳам обрӯву эътибори унвонҷӯ ва роҳбараш дар миёни ниҳодҳои илмӣ паст мегардад» [7].

Аз ин рӯ, ба мақсади ба таври самаранок пеш бурдани сиёсати давлатӣ дар самти илму пажӯҳиш, аз ҷумла, таҳқиқоти бунёдӣ, назорати пайвастаи сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ, аттестатсияи давлатии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии тахассуси олӣ Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар доираи салоҳияти худ метавонад чунин корҳоро ба анҷом расонад: «- назоратро аз болои фаъолияти Шуроҳои (Шуроҳои олимони) муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ оид ба масъалаҳои аттестатсияи кормандони илмӣ амалӣ намояд; - тибқи тартиби муқарраргардида мутахассисони баландихтисосро ба сифати коршиносон оид ба тайёр намудан ва аттестатсияи кормандони илмӣ ҷалб намояд; - оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос қарорҳои Шурои дифоъро бекор намояд; - роҳбарони илмӣ (мушовирони илмӣ), муқарризони расмӣ ва коршиносонро бо тартиби муқарраргардида аз ҳуқуқи иштирок дар тайёр намудан ва аттестатсияи кормандони илмӣ маҳрум намояд; - кормандони илмӣ ва шахсони дигарро бо тартиби муқарраргардида аз дараҷаи илмӣ маҳрум намуда, шахсонеро, ки беасос аз дараҷаҳои мазкур маҳрум карда шудаанд, барқарор намояд» [52, 18-19]. Иҷрои салоҳиятҳои мазкур масъулияти Комиссияро баҳри назорати сифати диссертатсияҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ҳимояшуда ва додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ боз ҳам баланд мебардорад.

Дар маҷмуъ, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ», «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» аз 26 ноябри соли 2016 №505, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастуру супоришҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи фаъолияти солонаи муассиса ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба роҳ мемонад.

Бо ҳамин тартиб, Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ваколат ва вазифаву мақсадҳои мушаххас, бо сохтори мутаносиби соҳибваколат ба фаъолияти пурраи худ шуруъ намудааст. Дар назди муассисаи мазкур комиссияҳои экспертӣ ва дигар воҳидҳои таркибии он низ таъсис дода шуда, доираи фаъолияти онҳо низ мушаххас гардидааст.

Дар марҳилаи аввал барои Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» пас аз мукаммал намудани сохтор ва мушаххас намудани самти фаъолият яке аз вазифаи муҳимтарин - таъсиси шуроҳои экспертӣ ва шуроҳои дифоъ буд, ки ин масъаларо низ муассисаи давлатӣ саривақт ҳаллу фасл намуд.

Дар давраи таҳқиқоти мо реестри шуроҳои дифоъи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ихтисосҳои илмҳои педагогӣ чунин шуроҳоро фаро мегирифт:

1. 6D.KOA-001 - ШД дар назди ДДОТ (Забони хориҷӣ - методика)
2. 6D.KOA-017 - ШД дар назди ДМТ(Педагогика - методика)

3. 6D.KOA-027 - ШД дар назди ДДХ ба номи Б. Ғафуров (Педагогика)

4. 6D.KOA-028 - ШД дар назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ доир ба ихтисосҳои ихтисосҳои 6D020500 – Филология, 6D021000 – Филологияи хориҷӣ, D011700 – Забон ва адабиѐти тоҷик, 6D011800 – Забон ва адабиѐти рус

5. 6D.KOA-035 – ШД дар назди Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Н. Хусрав аз рӯйи ихтисосҳои 6D010900 – Математика, 6D011000 – Физика, 6D011100 – Информатика

6. 6D.KOA-036 - ШД дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (Педагогика)

7. 6D.KOA-044 - ШД дар назди ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз рӯйи ихтисосҳои 6Б011200 - Химия, 60011300 – Биология

8. 6D.KOA-045 - ШД дар назди ДДХ ба номи Б.Ғафуров (педагогика)

9. 6D.KOA-052 - ШД дар назди ДМТ (Психология)

Мавриди зикри хос аст, ки илова ба се Шурои мазкур шуроҳои диссертатсионии 6D.KOA-001 - ШД дар назди ДДОТ (Забони хориҷӣ), 6D.KOA-017 - ШД дар назди ДМТ (Педагогика), 6D.KOA-028 - ШД дар назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ доир ба ихтисосҳои ихтисосҳои 6D020500 – Филология, 6D021000 – Филологияи хориҷӣ, D011700 – Забон ва адабиѐти тоҷик, 6D011800 – Забон ва адабиѐти рус, 6D.KOA-035 – ШД дар назди Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Н. Хусрав аз рӯйи ихтисосҳои 6D010900 – Математика, 6D011000 – Физика, 6D011100 – Информатика низ амал менамуданд.

Дар баробари ин, ҳамасола дархостҳои муассисаҳои илмӣ оид ба таъсиси шурои дифоъ дар самтҳои гуногуни илм ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд ва пас аз гузаштани ташхис ва омӯзиши ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ба фаъолияти шуроҳои дифоъ иҷозат дода мешавад. Дар мавриди ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ набудани онҳо дархост рад карда мешавад. Масалан, тибқи маълумоти Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили квалиметрии он дар соли 2019 дархости муассисаҳои илмӣ барои фаъолияти шуроҳои дифоъ ба тартиби зайл аст: аз ибтидои фаъолияти Комиссия то 31 декабри соли 2019 барои таъсис додани шуроҳои диссертатсионӣ (минбаъд – ШД) аз муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба Комиссия 152 дархост ворид гардидааст, ки аз онҳо 56 дархост қонеъ ва 92 дархост бо сабаби ба талабот ҷавобгӯ набудан рад карда шуда, 6 дархости дигар дар раванди омӯзиши шуъбаҳои аттестатсионӣ қарор доранд. Ҳоло (дар ҳолати январи соли 2020 – Р.М.) аз 56 шурои диссертатсионии таъсисдодашуда 54 шуро фаъолият дошта, аз рӯйи 170 ихтисос диссертатсияҳои номзадӣ ва доктoриро ба ҳимоя қабул карда истодаанд.

Вазифаи дигар ва басо пурмасъулияти КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва назорати фаъолияти шуроҳои экспертӣ оид ба самтҳои гуногуни илм ба шумор меравад. Аз ин рӯ, КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади ҷалби муҳаққиқон ва коршиносони варзида ба ҳайати шуроҳои диссертетсионӣ ва экспертӣ пайваста тадбирҳои мушаххас меандешад. Масалан, бо фармоишҳои КОА № 104/шд аз 29.10.2018 ва № 235 аз 07.11.2019, ба ҳайати Шурои 6D.KOA-036 дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва фармоишҳои КОА аз № 22/шд аз 13.02.2019 ва № 60 аз 03.03.2020 ба ҳайати Шурои 6D.KOA-027 - дар назди ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуда, ҳайати онҳо аз ҳисоби муҳаққиқони варзидаву собиқадор ва босалоҳият мукаммал гардонида шудаанд.

Ҳамин гуна тағйиру иловаҳо ба ҳайати шурои экспертии самти илмҳои «Таҳсилот» низ ворид карда шуда, бо фармоишҳои КОА № 70 аз 08.04.2019, № 228 / шд аз 07.11.2019, № 268 аз 02.12.2019 ва № 93 аз 19.03.2020 он бо коршиносони босалоҳият ва дорои собиқаи тӯлонии пажӯҳишӣ дар самти илмҳои «Таҳсилот» мукаммал гардонида шуд. Ин тадбирҳо шаҳодати тадриҷан баланд гардидани ҳисси масъулиятшиносии роҳбарияти КОА назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ ва таъмини дурнамои рушди илмҳои ватанӣ ба шумор меравад.

Бояд зикр кард, ки ба роҳ мондани тадбирҳои мушаххаси Комиссия оид ба фаъолияти шуроҳои экспертӣ, аз ҷумла, шурои экспертии самти илмҳои «Таҳсилот» ба сатҳу сифати фаъолияти шуроҳои диссертатсионии равияҳои педагогӣ таъсири мусбат расонид. Яъне, дар баробари афзудани шумораи диссертатсияҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда сатҳи мутобиқати онҳо ба «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 765 аз 04.12.2014) бештар ва сифати онҳо низ беҳтар гардид, ки инро дар асоси таҳлили квалиметрию гурӯҳбандии диссертатсияҳои ҳимояшуда дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки дар боби гузашта омадааст, мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, агар нишондиҳандаҳои фаъолияти Шурои диссертатсионии 6D.KOA-027 дар назди ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ва 6D.KOA-036 - ШД дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва равоншиносӣ аз ибтидои фаъолияти он то 31 декабри соли 2019 аз нигоҳи квалиметрӣ таҳлил намоем, маълум мегардад, ки фаъолияти Шурои диссертатсионии мазкур (6D.KOA-036 – Р.М.) дар қиёс бо Шурои диссертатсионии 6D.KOA-027 - ШД дар назди ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров нисбатан пурмаҳсул мебошад, ки натиҷаи онро дар ҷадвали 13 баръало мушоҳида намудан мумкин аст (ҷадвали 29):

**Ҷадвали 29. Муқоисаи фаъолияти Шуроҳои диссертатсионии 6D.KOA-036 ва 6D.KOA-027**

| Шуроҳои диссертатсионӣ | Миқдори рисолаҳои ҳимояшуда аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 |
|---|---|

| | 2018 | 2019 |
|---|---|---|
| 6D.KOA-027 | 1 | 2 |
| 6D.KOA-036 | 2 | 33 |

Мавриди зикр аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ тавачҷуҳи муҳаққиқони тоҷик ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар зинаҳои гуногуни он, ҳамзамон, такмили методикаи таълими фанҳои ҷудогона, ки дар омодасозии мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир нақши муҳим мебозанд, зиёд гардид. Бо назардошти ҳамин тамоюл КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шуроҳои диссертатсионии 6D.KOA-001 дар назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш ва 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, 6D.KOA-017 дар назди ДМТ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои таҳсилоти ғайритоҷикӣ, Забон ва адабиёти рус дар мактабҳои таҳсилоти ғайрирусӣ), 6D.KOA-035 дар назди ДДБ ба номи Носири Хусрав аз руйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Назария ва методикаи парвариши хонандагон ва ҷавонони донишҷӯ: математика, физика, информатика), 6D.KOA-044 дар назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисосҳои 13.00.02 – Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (Химия), 13.00.02 - Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (Биология), 6D.KOA-045 дар назди ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз руйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ) 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо аз рӯйи ихтисосҳои номбурдаро (яъне 13.00.02 ва 13.00.08) иҷозат дод.

Тавре ки аз ҳисоботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, дар давоми соли 2019 «аз теъдоди диссертатсияҳои дар Шуроҳои диссертатсионии кишвар ҳимояшуда ба Комиссия 587 парвандаи аттестатсионӣ ворид гардидааст. Пас аз омӯзиши парвандаҳои мазкур дар

шуъбаҳои аттестатсионӣ ва арзёбии онҳо аз тарафи шуроҳои экспертии назди Комиссия, дар раёсати Комиссия 364 парвандаи аттетсатсионӣ тасдиқ гардида, 25 парванда рад карда шудааст» [63].

Ҳамин нуктаро низ бояд зикр кард, ки фаъолияти самараноки Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва таҳлили квалиметрии таҷрибаи на бештар аз сесолаи он собит намуд, ки дар баробари дастовардҳои назарраси илмии шуроҳои дифоъ, фаъолияти камсамари шуроҳои дифоъ низ аз назари нуктасанҷонаи ҳайати «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» берун намонда, дар натиҷа фаъолияти якчанд шурои дифоъ, аз ҷумла, чор шурои дифоъ аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ду шурои дифоъ аз Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмуъ, 6 шурои дифои зерин боздошта шудаанд, ки ин бори дигар аз баланд гардидани ҳисси масъулиятшиносии роҳбарият ва коршиносони комиссияи мазкур шаҳодат медиҳад:

- 6D.KOA-006 - ШД дар назди ДМТ аз рӯйи ихтисосҳои 6D060400 – Физика;

- 6D.KOA-008 - ШД дар назди ДМТ аз рӯйи ихтисосҳои 6D070600 - геология ва ҷустуҷӯйи ККФ, 6D075500 - гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ ва 6D091100 - геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат;

- 6D.KOA-012 - ШД дар назди ДМТ аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – математика;

- 6D.KOA-013 - ШД дар назди ДМТ аз рӯйи ихтисосҳои 6D060200 - информатика ва 6D070500 - амсиласозии математикӣ ва компютерӣ;

- 6D.KOA-007 - ШД дар назди Институти кимиёи ба номи Василий Иванович Никитини АИ ҶТ аз рӯйи ихтисосҳои 6D071000 - маводшиносӣ ва технологияи маводи нав ва 6D072000 - технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ;

- 6D.KOA-018 - ШД дар назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Алоуддин Маҳмудович Баҳоваддинови АИ ҶТ аз рӯйи ихтисосҳои 6D050200 – Сиёсатшиносӣ ва 6D050100 – Сотсиология [370].

Ҳар як шурои дифои диссертатсияҳои илмӣ фаъолияти худро дар асоси «Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ба роҳ мемонад (таҳлилҳои мо , асосан, ба ҳамин давраи амалкарди ин низомнома мувофиқ афтодаанд, аз ин рӯ маҳз мо он, на гунаи соли 2021 тасдиқгаштаро мавриди баррасӣ қарор додаем). Низомномаи мазкур аз 11 банд ва 169 модда иборат буда, самтҳои асосии фаъолияти шурои диссертатсиониро танзим мекунад. Моддаи 88-уми Низомнома муқаррар кардааст, ки ҳимояи диссертатсияҳо бо тартиби ошкоро сурат мегирад: «Ҳимояи ошкорои диссертатсия бояд моҳияти мубоҳисаи илмиро дошта бошад ва бо риоя гардидани меъёрҳои ахлоқӣ, серталабӣ, воқеъбинӣ ва масъулиятшиносӣ баргузор гардад» [52, 52].

Ҳамчунин, Низомномаи мазкур талаботи библиометрӣ, илмсанҷӣ ва квалиметрии маъмулро, ки дар тамоми таҳқиқоти илмии ҷаҳони муосир пайгирӣ мешавад, махсус таъкид намудааст. Маъмулан, талаботи библиометрӣ, илмсанҷӣ ва квалиметриро дар асоси талаботи байналмилаливу миллӣ ба тиври зайл нишон додан мумкин аст: диссертатсия ба ихтисосҳо ва соҳаи илме, ки аз рӯйи онҳо ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст мутобиқат намояд; мавзуи диссертатсия бояд мубрам бошад; дараҷаи навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, ба талаботи илми муосир ҷавобгӯ бошад; натиҷаҳои бадастомада, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ироа шудаанд, бояд муътамад ва асоснок бошанд; саҳми довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда бояд дақиқ ва мушаххас бошад; арзиш ва моҳияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии дастовардҳои илмӣ бо таъкиди тавсияҳои мушаххаси татбиқнамоӣ асоснок карда шавад. Ҳамзамон, унвонҷӯ бояд талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва шурои диссертатсиониро оид ба таълифот ва нашри натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ иҷро намуда, тартибу танзими диссертатсия ба талаботи амалкунанда мутобиқат намояд.

Умуман, фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо риояи ҳуқуқи ҳар як шахс ва дар маҷмуъ, мутаносибан ба ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ба роҳ монда шудааст, ки ин масъала дар моддаи 89-уми «Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ» таъкид шудааст: «Ҳар як шахс ҳуқуқ дорад, пеш аз ҳимоя ѐ дар раванди ҳимояи диссертатсия дар бораи диссертатсия, оид ба моҳияти диссертатсия ва хулосаи воқеъбинона оид ба натиҷаҳои ташхиси муқаддамотии диссертатсия мулоҳизаҳои худро таври хаттӣ ѐ шифоҳӣ пешниҳод намуда, ба шуро маводи тавсифкунандаи сатҳи илмии он, дурустии тартиби баррасии муқаддамотӣ, инчунин, дар сурати асоснок будан ба шахсони довталаби дарѐфти дараҷаҳои илмӣ аз иҷрои диссертатсия эродҳо иброз намояд» [52, 53].

Таҳлили квалиметрии фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз он шаҳодат медиҳад, ки он ба пуррагӣ дар доираи стандартҳои байналмилалии илмӣ, ки комилан ба андозагириҳои илмсанҷӣ ва квалиметрӣ мувофиқат мекунанд, роҳандозӣ шудааст.

Комиссия ба мақсади гузаронидани экспертизаи рисолаҳои илмӣ ва ҳуҷҷатҳои аттестатсионии унвонҷӯѐни дараҷаҳои илмӣ, ҳамчунин барои баррасӣ намудани масъалаҳои дигари марбут ба аттестатсияи кормандони илмӣ шуроҳои экспертӣ аз рӯйи соҳаҳои илм ва гурӯҳҳои ихтисосҳои мувофиқ ба соҳаи илмро ба муҳлати муайян таъсис медиҳад.

Масъалаҳои шаффофият ва озодии академии марбут ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии дорои тахассуси олӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти Комиссия дар сомонаи интернетии он (www.vak.tj) ба пуррагӣ инъикос меѐбанд. Аз ин сомона тамоми иттилооти заруриро оид ба

масъалаҳои гуногуни арзёбии таҳқиқоти илмӣ, самтҳо ва мавзуъҳои пажӯҳиш дастрас намудан мумкин аст.

Огоҳинома дар бораи дифои рисолаҳои илмӣ, оид ба аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо тавассути воситаҳои ахбори омма, сомонаи интернетии Комиссия, инчунин, бо роҳи ҷойгир намудани матни пурраи кори илмӣ дар сомонаи интернетии шурои илмӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва дигар шабакаҳои иттилоотии Интернет амалӣ карда мешавад [52, 21-22].

Масъалаи дигаре, ки бевосита ба самти илмсанҷӣ ва квалиметрия вобастагии амиқ дорад, фаъолияти шуроҳои ташхис аст, ки онҳо низ Низомномаи намунавии фаъолияти худро дошта, тибқи он амал мекунанд. Дар маҷмуъ, вазифаҳои асосии шурои ташхис тибқи санади мазкур чунин муайян карда шудаанд: экспертизаи илмии диссертатсияҳои ҳимояшуда, таъмин риояи талаботи ягона нисбат ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, экспертизаи мавод барои таъсиси шурои диссертатсионӣ, назорати фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва арзёбии мутобиқати онҳо ба самтҳои афзалиятноки пешрафти илму техника, иҷтимоиёт ва фарҳангу маориф, ширкат дар такмили низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории дорои тахассуси олӣ ва ғайра.

Таҷрибаи солҳои охир аз фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» собит намуд, ки шуроҳои ташхиси назди КОА дар самти экспертиза ва баҳодиҳии диссертатсияҳои илмии унвонҷӯён ба таври зарурӣ серталаб ва ҷиддӣ муносибат намуда, вобаста ба баҳодиҳии рисолаҳои илмӣ натиҷаҳои хуб нишон доданд. Аз ҷумла, тамоми таҳқиқоти диссертатсионии ҳимояшударо, ки аз экспертизаи ин комиссия гузаштаанд, метавон ба чор гурӯҳи зерин ҷудо намуд:

1. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида ба масъалаҳои таҳсилот ва тарбия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

2. Таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба омодасозии омӯзгорони ояндаи мактабҳо.

3. Таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кормандони соҳаи маориф.

4. Таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба проблемаҳои назария, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Экспертиза ин гурӯҳи диссертатсияҳои дар самти илмҳои педагогӣ анҷомдодаро ташхис намуда, чунин эродҳоро нисбат ба онҳо пешниҳод намудааст:

- тасвири зоҳири боэтимодии таҳқиқот як падидаи муқаррарӣ гардидааст;

- аксаран унвонҷӯён тасвиб ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти хешро иштибоҳан дар як радиф мегузоранд;

- шумораи муайяни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ҳаллу фасли мавзуъҳои нисбатан маҳдуд бахшида шудаанд;

- таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида ба проблемаҳои муҳими психологияи бачагона ва синнусолӣ, аз ҷумла категорияҳои нави синнусолӣ, қонуниятҳои камолоти синнусолӣ, хусусиятҳои таълиму тарбияи категорияҳои гуногуни бачагон – душвортарбия, болаёқат ва дорои имконияти саломатиашон маҳдуд, падидаҳои нави педагогӣ, ки ҳаёти имрӯза тавлид намудааст, ба истисноӣ таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ (эрониён) кам ба назар мерасанд;

- проблемаҳои мавриди интихоби унвонҷӯён дар сатҳи барои ниёзи ҷомеа муҳим ва бо таҳаввулоти иҷтимоии даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд нестанд;

- оид ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ-педагогии иттилоотонии ҳаёти маънавӣ ва таҳсилот ягон таҳқиқот ба назар намерасад;

- масъалаҳои ҳассоси иҷтимоӣ - муносибатҳои байни миллатҳо (ба истисноӣ як диссертатсия), падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ (майзадагӣ,

вусъати ҷинояткорӣ), равандҳои демократикунонӣ ва амсоли ин мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд;

- таҳқиқот оид ба проблемаҳои методологии педагогика камшумор буда, масъалаҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ қариб омӯхта намешаванд;

- агарчи мавзуи баъзе аз корҳои диссертатсионии анҷомѐфта муҳим арзѐбӣ намешаванд, вале шумораи чунин таҳқиқот афзуда истодааст;

- як зумра муҳаққиқон методикаи илмии хешро коркард мекунанд, вале хулосаҳои амалиро, ки дар соҳаи дахлдор бояд мавриди истифода ѐ татбиқ қарор гиранд, бо сабки илмӣ ифода карда наметавонанд ва ғайра [65].

Дар радифи камбудиҳои мазкури таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи педагогика, метавон сатҳи пасти омодагии методологии қисми муайяни унвонҷӯѐни дараҷаи илмӣ, маҳдудияти мавзуъ ѐ муҳим набудани мавзуъ ва фарзияи таҳқиқот, ифодаҳои беназокат ва баъзан ғалат, мавҷуд набудани навгонии таҳқиқот, азхуд кардани ғояҳои муҳаққиқони дигарро номбар намуд. Камбудии ҷиддии дар сатҳи зарурӣ иҷро нагардидани таҳқиқоти диссертатсионӣ на танҳо бо айби унвонҷӯѐн, балки дар натиҷаи ба қадри кофӣ ҳисси масъулиятшиносӣ зоҳир накардани баъзе коршиносон, яъне роҳбарони илмӣ, олимон, аъзои Шурои диссертатсионӣ, озмоишгоҳҳо, кафедраҳои пешбар, муқарризон, мушовирон, кормандони муассисаҳои пешбар ва коршиносони КОА ба миѐн меояд.

Барои ислоҳи вазъи мавҷудаи мураккаб дар соҳаи омодасозӣ ва ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ, тасдиқи натиҷаи онҳо, ки мақоми олим ва эътирофи иҷтимоии ӯро муайян менамояд, силсилаи тадбирҳои зеринро пешниҳод намудан мумкин аст:

- матритсаи дар ҳамин диссертатсия таҳияшуда – МТКД ба таври васеъ қабл аз дифоъ, яъне пешдифоъ дар кафедра ва дар шурои диссертатсионӣ зимни ташхис бо методҳои таҳлили квалиметрӣ мавриди истифода қарор гирифта, онро КОА низ ҳангоми ташхис ба кор барад;

- КОА ҳамасола аъзои шуроҳои диссертатсиониро бо истифода аз методи пешниҳоднамудаи И. А. Шишканова, С. И. Пахомов, В. А. Гуртов ва И. В. Пенние, ки дар ҳамин диссертатсия муфассалан тафсир ёфтааст, аз ташхис гузаронида, оид ба ҳайати шуроҳо қарорҳои дахлдор қабул намояд.

Дар баробари норасоиҳо дар диссертатсияҳо аз ҷониби КОА сабабҳои асосии рад намудани (баргардонидани) он рисолаҳоеро, ки аз ҳимоя бомуваффақият гузаштаанд, муайян намудааст, ки чунинанд:

- диссертатсияро пас аз санҷидан дар низоми «Антиплагиат» бо сабаби дар он мавҷуд будани матни ғайриасил (матни муаллифи бегона, ки бе ягон иқтибос диссертант аз худ кардааст) рад намудаанд;

- агар шумораи интишороти илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия ва ҳаҷми умумии онҳоро комиссия барои додани дараҷаи номзад ё доктори илм нокифоя арзёбӣ намояд;

- агар комиссия маҷаллаеро, ки дар он мақолаҳо оид ба натиҷаҳои илмии диссертатсия чоп гардидаанд, бонуфуз арзёбӣ накунад (зеро рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА пайваста таҳрир шуда, маҷалла метавонад бинобар мутобиқат накардан ба талаботи КОА аз рӯйхати мазкур хориҷ карда шавад);

- дар мавриди нодуруст ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо, автореферат ё худи диссертатсия;

- дар ҳолати риоя нагардидани қоидаҳои иқтибосоварӣ ва нодуруст ҷо ба ҷо кардани иқтибос аз сарчашмаҳои дар диссертатсия овардашуда;

- бинобар арзиши пасти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва мавҷуд набудани навгонӣ;

- дар мавриди риоя нагардидани сохтори таҳқиқоти илмӣ, ё ҳаҷми диссертатсия (одатан ҳаҷми диссертатсияи номзадӣ бояд 150-200 саҳифаи стандартӣ, ҳаҷми диссертатсия докторӣ на камтар аз 300-400 саҳифа бошад);

- агар мавзуи диссертатсия ба қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ кор карда нашуда бошад, диссертатсия хусусияти сатҳӣ дошта, ба таҳқиқоти ҷиддии илмии соҳаи мазкур такя накунад;

- агар рӯйхати адабиёт оид ба мавзуи илмии мазкур ба қадри кофӣ сарчашмаҳои бонуфузу муътамадро надошта бошад ё дар он сарчашмаҳои хориҷӣ оид ба мавзуъ ба қадри кофӣ инъикос нашуда бошанд;

- агар рӯйхати адабиёт беинсофона ва мусолиҳакорона тартиб дода шуда, ба он сарчашмаҳое ворид шуда бошанд, ки дар матни диссертатсия аз онҳо иқтибос оварда нашудааст;

- агар дар мақолаҳои илмии интишорёфта аз дигар сарчашмаҳо бидуни иқтибосоварӣ унвонҷӯ матнро рӯйрост аз худ карда бошад ва ё бо тарзу роҳҳои ғайримақбул рӯнавис карда бошад [64].

Боиси зикр аст, ки имрӯзҳо КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хешро баҳри такмили коргузорӣ ва баланд бардоштани сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кишвар равона кардааст. Бо боварии комил метавон гуфт, ки бо чунин фаъолияти пурмасъулият Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷодаи илму таҳқиқ ва ҳамчунин дар фаъолияти илмсанҷӣ ва квалиметрияи таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла дар самти илмҳои педагогӣ, ба натиҷаҳои боз ҳам беҳтару хубтар хоҳад расид.

Хулоса, таҳлили квалиметрии ислоҳоти соҳаи илму маориф ва гузариш ба низоми биёрзинагии таҳсилот, инчунин, ислоҳоти низоми тарбияи кадрҳои илмӣ ва фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишон дод, ки дар ҳақиқат ҳам ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ ин марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ буда, дар ҷумҳурӣ на танҳо шароити зарурӣ барои ин таъмин гардидааст, балки замина барои дурнамои рушди онҳо низ фароҳам сохта шудааст. Дар ин росто, камбудиҳо низ ошкор гардиданд, ки барои рафъи онҳо чунин пешниҳодҳо манзур карда мешаванд:

- таҷрибаи татбиқи низоми докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) дастаҷамъона омӯхта шуда, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор тағйироту иловаҳои зарурӣ ворид карда шаванд;

- дар мухлатҳои кӯтоҳтарин зинаи постдоктарантура бо мақсади тарбияи докторони ҳабилитат ба роҳ монда шавад.

Дар радифи зикри дастовардҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҷиҳати такмили фаъолияти он дар доираи талаботи квалиметрӣ андешидани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- вусъат башхидани функсияи пешгӯикунандаи комиссия дар самти рушди низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии дорои тахассуси олӣ барои давраи кӯтоҳмӯҳлат ва дарозмуҳлат;

- таъсиси шуроҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисосҳои нодир ва ба талаботи имрӯзаи иқтисодиёти миллӣ ҷавобгӯ;

- вусъати робитаҳои байналмилалии КОА ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи пешқадам дар самти омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, тарғиби дастовардҳои илми тоҷик дар арсаи олам;

- ба мақсади такмили сохтори КОА зиёд намудани воҳидҳои кории он;

- такмили сохтори КОА аз ҳисоби таъсиси зерсохторҳои нав, яъне шуъбаи мониторинг ва таҳлили фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ, шуъбаи танзими меъёрӣ ва методии аттестатсияи илмӣ, шуъбаи арзёбии баробарарзишии дараҷа ва унвонҳои илмии хориҷӣ;

- таҳкими пояи модӣ-техникии КОА, аз ҷумла, таъмини он бо технологияи муосири иттилоотӣ ва барномаҳои махсус;

- ташкили заминаи электронии тамоми диссертатсияҳои дар дохили кишвар ҳимояшуда ба сифати модули мустақили барномаи «Антиплагиат»;

- таъсиси сомонаи мустақил ҷиҳати ҳифзи матни мукаммали диссертатсия ва автурефератҳои тасдиқшуда;

- дар ҳамкорӣ бо Маркази миллии патенту иттилоот, муассисаҳои илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ таъсис додани махзани маълумот оид ба кормандони илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

## 4.2. Самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Одатан зери мафҳуми самтҳои афзалиятнок самтҳои мавзуии рушди илмӣ, техникӣ ва технологие фаҳмида мешавад, ки дар заминаи илми муайян ѐ бо истифода аз методҳои байнифаннӣ сурат гирифта, метавонад саҳми аз ҳама беш дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, дар таъмини амнияти миллии он гузорад ва бо ин роҳ рақобатпазирии кишварро аз ҳисоби рушди илмӣ-техникӣ ва роҳандозии истеҳсолоти илмталаб боло барад. Аз ин рӯ, дар ҳар як кишвари муосири пешрафта ҳатман самтҳои афзалиятноки илм, дар маҷмуъ, ҳар як соҳаи он дар алоҳидагӣ барои давраҳои кӯтоҳмуҳлат, миѐнамуҳлат, дарозмуҳлат ва барои дурнамо аз ҷониби давлат ва мақомоти он дар якҷоягӣ бо ҷомеаи илмӣ ва ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, намояндагони соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва махсусан, мутахассисони соҳаҳои иқтисодиѐти воқеӣ ва истеҳсолот муайян карда мешаванд.

Барои муайянсозии самтҳои афзалиятноки илм методология ва методҳои интихоби онҳо вуҷуд доранд, ки муҳаққиқон онҳоро бо тарзи гуногун шарҳу тафсир кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ аз Федератсияи Россия Л.Э. Миндели интихоби лоиҳаҳои илмиро бо ҷалби доираи васеи коршиносон қайд кардааст, ки чунин «таҳқиқотеро ҷустуҷӯ мекунанд, ки он ба натиҷаҳои фавқулода оварда, дар оянда онҳо метавонанд ба пайдоиши фан ѐ соҳаи нави донишҳои илмӣ таҳаввул кунанд» [352]. Методҳои дигари хеле васеъ интишорѐфта, ба ақидаи ин муҳаққиқ, интихоби мавзуъ дар асоси мубрамият, дараҷаи навгонӣ ва аҳаммияти илмии он, инчунин, бо такя ба тавсифи илмсанҷии (наукометрии) ягон мақола ѐ кори илмии нашршуда мебошад, ки дар он ягон навгонӣ ба назар мерасад [352].

Муҳаққиқи дигар аз Федератсияи Россия Сазонов Б.В. дар баробари интихоб бо истифода аз баҳогузории экспертӣ ва экстраполятсия, яъне паҳн кардан ѐ интиқол додани хулосаҳо дар асоси ҳолати гузашта ва ѐ ҳозираи ашѐву зуҳурот ва равандҳо ба ҳолатиояндаи тахминшавандаи ҳамин объектҳо, барои муайянсозии самтҳои афзалиятноки рушди илм, ки

шубҳанок аст, методи «форсайт»-ро низ муҳим медонад [130, 16]. Ин ҷо дар назар аст, ки форсайт раванди систематикӣ ва якҷояи бунёди дидгоҳ ба оянда аст, ки ба болобарии сифати қабули қарорҳо ва ҷуръатбахшии фаъолияти якҷоя нигаронида шудааст ва ба инноватсия такя мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ собиқаи муайнсозии самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология мавҷуд буда, аллакай, якчанд маротиба онҳо ба таври расмӣ тасдиқ ва татбиқ шуда, ё дар ҳолати татбиқшавӣ қарор доранд. Аммо ин ҷо танҳо сухан аз қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.12.2014, №765 «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» меравад.

Бояд тазаккур дод, ки дар «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» дар илмҳои педагогӣ чунин самтҳои таҳқиқот афзалиятнок дониста шуда буданд: «- равандҳои инноватсионии таҳсилот; - такмили таълими забони русӣ дар шароити гуногунфарҳангӣ ва бисёрзабонӣ дар Тоҷикистон; - заминаҳои ҳуқуқӣ, равонӣ ва педагогии такмили таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; - равандҳои педагогии наздикшавии таҳсилоти касбии ҷаҳонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон; - роҳҳои таъмини сифати таълим ва сифати дониш дар муассисаҳои таҳсилоти Тоҷикистон; - таҳқиқи педагогикаи муқоисавӣ дар раванди ҷаҳонишавии илми педагогика; - ташаккули фарҳанги муоширати иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон» [29].

Вобаста ба ин, бояд таъкид намуд, ки дар аксарияти самтҳои зикршуда корҳои муайяну мушаххас бурда шуда, таҳқиқоти назаррас ба нашр расиданд ва ё доир ба онҳо чорабиниҳои муҳимми илмӣ баргузор карда шуданд. Ҳамчун намуна метавон гуфт, ки доир ба такмили таълими забони русӣ бо ташаббуси АТТ соли 2018, чунонки дар фаслҳои гузашта зикр гашта буд, дар

мавзуи «Масъалаҳои мубрами таълим ва омӯзиши забонҳо дар таҳсилоти муосири бисѐрзабонӣ ва гуногунфарҳангӣ» конференсияи байналмилалӣ доир гардида буд.

Аммо новобаста аз корҳои баанҷомрасида, самтҳои дар «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» зикршуда дар қисмати илмҳои педагогӣ то ҳол ҳам мубрам боқӣ мемонанд ва онҳо, аз нуқтаи назари мо, бояд ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ барои оянда низ аз нав ворид карда шаванд.

Дар ин росто, бояд қайд намуд, ки таҷрибаи амалисозии номгӯйи мазкурро оид ба самтҳои афзалиятноки рушди илм барои солҳои 2015-2020 хулоса намуда, муҳаққиқони тоҷик Саид Н. ва Қурбонов А. қайд намудаанд, ки «бо дарназардошти мушкилоти мавҷудаи ҳаѐти иқтисодию иҷтимоӣ дар ҳамаи кишварҳо барои давраи муайян равияҳои афзалиятноки илм интихоб ва муқаррар карда мешаванд... Теъдоди чунин равияҳо маҳдуд буда, аслан ба таҳқиқ ва ҳалли масоили муҳимтарини ҳар як кишвар равона карда мешаванд. Масалан, дар кишвари Россия аз соли 2007 то соли 2015 вобаста бо зарурати ҳаѐти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - сиѐсӣ ҳамагӣ 5 равияи афзалиятноки илму техника муқаррар гардида буд. Соли 2019 бошад, бо фармони Президенти Федератсияи Россия В.Путин теъдоди равияҳои афзалиятноки соҳаи илму техника ба 8 адад расонда шуд. Вобаста ба талаботи ҳаѐти иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар кишварҳои дигар, аз ҷумла дар ҷумҳуриҳои Беларус – 9, Қазоқистон – 5 ва Узбекистон – 8 равияи афзалиятноки соҳаи илму техника муайян шудааст. Қобили қайд аст, ки зимни интихоб ва муайян намудани равияҳои афзалиятноки илму техника дар кишварҳои номбурда ва ҷумҳурии мо умумият ѐ монандие ба назар мерасад… Вобаста ба зарурати ҳаѐти иқтисодии Тоҷикистон ва имкониятҳои мавҷудаи он дар ин самт, муқоисаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурии мо бо кишварҳои дигар, дар марҳилаи кунунии рушди Тоҷикистон

муайян намудани 5 самти афзалиятноки соҳаи илму техника» [361] мувофиқи мақсад мебошад.

Ин самтҳоро Н. Саид ва А. Қурбонов чунин муайян сохтаанд: 1) таъмини истиқлолияти энергетикӣ; 2) таъмини амнияти озуқаворӣ; 3) саноатикунонии босуръат - илмҳои техникӣ ва муҳандисӣ, соҳаи фармакология; 4) рушди сармояи инсонӣ.

Дар «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» бошад, танҳо як самти он фарогири масъалаҳои педагогӣ низ мебошад. Ин самт ҳамчун «маориф ва фарҳанги миллӣ, ташаккули низоми самараноки тайёр кардани кадрҳои ба рушди нерӯйи инсонӣ, ҷомеа, давлат ва иқтисодиёт мусоидаткунанда ва дар сатҳи ҷаҳонӣ рақобатпазир» [30] мушаххас карда шудааст. Чунонки мебинем, ба фаслҳо ҷудо кардани ин самти муайяншуда барои илмҳои педагогӣ метавонад мушкилотро ба вуҷуд орад.

Дар баробари номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, чунонки ба ҳамагон маълум аст, рушди умумии кишвари соҳибистиқлоли мо тавассути таҳия, қабул ва татбиқи консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ сурат мегирад. Дар ин росто, зикри «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» хеле муҳим аст. Дар ин санад яке аз сенарияҳои асосии рушди умумии мамлакат ин сенарияи индустриалию инноватсионӣ ҳисобида шудааст. Сенарияи зикршуда «бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар дар заминаи гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавиро пешбинӣ мекунад. Сенарияи мазкур имконият медиҳад, ки ҳангоми ташаккулдиҳии равишҳои инноватсионӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, тақвият бахшидан ба заминаи институтсионалии рушд, такмилдиҳии низоми ҳуқуқӣ ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ, шароит барои афзоиши ҳам сармоягузориҳои хусусию дохилӣ ва ҳам мустақими хориҷӣ муҳайё месозад» [48]. Бо ҳамин сабаб, мо бояд рушди илм, аз ҷумла таҳқиқоти педагогӣ ва самтҳои

афзалиятноки онро, қабл аз ҳама, бо дарназардошти талаботи стратегияи мазкур муайян созем.

Афзалиятҳое, ки дар соҳаи маориф ва илм дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» зикр гардидаанд, чунинанд: «(1) таъмин намудани баробарӣ ва дастрасии маълумот (таҳсилот - М.Р.); (2) баланд бардоштани сифат дар тамоми сатҳҳои таҳсилот; (3) афзун намудани устувории молиявӣ ва самаранокии соҳаи маориф; (4) рушди марказҳои миллии илмию тадқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию лоиҳакашӣ; (5) таҳкимдиҳӣ ва татбиқи самарабахши нерӯйи илмии кишвар» [48].

Дар самти таҳкимдиҳӣ ва татбиқи самарабахши нерӯйи илмии кишвар бошад, Стратегия роҳандозии чунин тадбирҳоро пешбинӣ намудааст: «-таҳия ва амалисозии Консепсияи дарозмуҳлати тақвияти нерӯйи илми ватанӣ барои давраи то соли 2030; - муайян намудани афзалиятнокии таҳқиқотҳои фундаменталӣ (заминавӣ) аз рӯйи соҳаҳо бо баланд бардоштани мутамарказии нерӯйи илмӣ; - ташаккули маҷмуи тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби мутахассисони ҷавон ба илм ва то ҳаддалимкон дароз намудани давраи фаъолияти олимон ва мутахассисони табақаи синну солашон калон; - дастгирии рушди ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ; - андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ гардонидани нерӯйи илмӣ ва аз байн бардоштани монеаҳо вобаста ба эътирофи унвонҳои илмии хатмкунандагони донишкадаю донишгоҳҳои хориҷӣ» [48].

Ба андешаи мо, талаботи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»-ро ба эътибор гирифта, дар соҳаи илмҳои педагогӣ бояд чунин корҳо ба анҷом расонида шаванд:

1. Роҳандозии таҳқиқоти педагогӣ дар самти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии таъмин намудани баробарӣ ва дастрасии таҳсилот, баланд бардоштани сифат дар тамоми зинаҳои таҳсилот, менеҷмент ё мудирияти молиявии муассисаҳои соҳаи маориф.

2. Таҳия, тасдиқ ва татбиқи барномаи маҷмуии рушди марказҳои миллии илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика, яъне АТТ, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки аз ихтисосҳои омӯзгорӣ ва педагогика мутахассисонро омода месозанд ва бо ин роҳ таъмин намудани таҳкимдиҳӣ ва татбиқи самарабахши нерӯйи илмии кишвар дар соҳаи педагогика.

3. Таҳия ва амалисозии «Консепсияи рушди илмҳои педагогӣ барои солҳои 2023-2030».

Дар асоси талаботи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» муҳаққиқони тоҷик Саид Н. ва Қурбонов А. таҳқиқоти педагогиро дар доираи самти афзалиятноки рушди сармояи инсонӣ, яъне маҷмуи донишҳо, малакаву маҳоратҳои инсон, ки барои қонеъгардонии талаботи мухталифи шахси алоҳида ѐ ҷомеа дар кул истифода мешаванд, дониста, чунин мавзуъҳоро мубрам донистаанд: «- ислоҳоти низоми маориф ва илм; … - баланд бардоштани арзишҳои фарҳангӣ, рушди сармояи инсонии, хусусан ҷавонон, баланд бардоштани нерӯйи эҷодии онҳо» [361]. Бо такя ба ин, метавон ислоҳоти низоми маориф ва илмҳои педагогӣ, инунин накши арзишҳои фарҳангиро дар тарбияи ҷавонон ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ ворид намуд.

Чунонки дар таҷрибаи ҷумҳурии мо қабул шудааст, рушди илми донишгоҳӣ, таҳқиқоти илмӣ дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳаи маориф ва амсоли он дар асоси нақша ва санадҳои расмии ҳамин соҳа сурат мегирад. Аз ин рӯ, барои рушди илмҳои педагогӣ ва муайянсозии самтҳои афзалиятноки онҳо ҳамчун роҳнамо маҳз консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф хизмат мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, яке аз санадҳои асосӣ дар ин самт «Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон барои то соли 2030» ба шумор меравад.

Таҳлили квалиметрии Стратегияи мазкур нишон медиҳад, ки дар ин санад афзалиятҳои зиѐде барои таҳқиқоти педагогӣ муайян гардидаанд, вале миѐни онҳо маҳз ба масъалаи навъҳои гуногуни арзѐбии соҳа таваҷҷуҳи

махсус равона карда шудааст. Аз ҷумла, арзёбии сифати кадрҳои омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 62 Стратегия), арзёбии сифати хизматрасониҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ (банди 62 Стратегия), инчунин, низоми миллии стандартии арзёбии натиҷаҳои таълим ва методологияи муназзами он (бандҳои 112, 113 Стратегия) аз афзалиятҳои рушди соҳаи маориф шинохта шудаанд. Ҳамзамон, тайёр кардани мутахассисон оид ба логопедия ва сурдопедагогика (банди 63 Стратегия) ва тақвияти неруи идоракунӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (банди 206 Стратегия) аз зумраи афзалиятҳо дар ислоҳоти соҳа эътироф гардидаанд [49].

Дар иртибот ба талаботи ин санади стратегии рушди соҳа, ба ақидаи мо, иҷрои чунин тадбирҳо мувофиқи мақсад мебошад:

1. Ворид намудани квалиметрия ва намудҳои дигари арзёбии соҳаи маориф, инчунин, таҳқиқот дар соҳаҳои логопедия ва сурдопедагогика ба номгӯйи самтҳои асосии афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Роҳандозии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи менеҷмент ё мудирияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Қобили тазаккур аст, ки дар баробари «Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон барои то соли 2030» ҳамчун санадҳои роҳнамо шумораи зиёди дигари консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф дар кишвари соҳибистиқлоли мо қабул ва амалӣ шуда истодааст. Аммо бо мақсади муайянсозии самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ мо дар ин зербоби диссертатсия ба «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94) [33] ва зарурати такмили он, инчунин, ба якчанд барномаҳои дигари давлатӣ таваҷҷуҳи хосса намудаем.

Чунонки мебинем, аз давраи қабул ва амалишавии нахустин Консепсияи миллии тарбия муҳлати тӯлонӣ гузашта, дар ин давра дар

кишвари мо ва дар ҷаҳони муосир таҳаввулоти куллӣ ба вуқуъ пайвастанд. Дар ин давра мардуми кишвар 30-солагии Истиқлолияти давлатиро бо як шукуҳу шаҳомати хосса истиқбол гирифта, таҳаввулоти мусбати рухдодаро дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ ба таври айёнӣ мушоҳида намуданд. Маҳз ба ҳамин ишора карда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон ба муносибати таҷлили ин ҷашни бузургӣ миллӣ таъкид доштанд: «Дар солҳои истиқлоли давлатӣ рушди соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок эълон гардида, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифатнокиву саводнокии мардум, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва зина ба зина беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии сокинони кишвар ҳамаи захираву имкониятҳо сафарбар карда шуданд... Мо мушоҳида карда истодаем, ки дар ҳазораи нав, яъне дар асри пешрафти босуръати илм ва техникаву технологияҳо давлатро бо низоми асримиёнагӣ ва хурофоту тафаккури ақибмонда обод кардан ғайриимкон аст. Баръакс, давлатро танҳо кадрҳои пешрафтаву донишманд, соҳибмаърифату баландихтисос ва навовару ихтироъкор метавонанд соҳибӣ кунанд ва тараққиёти онро таъмин намоянд» [9].

Бо сабабҳои дар боло зикргардида имрӯз зарурати таҳия ва қабули «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав ба миён омадааст. Консепсия дар таҳрири нав бояд таҷрибаи дар ин самт андӯхтаро ҷамъбаст намуда, роҳҳои муосиру муассири тарбияи миллии тамоми табақаҳо ва қишрҳои аҳолии ҷумҳуриро нишон диҳад.

Ба андешаи мо, бояд дар роҳандозии тарбияи миллӣ ва муайянсозии дурнамои он чунин омилҳо ба эътибор гирифта шуда, дар Консепсия ҳатман дарҷ гарданд: аввалан, вазифаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди тарбияи кӯдакон, наврасон ва ҷавонон, ки ба муассисаҳои таълимӣ фаро гирифта шудаанд, муайян карда шуда, кумитаҳои ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, вазорат ва идораҳои дигари дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ҷамоатҳои

деҳот ва дигар ниҳодҳои давлатӣ ба тарбияи кӯдакон, наврасон ва ҷавонон, ки берун аз муассисаҳои таълимияанд ѐ дар корхонаву ташкилоти дигар ба фаъолияти меҳнатӣ машғул мебошанд, таваҷҷуҳ намоянд.

Дуюм, масъулияти таълифи китобҳои тарбиявӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳияи барномаҳои соатҳои тарбиявӣ барои таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миѐнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи рӯйхати тавсиявии китобҳои бадеӣ барои мутолиаи беруназсинфӣ барои тамоми зинаҳои таҳсилот ва мунтазам такмил додани онҳо мушххас карда шавад.

Сеюм, дар Консепсия барои рушди малакаҳои шаҳрвандон оид ба одоби муошират ва асосҳои рӯзгордорӣ, сарфакорӣ дар истифодаи об, барқ, маводи сӯхт ва ғайра, инчунин, арҷгузорӣ ба либоси миллӣ, муқовимат ба экстремизм ва терроризм, зӯроварию ифротгароӣ, пешгирии наврасону ҷавонон аз гаравидан ба ҳар гуна ҳаракатҳои радикалӣ ва бегонапарастӣ тадбирҳои мушаххас нишон дода шаванд.

Чорум, ба ҷойи ибораи «Тарбияи тафаккури интиқодӣ» дар Консепсия ибораи «Тарбияи тафаккури мантиқӣ, ақлонӣ, дунявӣ ва техникӣ» истифода карда шавад, зеро маҳз ҳамин навъи тафаккур ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки тамоми масъалаҳоро бо низоми мукаммали илмӣ ҳаллу фасл намоянд ва аз таассубу хурофотпарастӣ раҳоӣ ѐфта, ашѐ ва зуҳуроти оламро аз нигоҳи илмҳои табиатшиносӣ баҳогузорӣ кунанд.

Дар баробари ин, хуб мебуд, агар дар Консепсия дар таҳрири нав дар сохтори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани раѐсати тарбия ва дар сохторҳои АТТ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ташкил намудани шуъбаҳои дахлдор оид ба таҳқиқоти педагогии масъалаҳои тарбиявӣ дарҷ меѐфт.

Вобаста ба масъалаҳои тарбия инро низ бояд ба эътибор гирифт, ки дар ҷаҳони муосир вобаста ба омилҳои манфии ҷаҳонишавӣ барои давлатҳои миллӣ тарбияи худшиносӣ, ҳуввияти миллӣ, ватандӯстӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва амсоли он аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, дар

кишвари мо зарур аст, ки ҳар чӣ зудтар оид ба таъсиси ихтисоси «6D012300 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ» дар зинаи докторантура аз рӯйи ихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти омӯзгорӣ, инчунин, дар АТТ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф тадбирҳо андешида шаванд. Ҳамзамон, зарур аст, ки «Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ» ба номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои педагогӣ ворид карда шавад.

Бо такя ба «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, № 438) бошад, метавон чунин самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогиро муайян намуд: «гузаронидани таҳқиқоти якҷояи илмӣ, методӣ, педагогӣ ва сотсиологӣ дар соҳаи таҳсилоти хориҷӣ, забоншиносии идрокӣ (когнитивӣ), забоншиносӣ-кишваршиносӣ, забоншиносӣ-фарҳангшиносӣ, методикаи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар шароити воқеии дузабонӣ ва бисѐрзабонӣ» [23].

Дар доираи татбиқи «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, № 316), аз таҳлилҳои квалиметрии ин санад бармеояд, ки «таҳияи низоми миллии мониторинги сифати таҳсилоти томактабӣ барои арзѐбии сифати таҳсилот» [24] пешбинӣ гардидааст, ки он низ ногузир бояд аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ дар ҷумҳурӣ ҳисобида шавад.

Ба андешаи мо, дар муайянсозии самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ бояд омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷии дуру наздик низ ба эътибор гирифта шавад. Дар ин росто, мо дар боби аввали диссертатсия андешаҳои доктори илмҳои педагогӣ В.И. Загвязинскийро оид ба самтҳои афзалиятнок ва мавзуъҳои мубрами таҳқиқоти методологӣ ва назариявии педагогӣ дар Федератсияи Россия таҳлил намуда, қайд кардем, ки як қатор мавзуъҳои зикргардидаи ин муҳаққиқ барои шароити ҷумҳурии мо низ мубрам мебошанд. Аз ин рӯ, пешниҳод менамудем, ки чунин самтҳои

таҳқиқоти педагогӣ аз миёни мавзуъҳои ироанамудаи В.И. Загвязинский ба масъалаҳои афзалиятнок дар кишвари мо ворид карда шаванд:

- таносуби манфиатҳои миллӣ ва шароити глобалӣ ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ;

- навоварӣ ва анъана дар таҳсилот;

- роҳҳои ҳамгиросозии таҳсилоти гуманитарӣ ва табиатшиносӣ;

- нақши сохторҳои ғайрирасмӣ дар иҷтимоишавии ҷавонон [235; 236].

Аз мавзуъҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқи дигар аз Федератсияи Россия, профессор Д.И. Фелдштейн, ки онҳо низ дар боби аввали диссертатсия мавриди таҳлил қарор доштанд, якчанд самту мавзуъҳо барои кишвари мо мубрам ба назар мерасанд. Бо ҳамин сабаб, онҳоро низ метавон барои ворид намудан ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ дар ҷумҳурӣ пешниҳод намуд:

1) нақши техника дар ташаккул ва рушди шахсият ва ҷомеа, мушкилоти таҳаввули ҷомеа дар шароити «таркиши иттилоотӣ»;

2) таҳқиқи роҳҳои таъмини ворисияти наслҳо;

3) муайнсозии асосҳои назариявии болоравии сатҳи вайроншавии асабӣ-психикии ҷавонон ва роҳҳои кумаки психологӣ-педагогӣ ба онҳо;

4) методологияи таълифи китобҳои дарсӣ ва маводи таълимии насли нав [368].

Дар баробари ин, ба андешаи муҳаққиқ аз Федератсияи Россия Орлов О.С. «мақоми махсусро дар миёни афзалиятҳои педагогика ҳамчун илм мурофиқати илмӣ-методологии он ишғол мекунад. Маҳз мурофиқати илмӣ-методологӣ, аз нуқтаи назари мо, ташкилкунандаи низом дар робитаҳои мутақобила ва муносибатҳое, ки байни зерсистемаҳои гуногуни системаи таҳсилотии мактаби рушдёбанда ба вуҷуд меоянд, ҳисоб меравад» [354]. Дар ин асос мурофиқати илмӣ-методологии таҳқиқоти педагогиро низ метавон аз самтҳои афзалиятнок ҳисоб намуд.

Боиси зикри хос аст, ки то имрӯз дар ҷумҳурии мо пешниҳодҳои маҷмӯӣ оид ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогии худи

муҳақиқиқони тоҷик низ манзур гардидаанд. Ин масъаларо дар мисоли коркардҳои илмии АТТ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба таври муфассалтар мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ба андешаи яке аз муҳаққиқони варзидаи педагогикаи ватанӣ, академики АТТ Ф. Шарифзода самтҳои афзалиятноке, ки омили ташаккул ва рушди илмҳои педагогӣ ва маориф дар ҷомеаи муосир мегарданд, инҳоянд:

1. Дурнамои инкишофи илмҳои педагогӣ ва маориф дар ҷомеаи муосир.

2. Такмили таҳқиқотҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, методология ва стратегияи азнавсозии иҷтимоӣ-фарҳангии таҳсилот.

3. Асосҳои назариявии мазмун, технология ва механизмҳои азнавсозии таҳсилоти муттасил (томактабӣ, умумӣ, касбӣ ва иловагӣ).

4. Иттилоотонии таҳсилот, ташаккули зеҳнӣ ва иҷтимоисозии инсони муосир.

5. Заминаҳои назариявӣ ва моделҳоиояндадори иҷтимоисозӣ, тарбияи кӯдакон ва ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир.

6. Азнавсозии низоми ѐрирасон ба шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ.

7. Асосҳои илмии инкишофи ибтикоронаи таҳсилоти педагогӣ ва моделҳои дурнамои инкишофи таҳсилоти муттасили педагогӣ.

8. Асосҳои илмии идораи таҳсилот дар ҷаҳони тағйирѐбанда.

9. Асосҳои назариявӣ-методологии сохторсозӣ ва инкишофи таҳсилоти тахассусии сатҳҳои гуногун.

10. Асосҳои назариявӣ-методологии азнавсозӣ ва инкишофи таҳсилоти табиӣ-илмии сатҳҳои гуногун [167, 61-63].

Таҳлили квалиметрӣ нишон дод, ки ҳар яке аз ин 10 самтҳоро муаллиф иборат аз 1 то 7 фасл донистааст, ки ҳар яке, дар навбати худ, аз зерфаслҳо таркиб ѐфтааст. Дар маҷмуъ, аз нигоҳи академики АТТ Ф. Шарифзода чунин мавзуъҳоро дар таҳқиқоти педагогӣ афзалиятнок шумурдан имкон дорад:

1. Асосҳои фалсафӣ, назариявӣ ва методологии ояндабинии педагогӣ

2. Таҳқиқи дидгоҳи педагогии ниёгон ва ворид сохтани онҳо дар педагогикаи муосири миллӣ

3. Методологияи нави тадқиқотҳои педагогӣ

4. Тамоюлоти инкишофи таҳсилот, назариёти педагогӣ ва амалия дар олами муосир

5. Ҳамгироии илм ва таҳсилот

6. Равандҳои ҳамгироӣ дар таҳсилот

7. Истифодаи ақидаи таълими тафриқа дар раванди таҳсилоти муосир

8. Тадқиқи масоили ҷаҳонишавии таҳсилот: меҳнат, шаклҳои зуҳурёбӣ, тамоюлоти инкишоф

9. Моҳият ва мушкилоти (масоили) низоми таҳсилоти муттасил (пайваста)

10. Заминаҳои фалсафӣ-методологӣ, иҷтимоӣ-педагогии ташкил ва инкишофи фазои иттилоотӣ-таҳсилотӣ

11. Пояҳои назариявӣ-методии тайёр кардани кадрҳои педагогӣ ва роҳбарӣ ба маориф дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ

12. Технологияҳои нави таълим ва тарбия

13. Маданияти иттилоотии шахсият

14. Сабабмандии (мотиватсияи) таълим ва тарбия

15. Инкишофи таҳаммулпазирӣ дар низоми таҳсилот ҳамчун талаботи воқеии ҷомеаи муосир

16. Муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии таҳсилот

17. Ғайриинститутӣ (деинститулизатсия) сохтани тарбия ва таҳсилоти кӯдакони маъюб ва ятим

18. Таҳсилоти фарогир, инклюзивӣ (ба кӯдакони маълул)

19. Равандҳои ибтикорӣ дар таҳсилот

20. Педагогикаи ҳамкорӣ

21. Таҳлили назария ва амалияи тайёр кардани омӯзгорон дар низоми таҳсилоти муттасили педагогӣ

22. Асосҳои назариявӣ-методологии инкишофи касбӣ ва такмили ихтисоси роҳбарони муассисаҳои таълимӣ

23. Моделҳои назариявӣ ва механизмҳои роҳбарӣ ба низоми таҳсилот дар сатҳҳои гуногун бо дарназардошти махсусиятҳои инкишофи фарҳанги иҷтимоӣ ва иқтисодӣ

24. Роҳбарӣ ба сифати таҳсилот дар асоси тартиби арзёбии натиҷаҳои таълим ва иҷтимоишавии хонандагон

25. Фаъолияти педагогӣ дар мактаби олӣ: ғайриодӣ будани назария ва амалия

26. Самтгирии таҳсилот ба талаботи касбии ҷомеа

27. Заминаҳои назариявӣ-методологӣ ва моделҳои ибтикории тайёрии касбӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар шароити бозори меҳнати тағйирёбанда

28. Тадқиқотҳои мазмун ва технологияи таҳсилоти табиӣ-илмӣ ва ғайра [173, 5-56; 149; 150].

Таҳлили квалиметрии пешниҳодҳои академики АТТ Ф. Шарифзода оид ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ (10 адад) ва фаслҳои он (28 адад) нишон медиҳад, ки номбурда ҳамчун омили ташаккул ва рушди илмҳои педагогӣ ва маориф дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон тамоми самтҳои назарияи педагогикаро ҳисобидааст. Аммо дар ин пешниҳодҳо ба баъзе самтҳои амалии таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла методикаи таълим камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

Дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ низ барои магистрантон, аспирантон ва докторантони ихтисосҳои педагогӣ ва муҳаққиқони илмҳои педагогӣ баъзе самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ муайян шудаанд, ки чунин мавзуъҳоро дар бар мегиранд:

1. Масъалаҳои мубрами фалсафаи таҳсилот дар асри XXI

2. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: дастовардҳо ва дурнамо

3. Самтҳои асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

4. Таҳсилоти босалоҳият дар таълиму тарбияи томактабӣ

5. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи ибтидоии таҳсилоти умумӣ

6. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ

7. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ

8. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ

9. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ

10. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

11. Таҳсилоти босалоҳият ва татбиқи он дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ

12. Методикаи таълими фанҳо тибқи талаботи таҳсилоти босалоҳият (мувофиқан ба зинаҳои таҳсилот)

13. Меъёрҳои баҳогузорӣ дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногуни таҳсилот

14. Арзёбии педагогӣ дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногуни таҳсилот

15. Роҳҳои мутобиқсозии стандарт, барнома ва нақшаҳои таълими таҳсилоти касбӣ ба меъёрҳои кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон

16. Масъалаҳои мубрами педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ

17. Мушкилоти соҳаи педагогикаи ислоҳӣ дар самтҳои сурдопедагогика, тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия

18. Ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва раҳоӣ аз хурофот дар раванди таълиму тарбия (тибқи зинаҳои таҳсилот)

19. Методикаи таълими диншиносӣ бо такя ба таҳлили илмии моҳияти дин дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногуни таҳсилот

20. Арзишҳои миллӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълиму тарбия

21. Равандҳои педагогии наздикшавии таҳсилоти касбии ҷаҳонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон

22. Ҷаҳонгароии илми педагогика ва стандартизатсияи муосири таҳсилот

23. Тамоюлҳои рушди таҳсилот, назария ва амалияи илми педагогика дар ҷаҳони муосир

24. Ҳамгироии илм ва таҳсилот

25. Муҳити иҷтимоию фарҳангии таҳсилот

26. Маданияти оиладорӣ ва омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ

27. Педагогикаи ҳамкорӣ

28. Мотиватсияи таълим ва тарбия

29. Валеология – самти дурнамои таҳқиқоти илмию педагогӣ дар асри XXI

30. Масъалаҳои методологияи навини таҳқиқоти педагогӣ

31. Такмили таълими забонҳои хориҷӣ ва забони русӣ дар шароити гуногунфарҳангӣ ва бисёрзабонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

32. Заминаҳои ҳуқуқӣ-равонӣ ва педагогии такмили таҳсилоти фарогир ва кӯдакони талаботи махсусдошта дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

33. Роҳҳои таъмини сифати таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон

34. Ташаккули фарҳанги муошерати иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон

35. Ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон

36. Асосҳои илмӣ-методии рушд ва фаъолияти мактаб (синфҳо)-и камнуфус дар шароити Тоҷикистон

37. Истифодаи ғояи таълими тафриқа дар ҷараёни муосири таҳсилот

38. Таҳсилоти муттасил: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам

39. Такмили низоми таҳсилот дар муқоиса бо таҳсилоти давлатҳои мутамаддин

40. Мутобиқсозии таҳсилот ба дархости касбии ҷомеа

41. Фаъолияти педагогӣ дар муасисаи таҳсилоти олии касбӣ: ҳамоҳангӣ ва мухолифат дар назария ва амалия

42. Моҳият ва масъалаҳои умумӣ ва хусусии таҳсилот

43. Ҷараёнҳои навгонӣ (инноватсионӣ) дар таҳсилот

44. Демократикунонии таҳсилот ва раванди таълим дар замони муосир

45. Педагогикаи муқоисавӣ дар раванди ҷаҳонишавии илмҳои педагогӣ

46. Инсонгароӣ дар таълим ва тарбия

47. Масъалаҳои мубрами методологияи таҳсилот

48. Масъалаҳои мубрами идеологияи таҳсилот

49. Масъалаҳои мубрами антропологияи таҳсилот

50. Ояндабинӣ дар таҳсилот ва ғайра [161, 33-34].

Дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, инчунин, ҳисобида мешавад, ки «Дар асоси таҳқиқоти муосир дар ин самт зарурати он вуҷуд дорад, ки, қабл аз ҳама, ба як қатор масъала ва мавзуъҳое аҳаммияти аввалиндараҷа дода шавад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- тимсоли инсон ва стратегияҳои таҳсилотӣ дар таърихи афкори фалсафӣ ва педагогӣ, аз ҷумла дар таърихи фалсафа ва педагогикаи тоҷикон; - таҳсилот ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ ва объекти таҳқиқоти илмию фалсафӣ;

- таҳлили фалсафӣ-методологии фаъолияти педагогӣ, ҳадаф, мундариҷа ва махсусиятҳои он дар замони муосир; - муҳит ва контексти (қаринаи) таҳсилот;

- система ва моделҳои таҳсилот;

- диагностикаи педагогӣ-психологӣ;

- фард, шахс, шахсият, рафтор ва психикаи он;

- навъҳои тарбия; - нақши фарҳанг ва муошират дар раванди таълиму тарбия;

- аҳаммияти таҷриба, маърифат, идрок, эҷодкорӣ дар таҳсилот ва ғайра» [161, 104-105].

Агар пешниҳодҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомиро оид ба баъзе самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор диҳем, маълум мегардад, ки дар самтҳои

манзуршуда (50 мавзуъ ва 8 зермавзуъ) бештар назарияи педагогика, фалсафаи таҳсилот ва махсусан, муносибати босалоҳият ба таълим фаро гирифта шудаанд, ки, ба андешаи мо, пешниҳодҳои АТТ-ро комилтар мегардонанд. Аз ин рӯ, истифодаи якҷояи ин ҳар ду пешниҳод дар амалия метавонад номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогиро дар ҷумҳурӣ ғанитар созад.

Дар баробари ин, ба андешаи шахсии мо, барои рушди бомароми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон, мутобиқсозии пажӯҳишҳои илмии кормандони АТТ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба таҳаввулоти азими ҷомеаи муосир дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии педагогӣ ба инобат гирифтани самтҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Сиёсати давлатии соҳаи илму маориф дар Тоҷикистони соҳибихтиёр.
2. Фалсафаи таҳсилот дар асри XXI
3. Равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф
4. Демократикунонии таҳсилот дар замони муосир
5. Бухрони иқтисодии ҷаҳон ва пайомадҳои он ба соҳаи илм, маориф ва таҳсилот дар Тоҷикистон.
6. Татбиқи технологияи муосир дар раванди таълиму тарбия
7. Тарбияи маънавӣ дар мактаби муосир дар партави ҷаҳонишавии фарҳанг
8. Мотиватсияи таълиму тарбия
9. Афкори педагогии ниёгон, арзишҳои умумибашарии таълиму тарбия ва дастовардҳои педагогикаи ҷаҳон
10. Проблемаҳои асосии педагогикаи муқоисавӣ
11. Валеология - самти ояндадори таҳқиқоти педагогикаи асри XXI
12. Проблемаҳои методологии таҳқиқоти педагогӣ
13. Квалиметрияи педагогӣ
14. Библиометрияи педагогӣ
15. Илмсанҷии педагогӣ

16. Таъмини ояндабинии пажўҳишҳои илмӣ-педагогӣ

17. Татбиқи дастовардҳои менеҷмент дар раванди идоракунии таҳқиқоти илмии педагогӣ

18. Меъёрҳои арзишии таҳсилот ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми умумии фарҳанги миллӣ

19. Педагогикаи волидайн ва ғайра

Дар маҷмуъ, дар асоси таҳлили квалиметрии манбаъҳои гуногун метавон ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ дар кишвари мо мавзуъҳои зиёдеро ворид намуд. Ҳамзамон, баҳри вусъат бахшидан ба раванди таҳқиқоти педагогӣ ва мушаххас сохтани дурнамои рушди он дар мамлакат дар сохтори АТТ ташкил намудани Маркази миллии квалиметрияи педагогӣ ба сифати мақоми ҳамоҳангсози арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ, таъсиси мақоми ваколатдори давлатии ҳамоҳангсози корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, ба чоп омода намудани натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ва маркетингӣ вобаста ба мавзуъҳо ва проблемаҳои соҳаҳои нави педагогика, идомаи таҳқиқот оид ба «Энсиклопедияи педагогикаи халқи тоҷик», тарҷума ва нашри асарҳои нодир оид ба дастовардҳои педагогикаи башарият ва таъсиси китобхонаи бунёдии педагогӣ дар Тоҷикистон ва амсоли он низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим дар фаъолияти ояндаи ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика, аз қабили АТТ, Пажўҳишгоҳи рушди маориф, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти педагогӣ ва муҳаққиқони алоҳида ба шумор мераванд.

Хулоса, таҳлили квалиметрии қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, омўзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷии дуру наздик, коркардҳои илмии АТТ ва Пажўҳишгоҳи рушди маориф дар ин самт ва дигар пешниҳодҳои муҳаққиқони алоҳида нишон дод, ки дар ҷумҳурии мо самтҳои зиёде вуҷуд доранд, ки бо вуҷуди мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалии худ то ҳол мавриди таҳқиқоти комплексии инфиродӣ ва дастаҷамъонаи педагогӣ қарор нагирифтаанд. Аз ин

рӯ, таҳия ва амалисозии консепсияи рушди илмҳои педагогӣ барои давраҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, ки дар он самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогӣ ба таври густурда бояд инъикос ёбанд, як амри зарурӣ буда, метавонад дурнамои рушди илмҳои педагогиро равшан созад.

## 4.3. Тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳамчун омили рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолияти хеш вусъати ҳамкориҳои густурдаи байналмилалиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ, экологӣ, илмию фарҳангӣ ва таъмини амнияту субот дар мамлакат арзёбӣ намуда, ҷонибдори густариши муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо тамоми кишварҳои олам бар пояи дӯстӣ ва ҳусни эътимод мебошад.

Дар ин росто, Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26 декабри соли 2019 қайд намуданд, ки «ба шарофати сиёсати «дарҳои кушода», ки ҷавҳари равобити байналмилалии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, мо тавонистем бо аксари давлатҳои дунё муносибатҳои нек ва ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаро дар соҳаҳои мухталиф ба роҳ монда, тақвият бахшем» [3]. Дар ин радиф, рушди равобити гуногунпаҳлуи байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм истисно нест. Зеро омӯзиши таҷрибаи соҳаи маорифи кишварҳои пешрафта ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар ин самт яке аз роҳҳои имконпазири баланд бардоштани натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва самаранокии фаъолият дар зинаҳои гуногуни таҳсилот ба шумор меравад.

Равандҳои демократие, ки имрӯз дар кишварҳои мутараққии олам ба вуқуъ меоянд, имкон медиҳанд, ки дар заминаи принсипи умумибашарии объективият таҷрибаи умумиҷаҳонии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва низомҳои маориф воқеъбинона омӯхта шаванд. Маҳз принсипи мазкур дар баробари принсипи муқоиса асоси илми нави ватанӣ – эдукологияи муқоисавӣ (қиёсӣ)-ро ташкил медиҳад. Эдукология бошад, чунонки маълум

аст, илм дар бораи таҳсилот ва қонуниятҳои ташкил, амалнамоӣ ва рушди он буда, ба мисли дигар соҳаҳои дониш ва амалияи иҷтимоӣ наметавонад дар алоҳидагӣ, яъне ҷудо аз таҷрибаи ҷаҳонӣ рушд ёбад. Дар ин маврид соҳаи илму маориф ба тамоюлот ва қонуниятҳои умумии рушд вобастагии амиқ ва ногусастанӣ доранд.

Як нуктаи басо муҳимро бояд ба инобат гирифт, ки муносибати бонизом нисбат ба арзёбии натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи педагогии хориҷӣ тақозо менамояд, ки ҳам паҳлуҳои алоҳидаи инвариантӣ-ҳамгироии раванди илму таҳсилот ва ҳам фарогирии мукаммали ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи илму маориф баррасӣ гарданд. Ҳамзамон, дар ин раванд на танҳо бояд таҷрибаи мусбат ба қайд гирифта шавад, балки тамоюлот ва мундариҷаи пажӯҳишҳои илмӣ, ҷустуҷӯҳои дидактикӣ ошкор карда шуда, муносибати ратсионалӣ нисбат ба раванди таълим, ки дар назария ва амалияи умумиҷаҳонӣ коркард ва татбиқ гаштаанд, моҳиятан дарк ва аз худ карда шаванд.

Бо дарназардошти муҳиммияти масъалаи таҳкими равобити байналмилалӣ барои рушди иқтисодиѐт, илму маориф ва фарҳанг Ҳукумати мамлакат дар самтҳои ба иқтисодиѐти миллии ҷумҳурӣ зарурӣ бо якчанд кишвари хориҷӣ комиссияҳои байниҳукуматӣ оид ба тиҷорат, фарҳанг, иқтисодиѐт, илм ва маориф таъсис додааст, ки дар кори он намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат намуда, ҷиҳати рушди соҳаи маориф ва илм пешниҳодҳои муҳимро ироа менамоянд.

Таҷрибаи амалӣ боисрор тақозо менамояд, ки функсияи дигаргунсозандагии педагогикаи муқоисавӣ на танҳо бо рушди таҳқиқоти бунѐдӣ, балки ба сатҳи азнавсозӣ расонидани натиҷаи омӯзиши таҷрибаи мусбати хориҷӣ ва истифодаи оқилонаи он дар шароити мо бо тавсияҳои амалӣ муайян карда шуда, функсияи пешгӯйикунандаи он бояд дар ошкорнамоии тамоюлот ва коркарди методҳои мушаххаси таълимӣ, ки дурустии худро дар амал собит месозанд, зоҳир гардад.

Нақши ҳамкориҳои байналмилалии субъектҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурии мо баробари иштироки фаъолона ва гуногунҷанбаи онҳо дар шаклҳои гуногуни робитаҳои илмӣ-маърифатии байналмилалӣ ва вобаста аз дастгирии давлатӣ дар шакли ташаббусҳои меъёриву қонунгузорӣ, сармоягузорӣ, лоиҳа ва барномаҳои махсус тадриҷан баланд мегардад. Вазифаҳои асосӣ дар ин самт аз инҳо иборат аст:

- мусоидат намудан ба раванди барасмиятдарорӣ ва эътирофи тарафайни ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилот дар Тоҷикистон ва шарикони рушд;

- дастгирии баргузории намоишҳо, ҷаласаҳои машваратӣ, конференсияҳо оид ба проблемаҳои ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи маориф ва илм;

- ҳамоҳангсозӣ ва мусоидат барои таҳияи корҳои илмӣ-методӣ оид ба таъмини ҳамкориҳои самарабахши байнидавлатӣ дар соҳаи илму маориф;

- ба роҳ мондани корҳои таҳлилӣ, мусоидат ба омодасозии асноди ҳуқуқӣ, қарорҳои консептуалӣ, лоиҳаи созишномаҳои байналмилалӣ, маводи таҳлилӣ;

- мусоидат ба раванди такмили ихтисоси мутахассисони хадамоти байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ;

- гузаронидани маркетинги бозори ҷаҳонии хадамоти илмӣ ва маърифатӣ, ташкили раванди интихоби шаҳрвандони хориҷӣ барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ва шарикони рушд;

- ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии донишҷӯён, аспирантон, магистрантону докторантон, кормандони илмӣ, устодон бо кишварҳо дар асоси мувофиқаи тарафайн;

- мусоидат ба вусъати раванди иштироки муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳамкории байнидавлатӣ ва татбиқи лоиҳа ва барномаҳои байналмилалӣ;

- кумак расонидан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи самаранокии омодасозии мутахассисони баландихтисоси рақобатпазир ба талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат ва ғайра.

Таҳлили вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тамоюлоти муносибатҳои байналмилалӣ роҳи дуруст интихобкардаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар заминаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ собит намуд. Ба шарофати чунин сиёсат доираи ҳамкориҳои кишвари мо дар самти илму маориф низ васеъ гардида, барои иштироки фаъолона ва густурдаи олимону мутахассисони тоҷик дар фаъолияти марказҳои бонуфузи илмии хориҷӣ ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ заминаи мусоид фароҳам омад. Дар ин радиф, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо бамаврид таъкид намуданд, ки «дар ин раванд, ҳимояи манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва амниятии Тоҷикистон, ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, эҷоди шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори кишвар ва таъмини бехатарии он муҳим арзёбӣ мегардад» [2]. Ин дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат мустақиман ба соҳаи илму маориф низ дахл доранд ва татбиқи амалии онҳо барои пешрафти бемайлону устувори ин самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва мақоми арзанда пайдо кардани Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари дорои илму фарҳанги бостонӣ ва неруи муосири зеҳнии рақобатпазир мусоидат хоҳад кард.

Нишондиҳандаи тавсеаи фазои таҳсилот дар зери таъсири ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии педагогӣ ин дигаргуниест, ки дар фаъолияти муҳаққиқон, донишҷӯёну магистрантон, омӯзгорону аспирантон ва дигар унвонҷӯён ба вуқуъ меояд. Зеро онҳо ба раванди чунин ҳамкориҳо ҷалб шуда, ҳузури онҳо дар такомули омодасозии мутахассисон дар заминаи татбиқи таҷрибаи фаъолияти инноватсионии мутахассисони кишварҳои гуногуни олам дар шароити Тоҷикистон зоҳир мегардад. Таҷрибаи мазкур ба хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олӣ барои васеъ намудани васоити дидактикӣ кумак расонида, ба ӯ имкон медиҳад, ки мавқеи хешро нисбат ба навгониҳои педагогӣ муайян намояд.

Илова бар ин, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилот бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои гуногун имконият медиҳанд, ки

таҷрибаи пешқадам ва арзишманди онҳоро оид ба такомули равандҳои гуногуни таълиму тарбия дар шароити муносибатҳои бозорӣ мавриди истифода қарор гирад. Чунин ҳамкориҳо барои низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон низ, ки пайваста ба такмилу азнавсозӣ ниёз дорад, муфид арзёбӣ мегардад.

Функсияи дигари ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ин боз ҳам баланд бардоштани сатҳи сифати таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Он тавассути ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани методологияи таҳқиқ, ҷорӣ намудани методикаи пешқадами баргузории озмоишҳо, усулҳои арзёбии натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла,  истифодаи методҳои муосири илмсанҷӣ, квалиметрӣ ва библиометрӣ, пажӯҳишҳои педагогии муқоисавӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи консепсияҳои муосир оид ба фалсафа ва методологияи илм, шиносоӣ бо дастовардҳои илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва муаррифии комёбиҳои педадагогикаи миллӣ дар арсаи байналмилалӣ ва ғайра амалӣ мегардад.

Ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалии илмӣ, илмӣ-педагогӣ ва маориф ба муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти оли касбӣ чунин имкониятҳо медиҳад:

- ҳамкориҳои босуботи илмӣ, илмӣ-педагогӣ ва таълимиро вусъат бахшанд;

- раванди ба бозори ҷаҳонӣ баровардани маҳсули меҳнати зеҳнӣ ва натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, коркардҳои илмӣ-педагогиро фаъол гардонанд;

- ба раванди мубодилаи олимон, мутахассисону коршиносон тавсеа бахшанд;

- иштироки олимону мутахассисонро дар бозори таҳсилот ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ дар шароитҳои арзанда ва мусоид ба роҳ монанд;

- омодагии забонии муҳаққиқонро дар сатҳи матлуб роҳандозӣ намоянд;

- заминаи модӣ-техникӣ ва технологии марказҳои калонтарини илмӣ, аз ҷумла, озмоишгоҳҳоро ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонанд;

- барои олимону мутахассисон ҷиҳати истифода аз дастовардҳои илмии ҳамкорони хориҷӣ шароитҳои мусоид фароҳам оранд;

- ҷиҳати омӯзиш ва таҳқиқи осори пурғановати педагогии намояндагони илму адаби тоҷику форс, ки дар маъхазҳои илмии кишварҳои Аврупо ва Шарқ маҳфузанд, имконияти мусоид фароҳам оваранд;

- дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии соҳаи маориф барои таъмини ҳамаҷонибаи ҳамгироии Тоҷикистон ҳамчун шарики комилҳуқуқ шароити мусоид фароҳам оварда, обрӯю эътибори низоми миллии таҳсилотро баланд бардоранд;

- сохтор ва мундариҷаи фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва олии касбиро ба талаботи санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ мутобиқ гардонида, онҳоро дар муқобили таҳдиди равандҳои ҷаҳонишавии фарҳанг, фазои илмию иттилоотӣ рақобатпазир гардонанд.

Илова бар ин, вусъати ҳамкориҳои гуногунҷанба ва фаъолонаи байналмилалӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад чунин имкониятҳоро фароҳам созад:

- ба ҳадафи стратегӣ – ворид гардидани Тоҷикистон ҳамчун шарики комилҳуқуқ ба фазои умумиҷаҳонии таҳсилот ноил гарданд;

- бо низомҳои илмӣ ва маорифи кишварҳои дигар дар ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимми глобалӣ, ки дар назди башарият қарор доранд, фаъолона ҳамкорӣ намоянд;

- доираи хизматрасониҳои маърифатии хешро оид ба омодасозии мутахассисони баландихтисос васеъ намоянд;

- барои ислоҳоти соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳаёти кишвар ва рушди босуботи он захираҳои зарурии зеҳниро омода созанд;

- фаъолияти худро мутобиқ ба талаботи иқтисодиёти бозорӣ ба роҳ монда, ба ин васила рушду такомули ояндаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва пажӯҳишгоҳи илмиро дар шароити нав таъмин намоянд.

Дар мамҷуъ, ба андешаи муҳаққиқи тоҷик А. Қурбонов, «Маҳз ҳамкориҳо ва тадқиқотҳои муштараки илмӣ, нашр ва дастрас гардонидани адабиёти илмӣ, мубодилаи иттилооти илмӣ ва мутахассисон метавонад илмро ба аслиҳаи муҳими ҳалли мушкилоти ҷаҳони муосир табдил диҳад ва маҳз тавассути ин ҳамкориҳо олимони тоҷик имкон пайдо мекунанд, ки дар ҳалли мушкилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти ҷаҳон саҳмгузор бошанд» [164, 265].

Аз ин нуқтаи назар,ояндаи илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки он то кадом андоза зудтару самаранoктар ба фазои байналмилалии илмӣ ворид ва ҳамгиро мешавад. Бо дарназардошти ин, барои дастгирӣ ва рушди бемайлони шаклҳои гуногуни кооператсия ва ҳамкории олимони ҷумҳурӣ бо олимону мутахассисони кишварҳои дигар тадбирҳои судманд андешида мешаванд. Тибқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334) дар асоси шартномаву қарордодҳои Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ баланд бардоштани самаранокӣ ва тавсеаи ҳамкориҳо бо ташкилоту муассисаҳои илмии кишварҳои узви ИДМ, дигар мамлакатҳо, ассотсиатсияҳои байналмилалӣ, фондҳо пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади муайянсозии заминаҳои рушдиояндаи низоми ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти таҳқиқотӣ мо таҳлили квалиметрии робитаҳои байналмилалии илмии баъзе ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор сохторҳои дигарро анҷом додем. Аз ҷумла,  АТТ дар давоми солҳои 2009-2013 бо 34 муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷӣ созишномаҳои ҳамкориро ба имзо расонидааст, ки инҳоанд:

- соли 2009, созишномаҳои ҳамкориҳои илмӣ бо Академияи таҳсилоти Федератсияи Россия, Академияи такмили ихтисос ва азнавтайёркунии касбии

кормандони маорифи Федератсияи Россия, Муассисаи таълимии ғайридавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишкадаи психологӣ-иҷтимоии Москва», Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Россия, Донишкадаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогии Академияи таҳсилоти Россия, Донишгоҳи давлатии гуманитарии Москва ба номи М.А. Шолохов;

- соли 2010, созишномаҳои ҳамкориҳои илмӣ бо Донишкадаи миллии таҳсилоти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус, Донишкадаи таҳсилоти педагогии шаҳри Санкт-Петербург, Донишгоҳи таълим ва тарбияи шаҳри Кобул, Донишгоҳи педагогии Кобул;

- соли 2011, созишномаҳои ҳамкориҳои илмӣ бо Донишкадаи гуманитарӣ-педагогии Кизилкийи Ҷумҳурии Қирғизистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи давлатии ба номи Н.А. Добролюбови шаҳри Нижегород;

- соли 2012, созишномаҳои ҳамкориҳои илмӣ бо муассисаи давлатии федералии бюджетии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи лингвистии Иркутск», Фонди СММ дар соҳаи народонаселения, Донишгоҳи давлатии техникии Новосибирск, Донишкадаи давлатии забони русӣ ба номи А.С. Пушкин, Донишгоҳи давлатии Марийск, муассисаи давлатии федералии бюджетии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии техникии Марийск», муассисаи давлатии федералии бюджетии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии педагогии Тула ба номи Л.Н. Толстой», намояндагии Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Москва, Донишгоҳи Чимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон, Донишгоҳи давлатии педагогии ба номи И.Я. Яковлеви Чувашистон, Донишкадаи педагогикаи ислоҳи Академияи таҳсилоти Россия;

- соли 2013, созишномаҳои ҳамкориҳои илмӣ бо Донишкадаи давлатии фарҳангу санъати Чувашистон, Донишгоҳи психологӣ-иҷтимоии Москва, Донишгоҳи давлатии педагогии Тула ба номи Л.Н. Толстой, Донишгоҳи давлатии техникии Россияи ҷанубӣ, Академияи таҳсилоти Қирғизистон;

- соли 2014, бо Иттиҳоди Аврупо дар доираи барномаҳои оид ба таҳсилоти олӣ – Темпус ва Эрасмус Мундус.

Дар соли 2015 бошад, созишномаҳои ҳамкориҳои илмии АТТ бо китобхонаи электронии илмии шаҳри Москва, Донишгоҳи федералии Сибир ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Омск ба имзо расонида шудаанд.

Аз таҳлили мундариҷаи созишномаҳо ва натиҷаи ҳамкориҳои дуҷониба бо муассисаҳои мазкур бармеояд, ки ба шарофати робитаҳои мустаҳками илмӣ мутахассисон ва муҳаққиқони ҷонибҳо барои табодули таҷрибаи пешқадам, омӯзиши проблемаҳои омодасозии мутахасисони баландихисос дар соҳаи илмҳои педагогӣ, техникӣ, ҷанбаҳои равоншиносӣ ва иҷтимоии таҳсилоти олии касбӣ, таҳқиқи масъалаҳои методологии таҳқиқоти илмӣ, такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ, илмӣ-педагогӣ ва ғайра имконияти бештар пайдо намуда, бо усулҳои пешкадам ва инноватсионии таълим, роҳҳои самараноки истифодаи барномаҳои гуногуни автоматикунонидашуда дар раванди таҳсил ошно гардидаанд.

Дар маҷмуъ, давоми солҳои 2010-2020 ҳамкории Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва акдемияҳои таҳсилоти кишварҳои ИДМ, аз ҷумла, Қазоқистон, Қирғизистон, Белоруссия, Украина ва махсусан, Федератсияи Россия ба андозаи назаррас беҳтар гардида, беш аз пеш таҳким ёфт. Дар натиҷаи ин таҳқиқоти илмии унвонҷӯёну аспирантон ва олимони ҷавони тоҷику хориҷӣ хазинаи илмии Академияи таҳсилотро бо дастовардҳои тозаи илмӣ ғанӣ гардониданд. Ин ба олимону мутахассисони тоҷик имкон дод, ки бо проблемаҳои педагогикаи баъзе кишварҳои хориҷӣ аз наздик шинос шуда, ҳамкориҳои илмиро бо ин кишварҳо тавсеа бахшанд ва аз дастовардҳои илмии ҳамдигар дар соҳаи педагогика баҳравар гарданд.

Дар баробари ин, Шурои диссертатсиони АТТ рисолаҳои илмии унвонҷӯёну аспирантони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, Эрону Афғонистонро баррасӣ намудааст, ки ин бори дигар аз таваҷҷуҳи кишварҳои

ҳамсоя ва хориҷаи дур нисбат ба дастовардҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Дар заминаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муҳимми педагогика ҳамасола семинарҳои байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, симпозиумҳо, конференсияҳои гуногун баргузор мегарданд, ки дар онҳо намояндагони созмонҳои байналмилалии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази илму фарҳанги Федератсияи Россия дар Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ва сафорати кишварҳои хориҷӣ, Академияи таҳсилоти Россия ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Россия фаъолона ширкат меварзанд.

Новобаста аз ин дастовардҳо, таҳлили квалиметрии фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон собит намуд, ки имконият ва неруи илмии он ҳанӯз ба таври мукаммал ва самарабахш истифода бурда намешавад. Инро натиҷаи ҳамкориҳои муассиса бо марказҳои илмии кишварҳои узви ИДМ ва хориҷаи дур нишон дод. Аз ин рӯ, робитаи онро бо муассисаҳои бонуфузи илмӣ-таҳқиқотии хориҷӣ мустаҳкам намуда, доираи таҳқиқоти муштаракро васеъ ва ҳамгироии илму амалияро тақвият бахшида, сифати корҳои илмиро ба сатҳи таҳқиқоти бунёдӣ расонидан, таҳким бахшидан ба раванди омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муштаракаи илмӣ оид ба мавзуъҳои муосир ва мубрами педагогӣ, вусъат бахшидан ба ҷараёни табдилёбии забони давлатӣ ба сифати забони илм ҳамчун ифодаи таҳкими истиқлолияти илмию фарҳангии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан аз ҷумлаи вазифаҳои умдаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба шумор мераванд.

Самараи дигари ҳамкориҳои дуҷонибаи илмӣ ин таҳқиқу баррасии муштараки проблемаҳои гуногуни соҳаи илмҳои педагогӣ ва маориф маҳсуб меёбад, ки дар натиҷа камбудиҳо ошкор ва роҳҳои ҳалли онҳо бо истифода аз таҷрибаи ҳамдигар ва аз нигоҳи дигар дарёфт мегарданд.

Таҳлили ҳисобот оид ба фаъолияти ташкиливу илмии раёсати Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар солҳои 2009-2018 собит менамояд, ки

олимону мутахассисони муассисаи мазкур ба таҳқиқу баррасии самтҳои гуногуни таҳким ва густариши равобити байналмилалӣ, проблемаҳои муосири педагогикаи муқоисавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд ва он яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти АТТ ба шумор меравад. Аз ҷумла, соли соли 2009 зери назари Сафар Сулаймонӣ маҷмуаи мақолоти илмии устодон ва унвонҷӯёни Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон таҳти унвони «Фарҳанг ва омӯзиш дар ҳавзаи тамаддуни иронӣ» [173] нашр гардида, чунонки дар бобҳои гузашта зикр шуд, мақолаи ходими илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф М. Сафаров «Сохтор ва низоми таҳсилот дар Ҷопон» аз чоп баромад. Муаллифи мақола оид ба таҷрибаи ибратбахш дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, миёнаи махсуси Ҷопон ибрози андеша намуда, фарқияту бартариҳои низоми таҳсилот ва зарурати роҳандозии ин таҷрибаро дар низоми маорифи Тоҷикистон нишон додааст.

Илова бар ин, мақолаҳои олимони АТТ И.Х. Каримова «Педагогикаи татбиқӣ ва мавқеи он дар густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ» [221], Маҷидова Б., Абдуллоева Р. «Мавқеи донишгоҳ дар рушд ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ» [225], Сулаймонӣ С., Челик И. «Ҳамкориҳои муштарак дар ҳавзаи тарбияти кадрҳои илмӣ-педагогӣ» [230], Алимшоев М. «Низоми таҳаввулоти таҳсилоти муосир: рушди ҳамкорӣ ва дурнамо» [219], Латипов Д. «Донишгоҳҳои фарҳангу ҳунар дар ростои ҳифзи фарҳанги миллӣ ва ҳамгироии фарҳангҳои гуногун» [224], Қодирова М. «Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти такмили сифати барномаҳо» [223] дар нашрияи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» ба табъ расиданд. Инчунин, китоби “Фарҳанг ва омӯзиш дар ҳавзаи тамаддуни иронӣ” [206] нашр карда шуд.

Ба мақсади тавсеаи робитаҳои гуногунҷанба дар соҳаи илму маориф, аз ҷумла, таҳқиқоти илмӣ оид ба педагогика, таърихи педагогика ва таҳсилот ҳамоишҳои гуногуни илмӣ доир мегарданд. Аз ҷумла, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо ҷалби доираи васеи олимону мутахассисони хориҷӣ аз соли 2012 ин ҷониб 5 конференсияи байналмилалиро дар мавзуи «Таҳсилоти

фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» (солҳои 2012, 2013, 2017, 2018 ва 2019) доир намуд, ки тафсилот ва таҳлили квалиметрии он дар зербоби дахлдори дисеертатсия инъикос ѐфтааст. Зикри ҳамин нукта кофист, ки дар раванди баргузории онҳо масъалаҳои гуногун баррасӣ гардида, таҷрибаи пешқадами кишварҳои гуногун оид ба ташкили таҳсилоти фарогир мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Ҳамзамон, иштрокчиѐни конференсияҳо дастовардҳо, мушкилоту зиддиятҳоро дар ин самт ошкор намуда, дурнамои рушди таҳсилоти фарогирро тавассути тавсияву пешниҳодоти мушаххас муайян карданд. Аз ин рӯ, баргузории конференсияҳои мазкурро дар самти бартараф намудани мушкилоту монеаҳо ва ба таври самаранок ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои иштирокчӣ ҳамчун иқдоми назаррас арзѐбӣ намудан мумкин аст.

Илова бар ин, рӯзҳои 27-28 феврали соли 2014 бо ташаббуси АТТ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар муҳити бисѐрфарҳангӣ ва бисѐрзабонӣ» (Актуальные вопросы обучения русскому и английскому языкам в условиях поликультурной и многоязычной среды) конференсияи байналмилалӣ баргузор гардид, ки натиҷаи он дар маҷмуаи мақолаҳо чоп гардид [66].

Ҳамзамон, санаи 14 майи соли 2016 АТТ дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи «Проблемаҳои муосири таҳсилоти математикӣ ва информатсионӣ» конференсияи байналмилалӣ доир гардид, ки дар баррасии масъалаҳои он намояндагони Россия, Қирғизистон, Қазоқистон, Афғонистон ва Эрон ширкат доштанд.

Бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф дар якҷоягӣ бо Академияи таҳсилот санаи 26-27 ноябри соли 2018 дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами таълим ва омӯзиши забонҳо дар таҳсилоти муосири бисѐрзабонӣ ва гуногунфарҳангӣ» конференсияи байналмилалӣ доир гардида, маводи он дар ҳаҷми 231 саҳифа нашр гардид.

Айни замон бошад, кормандони илмии АТТ ба омӯзишу баррасии таҷрибаи пешқадами маориф дар кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла, кишварҳои мутараққӣ машғул мебошанд. Аксари онҳо иштирокчиѐни фаъоли чорабиниҳои илмии байналмилалӣ буда, дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами ҳамкориҳо дар соҳаи илму маориф бо маърӯзаҳои илмӣ баромад мекунанд ва дастовардҳои Тоҷикистонро дар соҳаҳои илму маориф ба таври шоиста муаррифӣ мекунанд. Аз ҷумла, академик Ирина Холовна Каримова дар конференсияи байналмилалии «Марҳилаҳои ҳамкории Росссия ва Тоҷикистон: иқтисод, амният, робитаҳои башардӯстона» (14.02.2017) дар мавзуи «Вазъи омӯзиш ва таълими забони русӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: мушкилот ва дурнамои он», инчунин, дар ҷаласаи экспертии «Таҳсилот дар соҳаи солимии репродуктивӣ ва ташаккули тарзи ҳаѐти солими ҷавонони таълимгиранда дар кишварҳои Оиѐи Марказӣ ва Аврупои Шарқӣ» (Образование в области репродуктивного здоровья и формирования здорового образа жизни учащейся молодежи в странах Центральной Азии и Восточной Европы) (11-12.06.2019) дар мавзуи «Таҳсилот: мушкилоти тарзи ҳаѐти солим ва солимии репродуктивӣ дар мактаб. Таҷрибаи Тоҷикистон» (Образование: проблемы здорового образа жизни и репродуктивного здоровья в школе. Опыт Таджикистана) баромад намуд. Ҳамзамон, кормандони Академия Ғ. Бобизода, С. Камолзода ва А. Байзоев тибқи лоиҳаи ЮСАИД – «Ҳамроҳ бихонем» дар семинарҳои омӯзишӣ ва ҷамъбастӣ «Оид ба тақвияти чорабиниҳо баҳри беҳтар намудани малакаи хониш дар синфҳои ибтидоӣ», «Оид ба таҳияи китобҳои консептуалӣ барои кӯдакон», ки моҳҳои май, август ва октябри соли 2019 доир гардиданд, оид ба таҷрибаи амалии муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии Тоҷикистон дар самти тарғиби китобу хониш бо андешаҳои ҷолиб баромад карданд. Шоистаи зикр аст, ки танҳо дар давоми соли 2017 кормандони илмии АТТ дар 14 конференсияи байналмилалӣ ва дар соли 2019 дар 19 чорабиниҳои гуногуни илмии сатҳи байналмилалӣ [10] фаъолона ширкат варзидаанд.

Чорабиниҳои гуногуни илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ оид ба масъалаҳои мубрами соҳаи илму маориф яке аз воситаҳои муҳим дар таҳкими робитаи бо марказҳои илмии хориҷӣ ба шумор меравconfiguration. Аз ҷумла, дар доираи татбиқи лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо дастгирии таҳсилоти босифат (15-19.09.2017 ва 30 ноябр-1 декабри соли 2017) дар мавзуи «Роҳҳои самараноки гузариш ба муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим» конференсияи байналмилалӣ доир гардид.

Бо таъсисёбии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳу сифати робитаҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти омодасозии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогӣ, илмӣ-техникӣ, табодули таҷрибаи муҳаққиқон дар соҳаи таҳқиқоти илмӣ, мубодилаи маълумот оид ба эътирофи мутақобилаи санадҳо доир ба тахассус ва унвонҳои илмӣ, аз ҷумла, дар соҳаи илмҳои педагогӣ ба маротиб беҳтар гардид.

Вобаста ба ин, қобили зикр аст, ки дар банди 2-юми «Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифаҳои он дар самти робитаҳои байналмилалӣ ба таври зерин муайян карда шудаанд:

- таъмини мутобиқати талаботи тахассусӣ ба дараҷаҳои илмӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ;
- рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию педагогӣ;
- бо тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатҳо оид ба додани дараҷаҳо ва унвонҳои дар давлатҳои дигар додашударо, ки бо он давлатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эътирофи он ҳуҷҷатҳо шартнома бастааст, аз нострификатсия (баробарарзишӣ) мегузаронад;
- бо тартиби муқарраргардида атттестатсияи такрории шахсони дорандаи дараҷаҳо ва унвонҳои илмии давлатҳои дигарро, ки бо онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эътирофи ҳуҷҷатҳо дар бораи дода шудани дараҷаҳо ва унвонҳои илми шартнома надорад, мегузаронад [52, 16-17].

Дар банди мазкур, инчунин, ҳуқуқҳои Комиссия вобаста ба густариши равобити байналмилалӣ дар соҳаи илм ба таври возеҳ муайян карда шудаанд, ки аз ҷумла инҳоанд:

- тибқи тартиби муқарраргардида дар доираи салоҳияти худ бо мақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалии дахлдор робитаҳо барқарор намояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар конгрессҳо, конференсияҳо, семинарҳои байналмилалӣ ва дигар чорабиниҳо оид ба масъалаҳои тайёр намудан ва аттестатсияи кормандони илмӣ иштирок намояд [52, 19].

Аз таҳлили ҳисоботи солонаи Комиссия дар давоми солҳои 2018-2019 бармеояд, ки он робитаҳои мутақобилан судмандро бо комиссияҳои аттестатсионии ду кишвар – Беларус ва Қирғизистон нисбатан самаранок ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, дар доираи робитаҳои дуҷониба соли 2019 сафари кории раиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Минск анҷом ёфта, зимни он намояндаи кишвари мо таҷрибаи ҷолиби Ҷумҳурии Беларусро дар самти механизмҳои назорати фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ, экспертӣ, истифодаи барномаи компютерии «Антиплагиат», додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, инчунин, тартиби ба корҳои илмӣ машғул шудани хизматчиёни давлатиро омӯхт, ки истифодаи он барои такмили фаъолияти КОА назди Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон басо муфид мебошад. Зеро, тавре ки Пешвои миллат зимни суханронӣ дар мулоқот бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат санаи 18 марти соли 2020 иброз намуданд, «солҳои охир шахсоне, ки дар соҳаҳои ғайриилмӣ фаъолият карда, дар вазифаҳои масъул роҳбар мебошанд, аз рӯйи ихтисосҳои аз самти фаъолияташон дур рисолаҳои илмӣ таълиф карда, бе навбат ҳимоя мекунанд ва соҳиби дараҷаҳои илмӣ мегарданд» [6]. Аз ин рӯ, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки «чунин шахсон (қабл аз ҳама хизматчиёни давлатӣ – М.Р.) аввал ариза навишта аз вазифаҳояшон озод шаванд, сипас ба корҳои илмӣ машғул шуда, рисолаҳояшонро дар доираи талаботи мавҷуда ҳимоя намоянд» [6].

Дар доираи иҷрои ваколатҳои худ дар самти робитаҳои байналмилалӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои нишондоди бандҳои 8.5 ва 8.6 Нақшаи чорабиниҳои Протоколи ҷаласаи 16-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон «Оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи илм ва маориф» корҳои зеринро ба анҷом расонидааст:

- табодули мунтазами таҷрибаи кории сохторҳои аттестатсионии ҷонибҳо оид ба омодасозӣ ва аз аттестатсияи давлатӣ гузаронидани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникии дараҷаи олӣ (нишондоди банди 8.5). Зеро то имрӯз табодули чунин таҷриба танҳо тавассути мукотибаи расмӣ ва почтаи электронӣ ба роҳ монда шуда буд;

- фароҳам овардани шароит ва беҳтар намудани раванди таъмини рушди шабакаи шуроҳои диссертатсионии байнидавлатӣ аз рӯйи самтҳои мухталифи илм (нишондоди банди 8.6). Зеро, то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 адад шурои бо ном «байнидавлатии» Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон амал мекунанд, ки бе мувофиқа бо Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд. Ҳол он, ки ҳангоми таъсиси чунин шуроҳо бояд розигии ҷонибҳо, зарурат ва шумораи зарурии ҳайати кадрии дорои тахассусҳои олии соҳаи мушаххаси илмии тарафҳо ба инобат гирифта шавад.

Бинобар ин, вобаста ба иҷрои нишондоди банди 8.6-уми Протоколи мазкур Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи худро танҳо дар нострификатсияи (баробарарзишӣ) дипломҳое мебинад, ки аз тарафи Комиссия олии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон дода шудаанд. Аз таҳлили ҳисоботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 бармеояд, ки «то имрӯз 40 дипломи докторон ва номзадҳои илм, ки рисолаҳои хешро дар шуроҳои диссертатсионии КОА Ҷумҳурии Қиғизистон ҳимоя кардаанд, аз нострификатсия гузаронида шудаанд. Айни замон КОА назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо КОА Ҷумҳурии Қирғизистон шартномаи ҳамкории дуҷонибаро ба имзо расонидааст.

Махсус бояд зикр кард, ки ба шарофати иродаи неки роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон ва Узбекистон - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ҳамкориҳои судманд дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, миёни КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Ҷумҳурии Узбекистон Тоҷикистон густариш меёбанд.

Аз ҷумла, КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва академияҳои соҳавии кишвар ҷиҳати иҷрои муқаррароти банди 21 Нақшаи чорабиниҳо аз рӯйи натиҷаи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Узбекистон ба Тоҷикистон (9-10 марти соли 2018) бобати «Густариши ҳамкориҳо байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва академияҳои соҳавии ҷонибҳо, омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ, табодули сафарҳои муҳаққиқон, мутахассисон ва донишҷӯён, инчунин, мубодилаи маълумот оид ба эътирофи мутақобилаи санадҳо доир ба тахассус ва унвонҳои илмӣ» тасмим гирифтааст, ки дар мувофиқа бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Узбекистон робитаҳои касбӣ барқарор намояд. Ҳамзамон, барои минбаъд дар шуроҳои диссертатсионии ҳарду кишвар аз рӯйи ихтисосҳои нодир омода намудани кадрҳои дорои дараҷаҳои илмӣ ва нострификатсия (баробарарзиш) намудани дипломҳои дараҷаҳои илмиву шаҳодатномаҳои унвонҳои илмӣ лоиҳаи шартномаи байнидавлатиро таҳия намояд.

Бояд қайд намуд, ки Тоҷикистон дар омода кардани кардани кадрҳои илмӣ барои кишварҳои хориҷӣ низ барқарор сохтани робитаҳои байналмилалиро оғоз намудааст. Аз ҷумла, ба ҳолати «то 31 декабри соли 2019 дар шуроҳои диссертатсионии ватанӣ 5 нафар шаҳрвандони хориҷӣ, аз

ҷумла, 2 нафар дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва 3 нафар дар самти илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ диссертатсия ҳимоя намудаанд» [63].

Яке аз ҳадафҳои муҳимми робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илми кишвар ин тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир дар хориҷи кишвар ба шумор меравад. Вобаста ба ин, ниҳоди дигар - Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» низ баҳри тайёр намудани кадрҳои миллӣ барои соҳаҳои гуногуни илму маориф, фарҳанг ва иқтисоди миллӣ ҳамкориҳоро дар самти маориф ва илм густариш медиҳад. Ба муасссисаи мазкур дар ҳолати то моҳи августи соли 2016 муяссар гардид, ки бевосита бо 104 муассисаи таълимии хориҷи кишвар шартномаи ҳамкорӣ бандад».

Мавриди зикр аст, ки тибқи муқаррарот барои таҳсил ба хориҷа танҳо шаҳрвандоне сафарбар карда мешаванд, ки соҳаҳои илму маориф, фарҳанг ва иқтисоди миллӣ ба онҳо эҳтиёҷи бештар дорад ва тайёр намудани онҳо дар Тоҷикистон имконнопазир аст. Вобаста ба ин, «дар давоми 7 соли мавҷудияти Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» (дар ҳолати ибтидои моҳи августи соли 2016 - Р.М. ) дар зинаҳои гуногуни таҳсил (бакалавр, мутахассис, магистратура, аспирантура, докторантура ва коромӯзӣ) 407 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз ҷумла, соли 2008 – 32 нафар, соли 2009-ум- 50 нафар, соли 2010 – 56 нафар, соли 2011-ум – 37 нафар, соли 2012-ум – 54 нафар, соли 2013-ум-53 нафар, соли 2014-ум- 71 нафар ва соли 2015-ум бошад 54 нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристонида шудаанд».

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» дар доираи созишнома ва қарордодҳои байналмилалӣ ҷалби олимону мутахассисонро аз кишварҳои узви ИДМ барои иҷрои лоиҳаҳои илмӣ, илмӣ-техникӣ, лоиҳаву барномаҳои грантии ташкилоту фондҳо ва унин марказҳои байналмилалӣ - Созмони мамолики

исломӣ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ИСЕСКО), Созмони милали муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ), Бунёди глобалии экологӣ (БГЭ), Маркази байналмилалии илмӣ-техникӣ (МБИТ) пешбинӣ намуда буд.

Барои тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи байналмилалии илмӣ дар оянда бо Кумитаи доимии Созмони конфронси исломӣ оид ба ҳамкориҳои илмӣ ва технологӣ (КДҲИТСКИ), Академияи илмҳои кишварҳои дар ҳоли рушд (АИКДР), Ассотсиатсияи академияи илмҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ (ААИКОМ), Ассотсиатсияи байналмилалии академияи илмҳо (АБАИ) имкониятҳои зиёд мавҷуд аст.

Ба масъалаи тавсеаи имкониятҳо барои ба сафарҳои хидматӣ фиристонидани олимону мутахассисон ба марказҳои бонуфузи илмӣ-таҳқиқотии хориҷӣ ҷиҳати анҷоми корҳои илмӣ, иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҳамоишҳои гуногуни илмӣ низ дар кишвари мо таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Ибтикороту тадбирҳо барои гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳои байналмилалӣ оид ба проблемаҳои муҳимтарини илм, аз ҷумла дар соҳаи педагогика дар Тоҷикистон ҳамаҷониба дастгирӣ карда мешаванд.

Дар натиҷаи баргузории чунин чорабиниҳо имконияти иштироки олимону мутахассисони тоҷик дар таҳқиқоти муштарак бо муҳаққиқони хориҷӣ дар доираи лоиҳаву барномаҳои байналмилалӣ, истифодаи таҷҳизоти муосири озмоишиву таҷрибавии марказҳои бонуфузи илмии хориҷӣ ба маротиб васеъ гардида, олимони ҷавон сатҳи тахассусии худро баланд мебардоранд. Намояндагии васеи олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсияҳо ва дигар ҳамоишҳои илмии хориҷӣ ва баргузории ҳамин гуна чорабиниҳо дар ҷумҳурӣ барои муаррифии дастовардҳои илмии олимони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ва воридшавии илми ватанӣ, аз ҷумла, педагогика ба фазои байналмилалии илмӣ, таҳкими нуфузи педагогикаи ватанӣ дар ҷаҳон ва ба даст овардани иттилооти тозаи илмӣ оид ба тамоюлоти рушди илмҳои педагогӣ дар ҷаҳони муосир мусоидат менамояд.

Дарки моҳияти дигаргуниҳои мазкур, ки бо азму талоши аҳли илму маорифи кишвар ба вуқуъ хоҳанд омад, бори дигар муҳиммияти таҳқиқи вазъи имрӯзаи ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбиро собит намуда, имкон фароҳам меорад, ки мушкилот, тамоюл ва дурнамои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илмҳои педагогӣ муайян карда шаванд.

Барои муайян намудани заминаҳои рушдиояндаи низоми ҳамкориҳои байналмилалӣ бояд, қабл аз ҳама хусусиятҳои ин низом мавриди таҳқиқи квалиметрӣ қарор дода шаванд, ки аз ҷумла инҳоанд:

1. Барои бартараф кардани омилҳои монеасоз дар ин самт муайян намудани сатҳи омодагии низоми мазкур ба таҳаввулоти ҷаҳони мусоир, аз ҷумла, дар соҳаи илм бағоят муҳим мебошад. Ҳамзамон дурнамои низоми мазкур нисбат ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илм бояд саривақтӣ ва муфид бошад, зеро пешгӯӣ кардан хусусияти муҳимми низом ба шумор рафта, имкон медиҳад, ки талабот нисбат ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, тағйироти ташкилӣ ва мундариҷавӣ дар дохили низом, дигаргуниҳо вобаста ба муҳити таҳсилот ва ниёзҳои ҷомеа дар тамоми зинаҳои таҳсилот ва таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла дар соҳаи илмҳои педагогӣ муайян карда шаванд.

2. Барои марказҳои асосии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, аз ҷумла, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон функсияи ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ хос мебошад, зеро он барои бартараф намудани якрангӣ, муттаҳид намудани тамоми неруҳои илмӣ ва эҷодӣ ба самти таҳқиқи мавзуъҳои бунёдӣ ва афзалиятҳо дар соҳаи маориф, ки дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ анҷом дода мешаванд, имкон фароҳам меорад.

3. Низоми мавриди таҳқиқи квалиметрӣ, дар маҷмуъ, ва зернизомҳои алоҳидаи он бояд озод ва шаффоф бошанд, зеро воситаву вазифаҳои гуногун дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва натиҷаҳои он, ки боиси тавсеаи фазои таҳсилот ва илм мегардад ва ин дар баробари омилҳои объективӣ аз

омилҳои субъективӣ - ибтикорот, тахассус ва ҳавасмандии шахсоне, ки дар ҳамкориҳо ширкат меварзанд, низ вобаста мебошад.

4. Дар шароити имрӯза фаъолнокӣ ва тағйирёбии низоми ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, марказҳо ва муассисаҳои илмӣ, ҳамчунин Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаклҳои рушди бемайлон ва дар лаҳзаҳои зарурӣ тағйирёбанда зоҳир меёбад. Ин, пеш аз ҳама, бо рушди фазои таҳсилот, коркард ва дар бахшҳои озмоишӣ санҷидан ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави таҳқиқ ва шаклҳои нави идоракунии ҳам раванд ва ҳам худи низоми таҳқиқоти илмӣ алоқаманд мебошад.

Хулоса, мавзуи робитаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму маориф ниҳоят густурда ва гуногунпаҳлу буда, ба таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, мо танҳо нисбат ба баъзе масъалаҳои ба фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, инчунин, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе ниҳодҳои дигар алоқаманд ибрози назар намудем.

Ҳамзамон, таҳлили вазъи имрӯзаи муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи илму маориф зарурати ҳалли масъалаҳои зеринро дар ин самт тақозо менамояд:

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки тавсеаи робитаҳои илмӣ-техникӣ бо кишварҳо, минтақаҳо ва ташкилотҳои мушаххаси байналмилалӣ ва дар ин замина таҳия намудани лоиҳаҳо ва барномаҳои байналмилалии ҳамкорӣ;

- фароҳам овардани шароит барои бунёд ва ҷорӣ намудани технологияҳо ва низомҳои нави иттилоотӣ дар раванди таълим, ки ба сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқат мекунанд;

- кооператсияи байнидавлатӣ дар соҳаи таҳқиқоти илмии назариявӣ ва амалӣ, коркард ва ба бозори ҷаҳонӣ баровардани таҳқиқоти бунёдии рақобатпазир;

- истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи ҷаҳонӣ, захира ва омодасозии кадрҳо барои ғановат ва ҳифзи неруи илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ватанӣ;

- мусоидат ба раванди воридшавии муваффақонаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, илмӣ, илмӣ-таҳқиқотии соҳаи педагогика ба фазои ягонаи таҳсилот ва таҳқиқоти илмӣ, иштироки онҳо дар намоишгоҳҳои дастовардҳои илмӣ ва маърифатии байналмилалӣ;

- мутобиқгардонии нақшаҳо, барномаҳои таълимӣ ба низоми стандартҳои байналмилалии таҳсилот;

- аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидани барномаҳои таълимӣ барои рақобатпазир гардонидани онҳо ба талаботи бозори меҳнат;

- вусъат бахшидан ба раванди автоматикунонии ҷараёни таҳсил;

- татбиқи  технологияҳои рақамии таҳсилот;

- такмили пайвастаи низоми таҳсилоти фосилавӣ;

- таъсиси китобхонаҳои электронӣ, такмили пайвастаи фонди китобҳо ва фаъолияти онҳо;

- истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар раванди таҳсилот ва фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ;

-таъсиси марказҳои илмсанҷӣ ва квалиметрӣ дар назди муассисаҳои бонуфузи илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- истифодаи васеи барномаҳои автоматикунонидашудаи илмсанҷӣ, квалиметрӣ ва библиометрӣ, аз ҷумла,  барномаҳои махсуси «Антиплагиат»;

- тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти дастёбии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла,  таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- таъсиси бонки иттилоотии маҷаллаҳои мукаммалматни илмӣ ва илмӣ-педагогӣ;

- инъикоси дастовардҳои илмҳои педагогии ҷаҳон дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ва шуроҳои диссертатсионии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ;

- тавсеаи ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва дигар ташкилотҳои хориҷӣ дар самти таҳсилоти фарогир, омӯзиши амалия ва таҷрибаи пешқадами гузариши кишварҳои мутараққӣ ба он ва имкониятҳои татбиқи он дар шароити Тоҷикистон, вусъат бахшидан ба раванди ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои байналмилалие, ки ба таъмини риояи ҳуқуқи шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд равона карда шудаанд;

- тавсеаи робитаҳо дар доираи созишномаҳои байнидавлатии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, барномаҳои илмии Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, СММ оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг (ЮНЕСКО) ва ғайра;

- истифодаи самарабахши грантҳои Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба илм ва таҳсилот, аз ҷумла, «Рушди таҳсилоти олӣ».

Мо эътимоди комил дорем, ки татбиқи амалии пешниҳодҳои мазкур ба вусъати ҳарчи бештари раванди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти рушди илмҳои педагогӣ ва соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар замони муосир мусоидат менамояд.

**Хулоса оид ба боби чорум**

Масъалаҳои рушди илму маориф дар сиѐсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самти афзалиятноку мубрам ба шумор рафта, ҳамеша масъалаи инкишофи илм дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти олии давлатӣ қарор дорад. Ба ҳамин тартиб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмӣ ва марказҳои таҳқиқотии кишвар марҳила ба марҳила барои ҳалли масоили ҳар қадар мураккабу мубрами низоми таҳқиқоту пажӯҳиш муваффақ гардиданд.

Таҳлили квалиметрии ислоҳоти соҳаи илму маориф ва гузариш ба низоми бисѐрзинагии таҳсилот дар ин боби диссертатсия нишон дод, ки ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ ин марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ буда, дар ҷумҳурӣ на танҳо шароити зарурӣ таъмин гардидааст, балки замина барои дурнамои рушди онҳо низ фароҳам сохта шудааст.

Инчунин, маълум гардид, ки ба мақсади расидан ба дастовардҳои илмӣ ва иштирок дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии дорои тахассуси олӣ, барои таҳияи нақшаҳо ва пешгӯиҳои рушди низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии дорои тахассуси олӣ, барои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, инчунин, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ, барои таъмини мутобиқати талаботи тахассусӣ ба дараҷаҳои илмӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд.

Оғози фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои олимону муҳаққиқони тоҷик ширкати бевоситаву мустақими онҳоро дар баробари соҳиб шудан ба арзишгузориҳои миллӣ дар кишвари худ ва дарёфти дараҷаҳои илмӣ дар доираи меъёрҳои милливу байналмилалӣ имкони иштирок дар тарғиби натиҷаҳои таҳқиқоти рисолавӣ, ба мақсади истифодаи васеи онҳо барои ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ширкати фаъолона дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию педагогӣ ва ҳамчунин имкони ширкат дар баррасию баҳодиҳӣ ва экспертизаи лоиҳаҳо ва барномаҳои илмӣ ва илмию техникиро ба даст оварданд.

Талаботи илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти он дар доираи меъёрҳои асосии илмсанҷӣ ва квалиметрӣ инъикос гардидаанд ва риояву татбиқи онҳо,бешубҳа, барои расидан ба дастовардҳои беназири илмӣ, шаффофияти илмӣ ва арзишмандиву қобили татбиқ будани натиҷагириҳои таҳқиқот комилан мусоидат хоҳанд намуд.

Дар самти илмҳои педагогӣ барои дифои диссертатсияҳои илмӣ шуроҳо фаъолият мекунанд, ки натиҷаи фаъолият ва сатҳи омода намудани мутахассисони соҳаи педагогика дар онҳо мавриди арзёбии квалиметрӣ

қарор гирифт. Инчунин, фаъолияти шуроҳои ташхис, ки Низомномаи намунавии фаъолияти худро доранд ва тибқи он амал мекунанд, аз нуқтаи назари илмсанҷӣ ва квалиметрия баҳогузорӣ шуданд. Таҷрибаи солҳои охир нишон дод, ки шуроҳои махсус дар самти экспертиза ва баҳодиҳии диссертатсияҳои илмии унвонҷӯён ба таври зарурӣ серталаб ва ҷиддӣ муносибат намуда, вобаста ба баҳодиҳии рисолаҳои илмӣ натиҷаҳои хуб нишон додаанд.

Омӯзиши таҷрибаи ҳамкориҳои байналмилалӣ яке аз роҳҳои имконпазири баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти олии касбӣ ва омодасозии кадрҳои соҳиби унвону дараҷаҳои илмӣ ба шумор меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки натиҷаи навовариҳо, ки ба шарофати ҳамкориҳои байналмилалӣ ба вуқуъ меоянд, якбора намудор намешаванд ва барои ин муддати тӯлонӣ сипарӣ мегардад.

Дар шароити имрӯз серҳаракатӣ ва чандирии низоми ҳамкориҳои байналмилалии марказҳо ва муассисаҳои илмӣ, ҳамчунин фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаклҳои рушди мунтазам ва дар лаҳзаҳои зарурӣ тағйирёбанда зоҳир мегардад.

Дар асоси таҳлили квалиметрии санадҳои дахлдори давлатӣ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷии дуру наздик, коркардҳои илмии АТТ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Адураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар ин самт ва дигар пешниҳодҳои муҳаққиқони алоҳида дар ин боби диссертатсия маълум карда шуд, ки дар ҷумҳурии мо самтҳои зиёде вуҷуд доранд, ки бо вуҷуди мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалии худ то ҳол мавриди таҳқиқоти педагогӣ қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, таҳия ва амалисозии консепсияи рушди илмҳои педагогӣ, ки дар он самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогӣ дарҷ мегарданд, метавонад дурнамои рушди илмҳои педагогиро равшан созад.

Тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалиро ҳамчун омили рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол баррасӣ намуда, метавон тасдиқ

намуд, ки хусусияти басо муҳимми низоми ҳамкориҳои байналмилалӣ ин гуногунмеъёрии он мебошад. Ҳангоми муайян кардани сатҳи самаранокии низоми мазкур меъёрҳои гуногуни арзёбӣ пешниҳод шуда метавонанд. Дар маҷмуъ бошад, ҳамкории байналмилалӣ як навъ фаъолияти муштарак буда, дорои таърихи мураккаб ва тӯлонӣ мебошад, ки якчанд марҳиларо фаро мегирад.

Солҳои охир ҳамкориҳои байналмилалӣ хусусияти навро касб карда, дар доираи он корҳои зиёдеро анҷом додан мумкин аст, вале ин бо риояи шарту шароитҳои муайян имконпазир мегардад. Раванди чунин ҳамкориҳо дар такомули омодасозии мутахассисон дар заминаи татбиқи таҷрибаи фаъолияти инноватсионии мутахассисони кишварҳои гуногуни олам дар шароити Тоҷикистон бештар зоҳир мегардад.

Вазифаи дигари ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ин боз ҳам баланд бардоштани сатҳи сиёсати фарҳангии кишвар ба шумор меравад. Он тавассути дар замири донишҷӯён ва муҳаққиқони ҷавон ташаккул додани малакаҳои иртиботи байнифарҳангӣ, ташкил намудани робитаи мутақобилаи иҷтимоӣ-фарҳангии шаҳрвандон амалӣ мегардад.

Нақши ҳамкориҳои байналмилалии субъектҳои таҳсилоти олӣ баробари иштироки фаъолона ва гуногунҷанбаи онҳо дар шаклҳои гуногуни робитаҳои илмӣ-маърифатии байналмилалӣ ва вобаста ба дастгирии давлатӣ дар шакли ташаббусҳои меъёриву қонунгузорӣ, сармоягузорӣ, лоиҳа ва барномаҳои махсус тадриҷан баланд мегардад.

Ба сафарҳои хидматӣ фиристонидани олимону мутахассисон ба марказҳои бонуфузи илмӣ-таҳқиқотии хориҷӣ ҷиҳати анҷоми корҳои илмӣ, иштирок дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҳамоишҳои гуногуни илмӣ самти муҳим буда, ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Ташаббусҳо барои гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳои байналмилалӣ оид ба проблемаҳои муҳимтарини илм дар Тоҷикистон ҳамаҷониба дастрасӣ карда мешаванд.

Аз баргузории чунин чорабиниҳо имконияти олимону мутахассисони тоҷик дар баргузори таҳқиқоти муштарак бо муҳаққиқони хориҷӣ дар доираи лоиҳаву барномаҳои байналмилалӣ, истифодаи таҷҳизоти муосири озмоишиву таҷрибавии марказҳои бонуфузи илмии хориҷӣ ба маротиб тавсеа меёбад. Намояндагии васеи олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсияҳо ва дигар ҳамоишҳои илмии хориҷӣ ва баргузории ҳамин гуна чорабиниҳо дар ҷумҳурӣ барои муаррифии дастовардҳои илмии олимони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ва воридшавии илми ватанӣ ба фазои байналмилалии илмӣ, таҳкими нуфузи илми ватанӣ дар ҷаҳон ва ба даст овардани иттилооти тозаи илмӣ оид ба рушди илму техника, аз ҷумла дар самти таҳқиқоти педагогӣ бештару беҳтар мувофиқ аст.

# ХУЛОСА

Ба ҳамин тартиб, ҷараѐни таҳқиқи илмии проблемаҳои педагогӣ ва раванди ташаккули муассисаҳои илмӣ-педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиш ва дар доираи илмҳои педагогӣ баррасӣ намудани проблемаҳои муҳимтарин ва барои ҷомеаи муосир судманд яке аз масъалаҳои мубрами илми муосири ватанӣ маҳсуб ѐфта, андозагирӣ ва арзѐбии воқеии дастовардҳои илмии ин соҳа аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Муаллиф дар диссертатсия проблемаҳои мазкурро таҳлили ретроспективӣ ва квалиметрӣ намуда, нақш ва ҷойгоҳи муассисаҳо, марказҳои илмӣ, аз ҷумла, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он ва як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриро дар раванди омодасозии кормандони илмӣ-педагогӣ, таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, таҳия ва такомули мундариҷаи стратегияи миллии таҳқиқоти педагогиро дар мамлакат мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст.

1. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки ноил гардидан ба истиқлолияти давлатӣ ва оғози марҳилаи сифатан нави муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсеа ва рушди тамоми самтҳои ҳаѐти ҷомеа, аз ҷумла, дар риштаҳои гуногуни илму маориф, низоми таҳсилот, махсусан, дар самти таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ муносибатҳои комилан нав ва рушдѐбанда мусоидат намуд.

Дар баробари ин, фароҳам омадани фазои мусоиди сиѐсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва эҷодӣ тақозо менамояд, ки омилҳои таърихӣ ва иҷтимоию фарҳанги ташаккул ва рушди илмҳои педагогӣ мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор дода шуда, ҷараѐни бунѐди инфрасохтори илмӣ-педагогӣ муайян ва нақши ниҳодҳои ҷудогона, инчунин, методҳои муосири илмӣ дар вусъати пажӯҳишҳои илмӣ дар соҳаи педагогика асоснок карда шавад **[5-М]**.

2. Вобаста ба ин, дар боби якуми диссертатсия моҳияти таҳқиқоти педагогӣ ҳамчун раванди махсуси ташаккули донишҳо ва шакли фаъолияти

маърифатӣ, ки дар тамоми сатҳҳои эмпирикӣ, назариявӣ ва методологӣ гузаронида мешавад, арзёбӣ гардида, таъкид мешавад, ки зимни арзёбии он дар баробари омӯзиши ин сатҳҳо, инчунин, қабл аз ҳама, таҳқиқи методу усулҳои дар ин раванд истифодашуда ва ба масъалаҳои мубрами соҳа рабт доштан ё надоштанро талаб мекунад. Ҳамзамон, арзёбии намуд ва шаклҳои асосии фаъолият дар таҳқиқоти педагогӣ муҳим буда, байни онҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ мақоми аввалиндарача дорад.

Инчунин, диссертант таъкид менамояд, ки таҳлили таҳқиқоти диссертатсионии педагогӣ ҳамчун кори тахассусии илмӣ, ки барои ҳимояи ошкоро пешниҳод мегардад ва таърихи мухтасари пайдоиш ва рушди он нишон медиҳад, яке аз воситаҳои муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар соҳаи педагогика мебошад. Бо ин мақсад омӯзиши сохтор ва муҳтавои он метавонад барои арзёбии вазъи таҳқиқоти педагогӣ ва муайян сохтани дурнамои рушди педагогика ва илмҳои ин соҳа мусоидат намояд. Ҳамзамон, камбудиҳои мавҷуда дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ тақозо менамоянд, ки моҳияти онҳо ошкор шуда, барои рафъи норасоиҳо тадбирҳои саривақтӣ андешида шаванд. Барои иҷрои ин вазифаи муҳим таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти педагогӣ бо истифода аз тамоми роҳу услҳои арзёбӣ, махсусан, тавассути таҳлили квалиметрӣ нақши назаррасро метавонад иҷро намояд **[5-М]**.

3. Таҳлили моҳияти квалиметрия ва методҳое, ки зимни истифода аз он барои арзёбӣ, таҳқиқ ва баррасӣ ба кор бурда мешаванд, нишон медиҳад, ки он самти муҳимми арзёбии таҳқиқоти педагогӣ мебошад. Ҷойгоҳи квалиметрияро дар таҳқиқоти илмҳои педагогикӣ ва заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди пажӯҳишҳо дар ин самтро ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба хулосае расидан мумкин аст, ки квалиметрия метавонад дар арзёбии таҳқиқоти педагогии анҷомдодашуда мушкилоту норасоиҳоро пайдо намуда, барои дурнамои рушди навъҳои гуногуни таҳқиқот дар ин соҳа нақши назаррасро ба анҷом расонад. Вобаста ба ин, диссертант намунаҳои таҳлили квалиметрии навъҳои гуногуни таҳқиқот, аз

ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД)-ро таҳия намуда, онҳоро барои таҳлили квалиметрии фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, натиҷаҳои илмии ин ниҳодҳо ва муҳаққиқони соҳаи педагогика ва муйянсозии дурнамои рушди илмҳои педагогӣ истифода намудааст **[2-М; 3-М]**.

4. Дар боби дуюми диссертатсия қайд гардидааст, ки маъмулан оғози ташаккул ва рушди илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтору муҳтавои имрӯзааш ҳамчун илми ҷудогонаи муосир ба созмонѐбии Комиссияи махсуси илмию педагогии Тоҷикистон дар назди Шурои илмии давлатии Комиссариати маорифи халқи Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Туркистон ҳисобида шуда, марҳилаи баъдинаи рушди он ба таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз декабри соли 1924 робитаи ногусастанӣ дорад. Дар ин марҳила Шурои Комиссарони Халқ фаъолият мекард, ки дар назди он Шурои давлатии илмӣ таъсис ѐфта, ба рушди илм дар доираи талаботи замони нав заминаҳои устувор гузошт.

Ба андешаи муаллиф, дар даврони баъдиҷангии сохтмони сотсиалистӣ ба рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистон дар шароити вазнини ҷангӣ саҳми бузургро аввалин маорифчиѐн гузошта, дар деҳоти дурдасттарини ҷумҳурӣ дар ташаккули фарҳанг ва маорифи халқ нақши назаррас гузоштанд. Аз ин рӯ, масъалаҳои мазкур дар фаслҳои ҷудогонаи дахлдори диссертатсия ба таври возеҳу равшан муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар ибтидои асри нав илми педагогика оид ба арзѐбӣ ва роҳҳои ноил шудан ба сатҳу сифати қобили қабули таҳқиқоти диссертатсионии педагогӣ ба маҷмуи тасаввуроти назариявӣ соҳиб гардид. Аммо, барои арзѐбии воқеии таҳқиқоти диссертатсионӣ муқаррар намудани меъѐрҳо ва нишондиҳандаҳои асосӣ нисбат ба сохтор ва муҳлати баргузории таҳқиқот, баланд бардоштани талабот нисбат ба унвонҷӯѐни дараҷаҳои илмӣ, ҷорӣ намудани тарзи коллегиалии қабули қарорҳо оид ба арзиши амалии натиҷаҳо дар тамоми сатҳҳои баррасии рисолаҳои илмӣ ва монанди ин ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ нагардида буд.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки то имрӯз дар Тоҷикистон ягон методикаи илмӣ барои арзёбии воқеии сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, муқоисаи асоснокии илмии пажӯҳишҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, дар соҳаи педагогика мавҷуд набуд. То кунун ҷомеаи педагогии Тоҷикистон оид ба проблемаҳо, самтҳои афзалиятноки таҳқиқ, натиҷаҳо ва ҳаҷми таҳқиқоти педагогӣ дар кишвар маълумоти аз ҷиҳати илмӣ саҳеҳ ва асоснокро надошт. Ҳол он ки таҳқиқи илмии масъалаҳои мазкур барои ошкор намудани камбудиҳо, дарёфти омилҳои муассири таназзул ва пешрафти илмҳои педагогӣ ва муайян намудани самтҳои таҳқиқоти педагогии барои ҷомеаи муосир афзалиятноку судманд мусоидат хоҳад кард **[27-М; 5-М; 6-М].**

5. Диссертант масъалаи ташаккул ва рушди низоми баррасии таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор дода, зимни он фаъолияти илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва яке аз зерсохтори асосии он-Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомиро ҳамаҷониба таҳлил кардааст. Аз таҳлили фаъолияти илмии ин муассисаҳо дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бармеояд, ки хусусиятҳои хоси фаъолияти илмии кормандони он дар ин давра дар заминаи талаботи санадҳои стратегии соҳаи илм ва маориф тибқи мавзуъҳои мушаххас ва ба талаботи ҷомеаи муосири Тоҷикистон ҷавобгӯ роҳандозӣ гардидани пажӯҳишҳо ба шумор меравад.

Ба андешаи диссертант, барои роҳандозии мақсаднок ва самарабахши таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти педагогӣ дар кишвар маҳсуб меёбад, муайян намудани проблемаҳои бунёдӣ ва афзалиятноки он муҳим мебошад. Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки новобаста ба мушкилоти мавҷуда, вақтҳои охир вазъият дар самти ташкили мақсадноки таҳсилоти фарогир дар мамлакат беҳтар мегардад: беш аз пеш кӯдакони маъюб ба таълим ҷалб карда мешаванд, сифати таҳсилоти онҳо беҳтар мегардад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукумати кишвар дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату

идораҳо барои кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд дар маҳалҳо ба бунёди мактабҳои махсусгардонидашудаи ислоҳӣ (коррексионӣ), мактаб-интернатҳои санаторӣ, мактаб-интернатҳои ёрирасон (барои кӯдакони ақлан ва ҷисман носолим) шуруъ намудааст.

Диссертант дар боби мазкури диссертатсия, инчунин, педагогикаи ибтикорот, омӯзиш ва таҳқиқи мероси ниёгон, педагогикаи фарҳанг, педагогикаи умумӣ ва касбӣ, фарҳанги таълими ҳамагонӣ, педагогикаи муқоисавӣ, педагогикаи ҳамгиро, ҷойгоҳи истилоҳоти педагогӣ ва амсоли онро баррасӣ кардааст. Аз ҷумла, ҷойгоҳ ва муҳиммияти таҳқиқи проблемаҳои истилоҳоти педагогӣ дар диссертатсия мавриди омӯзиш қарор гирифта, қайд шудааст, ки дар ин радиф омӯзиши осори илмӣ оид ба тавсифи генетикии сарчашмаҳои ба забон наздик нақши калон мебозад. Ин имкон медиҳад, ки методология, методҳои интихоб, сохтор, шакл, пайдоиш ва рушди низоми истилоҳот муайян карда шуда, равандҳои ташаккули забони илм ва истилоҳоти забони муосири тоҷик танзим карда шаванд.

Муҳаққиқ мураккабӣ ва пурихтилоф будани раванди ташаккули истилоҳоти педагогиро таъкид намуда, иқтибосоварӣ ва айнан нусхабардорӣ кардани тарҷумаи истилоҳотро ҳамчун натиҷаи робитаҳои фарҳангӣ ва илмӣ арзёбӣ мекунад ва аҳаммияти онро барои ғановати байниҳамдигарии фарҳангҳо муайян месозад **[22-М; 27-М].**

6. Дар боби сеюми диссертатсия омӯзишу баррасии масъалаҳои ташаккулёбии талаботи методологӣ ва расмӣ оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ, ташкил ва натиҷаи фаъолияти шуроҳои диссертатсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳавӣ ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ дар Тоҷикистон сурат гирифта, қайд гардидааст, ки дар шароити имрӯза таҳқиқи проблемаҳои муосири илмӣ, аз ҷумла, масъалаҳои мубрами педагогиро дар заминаи асосҳои методологӣ ва назариявии даврони шуравӣ ва ҳатто охири XX роҳандозӣ кардан имконнопазир аст. Имрӯз бисёр проблемаҳои назариявии педагогика дар шароити нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷаҳонишавии аксари самтҳои ҳаёти ҷомеа ба омӯзиши ҷиддӣ ниёз доранд.

Вобаста ба ин, дар боби мазкур таҳлили квалиметрии фаъолияти Шурои диссератасионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)» дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (қаблан – Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко (1956), сипас Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Қандил Ҷӯраев (29.08.1992), баъдтар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (3.01.1997) ва ниҳоят Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (03.04.2007) дар давоми солҳои 1979-2004 анҷом дода шудааст. Зимни баррасии мавзуи мавриди назар ҷиҳатҳои мусбат ва манфии фаъолияти Шурои диссертатсионии номбурда ошкор ва саҳми он дар тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ муайян карда шуда, бахри беҳбуди фаъолияти ояндаи он тавсияҳои мушаххас манзур гардидаанд.

Таъкид гардидааст, ки таҳлили квалиметрии вазъият ва инкишофи неруи илмии низоми муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла, шуроҳои диссертатсионии назди онҳо низ бояд дар заминаи истифода аз усулҳои муосири квалиметрӣ роҳандозӣ гардад. Ин боиси мушаххас намудани ҷанбаҳои сифатию шуморавии на танҳо фаъолияти шурои ҷудогонаи диссертатсионӣ, балки таҳқиқоти алоҳида ва неруи зеҳнии муҳаққиқи он мегардад.

Аз ҷониби дигар, омӯзиши равандҳои объективӣ, ки дар соҳаи маориф ва илмҳои педагогӣ зуҳур меёбанд, барои рафъи мушкилоти дорои характери методологӣ, аз ҷумла, коркарди дастгоҳи истилоҳотии мавзуи таҳқиқот, инчунин, методикаи квалиметрии таҳлили иттилооти гуногунҷанба оид ба натиҷаи пажӯҳишҳои илмӣ-педагогӣ, ошкор намудани тамоюлоти рушди иқтидори илмии низоми илмҳои педагогӣ ва маориф мегардад. Таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳимояшуда нишон дод, ки дар

баробари дастовардҳо дар ин самт норасоиҳо низ кам нестанд ва ҳатто бо истифода аз «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» (МТКД) диссертатсияҳое маълум карда шуданд, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Аз ин рӯ, мунтазам таҳлил ва ошкор намудани камбудиҳои мазкур барои ташкили бонизом ва самараноки фаъолияти ояндаи Шуроҳои диссертатсионӣ, аз ҷумла, Шуроҳои диссертатсионии ватанӣ бағоят муҳим мебошад. Ҳамзамон, бахри баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти Шуроҳои диссертатсионии ватанӣ ва хориҷии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва дигар мактабҳои олии касбии ҷумҳурӣ андешидани тадбирҳои зарурӣ пешниҳод гардидааст **[2-М; 3-М].**

7. Дар диссертатсия, инчунин, ба мақсади муайян намудани сатҳи сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба педагогика диссертант интихобан фаъолияти Шурои диссертатсионии Д 047.014.01 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои докторӣ дар назди Институти илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия № 622 аз 15.04.2005 ба мухлати то 15 ноябри соли 2007 тасдиқ шуда буд, дар давоми солҳои 2005-2007 мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор додааст.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи татбиқ ва истифодаи натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амалияи педагогӣ диссертант интихобан мундариҷаи диссертатсияҳои дар Шурои мазкур ҳимояшударо таҳлил намуда, дар ин замина онҳоро ба чор гурӯҳи зерин ҷудо намудааст: гурӯҳи аввал - таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба мавзуъҳои таҳсилот ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; гурӯҳи дуюм - диссертатсияҳо бахшида ба мавзуъҳои омодасозии муаллимони ояндаи мактабҳо; гурӯҳи сеюм - таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба проблемаҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кормандони соҳаи маориф; гурӯҳи чорум - таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида ба назария, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Дар баробари ин, фаъолияти Шурои диссертатсионии муштараки Д 999.208.02 низ, ки дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи (славянии) Россия-Тоҷикистон амал мекунад, мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор дода шуд.

Дар маҷмуъ, дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки таҳия ва ороиши қисми муайяни диссертатсияҳо дар АТТ ба талабот ҷавобгӯ нест. Ҳатто, 3 диссертатсия ба талаботи тартибҳои амалкунандаи додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат надорад ва камтар аз 70 фоиз ба онҳо ҷавобгӯ мебошад. Дар баробари ин, ҳаҷми бархе аз автореферат ва диссертатсияҳо, тасвири библиографии осори чопӣ ва интишороти муҳаққиқон дар онҳо ба талаботи стандартҳои давлатӣ мувофиқат намекунад. Шумораи кадрҳои дорои дараҷа ва унвонҳои илмии кафедраҳои пешбар нокифоя буда, ин омил ба сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ мерасонад, муҳаққиқон ва роҳбарони илмии онҳо ҳангоми интихоби мавзуъҳои таҳқиқот ба сатҳи мубрамияти он таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир намекунанд. Илова бар ин, шумораи муайяни унвонҷӯён ба асосҳои методологии таҳқиқоти илмӣ ва муқаррароти санадҳои расмӣ оид ба таҳия ва пешниҳоди диссертатсия ва автореферати он ба ҳимоя ошно нестанд. Бо ҳамин сабаб барои бартараф намудани камбудиҳои ошкорнамудаи раванди таҳқиқот ва беҳтар кардани фаъолияти минбаъдаи шуроҳо ва сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант тадбирҳои мушаххас пешниҳод гардидаанд **[6-М; 16-М].**

8. Таҳлили квалиметрии фаъолияти Шурои диссертатсионии ватании 6D.KOA-036, ки солҳои 2018-2019 дар ПРМ фаъолият дошт, нишон медиҳад, ки ҳайати он ба талаботи мавҷуда пурра мутобиқ буд. Аз ин рӯ, соли 2019 дар Шурои мазкур 32 диссертатсияи номзадӣ ҳимоя шуда, тавсифи мухтасари квалиметрии онҳо аз рӯйи се меъёр – мавзуъ, навгонӣ ва дараҷаи татбиқ, инчунин, таҳлили квалиметрии сатҳи истифодаи натиҷаи онҳо имкон дод, ки рисолаҳоро ба ҳафт гурӯҳ ҷудо намоем. Таҳлили ҳайати Шуро тибқи методикаи пешниҳоднамудаи А. Шишканова, С. И. Пахомов, В. А. Гуртов ва И. В. Пенние дар соли 2019 нишон дод, ки олимони соҳаи педагогикаи кишвари мо то ҳол ба навгониҳои илмсанҷӣ (наукометрӣ) таваҷҷуҳи махсус зоҳир накарда, ҳатто дар рӯйхати РИНС ҳанӯз сабти ном ҳам накардаанд, ё

ин кииндекси Хирши паст доранд. Дар натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳои интихобан арзёбишуда (6 адад) тибқи матритсаи таҳиянамудаи диссертант - «Матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия» маълум карда шуд, ки баъзе диссертатсияҳо ба талабот умуман ҷавобгӯ нестанд.

